# АХТАРОНИ АДАБ

# 43

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**


**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Зулфия Давлатзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Носирҷон Салимӣ*
*Давлат Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдураҳмон Абдуманнон*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Аламхон Кӯчарзода*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

**МИРЗО ТУРСУНЗОДА**

# БАРО, СИТОРАИ МАН

## (Осори мунтахаб)

Душанбе
«Адиб»
2020

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-14

Мураттибон *Давлат Сафар*
ва *Муҳтарам Ҳотам*

Муҳаррир *Муҳтарам Ҳотам*

А-14 **Мирзо Турсунзода. Баро, Ситораи ман** (Осори мунтахаб). – Душанбе, «Адиб», 2020, 480 саҳ.

Ҷилди 43-уми силсилаи «Ахтарони адаб» гулчини шеъру достон ва либреттоҳои устод Мирзо Турсунзодаро таҳти унвони «Баро, Ситораи ман» фаро гирифтааст, ки дар солҳои мухталифи фаъолияти эҷодии шоир иншо гардидаанд.

ISBN 97899947-2-664-6

© Нашриёти «Адиб», 2020

## СИТОРАЕ БУД ДАР ЗАМИН

Қаҳрамони Тоҷикистон – устоди зиндаёд Мирзо Турсунзода яке аз рахшонтарину маҳбубтарин чеҳраҳои фарҳангиву адабӣ ва мардумиву миллии халқи тоҷик аст, ки дар таърихи Тоҷикистону тоҷикон нақши носитурданӣ аз худ ба ёдгор гузошт. Шоир, драматург, арбоби барҷастаи ҷамъиятии сатҳи на танҳо миллӣ, балки байналмилалӣ дар шахси як нафар фарзанди баруманди тоҷик чунон барҷаста таҷассум ёфта буд, ки шуҳрати шахсияти инсонӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва адабии ӯ ҳанӯз дар замони зиндагиаш дар дили ҳар тоҷику тоҷикистонӣ ошён гузошта, аз ҳудуди Тоҷикистону Иттиҳоди Шӯравӣ берун рафта, тамоми қитъаҳои олам, хусусан кишварҳои Осиёву Африқоро фаро гирифта, дар дилҳои мардуми ин қитъаҳо маскан баргузида буд.

Тарҷумаи ҳоли устод Мирзо Турсунзода дар асарҳои сершуморе, ки аз ӯ ба забони тоҷикӣ ба чоп расидаанд, аз ҷониби худаш навишта нашудааст. Вале дар ду маҷмӯае, ки соли 1961 дар Москва ба ифтихори 50-солагии шоир ба забони русӣ бо унвонҳои «Стихотворения и поэмы» («Шеърҳо ва достонҳо») ва «Законы братства» («Қонуни бародарӣ») нашр шуда буданд, ду пешгуфтори тарҷумаиҳолии мансуб ба қалами худи устод бо номҳои «О себе» («Дар бораи худам») ва «То, чем я живу» («Маънии ҳаёти ман») мутаносибан ҷой дода шудаанд. Баъдтар, соли 1981, Абдуқодир Маниёзов ҳарду пешгуфтори номбурдаро ба тоҷикӣ баргардондаву баҳам оварда, чун сарсухани «Осори мунтахаб»-и устод Турсунзода («Ирфон», 1981, дар 2 ҷилд) ба табъ расонида буд.

Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода рисолаву мақолаҳои хеле бисёр аз ҷониби олимони варзидаи тоҷик, рус ва дигар халқҳо, шоирони ҳамсафи ӯ, инчунин шеърҳову ёддоштҳои зиёди аҳли адаб, илм ва фарҳанги на

танҳо Тоҷикистон, балки собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, кишварҳои Шарқу Ғарб таълиф шудаанд. Агарчи ҳадди аксари онҳо хусусияти тавсифиву ситоишӣ дошта бошанд ҳам, дар баробари ин ҷузъиёте аз ҳаёту фаъолият ва хусусиёте аз ҳунари шоирии устод дар онҳо ҷой доранд ва бо далелҳои муътамад таъйид шудаанд, ки хеле арзишманданд.

Бо вуҷуди ин беҳтарин ва муътамадтарин оинаи сурату сиратнамои устод Мирзо Турсунзода шеъри ӯст. Аввалин шеърашро устод ҳангоми таҳсил дар Дорулмуаллимини Тошканд (охири солҳои 20) гуфтааст ва ин шеър, ба қавли худи устод, «ба васфи духтари дӯстдоштааш, тоҷикдухтари ҳамсинну ҳамсабақаш бахшида шуда буд». Баъдан мавзӯи ишқ ва ситоиши зан, модар ва духтари тоҷик, озодии занони Шарқ ба яке аз мавзӯъҳои марказии шеъру суруду достонҳои шоир табдил ёфта, василаи муҳимми талаққӣ ва талқини завқи хосса, диди зебоиписандӣ, муносибату мавқеи иҷтимоӣ ва улгуи сиёсии ӯ гардид. Равшантарин сифати ашъори ошиқонаи устод ҳузури эҳтироми беандоза ба ҷинси латиф дар ҳар сухан, назокату малоҳат дар мазмуну оҳанги хитоба, мурочиат ба маҳбуба, лобаву таманно ва илтиҷову таваллои ошиқона дар ҳар даъвату хоҳиш аз ӯ бармало дидаву эҳсос карда мешавад. Ин хусусиятҳоро мо метавонем дар аксари шеърҳову сурудҳои ошиқона, хусусан дар достони «Ҷони ширин»-и шоир, хеле возеҳ бубинем. Дар ашъоре, ки ба мавқеи иҷтимоии зан бахшида шудаанд, симои ҷамъиятии зани тоҷик ва занони Шарқ, мақому эътибор ва тавону иқтидори онҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ тавсифу тараннум шудаанд. Хушбахт, машғули омӯзишу кор, соҳибэҳтиром дар оилаву ҷомеа дидани зани тоҷик ва занони Шарқ орзуву армони ҳамешагии устод Турсунзода буда, дар эҷоди бадеияш бо суханони пурҳарорат ва тавсифу тасвирҳои хотирмону дилписанд инъикос ёфтааст.

Устод Турсунзодаро метавон пешсафи шоирони ватансарои тоҷик номид. Дар эҷодиёти ӯ аз ҳамон шеърҳои

«Мамлакати тиллоӣ» (1938) ва «Оҳанрабо» (1939) то ашъори солҳои охири умр Ватан дар тимсоли рӯдҳову кӯҳсор, чашмаву дараҳо, шаҳру деҳот, саҳрову биёбон ва кӯчаву хиёбонҳои Тоҷикистон, шахсиятҳои алоҳидаи кишвар, саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик ва ҳатто дар шеъру манзумаҳои дар мавзӯъҳои байналмилалӣ эҷодкардаи шоир ҳамеша дар маркази диққат қарор доштааст. Ватансароии устод ба маънавияти шахси ӯ, ба зиндагӣ, маром ва фаъолияти иҷтимоӣ, ба мавқеъ, масъулият ва мартабае, ки вай на танҳо дар ҷомеаи Тоҷикистону Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар миқёси байналмилалӣ дошт, бастагии ногусастанӣ пайдо намудааст. Тасаввур бикунед, ки шоири дигаре аз ҳамзамонони Мирзо Турсунзода хитобан ба Ватан бигӯяд:

*Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,*
*Ман аз он сӯйи уқёнус бишнидам садои ту.*
*Агарчи дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,*
*Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.*

Шумо ҳатман аз дил мегузаронед, ки иғроқу муболиғаи шоир аз воқеият батамом раҳо шуда, чунин изҳори эҳсосот наздик ба бовар нест. Вале аз забони устод Турсунзода, бо назардошти шахсияти ӯ, ин мисраъҳо чунон табиӣ садо медиҳанд, ки ҳатто ҳузури иғроқу муболиға дар онҳо эҳсос намешавад. Ҳамин гуна ифодаи мутаносиб ба шахси шоир, самимона, муҳаббати гарм, тасвиру тавсифҳои фарзандонаву ошиқона нисбат ба Тоҷикистон дар тамоми ашъори ватандӯстонаи устод ҳузур доранд ва аз меҳри бепоёни ӯ ба Ватан – Тоҷикистони азиз гувоҳӣ медиҳанд.

Устод Мирзо Турсунзода на танҳо дар адабиёти тоҷик, балки дар тамоми адабиёти Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун мунодии сулҳ, озодӣ ва дӯстии халқҳо шуҳрати беҳудуд дошт ва ин шуҳрат тавассути ашъори баландғояву фаъолияти

пурсамараш ба сифати раиси Кумитаи шӯравии якдилии халқҳои Осиё ва Африқо ба вай даст дода, соли 1967 ӯро сазовори унвони Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ гардонид. Ба ин муносибат дар мусоҳиба бо мухбири рӯзномаи «Правда» устод чунин гуфта буд: «Мавзӯи озодӣ мавзӯи маркази эҷодиёти ман буд ва чунин хоҳад монд. Ба фикрам, ин мавзӯъ хеле васеъ ва беҳудуд аст. Инсони озод қаҳрамони асосии ашъори ман аст. Аз сурудани озодӣ ҳаргиз хаста нахоҳам шуд». Воқеан, ӯ суруди озодӣ ва сулҳро «бо хуни дил» менавишт ва барои ин хизматҳояш ба ҷоизаҳои байналмилалии Ҷавоҳирлаъл Неру, Нилуфар ва «Крилл ва Мифодий» сарфароз шуда буд. Дар осори Мирзо Турсунзода, ба кадом мавзӯъ онҳо бахшида шуда бошанд, дар маркази таваҷҷуҳ инсони поку ҳалол, дорои шараф ва нангу номус, халқпарвару ватандӯст, ҳалиму меҳрубон қарор дорад. Бидуни ҳеҷ шубҳа метавон гуфт, ки дар симои қаҳрамони ғиноии шеърҳо ва қаҳрамонони мусбати достонҳои шоир хислату сифатҳои шахси худи устод таҷассум ёфтаанд. Бузургии шахсияти ӯ ва бузургии шеъри ӯ тавъам ва ҷудоинопазиранд.

Устод Мирзо Турсунзода дар баробари рӯҳан ва мазмунан нав кардани жанрҳои адабиёти классикии тоҷику форс шеъри анъанавии моро, агар чунин гуфтан ҷоиз бошад, сирф тоҷикӣ кард, ба он тафаккури тоҷикӣ, гӯиши тоҷикӣ ва ҳикмати тоҷикӣ бахшид. Ман бо эътимоди қавӣ мегӯям, ки касе аз шоирони мо дар шеър унсурҳои забони шифоҳии мардум, ибораву таъбирҳои рехтаи халқиро бамаврид, ҳадафмандона, барои гӯёву зебо баён намудани мақсад дар сатҳи Турсунзода истифода набурдааст. Бинобар дар шеъри устод сирф тоҷикӣ будани тафаккур ва забон, шоири шаҳири Эрон Нодири Нодирпур, бехабар аз назокатҳои осори ӯ, дар омади гап гуфта буд, ки шахсияти Турсунзода ҷилавтар аз шеъраш аст ва ин гуфтор шояд бештар бо мақсади аҳсанту таҳнияти

шахсияти устод садо дода бошад, вале, мутаассифона, баъзе «балегӯён» ин суханонро дастак ва муғризона маънидод карданд. Ҳамин қадар мегӯям, ки форсизабони ғайри тоҷик, масалан, аз куҷо мефаҳмад, ки шоири тоҷик ба ҷои «бар хоб ғолиб омадам» мегӯяд «гардани хобро шикастаам ман»? Шеъри Турсунзодаро бояд бо диққат хонд ва дарк кард.

Мирзо Турсунзода соҳиби шуҳрат, мартаба, унвонҳо ва дар айни замон инсони ниҳоят хоксору заминӣ буд, заминро дӯст медошт ва васф мекард. Дар авҷи даврони кайҳонкушоиву кайҳоннавардӣ устод «Чашми ман серӣ надорад аз тамошои замин, Хоҳам аз мадди назар н-афтад ягон ҷои замин» мегуфт. Гумон мекунам, худи ӯ ситорае буд дар замин.

***Абдураҳмони Абдуманнон***

# АШЪОРИ СОЛҲОИ ГУНОГУН

## ЭЙ ТАБЪИ ОТАШБОР

*Ба устод Айнӣ*

Хома то фармонбарат, эй табъи оташбор, шуд,
Рӯ ба зидди боргоҳу даҳшату дарбор шуд.

Фош кард ӯ ҳилаву асрори макри душманон,
Хонумонсӯзи адуву ҷуббаву дастор шуд.

Ӯ ба дунёи кухан монанди шер исён намуд,
Дасти мазлуми ситамкашро гирифту ёр шуд.

Духтари тоҷик то бишнид арзи хомааш,
Чеҳрааш хандону рахшон чун рухи гулнор шуд.

Гашт дармону давои дарди ҳар бечорае,
Лек теғе бар гулуи душмани маккор шуд.

Ҳар нидои ӯ чунин парвоз дорад сӯи Шарқ,
Ҳоли сайёдони Ҳинду Чин аз он душвор шуд.

Бин, чӣ сон дар рӯзҳои ҷашни устоди бузург
Ранҷбар бо ӯ қарини суҳбату дидор шуд.

*1935*

## ҲУСН

Ёрро озод дидам дар миёни анҷуман,
Анҷуман гул карда аз он моҳрӯи симтан.

Он сиҳисарви равон бинмуд нутқи оташин,
Мечакид аз лаъли рӯҳафзои ӯ дурри Адан.

Ин ҳамон ҳуснест, ҳусни дилрабову дилнишин
В-ин ҳамон ҳуснест, ҳусни пахтакору пахтачин.

Ҳусни бо меҳнат қарину хонумонсӯзи адӯ
Нест ҳусне дар ҷаҳон болотару беҳтар аз ин.

*1936*

## БОҒБОН ВА БУЛБУЛ

Дар он даште, ки ҷои хор буди̅,
Пур аз гургу шағолу мор буди̅.

Бапо гардида як боғи ҳуҷиста,
Дар он гулҳои рангоранг раста.

Зи ҷаъди анбарини худ ба булбул
Ҳамеша мушкбези̅ мекунад гул.

Ба боло сар кашида ҳар ниҳоле,
Бувад нашъунамои баркамоли̅.

Нахи сунбул мисоли мӯи духтар
Сафобахшанда асту тозаву тар.

Ба шохи гул нишаста бетаҳаммул,
Зи шоди̅ булбулон дар шӯру ғул-ғул.

Вале як булбули хушхони сармаст
Зи ҷо монанди раққосон ҳамеҷаст,

Парида ҳар замон бар шохи дигар,
Суруда достони гул саросар.

Шакар мерехт аз минқори булбул,
Зи ҳар як лафзи шакарбори булбул.

Зи ишқаш боғбонашро хабар дод,
Ба пеши ӯ китоби ишқ бикшод.

Аз ин шуд боғбон якбора хушҳол,
Бигуфто: «Зан ба ишқи гул пару бол,

Баҳори боғи мо охир надорад,
Ҳамеша бар сари ту гул биборад».

*1936*

## БАҲОР

Парда бикшод баҳор аз рухи зебоманзар,
Баст сармои зимистон зи Ватан рахти сафар.
Назар афтод маро сӯи гулу лолаи боғ,
Ҳама ороста дидам, ҳамаро тозаву тар.
Қадкашӣ дораду сарсабз шуда сарви чаман,
Ба мисоли писару духтари озоди башар.
Бӯи хуш медамаду боди сабо меорад
Ба машоми ман аз он накҳати ҷонбахш хабар.
Булбули маст ба шохи гули бишкуфтаи боғ
Месарояд зи дили шод ба ҳангоми саҳар.
Чун бидидам гули бишкуфта, аз он гашт аён
Лаби пурхандаи маҳбубаи даврон ба назар.
Гуфтам: эй гул, зи куҷо ёфтӣ ин сурхии рӯй?
Гуфт: «Ранги рухи ёри ту ба ман кард асар.
Чу шавад аз пайи кораш саҳар аз хона бурун,
Мекунад бо тарабу шодӣ аз ин боғ гузар.
Ман фақат хуррамию авҷу шукуфтан дорам,
Зи хазонам асаре нест дар айём дигар».
Зи ҷавоби хуши гул шод шудам, хандидам,
Фикри устоди чаманпарварам афтод ба сар:
Боғбон аз дилу ҷон тарбияти боғ намуд,
Ҳар яке решаи парвардаи ӯ дод самар.

Ӯ ба чашми хиради навъи башар нур диҳад,
Назди вай сархаму таслим шуда шамсу қамар.
Мутрибо, чанг бизан, то ки бирақсем ҳама
Дар баҳори Ватани шод ба оҳанги зафар.

*1937*

## СУРУДИ ҶАВОНӢ

I

Мо лашкари бошавкати хушбахти ҷаҳонем,
Ӯрдуи зафарпешаи даврони ҷавонем,
Бо байрақи ленинӣ ҷасурона равонем.
Тайёр ба фармони Ватан аз дилу ҷонем.

З-он аст, ки гул карда саросар Ватани мо,
Ин боғи пур аз меваи мо, ин чамани мо.

II

Бо душмани ғаддори бадандеш биҷангем,
Мо насли ҷавон аз ҳама ҳам беш биҷангем,
Як тан шуда доим ба сафи пеш биҷангем.
Баҳри зафари мамлакати хеш биҷангем.

З-он аст, ки гул карда саросар Ватани мо,
Ин боғи пур аз меваи мо, ин чамани мо.

III

Партияи мо, роҳбари мо, падари мо,
Бахшандаи озодию фатҳу зафари мо.
Ҳар соату ҳар лаҳза бувад ҳамсафари мо,
Шамъи хиради мо, маяки шуълавари мо.

З-он аст, ки гул карда саросар Ватани мо,
Ин боғи пур аз меваи мо, ин чамани мо.

*1937*

## МАМЛАКАТИ ТИЛЛОӢ

I

Тоҷикистони советӣ ҳамчу як гулдаста аст,
Қомати сабзаш дар ин боғи ленинӣ растааст,
Рангу бӯяш қимати ҳар мушкро бишкастааст,
Халқи дилшодаш ба вай меҳру муҳаббат бастааст,
З-ин сабаб ҳам хизматашро аз дилу ҷон мекунад.

Мезанам дар ҳар куҷояш бо сарафрозӣ қадам,
Бар заминаш бо суруди нав ба нав по мениҳам,
Мекунам наззора бар шаҳру деҳоташ дам ба дам,
Дил намехоҳад, ки чашмам аз тамошояш канам,
Чунки аз шавқаш дили касро хурӯшон мекунад.

Хонаи осудаю уммедгоҳи мо бувад,
Маскани осоишу пушту паноҳи мо бувад.
Чун падар, модар, бародар такягоҳи мо бувад,
Мухтасар, ҳам ҳомию ҳам иззу ҷоҳи мо бувад,
Халқ аз вай сарбаландиҳо ба даврон мекунад.

Дар фазояш мурғи фӯлодин ба ҷавлон омада,
Дар заминаш гур-гури мошин фаровон омада,
Ҷӯши меҳнат ҳар тараф дар мавҷу туғён омада,
Фатҳ дар оғӯши нармаш чун арӯсон омада,
Бар рухи мо хандаҳои гарму ҷӯшон мекунад.

Кӯҳсораш лаб ба лаб аз кони тиллоясту зар,
Сохтмонҳояш пур аз мавҷи суруди коргар,
Дашту саҳрояш макони пахтакори пурҳунар,
Меваҳои боғҳояш ширин аз шаҳду шакар,
Роҳатафзоӣ ба ҷисму ҷони инсон мекунад.

Роҳҳои борику каҷҷу килеби пурхатар,
Кӯпрукҳои бади ларзонаки касногузар,
Даштҳои хорзору мудҳиши пурғору ҷар
Сар басар гаштанд боғу бӯстони пурсамар,
Рафтуомад кас дар онҳо тезу ҷаққон мекунад.

Аз дили Варзоб печад бар фалак фавворахо,
Нурҳои офтобии электр доимо,
Бар сари мо ҳамчу ҷӯи об мерезад зиё,
Шаҳрҳо, қишлоқҳо равшан шуда чун бахти мо,
Бар дару боми халоиқ нурборон мекунад.

II

Ман намедонам чи сон тасвир созам ба сухан
Рангу бӯи беназири дилкашатро, эй Ватан?!
Гар чаман гӯям, надорад қимататро сад чаман,
Ростӣ, гаштӣ биҳишти бемисоли марду зан,
Хубият дилро кушода чун гулистон мекунад.

Чашми душман кӯр шуд чун шабпарак аз нури ту,
Сархаму шарманда шуд аз хандаи масрури ту,
Қалби ифлосаш дарид аз наъраи пуршӯри ту,
Хок шуд аз зарби дасту бозуи пурзӯри ту,
Мезанад чун мор бар худ печу афғон мекунад.

Дар фазоят мепарам озод чун паррандагон,
Медавам дар кӯҳсори хуррамат чун оҳувон,
Сарҳадатро мекунам наззора ҳамчун посбон,
Шеърхонон дар Амӯят бо шино ҳастам равон,
Шоиронро ҳусни зебоят ғазалхон мекунад.

Ин ҳаёти сотсиалистӣ баҳори мо шуда,
Кор карда зиндагӣ кардан шиори мо шуда,
Зиндагонии саодатнок ёри мо шуда,

Лоиқи ин аср гаштан ифтихори мо шуда,
Давраи ленинӣ одамро гуҳарсон мекунад.

Мекунам як умр тасвир ин диёри чун биҳишт,
Шоирам – тухми суханро мекунам ҳар ҷой кишт,
Менависам достони доҳию хоҳам навишт,
Пора месозам ниқоби душманони бадсиришт,
Насли нав ҳам корҳои болшевикон мекунад.

Доҳии боқудрати меҳнаткаши рӯи замин,
Мебарад моро ба сӯи бахт бо роҳи Ленин,
Ҷисмаш аз фӯлод сахту дасташ аз оҳан матин,
Чеҳрааш аз офтобу аз шафақ ҳам оташин,
Гӯшаҳои дурро, ҳатто, дурахшон мекунад.

Тоҷикистон, фахр кун, ки нестӣ дигар асир,
Нестӣ дар зери зулми бою ҷаллоду амир,
Раҳнамоят ҳаст партия дар ин даври кабир,
Дастгири меҳрубонат халқи руси беназир,
Ҳарчи хоҳӣ, раҳбарат, албатта, эҳсон мекунад.

Сарҳадат қулфу калиду посбонат ҳам далер,
Душманат чун рӯбаҳ асту ҳомият монанди шер,
Гар ба хокат сар дарорад душманат, нокарда дер
Ҳомият он сон занад, ки зуд афтад ӯ ба зер,
Пайкарашро ҳам ба хоки тира яксон мекунад.

Шод бош, эй Тоҷикистони Советӣ, шод бош!
Манзили ободи насли болшевизм-авлод бош!
Ҷаннати роҳатфазои мардуми озод бош!
Мисли Маскав дар сари ҳар кори худ устод бош,
К-ин ҳаёти мо туро машҳури даврон мекунад!

*1938*

## БА ИСТИҚБОЛИ БАҲОР

Файзи худро бар сари мо, эй баҳорон, рез-рез,
Аз сари шаҳру деҳоти Тоҷикистон рез-рез.

Наҳрҳои нуқраворатро ба саҳроҳои кишт
Чун арақҳои ҷабини марди деҳқон рез-рез.

Даста-даста чида гулҳои сафеди хешро
Дар заминҳои васеи пахтакорон рез-рез.

Ҳамчу нури офтоби беғубори субҳдам
Чашмаҳои софро аз кӯҳсорон рез-рез.

Ҳар куҷо хуррам намо, ки халқи мо по мениҳад,
Бӯ кунад то аз рухи гулҳои хандон, рез-рез.

*1938*

## БА ДУХТАРИ АСТУРИЯ

*Ба Долорес Ибаррури*

Духтари қаҳрамони астурӣ,
Бо хаёлат вуҷуди мо банд аст,
Ҷон ба ҷонат мудом пайванд аст,
Гарчи фарсангҳо зи мо дурӣ.

Халқи озоди мо, ки рӯзафзун
Ба зафар кардани ту муштоқ аст,
Тоқаташ ҳам ба-дин сабаб тоқ аст,
Мисли сарбози рус ғайрат кун.

Ҳамчу девори оҳанин саф каш,
Пеши сагҳои Аврупоро гир,
Зан ба гардан, ба пояшон занҷир,
Тухмашонро бисӯз чун оташ.

Ба даҳони фашизм – аждарҳо
Зан, ки аз он сию ду дандонаш
То ба ҳалқаш фурӯ равад. Номаш –
Гум шавад, нест гардад аз дунё.

«Варна бо ифтихор мурдан беҳ,
То ба фашизм сар фаровардан,
То намудан ба хасм хам гардан,
Қаҳрамонона ҷон супурдан беҳ»[1].

Байрақи фатҳи бо хун олуда
Мекунад ҷилва оқибат фардо –
Дар фазои ту! Камбағалҳоро
Менамояд ба даҳр осуда!

*1938*

## БА ДИЛБАР

### I

Эй духтари нозанини қадрас,
Зебанда туро либоси атлас.
Ҷононаи ман фақат туӣ бас,
Парво накунам зи ғайбати кас,
Доим зи паят қадам гузорам.

### II

Рӯят, ки ҳамеша лоларанг аст,
Бо куртаи атласат ба ҷанг аст.
Мардум ба ҷамоли ту гаранг аст,
Аҳволи асири ишқ танг аст,
Ман дода зи даст ихтиёрам.

---

[1] Аз нутқи Долорес Ибаррури.

### III

Эй дилбари шӯхи бефаранҷӣ,
Як гап ба ту мезанам, наранҷӣ,
Охир, зи кадом кони ганҷӣ?
Маҳсули кадом дасти ранҷӣ?
К-аз ҳастии ту дар ифтихорам.

### IV

Ёро, чӣ шавад ки гоҳ-гоҳе
Бо гӯшаи наргиси сиёҳе
Созӣ суи ошиқон нигоҳе?
Донӣ ту магар, ки ҳеҷ гоҳе
Дар ҳаҷри ту тоқате надорам?

### V

Ҷононаи офтоб – партав,
Аз талъати хеш, эй маҳи нав,
Партавфикани ҳаёти мо шав,
Мебош ба мо рафиқу пайрав,
То ҷон ба ишорате супорам.

*1938*

## ДИЛ – ДИЛИ ЗАЙНАБ

Дар яке аз деҳоти кӯҳистон
Марди пире намудааст макон.
Гарчи мӯи сараш чу барф сафед,
Чашмҳояш вале пур аз уммед.
Чеҳрааш тоза мисли рӯи баҳор,
Соф чун оби чашмаи кӯҳсор.
Хотираш шоду хурраму хурсанд,
Чун дили мардуми саодатманд
Мисли фӯлоди пухта сахт танаш,
Рафта осори дард аз баданаш.

Сар-сари кӯҳ меравад озод,
Меҷаҳад мисли оҳуи навзод.
Дар хирадмандию заковат пир,
Беназир асту марди ботадбир.
Дорад ӯ эҳтироми ҳар одам,
Дорад ӯ иззати ҷавонон ҳам.
Донад азбаски қимати инсон,
Гармрӯй аст назди пиру ҷавон.

Дар ҷаҳон ҳар чӣ дидааст ин пир,
Дидаасту шунидааст ин пир.
Гузарондаст зиндагониаш
Гоҳ бо обу гоҳ бо оташ.
Дида дилҳои сахттар аз санг,
Одамони дарандатар зи паланг.
Саргузашташ хулоса ҳаст зиёд,
Ҳаргиз ӯро намераванд аз ёд.
Пири хушбахт духтаре дорад,
Духтари моҳпайкаре дорад.
Қоматаш рост мисли сарви боғ,
Чашмҳояш электрикчароғ,
Гӯиё дар фазои кӯҳистон
Медурахшад ситораи тобон.
Дар ҳақиқат Ситора номи ӯст,
Зуҳалу Зуҳра дар низоми ӯст.
Сурх ҳамчун анор рухсораш,
Фораму дилкушост гуфтораш.
Мезанад ҷӯш дар дилаш шодӣ,
Бар рухаш рангу бӯи озодӣ.
Ҳаваси тозае ба сар дорад,
Орзуи нави дигар дорад.
Орзуи ҷавонии умраш,
Мақсади комронии умраш.
Давраи мисли гул шукуфтани ӯст,
Гул зи боғи ҳаёт чидани ӯст.

Дӯст медорад ӯ ҷавонеро,
Писари хубу қаҳрамонеро.
Дар забон номи он ҷавон сад бор
Менамояд чу як сабақ такрор.
Соати тӯй ҳам муқаррар шуд,
Иду айёми васл ҳам сар шуд.
Лек дар пеш ҳаст кори дигар:
Нагирифта ризоият зи падар,
Пас чӣ сон бо падар сухан ронад,
Падарашро чӣ гуна фаҳмонад?
Падараш балки ҳеҷ розӣ нест,
Балки ин кори ҳазлу бозӣ нест?
Вай дар ин бора сахт ҳайрон буд,
Хотираш з-ин сабаб парешон буд.
Ишқ монанди бод тӯфон кард,
Кӯҳи сабр аз дилаш парешон кард.
Рози пинҳонӣ ошкоро шуд,
Гавҳари мақсадаш ҳувайдо шуд.
Пир завқиду во намуда лаб:
– Духтарам, – гуфт: «Дил дили Зайнаб».

*1939*

## ХАНДИДА МЕОЯД

Даме ки дилбарам монанди гул хандида меояд,
Умеди тоза дар дил, нури нав бар дида меояд.

Танашро дода бо пироҳани абрешимин оро,
Гумон созӣ, ки гул дар барги гул печида меояд.

Ба ман дилбар чунон ҳам ошноюю меҳрубон гаштаст,
Ки ӯ ҳарфи рақибонро дигар нашнида меояд.

Баҳори рӯзгораш рангу бӯи сад чаман дорад,
Рухаш гул-гул шукуфта, хотираш болида меояд.

Камоли ҳусну ишқу обрӯ акнун насиби ӯст,
Гули боғи муроди хештанро чида меояд.

Ба ҳар ҷо, ки равад, бо як нигоҳи сеҳрангезаш,
Тамоми ақлу ҳуши ошиқон дуздида меояд.

Рақиби беадаб, зиштӣ макун дигар ба рӯи ӯ,
Ки аз ту нозанинам бо дили ранҷида меояд.

*1939*

**ОҲАНРАБО**

*(Тарона)*

Он қадар дар дилписандӣ дилписандастӣ, Ватан,
Дар сари тасвири ҳуснат кас намеёбад сухан.
Ҳеҷ дар дунё надорад рангу бӯятро чаман,
Аз ту дар осоишу роҳат бувад ҷон дар бадан.

Чунки инсонро фазои дилкушо гардидаӣ,
Халқ чун оҳан, ту чун оҳанрабо гардидаӣ.

II

Аз бароят ҷон диҳад инсон агар, арзандаӣ!
Синаро созад ба ҳифзат гар сипар, арзандаӣ!
Дар адои хизматат тозад ба сар, арзандаӣ!
Аз сарат пошанд мардум симу зар, арзандаӣ!

Чунки инсонро фазои дилкушо гардидаӣ,
Халқ чун оҳан, ту чун оҳанрабо гардидаӣ.

III

Дар фазоят чун кабӯтар доимо пар мезанам,
Сар ба полезат дарорад хук агар, сар мезанам!
Бар дилаш ҳамчун Сипоҳи Сурх ханҷар мезанам,
Чун табар, гӯё, ба фарқи ҳезуми тар мезанам!

Чунки инсонро фазои дилкушо гардидаӣ,
Халқ чун оҳан, ту чун оҳанрабо гардидаӣ.

IV

Аз нигоҳи меҳрангези даҳои беназир
Шод дар оғӯши пурҷӯшат чи барною чи пир.
Банда будӣ, лек Ленин гашт ёру дастгир,
Кард, озодат, намемонӣ дигар хору асир.

Чунки инсонро фазои дилкушо гардидаӣ,
Халқ чун оҳан, ту чун оҳанрабо гардидаӣ.

*1939*

## БА РАҚҚОСА

Қадат он қадр, ҷонон, лаҳзаи рафтор мезебад,
Ки баҳри пойандозат фақат гулзор мезебад.
Ту механдию гул сад бор мегардад фидои ту,
Ту лаб во мекунию лаъл миннатдор, мезебад.
Зи печу тоби ту гардад кабӯтар дар ҳаво қоил,
Ба наздаш бод агар сар хам кунад ночор, мезебад.
Ба ҷойи ашк аз чашми ту нури маърифат резад,
Диҳам нисбат ба чашмат наҷми пуранвор, мезебад.
Ман ин фазлу камолатро ба олам мунташир созам,
Аз он гар духтари Эрон шавад бедор, мезебад.
Хуш он касро, ки монанди ту ёру ҳамнишин дорад,
Ба олам ҳар ҷавонеро чунин ҳам ёр мезебад.

*1940*

## БА ГУЛИ БОҒИ ТОҶИК

Чӣ гӯямат, ки азизам, туро дар он бинам,
Ба пеши хеш чу оина ҳар замон бинам.

Ту офтобию сайёрасон дигарҳоянд,
Даме ки чеҳраи ту байни духтарон бинам.

Агар ба боғ равӣ, боғ мешавад гулзор,
Ба пеши сарв равӣ, сарвро ҷавон бинам.

Муборакат шавад ин шаън, духтари тоҷик,
Туро шукуфтагули боғи тоҷикон бинам.

Миёни анҷумане гар шавӣ суханпардоз,
Забони хурду калон баста дар даҳон бинам.

Аз обрӯи ту назмам ҳамебарад сабзиш,
Ҳамеша номи ту шаҳбайти шоирон бинам.

Чи гуна бахт, ки хондию инженер[1] шудӣ,
Туро кунун сабақомӯзи олимон бинам.

Ҳунар ба ҷои нигин омада дар ангуштат,
Бапо зи дасти ту ҳар ҷой сохтмон бинам.

Миёни халқ аҷаб соҳибэътибор шудӣ,
Ки номи бошарафат вирди ҳар забон бинам.

Намонд тоқати дурию дар суроғат ман,
Худат бигӯ, ки туро дар куҷо, чӣ сон бинам?

Даме ки ҳарду ба як ҷой рӯ ба рӯ гардем,
Зи хуррамӣ сари худро дар осмон бинам.

*1940*

[1] Инженер – муҳандис.

## ДАР САРИ ТАСВИР

Эй санам, акси туро бисёр зебо мекашам,
Нусхаи ҳуснат зи рӯи барги гулҳо мекашам,
Ранги рӯят дида, лаъл аз санги хоро мекашам,
Зеби дандонат садаф аз зери дарё мекашам,
Қомататро мисли сарви боғоро мекашам.

Меҳри ту бастаст нақши доимӣ дар синаам,
Зарраҳояш сахт мисли сафҳаи зар синаам,
Кард равшан чун рухи зебои ховар синаам,
То шавӣ машҳури олам, меҳрпарвар синаам,
Ман кунун акси туро ҳам хубу аъло мекашам.

Деви шаб гардад гурезон, чун барояд офтоб,
Барқ созад пора-пора пардаи тори саҳоб,
Чун баҳор ояд, равад фасли зимистон бо шитоб,
Дилрабо, ҳусни ту ҳам овард ин сон инқилоб,
Ман, аз ин рӯ, аз сухан дурри суханро мекашам.

Сад чаман гул резад аз ҳар хандаат, эй нозанин,
Дона-дона борад аз ҳар лафзи ту дур(р) бар замин,
Дар миёни олимон гардидаӣ болонишин,
Халқ мегӯяд ба ин фазлу камолат офарин,
Фахрҳо карда ман аз ин, сар ба боло мекашам.

*1940*

## БА КӮҲСОРИ ТОҶИК

Салом, эй кӯҳсори Тоҷикистон,
Диёри пурсафои хубрӯён.

Ғазалхон омадам монанди булбул
Ба боғат парзанон дар дидани гул.

Баландӣ он қадар дар қадду қомат,
Ки ҳатто «Боми Дунё» гашта номат.

Сарат аз барф гарчанде сафед аст.
Дилат аммо ҷавону пурумед аст.

Ҳамеша сабзу хуррам домани ту,
Тароватбахш боғу гулшани ту.

Даруни синаат чун Панҷ пурҷӯш,
Танатро лолаҳо бинмуда гулпӯш.

Ба ёдат ҳаст, як вақте ба инсон
Ҷафо кардию бигрифтӣ аз ӯ ҷон.

Чу тири тӯпи сарватдори дунё
Ҳаво додӣ ба сӯяш тармаҳоро.

Ба зери жолаву борон гирифтӣ,
Раҳи ҷангу раҳи толон гирифтӣ.

Ба одамҳои оҷиз ханда кардӣ,
Ба дом оварда, ӯро банда кардӣ.

Ба болоят агар парранда ногоҳ
Паре мезад, параш месӯхт чун коҳ.

Рамиданд аз ту мурғони хушовоз,
Накардӣ баҳрашон оғӯши худ боз.

Чу дидӣ мардуми оҳанирода,
Даҳонат монд аз ҳайрат кушода.

Гирифтандат ба зери ҳукму фармон,
Шудӣ қоил ба азми насли инсон.

Кунун аз ҳусни худ гаштӣ сарафроз
Ба монанди сияҳчашмони Дарвоз.

Муборак роҳи нав, эй кӯҳсорон –
Қаротегину Дарвозу Бадахшон!

Халос аз рӯзгори танг гаштӣ,
Чу гул бишкуфтию хушранг гаштӣ.

Нишаста рӯи мошин тоҷик имрӯз
Ба ҳар ҷо меравад бо бахти фирӯз.

Касеро, ки ба ӯ додаст илҳом,
Ҳам озодию фирӯзию ҳам ном,

Ба ёд оварда мекӯшад ба кораш,
Ба нафъи давлату нафъи диёраш.

*1940*

## ЁДГОРИ БЕНАЗИР

Бо ду дасти қаҳрамонхалқи кабир
Сохтем ин ёдгори беназир.

Ёдгоре, ки аз он боғи башар
Мешавад серобу мебахшад самар.

Ёдгоре, ки бинояш маҳкам аст,
Ҳосили бозӯи халқи аъзам аст.

Ёдгор аз меҳнати озоди мо,
Меҳнати даврони мулкободи мо.

Менамояд шаҳдрез оби канал
Меваҳои боғро мисли асал.

Пахтазоронро зарафшон мекунад,
Манбаи тиллои рахшон мекунад.

Гӯшвори ҷӯй аз гул мешавад,
Дар сараш аз сабза кокул мешавад.

Ҳар касе хоҳад, ки омӯзад ҳунар,
Мон, ки бар ин сохтмон дӯзад назар.

Асрҳо софии оби ҷӯи мо
Мекунад ҳайрон рухи оинаро.

Акси доҳӣ мешавад дар рӯи об
Ҷилвагар як умр мисли офтоб.

*1940*

## ВОДИИ ҲИСОР

Солҳое, ки ман ҷавон будам,
Бехабар аз гапи ҷаҳон будам.
Бо ду чашми кушода дар олам
Ҳар чӣ медидаму намедидам.
Рӯзу шаб мегузашт бематлаб,
Беқалам, бекитоб, бемактаб.
Вақти ман сарфи беқарорӣ буд,
Хокбозию харсаворӣ буд.
Падарам хоб карда дар хона,
Ким-чӣ мегуфт мисли девона.
Буд оҳаш чу дуди оташдон,
Чеҳрааш зард мисли барги хазон.
Модарам буд тирарӯю карахт
Мисли бебаргу бор шохи дарахт.

Нолаву оҳашон ҳисоб надошт,
Зиндагешон ба ҷуз азоб надошт.
Дар ҷавонӣ чу ғунчаи беранг
Ман дар он хона мешудам дилтанг.
Хонамон буд дар Ҳисори қадим,
Дар Ҳисори харобаи пурбим.
Қалъае байни деҳа меистод,
Даҳшатовар чу ҳайкали ҷаллод.

* * *

Ҷониби кулбаҳои вайрона
Чашм медӯхт худписандона.
Зери он қалъа пур буд аз сарбоз,
Пур зи сарбозҳои одамтоз.
Як гурӯҳ одамон – ҷавону пир
Даст дар пушту пой дар занҷир,
Саҷдаи боргоҳ мекарданд,
Марги худро нигоҳ мекарданд.
Содалавҳона ман ба ин манзар
Менамудам нигоҳ карда гузар.

* * *

Рӯзе аз рӯзҳои фасли баҳор,
Ки дили баччагон надошт қарор.
Мо бурун зи деҳи Ҳисор шудем,
Ҷониби дашти лолазор шудем.
Абрҳо рӯи осмони баланд
Болу пар боз карда мегаштанд.
Осмон беҳисоб мекорид
Бар замин донаҳои марворид.
Абр гирёну лолаҳо хандон,
Бод ларзону сабзаҳо рақсон,
Ходими давраи баҳор буданд,
Зинаторои марғзор буданд.

Лек, ҳайҳот, андар он водӣ
Кас намедид чеҳраи шодӣ.
Ҷилваи лолаҳо надошт асар
Ба дили одамони ин кишвар.
Дашту саҳро агарчи зебо буд,
Лек беруҳ мурдаосо буд.
Болшевик омаду хитоб намуд,
Халқи афтода тарки хоб намуд.
Корвони ҳаёт чандин сол
Мегузашт аз миёни ҷангу ҷидол.
Оташу хун ба даҳр буд ҳоким –
Ҳокими кишвари ҷаҳони қадим.
Халқи шӯрида чун зафар бинмуд,
Зиндагонии тозае сар шуд.

* * *

Марди деҳқон замину об гирифт,
Писару духтараш китоб гирифт.
Корвони ҳаёт кард шитоб,
То кунад бахти хешро дарёб.
Кор болои корҳо ҷӯшид,
Монда ногашта халқ ҳам кӯшид.
Қаҳрамонии халқ дар даҳ сол
Кард обод хонаи иқбол.
Мана имрӯз ман дар ин водӣ
Месароям суруди озодӣ.
Илми Ленин, ки бошуурам кард,
Ҳамчу сарбози сурх зӯрам кард.
Ман дар оғӯши шаҳри зебоям,
Шаҳри зеботарини дунёям.
Шаҳри пуршаъни болшевик-эҷод,
Шаҳри нав – шаҳри хурраму обод,
Шаҳр не, боғу бӯстон ин ҷост,
Боғи уммеди тоҷикон ин ҷост.

Дили пурҷӯши Тоҷикистон аст,
Тоҷикистон тан асту ӯ ҷон аст.
Ҳар саҳар мекунад маро фарёд
Мактабу санъату клубу завод.
Ҳар кас ин ҷо ба як ҳунар банд аст,
Олиму фозилу ҳунарманд аст.
Домани шаҳр пур зи неъмат шуд,
Неъмати одамони меҳнат шуд.
Аз замини деҳоти колхозӣ
Халқ розию мамлакат розӣ.
Ҳосилоташ чунон фаровон аст,
Ки аз он оби баҳр ҳайрон аст.
Шар-шари оби ҷӯйбори Ҳисор,
Варзишу гардиши насими баҳор,
Ба ситамдидагони Шарқи асир
Мекунанд ин ҳаётро тасвир.
Аз фазо қатра-қатра меборад,
Арақ аз рӯи лола мешорад,
Марди колхозчӣ бар замин озод
Мекушояд кулочи хеш кушод.
Ман ҳам аз ҷону дил дар ин водӣ
Месароям суруди озодӣ.

*1940*

## ЧАМАНИСТОН

Қурбони ту, эй диёри ишқам,
Боғу чамани баҳори ишқам.
Баски ба ту сахт меҳр бастам,
Бо номи ту сарбаланд ҳастам.
Дар ишқи ту ман ғазалсароям,
Боби нави достон кушоям.
Аз нури ту чашми ман дурахшон,
Аз рӯи ту маҳфилам чароғон.

Пурнур ту мисли офтобӣ,
Фарзанди азизи инқилобӣ.
Ҳуснат ба ҷаҳони торикистон
Пошид зиё чу моҳи тобон.
Боғ аз ту таровати нав омӯхт,
Хуршеди фалак ҷамол афрӯхт.
Ҳам аз ту ҳаёти халқ хуррам,
Ҳам аз ту бинои умр маҳкам.
Навъи башар аз ту сарфароз аст,
Дастони муҳаббаташ дароз аст.
Шаъну шарафу камоли халқӣ,
Хурсандии бемисоли халқӣ.
Фазлу ҳунарам, Ватан, туӣ, ту,
Сози зафарам, Ватан, туӣ, ту.
Монанди ту боғи пурсамар нест,
Дарёи васеи пургуҳар нест.
Ҳар кас, ки бувад туро дар оғӯш,
Аз ишқи ту мезанад дилаш ҷӯш.
Ҳар бор рухат чу гул кушояд,
Лаъл аз дили санг рӯ намояд.
Булбул ба чаман нашида гӯяд,
Шоир ба Ватан қасида гӯяд.
Созанда тарона карда хезад,
Соқӣ ба қадаҳ гулоб резад.
Ҳар кас, ки ба ишқи ту қадам зад,
Номаш ба сари фалак алам зад.
Ту манбаи нозу неъмати халқ,
Майдони фарохи ҳиммати халқ.
Сабзидани нахли қомататро
Кист он ки намекунад тамошо.
Кист он ки туро напарваридаст,
Аз меҳри ту дасти худ кашидаст?
Аз оби ту ҳар касе, ки нӯшид,
Дар роҳи ту содиқона кӯшид.

Рухсори ту боз то кунад гул,
Омад ба зуҳур ғайрати кул.
Бишкофта сангҳои хоро,
Меоварад обҳои дарё.
Паҳлуи чаман сухан кунад гул,
Сар то қадами Ватан кунад гул.
Эй хурраму сабз боғу бӯстон,
Эй машъали Шарқ – Тоҷикистон!

*1940*

## ГУЛ МЕКУНАД

Мамлакат аз ҳиммати меҳнаткашон гул мекунад,
Сабзу хуррам гашта боғу бӯстон гул мекунад.

Лола мерӯяд ба дашту чӯлҳои бесамар,
З-ин сабаб рухсораи колхозчиён гул мекунад.

Обҳо ғелида, рӯи марғзорон мераванд,
Ҳар ниҳоли пахтаи мо қадкашон гул мекунад.

Мерасад боди баҳори тоза аз оби канал,
Аз пайи Фарғона боғи тоҷикон гул мекунад.

Зиндагонии фараҳбахшанда дар ҳар хонадон,
Дар баҳори нозанини бехазон гул мекунад.

Рав, хиромидан гир, эй товус, эй булбул, саро,
К-ин Ватан беинтиҳо дар ин замон гул мекунад.

Дар баландӣ нест ғайр аз номи мо чизе баланд,
Шуҳрати мо аз замин то осмон гул мекунад.

Ҳеҷ медонӣ магар, эй офтоби шуълавар,
Равшании бахти мо партавфишон гул мекунад.

Зебу зинатҳои мулки мо бувад аз ҳад фузун,
Бол, эй табъам, ки шеъри шоирон гул мекунад.

Дасти қудратноки халқи мо Ватанро гул кунонд,
Бо ҳамин қудрат, яқин, фардо ҷаҳон гул мекунад.

*1940*

## ХАЁЛИ ХОМ

Буд даште васеу регистон,
Ки аз он шуд хиҷил дили инсон.
Оташафшону хокбирён буд,
Душмани беамони деҳқон буд.
Сабзаеро напарварида намаш,
Сӯхт тухми гиёҳро ба дамаш.
Дашт домандароз метобид,
Рӯзу шаб мурдавор мехобид.
Кард беҳад равандагон дилгир
З-оташи реги ҷони одамгир.
Сӯхта, пухта роҳ мерафтанд,
Бо дили сип-сиёҳ мерафтанд.
Як дарахте дар интиҳои дашт
Дастгири равандагон мегашт.
Ҳар тараф шохҳош ёзонда,
Баргҳо аз шамол бозонда,
Ба замин рӯз соябон мешуд,
Садди гармии пурзиён мешуд.
Нафаси ҳар равандае, ки расид,
Андар он соя рост мегардид.
З-ин сабаб зад дарахти саҳроӣ,
Ба ҷаҳон лофҳои яктоӣ.

Ҳар киро дида ман-манӣ мекард,
Бо ҳамин нағма гапзанӣ мекард.
Ки: «Бубин, ман чӣ сон сарафрозам,
Яккаву беназиру мумтозам!
Дар биёбон мисоли ман аз сар
На будасту на мешавад дигар.
Ман набошам, зи чӯли сӯзанда
Ҳеҷ як кас намеравад зинда.
Шукр кун, шукр, сояам з-ин пас
То нагардад кам аз сари ҳар кас,
То абад дор ҳурматамро пос,
Қимати хизмати маро бишнос,
Ҳар куҷое, ки меравӣ, аз ман
Сарфарозӣ куну бигӯ, аҳсан».
Ҳар кӣ бишнид ин суханҳоро,
Ин суханҳои пасту болоро,
Кард номусу дар ғазаб гардид,
Ғарқи андӯҳу ғарқи таб гардид.
Гуфт бо хеш: «Мард бошӣ агар,
Мардият боз ҳам ба кор бубар.
Ту, ки мушкилкушои худ ҳастӣ,
Холиқи муддаои худ ҳастӣ.
Чӣ қадар кӯҳу кӯҳсоронро,
Чӣ қадар водию биёбонро –
Тобеи ихтиёри худ кардӣ,
Судбахши диёри худ кардӣ.
Пас чаро ин дарахти кӯтаҳбин
Менамояд дили туро ғамгин?»

* * *

Омаданд одамон гурӯҳ-гурӯҳ,
Чун сипоҳи азими пур зи шукӯҳ,
Даст бар дасти ҳамдигар доданд,
Зӯри бозуи коргар доданд.

Жола карданд арақ зи пешонӣ,
Ҳамчу деҳқон гаҳи заминронӣ.
Канда шуд ҷӯй – ҷӯйбори азим,
Ки зи обаш вазид тоза насим.
Аз дили дашт оби дарё рафт,
Сар-сари регҳои саҳро рафт.
Паст шуд оташу ҳарорати чӯл,
Зӯри ваҳшониву ҷасорати чӯл.
Андар он дасти саъю ишқу ҳавас,
Кӯшиши одами бамақсадрас –
Донаи нав, ниҳоли нав овард,
Роҳати нав, камоли нав овард.
Дашт гардид иваз ба як водӣ –
Водии беназири ободӣ.
Аз дарахтони тозаву зебо
Мефитад сояҳои тан-осо.
Мерасад меваҳои бемонанд
Ба ҳама мардуми саодатманд.
Дида ин ҳолро дарахти пир,
Нарм гардид оқибат чу хамир.
Зад ба сар даст аз пушаймонӣ,
Хонд лаънат ба ҷаҳлу нодонӣ.
Гуфт: «Ин даври худситоӣ нест,
Давраи одами ҳавоӣ нест.
Ҳар кӣ мағрури фазли хеш шавад,
Аз қафои хаёли хом равад».

*1940*

## БА ОФТОБ

Ҷӯй, Офтоб, манзили хеш аз диёри ман,
Ҷои арӯси лаълрухат аз канори ман.

Ҳарчанд асрҳо ба ҷаҳон нур додаӣ,
Аммо ту дидаӣ самарат дар баҳори ман.

Нурат, ки дар фазои ҷаҳон сайр мекунад,
Кай дида чун фазои нави беғубори ман?

Сабзидану шукуфтани гулҳои орзут
Танҳо муяссар аст дар ин лолазори ман.

Дар базмҳои ман ту ба рақс о, ки умрбод
Ҷӯр аст дар ҳавои ту чангу дутори ман.

Ҳорӣ намой аз сари мо шуълаҳои хеш
Монанди обҳои сари кӯҳсори ман.

Эй Офтоб, гирди ту ҷамъанд зарраҳо,
Чун донаҳо ба хирмани маҳсули кори ман.

Рухро даме ки вақти саҳар боз мекунӣ,
Созам гумон, зи парда барояд нигори ман.

Умри дарозу роҳи сафеде, ки соҳибӣ,
Омад дар ихтиёри ману раҳсипори ман.

Маҳкам шудаст тори муҳаббат миёни мо,
Ин буд умеду матлабу ин буд шиори ман.

*1940*

## ГАНҶИНАИ СУРУДҲО

Замоне дар музофоти Хуросон
Бапо бинмуд қасре дасти инсон.
Чунон қасре ки машҳури ҷаҳон буд,
Қалам ҳам оҷиз аз тасвири он буд.
Ба зебоӣ дили инсонбаранда,
Ба хеш афкори дунёро кашанда.

Шавад то ин ки рӯи қаср гулгун,
Дили соҳибҳунар гардид пурхун.
Ҳунармандии дасти одамизод
Ба ӯ шаъну шукӯҳи тоза медод.
Дар он ҷо ҷамъ буданд одамоне,
Ки ҳар як лоиқи фахри замоне:
Яке наққоши Чинро мот карда,
Ба мардум санъаташ исбот карда;
Дигар аз ҳар гили беқадру қимат
Бапо мекард як асбоби санъат.
Ба ҳар ашё нафисӣ ҷилвагар буд,
Нафисӣ санъати дасти ҳунар буд.
Гумон мерафт, ки аз барги лола,
Дар он ҷо сохтаст одам пиёла.
Дар он ҷо духтарон бозанда буданд,
Писарҳо мутрибу созанда буданд.
Дари ҳикмат кушода саъдиёна,
Сухан мегуфт ҳар кас шоирона.
Дар он ҷо Рӯдакӣ чун рӯд бинвохт,
Тамоми халқи олам гӯш андохт.
Ғазалҳои равони ҷовидона
Аз ӯ монданд дар олам нишона.
Садо ояд ҳанӯз аз оби Ҷайҳун,
Ки: «Шеъри Рӯдакиам кард мафтун».
Абӯ Сино намедонист ҷуз ғам,
Ки то гӯяд илоҷи дарди одам.
Чу Фирдавсӣ забони назм бикшод
Ҷаҳон аз қудрати Рустам хабар дод.
Хулоса з-ин касон бисёр буданд,
Ҳама хушфикру хушгуфтор буданд.
Чунин қасре, ки машҳури ҷаҳон буд,
Дабистони бузурги тоҷикон буд.
Аз он ҷое, ки буд одам ба одам
Чу обу оташе носоз бо ҳам.

Якеро дигаре чун гург мехӯрд,
Яке моли дигар чун дузд мебурд.
Ҳамон ҷавру ҳамон кирдори Чингиз,
Ҳамон теғу ҳамон шамшери хунрез –
Чу доғе ки ба рӯи маҳ нишастаст,
Ба лавҳи хотири кас нақш бастаст.
Магар барқ омаду сӯзонда бигзашт
Ва ё бод омаду рӯбонда бигзашт,
Ки он қасри тамаддун вожгун шуд,
Ғами Машриқ аз он беҳад фузун шуд.
Нашуд тоҷик дигар дар забонҳо
Сароғози суруду достонҳо.
Валекин боз баҳри зинда мондан
Ҷадал мекард то ҷон дошт дар тан.
Ҳамон ганҷинаҳои санъаташро,
Дуру дурдонаҳои меҳнаташро
Ба дил ҷо карда, бо дандон газида,
Нигаҳбон шуд ба мисли нури дида.
Ба ӯ Ленин даме ки зиндагӣ дод,
Ба दасташ ҳуҷҷати поядагӣ дод.
Ба рӯяш офтоби нав дурахшид,
Баҳори нав ҳаёти тозаро дид.
Даромад боз дар эҷодкорӣ –
Ба кишти тухмҳои навбаҳорӣ.
Ба кишти тухми иқболу саодат,
Ба кишти номдориву рашодат.
Суруди Рӯдакӣ шуд зинда акнун,
Расида авҷи Фирдавсӣ ба гардун.
Барои Ҳофизу Саъдии Шероз
Намуда тоҷикон оғӯши худ боз.
Камоли тоҷикистонӣ расида,
Ба боғаш лолаҳои нав дамида.
Бадахшонӣ рубобаш ҷӯр карда,
Ғами дерина аз дил дур карда…

Аҷаб мерақсаду мехонад имрӯз,
Ба аҷдодаш чӣ сон мемонад имрӯз.
Ҷавонони саодатманди тоҷик,
Фидокорони бемонанди тоҷик –
Ба кишварҳо чу мурғон дар баҳорон
Ғазалхон омаданд аз Тоҷикистон.

*1941*

## ПАЁМИ ХАЛҚ

Қаҳрамон фарзанди мо, бишнав саломи халқро,
Гарму ҷӯшон ҳам салому ҳам паёми халқро!
Халқ гуфтат, ки раву душман намо зеру забар,
Бар замин ҳаргиз намондӣ ту каломи халқро.
Халқи мо то осмон номи ту месозад баланд,
Эй писар, кардӣ баланд азбаски номи халқро.
Ҳар кӣ шаъну эътибори халқро ҳурмат кунад,
То абад арзанда гардад эътибори халқро.
Беҳтару маҳбубтар фарзанд будӣ, ки чунин
Пур намудӣ аз шароби меҳр ҷоми халқро.
Ҷанг кун, мардона душман куш, ситон, эй шермард,
Аз фритси охирин ҳам интиқоми халқро.

## ХАЙР, МОДАРИ АЗИЗ

Модарам, меравам аз пеши ту ман,
Ба дифои шарафу шаъни Ватан.
Меравам то ки зиреҳ пӯшам ман,
Дар раҳи фатҳу зафар кӯшам ман.
Хабар омад, ки ба тороҷи чаман
Боз карда пари худ зоғу заған.
Модарам, дар сари хашму ғазабам,
Бо сари гарму тани ғарқи табам.
Мепарам сӯйи фазо мисли уқоб,
То кунам зоғи сияҳро дарёб.

Мепарам рӯ ба ҷанубу ба шимол,
То ки орам ба сари хасм  завол.
Барқсон пора кунам абри сияҳ,
То насозад рухи хуршед панаҳ.
Сангаму оҳанаму пӯлодам,
Сипари малакати озодам.
Аз сари лонаи чуғзон гузарам,
Бомба резонда чу борон, гузарам.
Ғазабам оташу қаҳрам тир аст,
Синаам тӯпу парам шамшер аст.
Мебарам дар сари болам тобон
Ахтари толеи халқони ҷаҳон.
Кӣ тавонад, ки маро банда кунад,
Халқро аз ватанаш канда кунад,
Ин фақат хоби фашистона бувад,
Орзуи саги девона бувад.
Модар аз чеҳраи гулгуни писар
Нарм бӯсиду гирифташ дар бар,
Гуфт: «Рав ҷанги далерона бикун,
Ҷанг бо лашкари бегона бикун.
Бош фарзанди сазовори падар,
Лоиқи ин Ватан, ин хонаву дар».
Фурсате рафту зи паҳлуи саҳоб
Ҷилва кард ахтари   пурнури уқоб,
Чашми модар ба фазо дӯхта шуд,
Рухаш аз шуъла барафрӯхта шуд.

*1941*

## ОФАРИН

Офарин бодо шуморо, паҳлавонон, офарин!
Марду занҳои далери Тоҷикистон, офарин!

Шавқатон моро ба колхози шумо овардааст,
Эй сазоворони меҳру ҳурмату шон, офарин!

Рафта дар ҳифзи Ватан мардона фарзандонатон,
Бо писарҳои шумо мардони майдон, офарин!

Содиқона меҳнати колхозчиён афзун намуд
Қудрати ин мамлакатро, садҳазорон офарин!

Халқи оламро кунем озод аз зулми фашизм,
То ба мо гӯяд тамоми даври инсон офарин.

*1944*

## ФАРЗАНДИ ТУ МЕОЯД

Кушо оғӯши меҳрангези худро, эй диёри ман,
Ту, эй гаҳвораи аҷдодҳои номдори ман,
Замину боғҳои пурсафои лолазори ман,
Деҳоту шаҳрҳои пур зи шаъну ифтихори ман,
Ки сӯят меҳмон гардида, фарзанди ту меояд.

Ҳамон тифле, ки бо сад нозу неъмат парваридӣ ту,
Ҳамон тифле, ки аз баҳри саодат офаридӣ ту,
Ҳамон тифле, ки онро дар баҳои ҷон харидӣ ту,
Ҳамон тифле, ки буд ҳам орзуву ҳам умеди ту.
Бузургу қаҳрамон гардида, фарзанди ту меояд.

Диловар он писар рӯзе, ки мардона ба майдон рафт–
Ба зидди душмани ғаддор – бар зидди фашистон рафт,
Ба мисли оташи қаҳру ғазаб аз Тоҷикистон рафт,
Чу фарзанди вафодори Ватан бо аҳду паймон рафт,
Ватанро посбон гардида, фарзанди ту меояд.

Писар нагзошт, ки ин мулки шодӣ ҷои ғам гардад,
Ба ҷои адлу инсофу карам ҳоким ситам гардад,
Писар нагзошт, ки қадри башар хоки қадам гардад,
Сари болои халқи мо ба назди хасм хам гардад,
Аҷал ба душманон гардида, фарзанди ту меояд.

Ба истиқболи он гул мисли пойандоз меояд,
«– Муборак бод!» – аз Помиру аз Дарвоз меояд,
Дил аз шодӣ ба мисли боз дар парвоз меояд,
Ба гӯшам нағмаи «Шаҳноз» аз ҳар соз меояд,
Суруди шоирон гардида фарзанди ту меояд.

Биё, маҳбуб! Омад ёри ту, чун интизорон бӯс,
Аз он рухсораҳои ошнои марди майдон бӯс,
Ту ҳам, эй модари хушбахт, бо меҳри фаровон бӯс,
Тамошо кун рухашро, гарму ҷӯшон бӯс, чандон бӯс,
Ки фахри модарон гардида, фарзанди ту меояд.

*1944*

## НИШОНА ДОРАД

Ёрам ба рухаш нишона дорад,
Симои баҳодурона дорад.
Бинӣ агараш миёни мардон,
Мардонагияш баҳо надорад.
Ҳар ҷо, ки дучори душман ояд,
Ӯ ҳамлаи рустамона дорад.
Сад шуҳрату ифтихори тоза
Аз номи вай ин замона дорад.
Шодам, ки ҳамеша меҳри ҷонон
Дар синаам ошёна дорад.
Ишқи ману он миёни мардум
Ҳам қиссаву ҳам фасона дорад.
Нозам, ки ба васфи ёр Мирзо
Байту ғазалу тарона дорад.

*1944*

## САЛЛАМНО

Дар паси кӯҳҳои қулласафед,
Ки равон аст наҳри зар-афшон.
Дар лаби рӯди Сир бувад сарсабз
Боғе аз боғҳои тоҷикон.

Ин чаман, бӯстони озода,
Манзили дилкушои зархез аст.
Меҳнати мардумони ин водӣ
Ҳайратафзою шуҳратангез аст.

Қаҳрамонӣ дар ин замонаи нав
Ба זану марди ленинободӣ
Мондааст аз замонаҳои қадим,
Ҳамчу мероси хуби аҷдодӣ.

Меҳри беҳадду беҳисоби Ватан
Халқи тоҷикро ба ҷӯш андохт.
Қудрати ақлу илми ленинӣ
Ватани халқро гулистон сохт.

Ёд кардӣ қасам ба раҳбар, ки:
«Ватан аз пахта мекунам таъмин».
Қасам иҷро намудаӣ, эй мард,
Сад ҳазорон ба қудратат таҳсин!

Қасам – ин акси рӯҳу виҷдон аст,
Шуҳрати марди олам – ин қасам аст.
Қасам аз ҳарчӣ зӯру муътабар аст,
Шаъну номуси одам – ин қасам аст.

Ба қасам то абад вафо кардан
Сарбаландии ҳар як инсон аст.
Ҳам қасам хӯрда, ҳам адо кардан
Ин фақат кори хоси мардон аст!

Баъди ин фатҳу ин зафар бинам
Шоду пурханда ҳар ду рӯи туро.
Бинам аз офтоби оламтоб
Боз равшантар обрӯи туро.

Менамояд ба дида боғотат
Пурсафо, дилнишину хуррамтар.
Баъди ҳар фатҳи халқ меояд
Бӯи ҷонбахши як баҳори дигар.

Ленинобод[1], эй диёри азиз!
Ин ҳамон бӯи навбаҳори ту аст.
Иди имрӯзаи ту тантанаи
Зафару фатҳи пахтакори ту аст.

Ба туву мардҳои майдонат
Аз дилу ҷон салому салламно!
Ҳам ба миробу бар раисонат
Шарафу эҳтирому салламно!

*1945*

## ҚУРБОНИ ТУ БОШАМ

Ман дар ҳаваси чеҳраи хандони ту бошам,
Дар банди сари зулфи парешони ту бошам.
Аз лутф ишорат куну ман тохта бо сар
Ду даст ба бар, гӯш ба фармони ту бошам.
Гар ҷон талабӣ, зуд талаб кун, ки ба роҳат
Ҷон бахшаму аммо ба ғами ҷони ту бошам.
Гоҳе ту ситам созию гоҳе бинавозӣ,
Ҷоно, ман аз ин кори ту ҳайрони ту бошам.

---

[1] Ленинобод – номи шаҳри Хуҷанд ва вилояти Суғд дар замони Ҳукумати Шӯравӣ.

То кай зи паят ман давам, аз ман ту гурезӣ?
Пеш о, санамо садқаву қурбони ту бошам.
Офат ба баҳори гули рӯят нарасад ҳеч,
То булбули шайдои ғазалхони ту бошам.

*1945*

## БА ПОСБОНИ ГАНҶИНАҲО

Солҳо хобидаӣ, эй кӯҳсори тоҷикон,
Бар дари ганҷинаҳо чун посбони безабон.
Бар сарат ногоҳ пар мезад агар паррандае,
Аз дамат месӯхтӣ болу параш дар осмон.

Не касе дар ағбаҳоят роҳи рафтан мекушод,
Не касе бар қуллаҳои тези ту по мениҳод.
Гарчи номиданд як кӯҳи туро Кафтаргузар,
Кӯҳи саркаш кафтаронро ҳам гузаргоҳе надод.

Дидаам аз сабзаҳо хуррам бувад оғӯши ту,
Кабкҳо хонанд форам рӯзу шаб дар гӯши ту,
Кас намедонад, ки чандин аср ҷорӣ гаштаанд
Обҳо аз чашмасори синаи хомӯши ту.

Ҳусни зебои табиат зинати рӯи ту шуд,
Шаршара дар шӯхаҳоят тори гесӯи ту шуд.
Мерамид аз ту ҳаёту марг будат ҳамнишин,
Дилбари танҳои ту бозингар оҳуи ту шуд!

Дасти меҳнат кард вайрон хоби ороми туро,
Сохт равшан чеҳраи субҳи туро, шоми туро.
Қудрати ин халқро бингар, ки болотар намуд
Аз сари ҳар қуллаат ҳам шуҳрату номи туро.

Мо кунун аз оби ту рӯят дурахшон кардаем,
Зиндагониро дар оғӯши ту ҷӯшон кардаем.
Мо тилисматро шикаста аз сари мардонагӣ
Ихтиёратро ба зери ҳукми инсон додаем.

Ганҷи худро рез акнун пеши пои фотеҳон,
То Ватан гардад тавонотар аз ин ганҷи равон,
То дурахшон гардад аз ҳар пора лаъли кӯҳсор
Як чароғи тозае дар бӯстони тоҷикон.

*1946*

## САҲАРГОҲОН

Бишнав овози маро, мурғи саҳар,
То ки аз рози дилам ёбӣ хабар,

То ки ҳамовоз гардӣ субҳдам
Бо суруди мардуми соҳибқалам.

Гар ту мехоҳӣ, ки андозӣ назар
Дилкушо рӯи Ватанро хубтар,

Ҳар саҳар болу паратро боз кун,
Бо суруди шоирон парвоз кун!

Ин диёри пурсафои пурхурӯш
Субҳдам мову туро орад ба ҷӯш.

Субҳдам боғу чаман зеботаранд,
Кӯҳҳо байроқи заррин бар саранд.

Субҳдам чун офтоб ояд бурун,
Ҳусни зебои Ватан гардад фузун.

Субҳдам аз ҳар тараф форам насим
Мевазад шӯхона дар мулки азим.

Мамлакат озода мегирад нафас
Аз насими тоза бо ишқу ҳавас.

Дар саҳаргоҳони ҳикматноки мо
Муждаҳои тоза орад хоки мо.

Боби навро во кунад ҳар як саҳар
Дар китоби бахту иқболу зафар.

Меҳнати халқ аз сари субҳи баланд
Зиндагониро намояд дилписанд.

Эй қалам, гар ту силоҳи шоирӣ,
Гар ба эҷоди сухан ту қодирӣ –

Аз ҳаёти мамлакат ғофил намон,
Дар миёни халқ беҳосил намон!

Кори ҳар якрӯзаро идрок кун,
Хизмати аъло ба хоки пок кун!

То ту фатҳеро ба фатҳе зам кунӣ,
Норасоии Ватанро кам кунӣ.

То ба ёронат ту ҳам ёрӣ диҳӣ,
Дар биное аз сухан хиште ниҳӣ.

То ту аз кон сангангиште канӣ,
Пораи маъдан ба деге афканӣ.

То ба саҳро ё ба боғи дилнишин
Донае рӯяд зи саъят аз замин –

Эй суруди ман, саҳар пар боз кун,
Дар деҳоту шаҳрҳо парвоз кун.

Фурсатеро ҳам мадеҳ аз дасти худ,
Пеш рав бо зиндагонӣ зуд, зуд!

*1946*

## СУРУДИ МАН

Сурудам – ҳофизи рози дили ман,
Аниси булбуловози дили ман.
Уқоби тезпарвози дили ман,
Адиби нуктапардози дили ман.

Ба обу ранги нав овоз сар кун,
Сар овози нав аз банди ҷигар кун.

Туро медонам, эй мурғи ғазалхон,
Ки озодона дар ин давру даврон –
Дурахшида мисоли дурри ғалтон,
Равонӣ мисли оби ҷӯйборон.

Гулистонро гули пурхандаӣ ту,
Ба майдон ханҷари буррандаи ту.

Ту бо ман рӯз месозӣ шабонро,
Мисоли моҳ мегардӣ ҷаҳонро.
Суруда, васфи зебо ошёнро –
Ватанро, кишвари чун бӯстонро.

Дили касро мунаввар мекунӣ ту,
Ба мисли гул муаттар мекунӣ ту.

Ватанро қосиди ҳар фатҳи бобӣ,
Ба дасти кӯдакон хоно китобӣ.
Ба осонӣ ба ҳар дил роҳёбӣ,
Ба маҷлис гар равӣ, ҷӯши шаробӣ.

Чӣ хуш бодавлатӣ дар сояи халқ,
Зиреҳ пӯшидаӣ аз ғояи халқ.

Ҳанӯз, эй дӯсти ҷонӣ, ҷавонӣ,
Дарахти навраси ин ин бӯстонӣ.
Шакарпайванди боғи тоҷиконӣ,
Вале обу ҳавои зиндагонӣ.

Туро соат ба соат қад кашонад,
Ба ҳадди авҷи сарсабзӣ расонад.

*1946*

## БАХТИ ҶОВИДОН

Чӣ ғам дорам, диёри хубтар аз бӯстон дорам,
Қавиазму зафарэҷод халқи қаҳрамон дорам.

Ба болои сарам мурғи саодат мекунад парвоз,
Замини сабзу хуррам, обҳои зарфишон дорам.

Дар оғӯши Ватан фазлу камоли нав ба нав ёбам,
Ҷаҳон донад, ки бе зулму асорат ман ҷаҳон дорам.

Суруди ин дили шоди маро ҳеҷ интиҳое нест,
Ба васфи кишвари озод садҳо достон дорам.

Замини тоҷикон гул кард, боғи тоҷикон гул кард,
Дили хуррам, сари сабз аз баҳори тоҷикон дорам.

*1947*

## БАДАХШОН

Бадахшон, сарзамини кӯҳсорӣ,
Чӣ хушбоду ҳавову обшорӣ.
Калону хурд фарзандони худро
Саодатбахш, ҷаноҷон диёрӣ.

Уқобонро фазоят ошён аст,
Заминат бахти инсонро макон аст.
Чӯ гӯям аз баландии мақомат,
Ки худ як номи ту Боми Ҷаҳон аст.

Пур аз ганҷ аст ҳар як домани ту,
Зи тавсиф аст берун маъдани ту.
Дигар ганҷинаи қиматбаҳотар
Бувад озодии марду зани ту.

Туро халқи тавоно чун мадад кард,
Ниҳоли умри ту сабзиду қад кард.
Диёрат – модарат бо меҳрубонӣ
Ҳаётатро дурахшон то абад кард.

*1947*

## ҲАМСОЯ БОШАМ

Чаро ин қадр, ҷононам, сипоҳӣ?
Намесозӣ ба сӯям як нигоҳе.
Чӣ мешуд, ки ақаллан мефикандӣ
Назар бо гӯшаи чашми сиёҳе.

Туро бинам агар дар рӯ ба рӯям,
Намедонам, ки аз шодӣ чӣ гӯям!
Ба рақс ояд дилам аз шавқи васлат,
Нафас печида монад дар гулӯям.

Ба ҳоли ман табассум мекунӣ ту,
Маро ду дасту по гум  мекунӣ ту.
Хулоса, ошики деринаатро
Хиҷил дар байни мардум мекунӣ ту.

Ҳамеша ҳамраҳат чун соя бошам,
Нахоҳам дурию якҷоя бошам.
Агар бошад илоҷаш хуб мешуд,
Ки  бо ту меҳрубон ҳамсоя бошам.

*1947*

# ҚИССАИ ҲИНДУСТОН

*(Силсила)*

## БОЗГАШТ

Чун ниҳодам пойи худро бар сари хоки Ватан,
Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.
Муддате будам агарчи дур, аммо ёди он
Мевазонидам ба сар боди фараҳноки Ватан.

Хешро мебинам акнун боз дар оғӯши ӯ,
Боз мехонам суруди тозае дар гӯши ӯ,
Боз мегирам нафас ман аз ҳавои беғубор,
Боз менӯшам ман об аз чашмаи пурҷӯши ӯ.

Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.
Халқи ҳиндуи ситамкашро расон аз мо салом,
Эй суруди ман, агар дорӣ ту ҳам болу паре.

Ман аминам, мерасад ҳар як садои мо ба ӯ,
Ҳар як овози пур аз меҳру вафои мо ба ӯ,
Кӯҳсорон ҳеҷ натвонанд садди раҳ шаванд,
Мебарад бӯйи муаттарро ҳавои мо ба ӯ.

*1947*

## ҚИССАИ ҲИНДУСТОН

*Аз аҳолии Ҳиндустон 60.000.000 нафар ба кастаи «нафратзадагон» тааллуқ доранд.*

Маро рӯзе ҳикоят кард бобо,
Ки бишнав, ҷони бобо, қиссаеро:
«Замоне буд берун аз Самарқанд
Ба чашми кас намоён кулбае чанд.
Дар он манзил, ки дур аз дигарон буд,
Махавҳоро ҷудоӣ як макон буд.
Намеафтод онҳоро гузоре
На аз ёре, на аз хешу таборе.
Намедиданд рӯзу рӯшноӣ
Ба дунё ғайри хорию гадоӣ.
Махав мегашт рӯзе гар намоён,
Аз ӯ пиру ҷавон мешуд гурезон.
Ҳамеша аз халоиқ дур мегашт,
Ба мисли зиндаи дар гӯр мегашт.
Агар ӯро касе медид дар роҳ,
Рафиқи хешро мекард огоҳ,
Ки: «Эй ҷӯра, ба атрофат назар кун,
Махав омад, махав омад, ҳазар кун».
Махав коса гаҳе дар дасти мискин,
Хабар медод бо овози ғамгин.
Ки: «Эй озодакас, бигрез аз мо,
Нарас ҳаргиз, нарас ҳаргиз махавро!»
Ту дигар дар Самарқанд ин чунин кас
Набинию нахоҳӣ дид аз ин пас.
Кунун ман худ бигӯям баччагонро
Ҳикоятҳои ғамноки ҷаҳонро,
Ба Ҳиндустон сафар кардам замоне
Ман аз ин кишвари чун бӯстоне.

Бидидам дар паси кӯҳи Ҳимолой
Замини сабзи зебое саропой.
Агарчи ганҷҳояш пурбаҳоянд,
Валекин мардумони он гадоянд.
Нагӯям ман дар ин як шеъри кӯтоҳ
Зи ҳар чизе ки мо гаштем огоҳ.
Нагӯям ман на аз ҷодугаронаш,
На аз чашмони тарсодухтаронаш,
На аз осорҳои мармаринаш,
На аз мумтозҳои нозанинаш,
На аз раққосаи товусхиромаш,
На аз овозхони хушкаломаш,
На аз оҳуи кӯҳии раманда,
На аз кабки ғазалхони паранда.
На аз фили сафеди кӯҳвораш,
На аз ғоратгарони киштзораш,
На аз рикшу на аз ҳиндуи бадбахт,
На аз оғову давлатманди дилсахт,
На аз бабру паланги даҳшатангез,
На аз хашму адоватҳои хунрез.
Ҳикоят мекунам бо қалби пуршӯр
Ҳаёти мардумони зиндадаргӯр.
Ба рӯи қабри онҳо гул нарӯяд,
Агар рӯяд, касе онро набӯяд.
Ба олам касби онҳо ҷойрӯбист.
Фақат занбаркашию сангкӯбист.
Фурӯ бар зери конҳо муфт рафтан,
Ба нохун оҳану пӯлод суфтан,
Ҳазор алфози бад ноҳақ шунидан,
Лабони хеш бо дандон газидан,
Чӣ нуқсон дорад ин мардум, ки ин сон
Надорад қадру қимат мисли инсон?
Надорад иллате. Зулми замона
Намуд онро ба бадбахтӣ равона.

Магар ин каста авлоди башар нест,
Ки аз ӯ дигаронро ҷуз ҳазар нест?!
Магар ин расм як расми қадим аст,
Магар чӯхра гунаҳкори азим аст?!
Ки ӯ монад қадам гар дар хиёбон,
Бараҳманро кунад хотирпарешон.
Ба ӯ гӯянд, ки:
«Эй марди дарвеш,
Палидӣ ту, палидӣ ту, наё пеш!»
Чамарро дар миён як ресмонест,
Ки ин аз бандагӣ ӯро нишонест.
Бараҳманро фитад гар сояи ӯ,
Намояд шустушӯяш дояи ӯ.
Чамар гирад агар дасти трамвай,
Ҳазаромез гӯяндаш, ки: «Ҳай! Ҳай!»
Ҳазорон сол боз ин турфа мардум
Зи ҳаққи зиндагонӣ гашта маҳрум.
Ба ин оину ин расми хабисӣ
Чаро розист лорди англисӣ?!

Ба мулки ношиносе бо рафиқон
Шудам як моҳ мисли дӯст меҳмон.
Касе бо ман дар он ҷо рӯ ба рӯ шуд,
Зи ҷону дил шарики гуфтугӯ шуд.
Чаро сар то ба по ларзиду наншаст?
Наяфшурд аз барои чӣ маро даст?
Чу оҳуи биёбонӣ назар кард
Ба ҳар сӯе, магар аз ман ҳазар кард?
Ба ман ӯ гуфт бо овози хомӯш:
«Намесозам туро ҳаргиз фаромӯш».
Равон гаштем бо чандин васила
Ба назди ҳиндувони ин қабила.
Маро ҳаргиз нахоҳад рафт аз ёд
Рухи он мардуми мазлуми ношод.

Сиришки дидаҳои ғуссахона,
Дили тири маломатро нишона,
Дароз он дастҳоеро, ки дидам
Ба сӯи одами ин мулки аъзам,–
Ба сӯи одамии озоди гетӣ–
Саодатманд фарзанди советӣ.
Бидидам дар паси кӯҳи Ҳимолой,
Замини сабзу зархезе саропой.
Агарчи ганҷҳояш пурбаҳоянд,
Валекин мардумони он гадоянд.
Бpaояд бо табассум гар зи хиргоҳ
Хиёнаткори ҷамъият чу рӯбоҳ,
Бирав халқи ситамкашро хабар кун:
«Махав омад, махав омад, ҳазар кун!»

*1947*

## МЕҲМОНИ «МАҒРИБӢ»

Ҳеҷ шунидӣ гапи садсоларо,
Қиссаи деринаи Банғоларо?
Ҳеҷ шунидӣ, ки рухи осмон
Ҷилва кунад лаълсифат дар ҷаҳон?
Ҳеҷ шунидӣ ту, ки дар офтоб
Об чу симоб хӯрад печу тоб?
Ҳеҷ шунидӣ ту, ки кӯҳи баланд
Дар сари худ чатр кашад аз паранд?
Об равад таг-таги яхҳои пир
Мисли ҷавоҳир зи дили ҳар адир.
Лолаву себарга ба вақти саҳар
Ҳалқабагӯшанд зи лӯълӯи тар.
Ҳеҷ шунидӣ, ки баланд аз саҳоб
Сайркунон лона гузорад уқоб.
Ин ҳамаро бинӣ ту дар Ҳиндукуш,
Дар сари кӯҳи абадӣ нуқрапӯш.

Ҳеҷ шунидӣ, ки дарахт аз бадан
Бол барорад ба ҳавои чаман.
Нахл дар он ҷо ба сар андохта,
Аз пари товус кулаҳе сохта.
Гашта дар он ҷо ватани ҷонварон–
Бойтарин сайдгаҳе дар ҷаҳон.
Наъраи фил ояду бабру паланг,
Савти хуши булбулакон ранг-ранг.
Ҳаст замини заҳи пур аз мағок,
К-аз нами ӯ мешавад одам ҳалок.
Маймуни посӯхта, думсӯхта,
Кирми чу гавҳар ба шаб афрӯхта.
Ин ҳама дар бешаи Ҳиндустон
Воҳиманоканд ба пиру ҷавон.
Гар биравӣ ту ба тамошои боғ,
Мекунӣ аз бӯй муаттар димоғ.
Ҳеҷ надидӣ ту чунин чормағз,
Ҳеҷ бад-ин сон ананасҳои нағз.
Гар ба гулаш дидаи худ во кунӣ,
Ёди рухи духтари зебо кунӣ.
Ҳеҷ надидӣ ту чунин оби рӯд,
Мисли хуми нилгарӣ каб-кабуд:
Зарду гулобӣ ҳашароти зиёд
Бинию асло набарорӣ зи ёд.
Ин ҳама дар домани Ганг аст, Ганг,
Қиссаи шӯрафкани Ганг аст, Ганг…

Нақл намоянд, ки аз ғарби тор
Кард сафар бандаи кибру виқор,
Дар бари худ карда либоси сафед,
Ҷой ба дил дода умеди палид.
Қувваи пурҷозибаи ин диёр
Кард дили мардаки ғарбӣ шикор.

Нест ҳудуде ба таманнои ӯ,
Туршии рӯ, бинии болои ӯ,
Даға-дағаи ӯ зи ҳад афзун бувад,
Аз хиради одамӣ берун бувад.
Дар дили ӯ ҳеҷ надорад асар
Хубии ин мамлакати хокзар,
Қуллаи хушманзараи Ҳиндукуш
Ҳар камару ҳар дараи Ҳиндукуш.
Абри баланди сари ин кӯҳи пир,
Лаззати парвози уқоби далер…
Меравад аз пайраҳаи кӯчабоғ,
Зинати он боғ накарда суроғ.
Мегузарад аз бари вайронаҳо,
Мадрасаю обидаю хонаҳо,
Мегузарад ӯ нанамуда назар,
Бо ҳаяҷони дилу шавқи басар,
Ишқи гулу нолаи булбул асар
Ҳеҷ надоранд ба ин раҳгузар.
Омаду бар гардани ҳинду нишаст,
Ҳар чӣ ки мехост, гирифт ӯ ба даст.
Пӯсти рӯбоҳу палангон гирифт,
Ҳосили бечораи деҳқон гирифт,
Пахтаю абрешиму гандум гирифт,
Нони даҳони ҳама мардум гирифт.
Шираи ин бойзаминро кашид,
Хуни дили халқи гадоро макид.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост!

Ҳеҷ надидӣ ту чунин мақбара,
Қасру биноҳои аҷиби сара,
Гунбази он мадрасаҳои қадим,
Шаъшааи обидаҳои азим…

Нақшу нигори дару дарвозаҳо.
Тоҷмаҳал… рафта дар овозаҳо?
Дидаӣ дар зери замин зинаҳо,
Софтар аз чеҳраи оинаҳо?
Меваи ширини ба монанди қанд,
Сояи боғу чамани дилписанд?
Дидаӣ оё ту ба чашмат аён
Муъҷизаи кишвари Ҳиндустон?
Ҳеҷ магар дидаӣ дар умри худ
Боғи муаллақ чу гилеми кабуд?
Санъати дар нозукӣ нозуктаре,
Духтаракони ба мисоли парӣ?
Мутриби моҳир зи дили мириданг
Мебарад оҳанги фиғонро ба чанг,
Сохта аз нуқраву зар косаҳо,
Дурру зар овехта раққосаҳо.
Кӯчаю бозор пур аз морбоз,
Фолбину мардуми маймуннавоз.
Дар талаби нон шуда ҷамъе ҳалок,
Хастаю афтода гурӯҳе ба хок.
Дида ман инро ҷигарам пора шуд,
Ашк равон аз бари рухсора шуд.
Ин ҳама дар кӯчаи Калкутта буд,
Шаҳри пур аз ҳарзаву сафсатта буд.
Гарчи сари халқ шуд аз ғам сафед,
Пур бувад аммо дили ӯ аз умед.
Пайкари он гарчи чу хокистар аст,
Лек ниҳон дар дили ӯ ахгар аст.
Гарчи ба ғорат равад ин сарзамин,
Боз дар он ганҷи равонро бубин.
Меҳнати деҳқонписару коргар
Аз ҳама ашёи ҷаҳон муфттар.
Аз чӣ ҷавонон ҳама қоматхаманд?
Аз чӣ надоранд сари худ баланд?

Аз чӣ бувад шаҳр пур аз кӯру ланг?
Аз чӣ сари мардуми мискин гаранг?
Ин магар афсонаи Бангола аст,
Қиссаи бадбахтии садсола аст!...
Мегузарад мағрибии худписанд,
Карда сару бинии худро баланд.
Бозикунон чӯб-асоро ба даст
Шому саҳар роҳ равад мисли маст.
Дар сари ӯ нест ба ғайр аз ғурур,
Дар дили ӯ мақсади айшу сурур.
Баҳри чӣ ин мағрибии дилсиёҳ
Карда ҳарисона ба Машриқ нигоҳ?
Бурд дилашро магар ин сарзамин,
Бӯи хуши ин чамани нозанин?
Ё ҳаваси дидани бӯзинаҳо,
Ё ба каф овардани ганҷинаҳо?

Нақл намоянд, ки аз ғарби тор
Кард сафар одами бенангу ор.
Ном баровард ба сангиндилӣ,
Тухми ситам коштану ҷоҳилӣ.
Дар дили ӯ ҳеҷ надорад асар
Нолаю фарёди падар ё писар,
Зинати боғу чамани дилфиреб,
Рӯи гулу савти хуши андалеб,
Қасру биноҳои қадимии ӯ…
Шуҳрати дерини азимии ӯ…
Бо сари пурфитнаю бо карруфар
Мекунад аз байни халоиқ гузар,
Мекунад ин ғарбии рӯбаҳмиҷоз
Дасти тамаъро сӯи ҳинду дароз.
«Дурри гаронро ба кафи ман бинеҳ.
Зар бидеҳу зар бидеҳу зар бидеҳ»,

Мегузарад дуртар аз издиҳом
Бе назари диққату бе эҳтиром.
Гоҳ намоён шавад ӯ чун сипоҳ,
Гоҳ ба монанди гадоёни роҳ.
Гоҳ чу як гурбаи пояндамуш,
Гоҳ гурезанда чу муши хамӯш.
Ҳар чӣ ки мехост дар ин сарзамин,
Пурра даровард ба зери нигин.
Пӯсти рӯбоҳу палангон гирифт,
Ҳосили сарпанҷаи деҳқон гирифт.
Нуқраву тилло зи дили кон гирифт,
Тоқату ороми фақирон гирифт.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост!
Фурсати он аст, ки ин «меҳмон»
Тарк кунад кишвари Ҳиндустон.
Чунки дар ин мамлакат ин зарпараст
Ҳеҷ ба чизи дигаре дил набаст.
Сар назад аз мағрибии бекарам
Чизи дигар ғайри ҷафою ситам.
Тир назад мағрибии дилсиёҳ
Ҷуз ба дили халқ дар ин сайдгоҳ.
Гарчи дусад сол дар ин хона монд,
Боз ба ин оила бегона монд.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост!

*1947*

## РӮДИ ГАНГ

Дар шаби тор оби рӯди Ганг
Буд бо акси Каҳкашон ҳамранг.
Ё ба чашми ту ҷилвагар мешуд
Мисли шамшерҳои занголуд.

На ба рӯи касе нигаҳ созад,
На зи кас рӯйро панаҳ созад.
Асрҳо дар замини Ҳиндустон
Гашта ҷорӣ хамӯшу гӯшгарон,
Меравад сӯи баҳр бо сари хам,
Гӯӣ дорад ба дӯш кӯҳи алам.
Гуфтам: эй Ганг, аз чӣ хомӯшӣ,
Аз чӣ дарёсифат намеҷӯшӣ?
Сар ба саҳро ниҳодаӣ, чунӣ,
Ё ки дар ғам шарики Маҷнунӣ?
Нафасат аз чӣ гарму сӯзон аст,
Реги пеши дами ту бирён аст.
Ку насими баҳории чаманат,
Зинати боғу лолаю суманат?
Ку чаманзори сабзпӯши ту,
Савти мурғони пурхурӯши ту?
Ё нуҳуфтӣ даруни сина магар
Орзуро чу донаҳои гуҳар?
Ё шарикӣ ба дарди ҳамватанон,
Мехӯрӣ ғам барои Ҳиндустон?
Рози дилро ниҳон макун аз ман,
Аз барои савоб, о ба сухан!
Омадам ман ба назди ту меҳмон
Аз шукуфта диёри тоҷикон.
Ту равонӣ ба ҳар дари хона,
Бар дари ошноюю бегона.
Ба ҳавои ту сабзаи намнок
Дар лаби ҷӯй сар кашад аз хок.
Ба ҳавои ту чашмаҳои соф
Синаи кӯҳро кунанд шикоф.
Дар ҳавои ту абр гирён аст,
Дашти беоб синабирён аст.
Ба гумонам, ки гаштаӣ ҷорӣ,
Ту на аз чашмаҳои кухсорӣ,

Балки аз оби чашми гирёнӣ,
Арақу ашкҳои деҳқонӣ.
Дар дилат ҷои донаҳои гуҳар
Мурдаҳоянд гашта хокистар,
Мардумонат агарчи деҳқонанд,
Дар замини ту хӯшачинонанд.
Кардаанд одамони бадкирдор
Як пули оҳанин ба дӯшат бор.
Рӯзу шаб аз сарат кунанд убур
Корвонҳо ба сӯи Ғарби дур.
Ҳар вагоне, ки меравад лабрез,
Шояд аз баҳри туст ғамангез,
Ё магар дидаӣ, ки бемузде
Дили ту канда мебарад дузде,
Мебарад ҳусни навбаҳоратро,
Вопасин тухми киштзоратро,
Мебарад шири модарони туро,
Ризқи бечора кӯдакони туро.
Ҳар чӣ бошад, бузург рӯд астӣ,
Ҳиссаи баҳри беҳудуд астӣ,
Рӯдворона зиндагонӣ кун!
Ҷӯш зан, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун!

## БОҒИ МУАЛЛАҚ

Дидаам дар Бомбай боғи муаллақ чун биҳишт,
Бо қалам тавсифи онро кай тавонад кас навишт.
Боғ сабзу акси он рӯзу шабон дар об сабз,
Дар даруни об гӯё шуълаи маҳтоб сабз.
Дар лабони хубрӯён ханда ҳусни дигар аст,
Ҷилваи ин боғ ҳам дар нозукӣ нозуктар аст.
Рӯбаҳу оҳуву фил аз навдаҳо сабзидаанд,
Ҷонварон дар баргҳо тасвири худро дидаанд.

Бофта қолини сабз аз сабзаҳо дасти ҳунар,
Бар рухи ҳар барг шабнам медурахшад чун гуҳар,
Дидаам ду боғ ман,
ду гунбази сабзу кабуд,
Дар баландӣ он якею в-он дигар дар об буд.
Ногаҳон аз Ғарб омад киштии бегонагон,
Гашт вайрон акси боғи сабз аз ин бори гарон.
Ё ба ҳинду инглисҳо меҳрубонӣ мекунанд?!
Обҳои хоки онро посбонӣ мекунанд?
Ҳаргиз ин сон нест, ҳаргиз!
Нест ин сон, ҳеҷ гоҳ!
Балки биншастаст мисли доғ дар рухсори моҳ!
Ин чӣ найранг аст, ки дар зери боғи дилписанд!–
Дар халиҷи Бомбай байроқи Амрико баланд?!

*1947*

## ТАРА-ЧАНДРИ

Ба обу ранги нав Бедил чу омад дар ҷаҳони назм,
Аз ӯ ҳусни дигар омӯхт боғу бӯстони назм.
Сухан меронд сарбаста, ниҳон медошт маъниро,
Ба мисли донаи гавҳар, ки пинҳон аст дар дарё,
На муфтӣ буд, на мулло, на бетавфиқ рӯҳонӣ,
Фақат мекард бар дунё нигаҳ бо чашми инсонӣ.
Сано бар Комде гӯён, суруде аз Мадан хонон,
Ба тори назми худ овард ишқи поки ин ёрон.
Ба рақси Комде шайдо, ба овози Мадан мафтун,
Навишт ин номаи ушшоқ шоир бо дили пурхун,
Ба мисли Комде дар ҳусну дар санъат ҷаҳонгирӣ
Ту, эй раққосаи даврон, Тара-Чандри, Тара-Чандри,
Дили тоҷику ҳинду чун ду шамъи анҷуман афрӯхт,
Ба доғи ин ду шамъи анҷуманафрӯз Бедил сӯхт.
Чу дидам дар диёри ту хазони бӯстонеро,
Намудам ҷустуҷӯ аз Комде дар он нишонеро,

Чу дидам дар сари кӯи ту биншаста ғубореро,
Дар он аз Комде ҷустам нишони ёдгореро,
Ба вақти рақси мавзунат, ба чашмони пурафсунат,
Кабӯтар дар ҳаво, оҳу ба саҳро гашта маҷнунат.
Ба вақти чархгардонат, ба гирди пои печонат,
Намояд ҷилва дар чашмам пари товус ба домонат.
Ба зери анбарин зулфи сиёҳат чун қамар дидам,
Дар он аз офтоби Комде гӯё асар дидам,
Агар хуршед буд Комде, ту монанди маҳи бадрӣ,
Ба рӯйи осмони худ Тара-Чандри, Тара-Чандри.
Ғазал мегуфту дур месуфт Ҳофиз – шоири Шероз,
Суханро дода дар васфи шумо ҷодугарон пардоз.
Дили  тоҷику эронӣ муҳаббатгоҳи Ҳофиз шуд,
Суруди ошиқон ҳамсуҳбати дилхоҳи Ҳофиз шуд.
Дилу ҷонро фидо кард ӯ барои чашми ҷодуе,
Ба зулфони суманбӯе, ба холу хатти ҳиндуе.
«Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро».
Бигӯ, моҳи нави ҳинду, чӣ сон чун зарра пайдо шуд
Ҳамон холе, ки дорӣ дар миёни абрувони худ?
Наёвардам на дому донаи ҷодугарони ту,
На зулфони сиёҳи ту, на холи абрувони ту.
Маро овард дар пеши ту ёди дӯстони ман,
Хаёли дӯстони давлати пуршаъну шони ман.
Ман аз мулки саодатманд
– мулки тоҷикон оям,
Ба мисли аввалин бӯйи баҳор аз бӯстон оям.
Ман аз рақси ту мафтунам, зи ҳолат лек маҳзунам,
Тара-Чандри… Тара Чандри…
макун ин қадар афсунам!
Чӣ ҳол аст он, ки дар тоқи ду абрӯят кунад бозӣ,
Чӣ ҳол аст ин, ки Ҳофиз шуд ба ҳар қурбоние розӣ?
Магар дар осмони ҳусн моҳи тирае дорӣ,
Магар худ Зуҳраву чун Муштарӣ ҳамширае дорӣ?

Магар дар хонаи абрӯи худ ганҷе ниҳон дорӣ,
Ки мисли мор зулфони ба гирдаш посбон дорӣ?
Марам аз дӯст чун оҳу, ба ман сирри дилатро гӯ,
Тара-Чандри, Тара-Чандри!
Ту, эй бозингари ҳинду!
Агар бо рақс бархезӣ, ҳавои форам ангезӣ,
Зи боғи санъати халқат ба гирди хеш гул резӣ.
Ба ҷунбиш мавҷи дарёӣ, ба лағзиш реги саҳроӣ,
Ҳунарманду ҳунарпеша зи сар то нохуни поӣ!
Сабук чун парниёнӣ ту, беҳ аз оби равонӣ ту,
Ба каф дурри гаронӣ  ту, ба тан ҷонӣ ту, ҷонӣ ту!
Матарс аз шуълаҳои аввалини субҳи озодӣ,
Маларз аз боди даҳшатноки тӯфон мисли шамшоде.
Умеду  орзуи халқи худро дар дилат ҷо кун,
Дили пурҳасрати онро ба мисли ғунчае во кун.
Ту, эй фарзанди маҳбуби диёру кишвари бебахт,
Сияҳчашму сияҳабрӯ, сияҳмӯ, духтари сарсахт!

*1947*

## ДАР ЁДИ КАС

Нақш бандад солҳо дар ёди кас
Дашти бепоёну фарёди ҷарас.
Раъду барқу гиряи абри баҳор,
Мавҷи баҳру фикри дурии канор
Мерасад гоҳо ба ёди одамӣ
Роҳати ҷон–бӯстони хурраме.
Месарояд булбули ширинсухан
Рӯзу шаб бо як забон дар он чаман.
Дар ҷаҳон кардам сафар ман борҳо,
Зиндагӣ санҷидаам бисёрҳо-
Дидаам ҳар гуна халқу кишваре,
Мамлакатҳои аҷоибманзаре,
Дидаам, ки олам аз баҳру бар аст,
Хислати ҳар кишвар аммо дигар аст.

Мерасад дар ёди кас беихтиёр,
Мулки зебое чу рӯи навбаҳор.
Дар назар ӯ ҷилва созад гоҳ-гоҳ
Аз ақиби пардаи абри сиёҳ;
Дар миёни мардуми ин сон диёр
Дӯстӣ якбора гардад барқарор.
З-ин сабаб балки намудам ҳо ба дил
Ёди ёроне, ки кардандам гусел?...
З-ин сабаб ҳо кардаам дар ёди худ,
Манзари шаҳрею дарёи кабуд
Ҳалқаи майдони он аэродром,
Дидаҳои пур-умеди издиҳом.
Қарнҳо гар зинда монам дар ҷаҳон,
Ман ба ёди худ нигаҳ дорам аён
Чеҳраҳои тираи ғамнокро,
Синаҳои чок-чоки покро,
Дастафшону ҳаросон дӯстро,
Ҳайкали аз устухону пӯстро.
Мо шудем аз ҳашт боғи як чаман –
Ҳашт республикаю аз як ватан,
Меҳмони кишваре, ки халқи он
Умрҳо аз бахт меҷӯяд нишон.
Меҳрубон будем мо бо якдигар
Мисли фарзандони як модар, падар.
Мо ҳама гуфтем дар чандин забон:
«Меравем акнун ба сӯи хонамон!»
«Дӯст» гуфтам, чун бидидам, ки шумо,
Дида бикшодед ғамгинтар ба мо…
Хубтар кардам нигаҳ ман сӯи дӯст,
То барам бо худ нишон аз рӯи дӯст:
Сӯи он рухсору чашмони сиёҳ
Бо муҳаббат менамудам ман нигоҳ.
Дида, дидам, чун чароғи мурдае,
Рӯй, дидам, чун гули пажмурдае.

Гуфтам: аз чӣ боғатон тороҷ шуд?
Ё ки марвориди рӯи тоҷ шуд?!
Халқи онро кӣ чунин хораш намуд?
Дар парешонӣ кӣ водораш намуд?
Ҷустуҷӯ кун боғбонро, зуд ёб,
То назар созад ба ин боғи хароб,
То дарахти хушкро аз бунканад,
Пистаҳои пучро дур афканад.
То бирӯёнад дарахти дигаре,
Шохи нав рӯёнаду барги таре.
Чун бигуфтам: «дӯст», ту гуфтӣ ба ман:
«Нест қиматтар ба дунё з-ин сухан.
Кай шавад рӯзе, ки пайвандем мо?
Шодмон мисли шумо хандем мо?
Кай шавад рӯзе, ки дар чандин забон
Мо ҳам орем аз дилу ҷон «хонамон!?»
Узви як хона чаро мо нестем?
Аз чӣ ҳоло бо шумо мо нестем?
Нест дар мулки шумоён золиме,
Не фақиру не гадо, не ҳокиме.
Соҳиби зебоватан гардидаед,
Ҳокими боғу чаман гардидаед».
Гуфтию бурдӣ дами худро фурӯ…
То даме ки бо ту будам рӯ ба рӯ.
Шуд вазон боди фараҳноки баҳор,
Як умеди нав ба дилҳо кард кор.
Дар лабони хушку бенам шуд падид
Ғуссаи садсолаи касношунид;
Дар бари рухсора аз чашмони тар
Рехт мисли жола хуноби ҷигар.
Дар фазои тира овози ҷавон
Рафт то авҷи сурайё барқсон:
«Мо ба монанди шумо хоҳем шуд,
Дур аз ҷавру ҷафо хоҳем шуд!»

Паҳн шуд дар кишвари андӯҳгин
Аз дили пурҷӯш овозе чунин:
«Доимо овар ба ёдат рӯи мо,
Чашми уммедат макан аз сӯи мо!
Мешавад рӯзе ки аз зери саҳоб,
Аз паи шаб мебарояд офтоб!»
Мурғи пӯлодини мо пар боз кард,
Корвони турнаҳо парвоз кард,
То барад моро ба оғӯши Ватан–
Дар ҷаҳон ноёб мулки хештан.
Дӯстон монданд дар аэродром
Бо дуруди дӯстию эҳтиром.
Дурам, аммо ёди ёрон мекунам,
Ёди он чашмони гирён мекунам;
Мекунам ёди дили садрешро,
Мефиристам ман суруди хешро…
Гар ту пурсӣ: дар куҷо ин кишвар аст,
Дар кадомин нуқтаҳои меҳвар аст?
Дар кадомин соҳили дарё бувад?..
Гӯямат, ки: –- дар дили ман ҷо бувад!
Гар ту пурсӣ: роҳ чандинрӯза аст,
Ин гапи дирӯза ё имрӯза аст?
Гӯямат, ки: роҳ наздик асту бин
Дидаамро бо ду чашми тезбин.
Чашми ман гӯё ки меҷӯяд мудом
Сояи он дӯстонро субҳу шом.
Номи онҳо аз дилам ояд ба лаб
Ҳам ба бедорию ҳам дар хоби шаб.
Мешавад шаҳре ки дидам, ҷилвагар
Дар назар чун сӯхта рӯи қамар.
Дар фазо мегардад аммо ин садо:
«Мешавем озод монанди шумо!
Доимо овар ба ёдат рӯи мо,
Чашми умедат макан аз сӯи мо!»

*1948*

## САЙЁҲИ ҲИНД

*Ба ту, хонандаи азиз, аз нав*
*Менамоям мурочиат, бишнав:*
*Бо хаёли диёри Ҳиндустон,*
*Ҳиндуи номуроди рӯи ҷаҳон,*
*Кишвари мардуми ҷигарпора,*
*Халқи бехонумони бечора,*
*Хоби шабҳои хуш ҳаром кунам,*
*Қиссаи хешро давом кунам.*

Кӯдаке мегашт бо қуттии худ
Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.
Метавонистӣ, ки дар чашмони ӯ
Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ.
Медавид он ҳар тараф бо ҷустуҷӯ,
Сӯи ҳар як раҳгузар оварда рӯ.
Огаҳӣ медод симои писар,
К-омадаст ин ҷо вай аз мулки дигар.
Ӯ нарезондаст хуни нофи худ
Дар ҳамин шаҳри лаби баҳри кабуд.
Гашт маълумам, ки афғонбаччаест,
Содаю гумроҳу нодонбаччаест,
Гашт маълумам, ки меҳмон омадаст,
Меҳмон аз мулки афғон омадаст.
Гуфтам: «Эй сайёҳи ҳинди кобулӣ,
Кӯдаки хурдию дар ҳукми гулӣ.
Ҷисми хурдатро ба пушти Ҳиндукуш
Кӣ ҳаво дод, аз чӣ мегардӣ хамӯш?
Ё туро бахти сиёҳат рондааст?
Боди афғонӣ магар паррондааст?
Баҳри чӣ кардӣ, ту, эй наврасписар,
Аз сари кӯҳи Сулаймонӣ[1] гузар?

[1] Кӯҳи Сулаймонӣ-кӯхест дар миёни Афғонистон ва Ҳиндустон.

Ё касе гуфтат, ки дар Ҳиндустон
Ризқи инсон аст чун оби равон?
Ҳар чӣ мехоҳӣ, ту пайдо мекунӣ,
Нозу неъматҳо муҳайё мекунӣ,
Мекунӣ пур доманат аз чормағз,
Аз бананҳову апелсинҳои нағз.
Меравад дар ҷӯйҳояш ҷои об
Дар тамоми фаслҳо ширу шароб.
Балки овардӣ ту ҳангоми сафар.
Ҷаннати афсонавиро дар назар.
Хостӣ ё аз ҷаҳонгардон шавӣ,
Навҷавон сайёҳи Ҳиндустон шавӣ.
Ин замин кардаст аз даври куҳан
Фикри оламро асири хештан,
Дар фироқи он Сикандар шуд кабоб,
Бобуру Темурҳо хоку туроб.
Кард Да Гама[1] ба рӯи баҳрҳо,
Чун ҳубоби хонабардӯше шино.
Лордҳои англисӣ дер боз
Рафтуо доранд монанди «миҷоз».
Хуб медонам, ки сӯи ин диёр
Н-омадӣ монанди қавми судхор.
Н-омадӣ, то ки ҷаҳонгирӣ кунӣ,
Зулми нав бахшию ҷонгирӣ кунӣ!
Н-омадӣ то хуни ҳиндуро хӯрӣ,
Бахти бад орию нафъи сад барӣ,
Омадӣ, ёбӣ ту нони хешро,
Зинда дорӣ хурд ҷони хешро,
Гушнагӣ партофтат бехайру хӯш,
Дар паси кӯҳи баланди Ҳиндукуш.
Эй ҷаҳонгарди ҷавони кобулӣ,
Кӯдаки хурдию дар ҳукми гулӣ.

---

[1] Васка Да-Гама – португалӣ, соли 447 роҳи баҳрҳои атрофи Африқоро бо Ҳиндустон кушодааст.

Баччагон бояд, ки дар ин синну сол
Баҳраҳо гиранд аз фазлу камол;
Баҳраҳо аз давлати умри ҷавон,
Аз навозишҳои хандон модарон;
Баҳраҳо аз рӯзгори пурумед,
Аз шукуфтанҳои иқболи сафед.
Дар диёри аъзами пуршони ман,
Эҳ, чӣ хушбахтанд фарзандони ман.
Мешавад ояндаи онҳо аён
Пеши чашми ман чу дунёи калон.
Бахти ту дар ин диёри бепаноҳ,
Худ сияҳ буд боз бадтар шуд сиёҳ.
Дар хиёбон улфати ғам мешавӣ,
Пеши пои нокасон хам мешавӣ.
Мекунӣ бо рангу бори хеш пок,
Мӯзаҳои бахтдуздонро зи хок.
Аннаеро[1] чун худоӣ медиҳанд,
Назр гӯё бар гадое медиҳанд.
Хонадонеро ту бо ин аннаҳо
Менамоӣ «сер» гӯё доимо.
Ҳам падар, ҳам модари бекори ту
Чашм баста дар раҳи бозори ту.
Мисли ту сайёҳи хурди номурод,
Дар ҷавонӣ ман надидам рӯзи шод.
Мешунидам аз падар шабҳои тор
Мисли ту афсонаҳои бешумор.
Ӯ ба ман мегуфт: «Дар самти ҷануб
Кишваре бисёр зебояст хуб.
Сурати он мамлакат дигар бувад,
Обҳояш нуқра, хокаш зар бувад.
Пасттар ҳар сол гардад офтоб,
Як қади найза ба рӯи хоку об».

[1] Анна - пули майдаи Ҳиндустон

Ман кунун аз мулки хуррам омадам,
Чун вакили халқи аъзам омадам.
Омадам, дидам туро бо чашми худ
Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.
Медавӣ, бо чашми пурнам медавӣ,
Пеши пои нокасон хам мешавӣ.
Мекунӣ бо рангу бори хеш пок
Мӯзаҳои бахтдуздонро зи хок.
Эй ҷаҳонгарди ҷавони кобулӣ,
Кӯдаки хурдию дар ҳукми гулӣ.
Ҳайфам ояд, ки ту дар ин синну сол
Мондаӣ бебаҳра аз фазлу камол.
Дузди бахти халқҳо минбаъд боз
Пои худро сӯи ту созад дароз,
Хоки пояшро набояд пок кард,
Пок аз он бояд ки акнун хок кард!

## ТОҶМАҲАЛ

Дар лаби рӯди Ҷамна дидам ман
Қасри монанди моҳ нурафкан.
Ёдгори қадим – мақбарае,
Пурҳашам, дилпазир манзарае.
Ҳар касе, ки ба ӯ назар андохт,
Соате чашми худ мунавваро сохт.
Дасти инсон ба бурҷи ин кишвар
Машъал афрӯхтаст аз мармар.
Ба гумонам, ки осмон шуда паст,
Бар замин ё маҳи фалак биншаст,
Ё самову замин тагу рӯ шуд,
Моҳ ду паллаи торозу шуд.
Ё дар ин мулк халқи бечора
Рух кунад равшан аз ду маҳпора,

Ё магар Агра[1] - шаҳри вайрона
Гашта бо моҳи пурра ҳамхона,
Ё дили шаҳр солҳои дароз
Сӯзад аз доғи нозанин Мумтоз[2]
Ё ки аз «ишқу меҳри» Шоҳи Ҷаҳон[3]
Шуълае монда то ҳанӯз нишон.
Рост гӯям, на ину на он аст,
Ҳама осори дасти инсон аст.
Халқ афрӯхт аз ҳунар машъал,
Номи онро гузошт Тоҷмаҳал.
Аз лаби Ҷамна бар ту ин матлаб
Ба канори васеи баҳри Араб
Рав, ҳикоят намой аз Бамбай,
Аз пурошӯб кӯчаҳои вай.
Бин, ки ғоратгарон ба макру фиреб
Шуда меҳмони Бамбай аз Мағриб.
Сохта дар канори баҳри кабуд,
Меҳмонхонае бо майли худ.
Номи онро ниҳода Тоҷмаҳал,
«Мекунад он ҳаёти ҳинду ҳал».
Бамбайи беқарори пурғавғо
З-ӯ иваз шуд ба маркази савдо.
Маркази боби фитнаҷӯӣ шуд,
Ҳар кафандузду мардашӯе шуд,
Байни савдогарони вискинӯш[4]
Меравад рӯзу шаб харидуфурӯш.
На фақат мондаанд дар савдо
Буду нобуди халқи ҳиндуро,

---

[1] Агра-- шаҳрест, ки дар он мақбараи Тоҷмаҳал воқеъ шудааст.
[2] Мумтоз – зани бемаҳал вафоткардаи Шоҳи Ҷаҳон. Тоҷмаҳалро шоҳ ба хотираи ӯ созондааст, ки қабри Мумтоз дар он ҷост.
[3] Шоҳи Ҷаҳон – шоҳи давлати бузурги муғулҳо дар Ҳиндустон (асри XVII)
[4] Виска – шароб.

Наякӣ карда ширaи норанҷ,
Ҷустуҷӯ мекунанд симу ганҷ.
Ғарбию осиёии судхӯр
Ҳар ду бардошта сар аз як гӯр.
Як тараф қадбаланд америкоӣ
Истода чу турки яғмоӣ,
Як тараф англисӣ бадбунёд
Мекунад ҳилаҳои нав эҷод.
Чанд аз ҳиндувони оқипадар,
Зархаридони қувваи доллар,
Дар миён чун ғуломи ҳалқабагӯш
Монда шаъни диёри худ ба фурӯш.
Монда ҳам хуну ҷони ҳиндуро,
Ҳам сафед устухони ҳиндуро.

***

Дар канори васеи баҳри кабуд,
Шаҳри Бамбай ситода нохушнуд,
Меҳмонхона ё ки «Тоҷмаҳал»,
«Менамояд ҳаёти ҳинду ҳал».
Меравад рӯзу шаб бад-ин минвол,
Ин хариду фурӯши ҷоҳу ҷалол,
Аз канори халиҷи баҳри Араб
То ба он сӯи баҳрҳо ҳар шаб
Киштиҳо мераванду меоянд,
Ҳеҷ аз рафтуо наёсоянд.
Баҳр мешӯраду намедонад,
Ки чӣ гуна таронае хонад.
Мевазад бод кӯр-кӯрона
Ҳам суи дӯст, ҳам ба бегона,
Зистан мурда-мурда дар олам
Чӣ қадар мушкил аст бар одам…
Дар ҷаҳон насли одам одамвор
Зиндагӣ мекунад фақат як бор .

Гар нахандат ба рӯи ту ватанат,
Гар напошад гул аз сарат чаманат,
Гар надонӣ фароғати меҳнат,
Лаззати обу нони беминнат,
Гар надонӣ, ки савти булбул чист,
Рангу бӯи шукуфтани гул чист,
Гар надонӣ, кӣ мекашад нозат,
Ба кӣ таъсир дорад овозат,
Гар надонӣ, ки ёвари ту кист,
Чун граждан ҳуқуқҳои ту чист,
Кас нагӯяд, ки комронӣ кард,
Зиндае буду зиндагонӣ кард…
Ман ки ҳастам граждани СССР[1],
Узви хушбахти хонадони кабир,
Тобеи давлати ҳақиқатдӯст,
Адлҷӯянда то ба хуну пӯст–
Дида рӯзи сиёҳи ҳиндуро
Сӯхтам ман ниҳон зи сар то по…
Ватанам, кишварам ба ёд омад,
Ёди дунёи халқи шод омад.

***

Боз дидам манораҳои Кремл,
Нурафшон ситораҳои Кремл.
Ман шунидам садои соати он,
Хондани гимни[2] пуршаҳомати он,
Ман бидидам, ки гирди роҳнамо
Гирд биншаста халқҳои мо.
Менамоянд дар дили Маскав
Маслиҳат аз вазифаҳои нав.
Дар миёни бародарон хандон
Як нафар аз вакили тоҷикон

---

[1] СССР -- ИҶШС, Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ Сотсиалистӣ.
[2] Гимн -- суруди миллӣ.

Мерасонад бузург хоҳиши халқ,
Чун депутат[1] ҳама супориши халқ,
Аз дили халқ ҳар чӣ меояд,
Давлати мо ҳам он бифармояд.

***

Лек дидам, чӣ гуна дар Бамбай
Маслиҳат мекунанд пай дар пай.
Байни савдогарони вискинӯш
Меравад рӯзу шаб хариду фурӯш.
Ҳиндуи побараҳна дар паси дар,
Мекунад пурғазаб ситода назар.
Ӯ ҷавобан ба ин харидуфурӯш
Кард овози чархҳо хомӯш.
Зиндагӣ бозмонд аз ҳаракат,
Мухтасар гум шуд аз замин баракат.
Гуфт: «Ин аст зӯри коргарӣ,
Дар раҳи бахт ҷаҳди ранҷбарӣ.
Косаи сабри мо, ки лабрез аст,
Ғазаби мо чу теғи дамтез аст.
То кай овози мо надорад асар.
То ба кай мо ғуломи фармонбар?
Дар лаби ҷӯю ташнаи обем,
Ёр дар хонаю намеёбем.
То кай ин ҷаҳдҳо амал накунанд,
Рӯдҳо роҳи худ бадал накунанд.
Тира то кай ситораи бахт аст,
Ганҷ дар хона, диданаш сахт аст.
Нашавад сер чашми дунёдор
Ҳеҷ аз симу ганҷи бемиқдор.
Аз қадим аст ин масал машҳур
Дар миёни ҷамоаи муздур:

---

[1] Депутат -- вакил

«Чашми дунёпарастро танҳо
Мекунад сер хоки гӯри сиёҳ».
Душмани пурфиреби дерина,
Ки ба рӯяст мисли оина.
Боз гӯям, ки ман ғуломи туам,
Мефурӯшад ба дигаре он дам.
Бояд онро зи мулк пеш кунем.
Фикри осудагии хеш кунем
Қадами «ворисони» Шоҳи Ҷаҳон
Канда гардад зи хоки Ҳиндустон.
Душманон рафта дӯстон оянд,
Бо дили соф меҳмон оянд.
То кушоям ба наздашон шодон
Нозу неъматнисор дастурхон.
Ту фурӯзанда мон чу як машъал,
Дар лаби рӯди Ҷамна, Тоҷмаҳал!

## ДАР ОРЗУИ ОШЁН

Ба умри худ магар дидӣ касеро,
Ки аз рӯи замин безор бошад,
Ба фикри осмони беғубору
Қадамнорас сари куҳсор бошад.

Кунад парвоз монанди уқобон,
Ба ҳар ҷо, ки дилаш хоҳад нишинад.
Дигар ҷавру ҷафои золимонро
Ба дӯши худ на бардорад, на бинад.

На дигар бинаду сӯзад ба доғи
Замини зерипогардидаи худ;
Дили хунину пурдоғи фақирон,
Тани бо дарду ғам печидаи худ.

Сафар кардам ба Ҳиндустону дидам
Басе ин гуна мискин одамонро,
Ба гӯши хеш дар ҳар ҷо шунидам
Суруди орзу, умедашонро:

«Чаро дар кишвари худ ошёне
Ҳама парандагон доранду мо не?
Уқобон дар фазои кӯҳсорон
Барои худ ҷаҳон доранду мо не?»

Чу ояд шаб, намедонанд онҳо
Сари худро куҷо монанду хобанд,
Ба зери сар дар он шабҳои торик
Чӣ сон хишту кулӯхеро гузоранд.

Дарахти сершоху барги манго
Тамоми рӯзу шабҳо соябон аст,
Ба болои сари онҳо чу симурғ
Пари худро кушода посбон аст.

Ҳама деҳқону фарзанди заминанд,
Валекин дар замин ҷое надоранд,
Барои зистан дар рӯи дунё
Тамоми умр маъвое надоранд.

Ба шаҳр оянд агар, дар ҳеҷ шаҳре,
Ба рӯи худ дари бозе набинанд;
Ба ғайр аз толеи пасту сари сахт
Дигар ёрею дамсозе набинанд.

Замин сахту баланд аст осмон ҳам,
Тамоми шаб ситора мешуморанд;
Ба ғайр аз хорию зорӣ кашидан
Дигар гӯё илоҷе ҳам надоранд.

Дар ин ҳангом дасти пуртавоне
Гирифта аз бағал бардорад аз хок,
Бигӯяд: «Одамӣ ту, қадри худ дон,
Дигар маншин парешон бар сари хок!

Ба ин рӯзи сиёҳи мардуми Ҳинд
Надоранд обу хоки мо гуноҳе,
Агар хоҳӣ, ки бахти хеш ёбӣ,
Қадам неҳ бо адолатхоҳ роҳе.

Ба коми хеш кун кори ҷаҳонро,
Фазорову заминрову замонро.
Нахоҳӣ кард он дам орзуи
Саодатмандии паррандагонро».

*1948*

## ҚАДАҲИ МАН

Дидани ғоратшуда Ҳиндустон,
Ҳолати тоқатшикани ҳиндуён;
Дидани як тӯдаи бедарду ғам,
Мардуми бегона зи лутфу карам;
Дидани бечора гадоёни роҳ,
Мурдани сад марду зани бепаноҳ;
Дидани бегонаи шайтонҳунар,
Аз паси шайтонии худ судвар;
Дидани майдони бародаркушӣ; -
Сохтан аз хуни касон дилхушӣ;
Дидани як сӯ ҳама вайронаҳо,
Сӯи дигар серқабат хонаҳо;
Дар дили мо кӯҳсифат зам шуданд–
Кӯҳи бузурги аламу ғам шуданд.
Манзараи боғу чаманҳои хуб,
Софу кабудии самои ҷануб,

Болу пари қомати нахли кабуд,
Бешаи беқадду бари хушнамуд,
Гардиши шаббодаи дарёи Ҳинд,
Шуълаи моҳи нави шабҳои Ҳинд,
Хотири моро нанамуданд шод,
Мо Ватани хеш намудем ёд.
Ёд намудем насими Ҳисор,
Алмаато- мамлакати себзор,
Ёд намудем канори Хазар,
Водии Фарғонаи шаккарсамар,
Қуллаи Помир, яхи Элбрус,
Волга - ҳамон модари дарёи Рус.
Ёд намудем рафиқони худ,
Халқи пур аз меҳнати шоёни худ.
Кист дар ин гуна дами пурмалол
Суҳбати ёрон нанамояд хаёл;
Кист нахоҳад дами беғам занад,
Лашкари ғам яксара барҳам занад.
Кай равад аз хотиру аз ёди ман
Суҳбати як оилаи ҳамватан.
Монда ба мағзи дилу ҷонам ниҳон
Вохӯрии якшаба бо дӯстон.
Вохӯрии якшабаи дури мо
Кард сабуктар алами зӯри мо
Боғчае дар дили Калкутта буд,
Шаъну шараф ёфта аз аҳли худ.
Чанд тан аз халқи дусад миллион
Карда ба худ боғчаеро макон,
Қарзи граждонӣ адо мекунанд
Бар Ватану халқ вафо мекунанд.
Монда агарчи зи Ватан дур чанд,
Бо Ватан аммо нафаси худ кашанд.

Кай равад аз хотиру аз ёди ман
Суҳбати як оилаи ҳамватан?
Буд дар он боғчаи хурду танг
Ҳусни табиат ҳама хушобу ранг,
Ҳусни табиат ҳама ҳиндуӣ буд,
Бод фишонандаи хушбӯӣ буд.
Боз ҳамон палмаи товуспаре,
Чатр ба сар қомати сарви таре,
Боз ҳамон ҷилваи найзорҳо,
Найшакару хубии гулзорҳо.
Боз ҳамон бозии санҷобҳо,
Варзиши ҳаррӯза зулол обҳо,
Боз ҳамон маймуни рӯсӯхта,
Кирми чу гавҳар ба шаб афрӯхта,
Боз ҳамон моҳу ҳамон осмон,
Боз ҳамон зинати Ҳиндустон
Буд, вале одами он ҷо дигар,
Тарзи суханронии онҳо дигар,
Одати инсонию қонун дигар,
Фикр дигар, маънию мазмун дигар.
Боғчаи мамлакати дурдаст
Гашт ба ин суҳбати мо ҳамнишаст.
Суҳбати мо хуш буду хуш буд насим,
Боғ сафобахшу ҳаво буд ҳалим.
Ҳеҷ кас аз ҳеҷ касе дил наканд,
Чашм худ аз соҳиби манзил наканд
Рафт чу аз маъракаи мо қамар,
Кард фурӯзон рухи худро саҳар,
Дар кафи худ дошта ман ҷомро,
Ҷоми пур аз бодаи гулфомро,
Як-ду сухан хостам аз косагул,
Он сухан ин аст, ту ҳам кун қабул:
«Гар гузарӣ аз сари Қутби Шимол,
Аз сари дарё ту бароварда бол,

Гар гузарӣ аз сари чӯли Ироқ,
Мисли ҷигарсӯз навои фироқ,
Гар гузарӣ чун маҳи оламнамой,
Аз сари девори баланди Хитой,
Ғарб, агар Шарқ кунӣ ҷустуҷӯ,
Рӯи ҷаҳонро бикунӣ зеру рӯ,
Ҳеҷ наёбӣ ту дар ин моҳу сол
Одами хушбахти советимисол.
Аз Ватан он дур агарчи фитад,
Бо Ватан аммо нафаси худ кашад.
Рафта ба ҳар ҷо ки ниҳад пои худ,
Дур кунад ғам зи қадамҳои худ.
Пас ҳама нӯшем, рафиқон, шароб
Баҳри чунин одами олиҷаноб!»

*1948*

## КУЛОҲИ ПРОФЕССОР АХВЛЕДИАНИ

Суҳбате буд дар фазои ҷануб
Бо рафиқону дӯстони хуб.
Суҳбат аз ҳикмати забон мерафт,
Аз фазою ситорагон мерафт.
Васф мекард нуктадон шоир
Шафақи офтоби оламгир.
Олиме буд дар миёнаи мо
Улфати хуби беҳ зи ҷони мо –
Профессор Ахвледиани ном
Соҳиби фазлу устоди калом,
Пирамарди забоншиносе буд
Луғати зиндаи Ғиёсе буд!
Суҳбат аз ҳарфи хеш меҷӯшонд,
Ба сухан тоза ҷома мепӯшонд.

Гаҳ сухан аз санскрит[1] меронд
Гоҳ шеъре ба тоҷикӣ мехонд!
Гоҳ аз Шарқ ҳикмате мегуфт,
Мухтасар он дури сухан месуфт.
Бо чунин шавқ аз Грузия он.
Кард рӯзе сафар ба Ҳиндустон.

***

Офтоби Ҷануб сӯзон буд,
Боди чӯли Ироқ тафсон буд.
Рӯз мерафту шаб қарин мешуд,
Фикри мо, ёди мо замин мешуд.
Зери по шуд халиҷи Форс падид,
Рӯи сар – осмони бехуршед.
Менамуд аз паси сиёҳии шом,
Регзорони соҳили Ором,
Регзори ҷанубии Эрон –
Манзари тираи Булуҷистон,
Менамуданд хол-хол сиёҳ
Рӯи дарё ҷазираҳо нигоҳ.
Мурғи мо боли хешро ба замин
Кард во дар ҷазоири Баҳрин,
Зада фарёд чун гурусна шағол,
Кард моро шамол истиқбол,
Рехт он регу хок аз сари мо,
Чангҳо зад ба доману бари мо.
Чанд сарбози англисӣ ҳам
Сӯи мо омаданд маршқадам.
Пеши саф истода майоре,
Мӯйлабзард марди айёре.
Менамуд аз раҳи риёкорӣ
Ӯ адо расми меҳмондорӣ.

---

[1] Санскрит– номи забони қадима.

Буд пайдо, ки бо қиёфаи сард
Зери лаб заҳрхандае мекард.
Шуд ба ҳукму ишорати майор
Рӯйбаста машинае тайёр.
Хост майор, ки барад пинҳон
Ҷониби хобгоҳ меҳмонон,
Бурд ин дам шамол сӯи ҳаво
Кулаҳи Ахвледианиро.
Профессори мо парешон шуд,
Аз қафои кулаҳ шитобон шуд.
Лек майор тезу тунд давид,
Монеи роҳи пири мо гардид.
Рӯ ба рӯ омаданд як муддат
Субҳи пурнуру шоми пурзулмат…
Ба чунин расм пир ҳайрон монд,
Ақлошуфтаю ҳаросон монд.
Бод мебурд чун кулоҳашро
Ӯ намеканд аз он нигоҳашро.
Ба ҳаво буд кулоҳ дар парвоз
Ҷониби он майор дар таку тоз.
Лаҳзае рафту соате бигзашт,
На кулаҳҷӯю на кулаҳ баргашт,
Мо нишастем оқибат ба машин,
Буд аммо рафиқи мо ғамгин.
Ғусса мехӯрд, ки шамоли шум
Ногаҳон кардаш аз кулаҳ маҳрум.
Сад қадам дуртар аз аэродром
Шуд ба назди даре машин ором.
Якшаба хобгоҳи мо он буд,
Ки пиёда равем ҳам мешуд.
Лек майор бадгумонӣ кард,
Ҳилаю кӯшиши ниҳонӣ кард,
То ки меҳмонҳо «гунаҳ» накунанд,
Гирду атрофро нигаҳ накунанд,

То набинанд сирру асроре,
Нагузоранд аз худ осоре.

***

Ман бихуфтам ба рӯи дивани хурд,
Хоби ошуфтапир ҳеҷ набурд
Бо умеде қадамзанон он мард
Чашми худро ба сӯи дар мекард.
Шояд ин ки кулоҳи бодсавор
Аз сафар бозгардад охири кор.
Кӯфт ногаҳ касе дари моро,
Аз паси он майор шуд пайдо,
Узрхоҳӣ намуда дод кулоҳ,
Кард таъзиму рафт пас, онгоҳ
Мисли гул Ахвледиани шукуфт,
Тифлсон ханда карду ҳеҷ нагуфт.
Гуфтам: «Эй дӯстам, кулоҳи шумо
Дид он чӣ ки буд ниҳон аз мо.
Ҳайф, медошт гар кулоҳ забон
Сафарашро ҳикоя мекард он»
- Метавонед, эй рафиқи азиз,
Набаред бар кулаҳ ҳасад ҳаргиз,
Ман муфассал шунидаам кайҳо
Сирру асрори ин ҷазоиррро.
Метавонам, ки ман баён бикунам
Қиссаҳои халиҷи Форс ин дам.
Аз забони кулоҳ олими мо
Кард оғоз ин ҳикоятро:
«Чун нишастам ба рӯи аспи шамол,
Пеш омад маро аҷаб иқбол:
Ҳар тараф лашкаре фузун дидам,
Тӯпу тайёраҳои ғун дидам.
Дидам анвои киштии вазнин,
Сангару қалъаҳои пӯлодин,

Ҳар тараф ганҷҳои бемиқдор,
Пурбаҳо нефт-конҳо бисёр.
Дидаам тӯдаи ғуломонро
Пою сарҳо бараҳна инсонро.
Писару духтарони бекасу кӯй,
Арабу форсҳои маъвоҷӯй.
Чун ба болои сар маро диданд
Ҳама шодон ба ман дарафтиданд,
Чор ҳарфи навиштаро хонданд,
«СССР!» - гуфта дар забон ронданд.
Ин суханро майор чун бишнид,
Ранги он мисли коҳи гил коҳид.
Наъра зад чун паланги дарранда
Ӯ сӯи ҳар ғулому ҳар банда.
Кард бо нӯги тозиёнаи худ
Пушти бечорагон сиёҳу кабуд.
Гуфт: «Ин моли болшевикон аст,
Бинадаш ҳар кӣ номусулмон аст!»
Сахт дар қабзи худ маро афшурд,
Наздат оварду боадаб биспурд»
Кард аз пушти дар касе шавқун,
Ки «Наяфшурдаам туро, бас кун!»
Мо дари хона зуд во кардем,
Нигаҳ аз пушти беҳаё кардем,
Ҳар ду дидем, ки ҳамон майор
Меравад хашмгин дар коридор.
Гуфтам: ин шахс кард ҷосусӣ,
Мезанад гап шикаста бо русӣ.
Дӯстам Ахвледиани маро
Хуб фаҳмиду гуфт: дар дунё
Ин парастандагони молу зар,
Дӯстдорони хокҳои дигар
На фақат золиманду ҷаллоданд,
Балки ҷосусҳои устоданд.

Бандагонро бародарон гӯянд,
Ҳабсу зиндон- доминион гӯянд…
Беҳтараш ин ки ҳарду хоб кунем,
Тарки ин фикри пуразоб кунем.
Сафари мо ҳанӯз дар пеш аст,
Тай нагардида роҳи мо беш аст.

*1948*

## ДУ РОҲ

Сар шуд  ин парвози мо аз роҳи  дур
Рӯ ба сӯйи кишвари иқболу нур,
Мепаридем аз сари чандин диёр
Рӯ ба сӯйи сарзамини навбаҳор.
Мепаридем аз сари роҳи қадим,
Роҳи чандинасраи пурхавфу бим, –
Роҳи  Қуръону Мадоин, роҳи дин.
Роҳи зарҷӯяндагон то Ҳинду Чин,
Роҳи Фиръавну раҳи пайғамбарон,
Роҳи Нилу Даҷлаи аз хун равон,
Роҳи чандинасраи ғоратгарӣ,
Роҳи нангорандаи одамхарӣ.
Мепаридем аз сари чандин диёр,
Аз сари Байтулмуқаддас шуълавор,
Аз сари хоки Фаластину Ироқ–
Дашту саҳроҳои майдони нифоқ.
Мепаридему фазо хомӯш  буд,
Моҷарое дар замин пурҷӯш буд.
Моҷарое буд дар ин сарзамин
Аз барои пахтаи абрешимин,
Моҷарое дар сари рангин фулуз,
Аз барои ҳукмронию нуфуз.
Бӯйи бензин – нефт аз ин баҳру бар
Меравад то қитъаҳои бохтар,

То  дари контори Уолл– стрит
Мебарад аз ганҷу маъданҳо «навид».
Меравад бо абрҳои осмон
То паси уқёнус он сӯйи ҷаҳон.
Меравад, меорад аз иқлими дур
Бар сари ин сарзамин иғвою шӯр.
Дар Ироқ оварда он бисёрҳо
Коммунистонро ба рӯйи дорҳо.
З-ӯ дар Эрон зулми нав эҷод шуд.
Дори нав, зиндони нав бунёд шуд.
Дидаам дар шаҳри Теҳрон манзаре,
Манзари пурдаҳшату марговаре.
Тӯпхона ном майдоне дар он
Қатлгоҳе гашта  бар номоварон.
Сулҳҷӯёнро ба он майдон баранд,
Гардад аз зери замин доре баланд.
Муддате чун бигзарад, гардад ниҳон
Дор бо он ҷисми қурбонгаштагон.
Мепаридем аз Ҷануб, аз роҳи дур
Рӯ ба сӯйи кишвари иқболу нур.
Роҳи дунёи куҳан мешуд тамом,
Роҳи нав медод сӯйи мо салом,–
Роҳи равшан мисли субҳи пурсафо,
Роҳи сидқу дӯстии халқҳо,
Роҳи азми оҳанин, роҳи сабот,
Роҳи инсонпарварӣ, роҳи ҳаёт,
Роҳи фикри болшевики номдор,
Роҳи халқи аъзами пуриқтидор.
Меравад ин роҳ пинҳону аён
То ба дилҳои ҳама халқи ҷаҳон.
Меравад он бо қадамҳои азим
То ба Ню-Йорку ба Лондону ба Рим.
Қувваи ӯ зӯртар аз доллар аст,
Зӯртар аз банкҳои пурзар аст.

Зӯртар аз душманони роҳи мост,
Зӯртар аз Маршаллу атомҳост.
Меравад он бо ливои ленинизм,
Сӯйи тобон қуллаҳои коммунизм.
Аз барои халқҳо – навъи башар
Нест ҳаргиз ғайри он роҳи дигар!

*1948*

## БА ДУХТАРИ ТОҶИК

Духтари тоҷик, мо хонанда дар тӯи туем,
Шодмон сар то ба по чашме, ки бар сӯи туем.
Аз ҳамон рӯзе, ки кардӣ пок ашки чашми худ,
Ошиқи пурхандалабҳои туву рӯи туем.

Ҳар нигоҳат шоҳиди барҷастаи даврони мост,
Ҳар табассум дар лабонат ғунчаи хандони мост.
Ҳар як овозе, ки аз ту мерасад дар гӯши мо,
Муждаи нав аз бузургиҳои фарзандони мост.

Мисли абре давраи пуроҳувоҳи ту гузашт,
Давраи нав сар шуду рӯзи сиёҳи ту гузашт.
Дар замони куҳна, гӯё, бандаи осӣ будӣ,
Ин ҷаҳони нав тамоман аз «гуноҳи» ту гузашт.

Роҳи ту чун қуллаҳои кӯҳсорон шуд сафед,
Пеши рӯят боз гардиданд дарҳои умед.
Мӯи ту дигар дарозу ақли ту кӯтоҳ нест,
Аз касе ин туҳмати ноҳақ нахоҳӣ пас шунид!

Меҳнати пурифтихори зиндагонӣ аз ту шуд,
Номи пуршаъну баланди қаҳрамонӣ аз ту шуд.
Ҳар чӣ дорад ин Ватан, дороии мову туанд,
Санъату илму ҳунар, ишқи ҷавонӣ аз ту шуд.

Бе ту кай медод бахти ҷовидон моро салом?
Бе ту меомад магар субҳи сафо аз пушти шом?
Зиндагонӣ кардани мо бе ту номумкин бувад,
Гар нафас гирем мо бе рӯи ту, бодо ҳаром!

Чашмаҳо дар ҷӯш оянд аз хурӯҷи кори ту,
Пар кушояд боз пеши дидаи бедори ту.
Босаодат кишвари гулкардаи озоди мо
Сад баҳорон оварад, гардида миннатдори ту.

Модари пуршафқати созандаи даврон туӣ,
Даст бар гаҳвораи хушбахт фарзандон туӣ.
Аввалин ҳарф аз ту омӯзанд тифлон, з-ин сабаб
Пояи мустаҳками фардои олишон туӣ.

Мекашад рассоми моҳир акси дилҷӯи туро,
Дояи иқбол бофад кокули мӯи туро.
Менависад бо хати зар котиби таърихи мо
Корҳои бемисолу бахти некӯи туро.

*1948*

## ХОНАИ МО ОН ҚАДАР ҲАМ ДУР НЕСТ

### I

Гуфта будиям, ки меҳмон мешавӣ,
Дар тани ҷонпарварон ҷон мешавӣ.
Рӯзу шабҳо интизорам ман ҳанӯз,
Бо дили уммедворам ман ҳанӯз.
Канда шуд дар роҳи ту чашмони ман,
Кай ту меоӣ? Биё, ҷонони ман!
Хонаи мо он қадар ҳам дур нест,
Гарчи дар чашми шумо манзур нест.

### II

Ҳар ду дар як шаҳри нав сабзидаем,
Ҳар ду онро ҷону дил бахшидаем.
Шаҳри мо монанди боғу гулшан аст,
Манзили сайру тамошо кардан аст.

Сӯи мо гар бо суроғе меравӣ,
Аз миёни кӯчабоғе меравӣ.
Хонаи мо он қадар ҳам дур нест,
Гарчи дар чашми шумо манзур нест.

**III**

Менамоям ёду меҷӯям туро,
Бевафо, бераҳм мегӯям туро.
Хуб мешуд, ки ту ҳам ёде кунӣ,
Ёд аз мо бо дили шоде кунӣ.
Гарчи то имрӯз будӣ камнамо,
Баъд аз ин инсоф кун, ҷонам, биё!
Хонаи мо он қадар ҳам дур нест,
Гарчи дар чашми шумо манзур нест.

*1948*

## БАҲОРИЯ

Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.
Пас аз боридани борони найсон
Чӣ зебоянд дашту кӯҳсорон.
Баҳор омад, чаман гулпӯш омад,
Дили мо, баччагон, дар ҷӯш омад.

Давидему ба сӯи боғ рафтем,
Ҳама монанди гул болида гуфтем:
Дарахти нав ба боғи нав шинонем –
Дарахти себу шафтолу расонем.
Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.

Ҳамон соле, ки онҳо бор оранд,
Ба мо хурсандии бисёр оранд.
Мичуринвор бояд ҳар ҷавоне
Намояд кашф сирри боғбонӣ.

*1948*

## БА А.С.ПУШКИН

Шоири аъзам! Ту кайҳо шабнишинам кардаӣ,
Хешро монанди ҷону дил қаринам кардаӣ,
Шеърҳоятро рафиқи беҳтаринам кардаӣ.
Меравам аз хона берун бо ту ҳангоми саҳар
Ман ба истиқболи рӯзи пуршукӯҳу пурзафар.

Меравад осори ту акнун ба ҳар баҳру баре,
Чун умеду орзӯи халқ дорад ӯ паре,
Мепарад озод дар болои ҳар як кишваре.
Бо суруди халқҳои мо ҳамовозӣ кунад,
Бо кабӯтарҳои табъи шоирон бозӣ кунад.

Месурудам ман шабе ҳар мисраи шеъри туро,
Дар забони тоҷикӣ медод такроран садо.
Духтарам Фирӯза ҳам мегуфт, ки: «Ман борҳо
Хондаам ин байтҳоро дар миёни баччагон»,
Ин садое буд, к-ояд аз забони тоҷикон.

Пушкин! Ту улфати пиру ҷавон гардидаӣ,
Узви ҳар як хонадони тоҷикон гардидаӣ,
Чун умеди одамият ҷовидон гардидаӣ.
Дар дили халқию умри халқ бошад пойдор,
Ҳайкали аъзам чу кӯҳӣ, кӯҳ бошад барқарор.

Бишнавам аз ҷӯшҳои чашмасор овози ту,
Аз шукуфтанҳои боғу пахтазор овози ту,
Аз дили колхозчиёни бахтёр овози ту.
Номи ту сабтест дар болу пари иқболи мо,
Дар китоби фатҳҳои рӯзу моҳу соли мо.

Бо ту вақти шеъргӯӣ менишинам рӯ ба рӯ,
Ҳалли ҳар мушкил намоям аз китобат ҷустуҷӯ,
Некбахт аст он, ки дорад чун ту устоди накӯ.
Қуллаи тобон туӣ, гар назм бошад ҳамчу кӯҳ,
Ёфт аз шеъри ту назми халқҳои мо шукӯҳ.

*1949*

## ДУ ДАСТРӮМОЛ

Гирифтам даструмоле, ки аз гул буд нозуктар,
Муаттар мисли гулҳои дарахтони самаровар,
Ба монанди дили софе, ки мебахшад туро дилбар,
Зи дасти духтаре, к-ӯ шуд ба фарзандони ман модар –
Зи дасти духтари тоҷик.

Ман аз ҷон дӯсттар дорам зану фарзандҳоямро,
Ба онҳо пешкаш кардам диёри пурсафоямро,
Насиби меҳнати ҳаққу ҳалоли рӯзҳоямро,
Намоям ҳифз фарзандони неки бовафоямро,
Ба монанди зани тоҷик.

Гирифтам дар Париж, дар Конгресси сулҳ ман рӯзе
Чунин як даструмоли сафеди пур зи гулдӯзӣ,
Зи дасти духтаре, ки буд дар уммеди фирӯзӣ –
Зи дасти духтари бодомчашме, ёри дилсӯзе –
Зи маҳбуби вйетномӣ.

Набуд ин даструмол аз барои ашкрезонӣ…
Ҳувайдо буд шуои зиндагӣ дар чашми хандоне,
Табассум дар лабонаш буд гувоҳи фатҳи майдоне,
Гувоҳи фатҳ бар хоби гароне: фатҳи ҳаққонӣ –
Ба фарзанди вйетномӣ!

Ба рӯи даструмол орзӯи ҷовидон овард,
Ливои сурх дар нақши Вйетном ӯ аён овард,
Нишони санъати дасти мубориз духтарон овард,
Навиде аз ҷануби дурдасти қаҳрамон овард,
Ба ман ёри вйетномӣ.

Қабул он ҳадяро чун ёдгори пурбаҳо кардам,
Чу ёди дӯстони қаҳрамон дар сина ҷо кардам,
Чу фарзанди советӣ з-ин муҳаббат фахрҳо кардам,
Ки аз жандарма пинҳонӣ чӣ сон сидку вафо кардам –
Ба савғо он вйетномӣ.

Рафиқони фарансузӣ, ки бо мо рӯ ба рӯ буданд,
Ҳама огаҳ аз ин савғои меҳмони накӯ буданд,
Ба фикри бахту иқболи мубориз халқи ӯ буданд,
Ба озодии мулки хеш ҳам дар орзу буданд –
Чу меҳмони вйетномӣ.

Ба вақти маҷлиси ҷӯяндагони сулҳ дар Маскав –
Диёри дурдастеро намудам ёд, шуд аз нав
Дурахшон даструмоли сафеди хурд чун партав,
Ба дил гуфтам: чӣ шуд бодомчашмат?
Дар суроғаш шав,
Биё, сӯи Вйетнам рав!

Магар дар бешаи Банбост ё дар водии Намбо?
Миёни кӯҳсорони Терумбо мениҳад поро?
Ба бандаргоҳи Сайгон аст, Хайфон аст? Дар ҳар ҷо
Мисоли байрақи озодии инсон бувад боло
Ба имдоди Вйетнам ӯ.

Нагардидаст хомӯш оташи рӯмол то имрӯз,
Ливои арғувонӣ ҷилва дорад чун рухи фирӯз.
Намояд дар раҳи озодии худ чеҳра рӯз аз рӯз
Фурӯзонтар ба монанди чароғи амниятафрӯз –
Ба болои Вйетном ӯ.

Фазои беситора мекунад дилтанг инсонро,
Замини сабзу хуррам рӯҳ мебахшад дилу ҷонро.
Намехоҳад касе дунёи тори мисли зиндонро,
Ту ҳам монанди мо нафрат намоӣ ҷангҷӯёнро,
Фидокори вйетномӣ!

Даме ки дар диёрат сулҳро подор мебинӣ,
Сафед ин рӯймолатро нисори ёр мебинӣ,
Чу духтарҳои моён идҳо бисёр мебинӣ,
Ба фарзандон худатро модари ғамхор мебинӣ!
Ту, эй ёри вйетномӣ!

*1949*

## БА БАРОДАРОНИ ҚАЗОҚ

Шеърхонӣ ба рӯзҳои тӯй
Расми дерин шудаст дар ҳар кӯй.

Месуруданд солҳои сол
Шоирон дар умеди нек-иқбол.

Буд садои адибҳои кабир
Гоҳ нарму латиф, гаҳ чун тир.

Ба дилу ҷони халқ буд азиз
Душманонро –
раҳиби хавфангез.

Дар раҳи бахти халқу толеи кул
Пир шуд оқини шумо Ҷамбул.

Халқи худро даме ки дид озод,
Гашт оқин ҷавону аз нав шод.

Дид озод мулки ҷононро,
Бахти имрӯзаи қазоқонро.

Дид бо чашмҳои пир оқин
Машъали аввалини рӯи замин.

Шуъла зад илми нав, маорифи нав
Чун шафақ рӯи қуллаи Алатав.

Чун расидаст фурсати пуршон –
Тӯйи сисолаи Қазоқистон.

Аз шукуфта диёри тоҷикон,
Водию сарбаланд кӯҳистон –

Мефиристем ин таронаи хеш,
Ин паёми бародаронаи хеш!

Месароем дӯстиро мо,
Ватани шуҳратафгани худро.

Халқи эҷодкори кишварро,
Байрақи Сурхи сулҳпарварро.

Рӯзи ояндаи Қароқумро,
Дар сари Волга тоза анҷумро.

Партия, раҳбари муаззамро,
Офтоби сари ҳар одамро.

Шеърхонӣ ба рӯзҳои тӯй
Расми дерин шудаст дар ҳар кӯй.

Мо, ки гӯяндагони давронем,
Шеър дар иди мамлакат хонем.

*1950*

## СУРУДИ СУЛҲ

Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,
Бо тапиданҳои бероми рӯзафзуни дил,
То яроқи тез гардида ба дасти дӯстон,
Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи рӯи ҷаҳон,
Дӯстони сулҳро то бахшад он илҳоми нав,
Минбари нав, нутқи нав,
аз фатҳи нав пайғоми нав.
Сулҳу амният таваллуд ёфт чун дар мулки ман,
Дӯст медорем онро мо ба монанди Ватан.
Обҳои кӯҳсорон сӯи саҳро мераванд,
Ҷониби хуршеди тобон донаҳо қад мекашанд,
Турнаҳо саф-саф ба иқлими баҳорон мепаранд,
Мардумони мо ҳам аз ҷон сулҳро мепарваранд!
Сулҳ – ҳамроҳ аст дар ҳар корат, эй эҷодкор,
Дар нигоҳи ошиқону дар суруди ёр-ёр.
Сулҳ дар гул-гул шукуфтанҳои ҷонон кишвар аст,
Дар шуои офтоби толеи баҳру бар аст;
Дар суруди аллаву бедор чашми модарон,
Хоби орому табассумҳои хуррам кӯдакон.
Сулҳ – дар уммеди дерини нажоди туркман,
К-ӯ биёбонро иваз созад ба боғи хештан.
Сулҳ монанди кабӯтар аз кафи милёнҳо
Дӯстони хориҷӣ парвоз дорад дар фазо.
Сулҳ бо имзои моҳо – мардумони фатҳёб
Менамояд нақшаҳои ҷангҷӯёнро хароб!

*1950*

# МАН АЗ ШАРҚИ ОЗОД
*(силсила)*

## МАН АЗ ШАРҚИ ОЗОД

Чаро ин қадар, дӯст, ошуфтаӣ,
Чу ҳарфи зарурии ногуфтаӣ?
Чаро мекунӣ бетаваққуф нигоҳ
Ба сӯям ту бо пурҳасад чашмҳо?
Надидӣ касе, балки, монанди ман,
Ту дар шаҳру дар кишвари хештан?
Нигоҳи ту бар ман «ҳасад» мебарад,
Хаёлат чаро ин қадар мепарад?
Нигоҳи ту ё ин ки донистанист:
Миёни ману ту- ду кас фарқ чист?
Чаро ман зафарманду ман сарбаланд?
Чаро ту ҳақиру чаро мустаманд?
Чаро аз рухи ман саодат падид?
Чаро ту дар уммеди рӯзи саид?
Чаро ман чу парранда озодбол?
Чаро бенасибӣ ту аз ин камол?
Чунинанд рамзи нигоҳат агар,
Шунав пас, ҷавобат диҳам мухтасар!
Ту ҳам мисли ман одамӣ, одамӣ,
Дар ин бора аз ман надорӣ камӣ.
Ту ҳам насли Шарқӣ, зи Шарқи азим…
Аз авлоди халқи қадимӣ, қадим!
Ба мулки ту ҳам ҳар саҳар офтоб
Барояд дурахшону олиҷаноб.
Баҳорон дар ин сарзамини ту ҳам
Ба ҳусни табиат кунад ҳусн зам.

Валекин аз ин офтобу баҳор
Нагирад дарахти умедат барор.

Аз ӯ нест суде ба заҳматкашон,
Фақат пур кунад ҷайби ғоратгарон.
Ба халқи ту ояд аз он бандагӣ,
Ба бегонагон - роҳати зиндагӣ.

Баҳори дигар дар диёри ман аст,
Баҳори пур аз шаъни марду зан аст:
На танҳо табиат бувад нозанин,
На танҳо бувад сабз рӯи замин.
На танҳо пуробанд дарёю рӯд
На танҳо сароянд мурғон суруд,
Баҳор - ин суруди нави меҳнат аст,
Сафои заминҳои пурсарват аст.
Ҳама боғҳоро шукуфтан аз ӯст,
Дили халқро шод гуфтан аз ӯст,
Нахи пахтаву дони гандум аз ӯст,
Фаровонии ризқи мардум аз ӯст.
Баҳор - ин садои трактори мост,
Пару боли тайёраҳои фазост.
Китобу қалам, во дари мактаб аст,
Ба кӯдак дурахшон роҳи матлаб аст.
Чунин аст фарқи ману фарқи ту!
Чунин аст Шарқи ману Шарқи ту!

Намоянд Шарқи туро дербоз
Лагадкӯбу помол мисли палос.
Ба сӯи ту оянд монанди «дӯст»,
Кананд аз тани дардноки ту пӯст.
Ғами зиндагонӣ, ғами рӯзгор
Туро об созад чу барфи баҳор.
Шабу рӯз бадхоҳи ваҳшимазоқ
Бихезонад аз сарзаминат нифоқ.
Зи Нйю-Йорк, Лондон фиристад мудом
Аҷалро ба халқи ту «боэҳтиром».

Туро нест боис, ки завқӣ аз он,
Аз ӯ сарбаландӣ кунӣ дар ҷаҳон.
Ту донӣ, ки Шарқи ман аз ин бало
Раҳо ёфт кайҳо, дар он халқҳо
Ба ҳам дӯстӣ, меҳрубонӣ кунанд,
Чу як ҷону тан зиндагонӣ кунанд.
Дар ин ҷост як хонадони азим,
Дар ин ҷост эмин кас аз хавфу бим.
Дар ин ҷост инсон азизу шариф,
Дар ин ҷост ҳар чиз хубу латиф;
Дар ин ҷо саодат ба воя расид,
Ғаму кулфати халқ гашт нопадид;
Аз ин ҷо ба Маскав, ба шаҳри азим
Раҳи халқи тоҷик шуд мустақим.
Расад партави офтоби ҳаёт
Зи Маскав ба ҳар шаҳру деҳот.
Диҳад ранги наҷми Кремл чун шафақ
Ба лаъли Бадахшон ҳазорон сабақ.
Насиме ки аз Нева хезад саҳар,
Расонад ба Ому баҳори башар.
Ҷилои яхи оби баҳри Шимол
Дурахшон кунад кӯҳи моро ҷамол.
Сари ман баланд аст, оре, баланд,
Ки Шарқи советист фирӯзманд.
Чунин аст фарқи ману фарқи ту!
Чунин аст Шарқи ману Шарқи ту!

Намуданд ҷанг аз барои Ватан
Маҳу солҳое падарҳои ман;
Намуданд ҷанг барои ҳаёт,
Барои саодат, барои наҷот.
Дар ин ҷанг чун рус сарлашкаре
Мадад кард бар халқи ҳар кишваре.

Ба болои сар пешвоёни мо
Ситоданд чун байрақи фатҳҳо.
Ту акнун дар ин раҳ сафар кардаӣ,
Ба ҳаққонӣ ин ҷанг сар кардаӣ.
Туро баъди бисёр сабру сукут
Кунун косаи сабр лабрез шуд.
Туро аз таҳи дил, мубориз рафиқ!
Ба монанди як дӯст ҳастам шарик.
Ба кори ту равнақ талаб мекунам,
Туро ёд ман рӯзу шаб мекунам.
Чунин аст фарқи ману фарқи ту!
Чунин аст Шарқи ману Шарқи ту!

*1950*

## ЧАШМҲО

Чашмҳо будаанд гуногун:
Баъзе ҷодугаранду пурафсун.
Ҳилаомӯз, шайтанатомӯз,
Беамон, хонумони одамсӯз.
Баъзе мисли ситораи саҳарӣ
Мекунанд ихтиёри шуълаварӣ,–
Равшану беғубор мисли булӯр,
Пурумеданду аз ҷаҳолат дур.
Баъзе чун пурҳарос оҳуе
Мераманд аз ту сӯи ҳар кӯе.
Баъзе пажмурда, мисли барги хазон
Бенасибанд аз баҳористон.
Баъзе дар фикри интиқому қасос
Тезтар, пурҷилотар аз алмос.
Баъзе чун теғҳои ҷаллодон–
Интизори ситондани сад ҷон.

***

Дидам ингуна чашмҳоро ман
Дар паси кӯҳсори хоки Ватан.
Дар қафои сафедмӯ Помир –
Берун аз Шарқи ҳури мулки кабир,
Дар хиёбони Шарқи номасрур,–
Шарқи мазлум - кӯчаи Лоҳур.

***

Хабаре рафт аз даҳон ба даҳон,
К-омаданд аз Россия меҳмонон.
Ин хабар кард дӯстро хурсанд,
Дар дили душманон шарар афканд.
То ки бинандамон қадам ба қадам,
Дӯст ҳам мешитофт, душман ҳам.
Ҳалқаи мардумон ба гирди мо,
Зичтар гашт, чашми одамҳо
Вақфи сар то ба пои мо мешуд,
Гӯшашон бар садои мо мешуд.
Ман ба он дидаҳо назар кардам,
Гоҳ фахру гаҳе ҳазар кардам…
Фахр кардам, ки дар ҳама кишвар
Дӯстонанд бештар, аксар;
Кардам аз он ҷиҳат ҳазар ки нигоҳ
Менамояд ба сӯи мо бадхоҳ.
Дили ҳар одаме, ки вайрон буд,
Чашмаш оинаи дили он буд.
Дидам андар нигоҳи бадандеш
Нияти бад ба мулки аъзами хеш,
Нияти бад ба мулки озодам,
Халқи дунёи тозаэҷодам,
Доштам лек ифтихору сурур,
Ки дар он кишвари ситамкаши дур

Ватани ман муҳофизон дорад,
Дӯстдорон, муборизон дорад–
Дӯстдорони сулҳу амният,
Дӯстдорони бахти ҷамъият,
Дӯстдорони завқбахш ҳаёт,
Зидди ҷангу харобию фатарот;
Дӯстдорандагони истиқлол,
Ҳомиёни саодату иқбол.
Дар дили ин муборизон маҳкам
Ҷойгир аст ишқи мо чу қасам.
Тангтар шуд ба қасди душманҳо
Ҳалқаи дӯстон ба гирди мо, –
Қувваи сулҳ зӯртар мешуд,
Хатари ҷанг дуртар мешуд.
Ин мисол аст як шаҳодати хуб,
Ки кунад сулҳ ҷангро мағлуб!

*1950*

## ҚИССАИ МАШҲУР

Дар мулки Панҷоб,
Дар шаҳри Лоҳур
Ин қиссаи мо
Гардида машҳур:
Ҳар кишваре, ки
Озод агар нест,
Нафъе ба одам
З-он мамлакат чист?!
Ҳарчанд он мулк
Бисёр зебост,
Бисёр-бисёр
сарват дар он ҷост.

Рафт Офтобу
Шоми нав омад.
На Моҳтобу
На партав омад.
Танҳо ба хона
Маъюсу сархам
Баргашт Аҳмад
Бо чашми пурнам.
Дар хонаи худ
На обу нон дошт,
На дуди оташ
Дар ошдон дошт.
Фарзандҳояш
Гурусна буданд.
Чашмони навмед
Сӯяш кушуданд.
Мегуфт Аҳмад;
«Ин кори бахт аст.
Осмон баланду
Замин сахт аст».
Фарзанди Аҳмад–
Муҳсин ки хомӯш
Истода мекард
Ҳарфи падар гӯш,
Гуфто: «Падарҷон,
Нодон шумоед,
Аз доми ғафлат
Берун бароед!»
Азбаски Муҳсин
Журналфурӯш аст,
Гапҳои олам
Онро ба гӯш аст.

Муҳсин баромад
Аз хона берун,
Дар кӯча мағрур
Мезад шабохун.
Дар дасти худ он
Бигрифта ангишт.
Ҳар ҷо ба девор
Ором бинвишт…
Жандарми ин шаҳр
Чун пурғазаб шуд,
Дар ҷустуҷӯи
«Мирзои шаб» шуд.
Аммо намеёфт
Ин қаҳрамонро,
Фарзанди хуби
Заҳматкашонро.
Дар мулки Панҷоб,
Дар шаҳри Лоҳур,
Ин қиссаи мост
Бисёр машҳур.

## ЧАРОҒҲОИ ВАТАН

Пас аз чанд рӯзу шаби роҳ рафтан,
Пас аз интизорию шабҳо нахуфтан,
Пас аз қисса бишнидан, афсона гуфтан,
Пас аз кӯҳу талҳо, дараҳо гузаштан,
Пас аз хотироти зиёде навиштан,
Пас аз дар хароботҳое нишастан,
Ба ҷое, ба саҳрои хушке расидем,
К-аз он ҷо умеди дили хеш дидем.

Дигар дар қафо монд мулки мусаххар,
Ҷиболи Ҳимолои бепою бесар,

Сари Ҳиндукушу гузаргоҳи Хайбар.
Ба болои сар Моҳтобу ситора
Намуданд чун гавҳари пора-пора.
Ба гирду ба пешам чу кардам назора.
Фақат регзорею вайрона дидам,
Фақат ман садои шағолон шунидам.

Ба ҳангоми шоми сиёҳею торе,
Зи рӯи баландии пурғам диёре,
Ба сад ифтихору ба сад беқарорӣ,
Шимоли дурахшандаро дидам аз дур,
Ки мекард ҷилва чу як хирмани нур,
Чароғони Тирмиз рахшанда буданд,
Ба рӯи замин шуъла афканда буданд.
Ба монанди чашмони пурханда буданд.
Сари Бойсун зери ин шуълаборӣ
Сафед аст чун бахти марди ҳисорӣ.

Чароғони Илич - чароғони Ленин,
Ки карданд чашмони моро ҷаҳонбин,
Маро менамуданд даъват дар ин ҳин
Ба оғӯши гарми диёри ҳабибам,
Ба оғӯши ин халқи чун дил қарибам.
Мана, бар лаби рӯди Омӯ расидам,
Садоҳои мавҷаш ба ғӯшам шунидам,
Ду по аз ҷаҳони куҳан баркашидам.
Ба болои сероб дарёи Омӯ
Равонам ба сӯи Ватан шодмонрӯ.
Маро интизоранд дар соҳили он
Ҳама дӯстону ҳама посбонон,
Замини пур аз боғҳои шукуфон.
Ҳаёти сафобахшу боди баҳорам,
Тамоми чароғони ҷонон-диёрам.

*1950*

## ТО БА КАЙ

То ба кай пинҳон кунам дарди дили бечораро,
То ба кай аз ашки сӯзон тар кунам рухсораро.

Аз гулистони муҳаббат то расад бӯи вафо,
Аз сари кӯяш накандам дидаи наззораро.

Ҳар кӣ шуд бебаҳра аз савдои ишқи ошиқон,
Мезанад санги маломат ошиқи овораро.

Дар дили ҷонон намесозад асар овози ман,
Об созад нолаи ман гарчӣ санги хораро.

*1950*

## ХАЁЛИ РӮИ ТУ

Муҳаббате, ки ба дил ошёна мемонад,
Ба мисли номи накӯ ҷовидона мемонад.
Даме ки мешавӣ, эй дӯст, аз назар ғоиб,
Хаёли рӯи ту моро нишона мемонад.

*1950*

## ОБХЕЗ

Кишвари тоҷик дорад кӯҳҳои сарбаланд,
Обҳои шӯх дорад, чашмаҳои дилписанд.
Абрҳо вақте ки дар болояшон ғун мешаванд,
Кӯҳҳо аз барфу аз борон дигаргун мешаванд.
Пиряхҳо қуллаҳои кӯҳро пӯшидаанд,
Аз забони ях дарахтон обро нӯшидаанд.

Рӯдҳои ҷорӣ аз ҳар як дара каф бар даҳон
Меҷаҳанд аз санг бар санге хурӯшон, сарфишон.
Аз сари Помир то кӯҳи Харангони Ҳисор
Сӯи водӣ мефиристонанд дарё бешумор.
Вахш сӯи Панҷи шуҳратнок ояд лаб зада,
Аз бараш Кофарниҳон дар ёди Омӯ чап зада.
Тоҷикон нозанд аз ин гуна дарёҳои худ,
Аз мусаффо обҳои кишвари зебои худ.
Чунки онҳо чӯлҳоро обёрӣ кардаанд,
Тоҷикистонро диёри пахтакорӣ кардаанд.
Чун расад аз ҷӯйҳои боғҳо овози об,
Дар суруд ояд дили колхозчиён бо сози об.
Об нӯшад аз Душанбе пойтахти тоҷикон
Рӯзу шабҳои дарозе бо ҳаловатҳои ҷон.
Дар канори он бино кардем садҳо дастгоҳ,
Мустақиму рост одамро саодатбахш роҳ.
Симҳоро аз канори он танидастем мо,
Нурбахшанда чароғонро кашидастем мо.
Шаҳрҳо, қишлоқҳо, сарсабз саҳроҳои мо
Мекунанд аз меҳр наззора ба дарёҳои мо.
Дар баҳор онҳо ҳамеша обхезӣ мекунанд,
Ростӣ, ки гоҳ-гоҳе бетамизӣ мекунанд.
Хуб шуд, ки нест оҷиз одами даврони мо,
Соҳиби техникаи олӣ бинокорони мо.
Менависам мухтасар, хонандаи мо, гӯш дор,
Дар миёни обу одам ҷанг барпо шуд баҳор!

*1951*

## «МУҲОҶИР»

*Сари сарчашма рафтам ман ба вахте,*
*Ба оби дида биншондам дарахте.*
*Шамол омад, дарахтам решакан шуд,*
*Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.*

*Рубоии халқӣ*

Намесозӣ дигар, тоҷики озод,
Суруди халқии деринаро ёд.
Ба боғат ҳеҷ осебе наояд
На аз тӯфони борону на аз бод.

Касе дигар ба рӯят ғам надидаст,
Ба чашми равшани ту нам надидаст.
Саодатмандиеро, ки ту дорӣ,
Араб дар хоби ширин ҳам надидаст.

Ба даврони советӣ бахтёрӣ,
Гила аз кӯҳсоронат надорӣ.
Дилат пурҷӯшу роҳат равшану соф
Ба мисли обҳои чашмасоре.

Валекин боз дарё меписандӣ,
Ҳавои дашту саҳро меписандӣ.
Расондан пахтаро мисли ҳисорӣ,
Ба меҳнатҳои аъло меписандӣ.

Ба водӣ аз сари кӯҳи баландат
Фаро̄ӣ бо тамоми кӯчу бандат.
Дар оғӯши Ҳисору Вахши зархез
Ба ҷавлон омадан хоҳад каландат.

Агарчанде ки гӯяндат муҳоҷир,
Ту аммо на муҳоҷир, на мусофир.
Ба ҳар ҷое, ки хоҳӣ зистанро,
Дар он ҷо бахт гардад бо ту ҳозир.

Ба сӯи ту Ватан оғӯшбоз аст,
Дар оғӯши Ватан меҳр асту ноз аст.
Раҳи пуршаъни ту бо қаҳрамонӣ
Дурахшон асту чун умрат дароз аст.

Ту медонӣ, ки оби чашмасорон
Равад аз қуллаҳои кӯҳсорон –
Гаҳе рақсидаву гоҳе суруда
Ба сӯи Панҷу Омӯи хурӯшон.

Равон Омӯст аз сарҳадди тоҷик
Ба боғи кишвари зебои ӯзбек.
Барои фатҳи фардои Қароқум
Барад ҳар мавҷи Омӯ муждаи нек.

Мароми дӯстӣ – фикри зафарманд
Тамоми халқҳоро кард пайванд.
Кунун ин қувва дарёҳои моро
Дар атрофи Ватан созад камарбанд.

Иваз гардид кӯҳи ту ба саҳро,
Сари сарчашмаи хушкат ба дарё.
Дарахти решакангардидаи ту
Ба садҳо бӯстони оламоро.

Кунун ту хоҷагии бой дорӣ,
Ҳузури ҷон – замину ҷой дорӣ.
Ба ҷои қатраи борони ашкат
Басе дарёву ҷӯю сой дорӣ.

Агарчи рафтӣ аз ҷои қадимӣ,
Муҳоҷир нестӣ, балки муқимӣ.
Ватан овард аз ҷое ба ҷое
Чу фарзандаш дар оғӯши азиме.

*1952*

## ЛИМУ

### I

Агар ҷониби Вахш афтад гузорат,
Назар кун ба он водии дӯстдорат,
Ба афзудани сарвати бешуморат,
Ба нашъунамои тавоно диёрат…

Ки ҳаргиз наёсуд дил бо шунидан,
«Шунидан бувад кай ба монанди дидан».

### II

На танҳо хамида сари пахта аз бор,
На танҳо дарахтони пурмева бисёр,
На танҳо асал резад аз гул чу ҷӯбор,
На танҳо ҷаву гандум анбор-анбор.

Дар ин водии сер-оби ҳамапаз,
Диёри наве ёфт лимуи Кавказ.

### III

Натарсад на аз офтоби ҷанубӣ,
На аз гармселу на аз бодкӯбӣ.
Ба сардии дай тоқат орад ба хубӣ,
Бувад сабз монанди себи аюбӣ.

Дар иқлими тоҷик – боғи Мичурин
Қад афрохт зарриндарахти грузин.

**IV**

Вай аз соҳили Кура кӯчида омад,
Раҳораҳ талу кӯҳ бӯсида омад,
Ба хоки Ватан рӯй молида омад,
Парастории халқро дида омад.

Чу рамзи бузурги бародарнавозӣ
Ба ин кишвар омад зи роҳи дарозе.

**V**

Ватанро ба худ меҳрубон мешиносад,
Саропой боғи калон мешиносад,
Фараҳбахш ҷонон макон мешиносад,
Забону дили боғбон мешиносад.

Раванда ба ҳар сӯй лимуи Қафқоз,
Ватандӯст лимуи хушбӯи Қафқоз.

*1952*

## ДУ СОҲИЛ

Дар ҷануби Тоҷикистон, сарҳади хоки диёр,
Дар ҳамон ҷое, ки соҳил буд моро интизор –
Бо хурӯши мавҷборон рӯди Омӯ мегузашт,
Рег дар домони худ ин сӯву он сӯ мегузашт.
Мегузашт он аз миёни субҳи равшан, шоми тор,
Аз миёни бӯстону олами чӯлу мазор.
Мегузашт он аз миёни хел-хел инсони даҳр,
Аз миёни некбахтону сияҳбахтони даҳр.
Мегузашт он аз миёни зиндагонию аҷал,
Аз миёни ростию банду занҷири ҳиял.

Завраќи мо дар миёни мавҷҳои оби руд
Роҳи дар байни ду мулк афтодаро тай менамуд.

Соҳили чап бурд моро аз бари найзорҳо,
Соҳили рост аз бари зебо дару деворҳо.
Соҳили чап дар фишори қалъаи пӯсида буд,
Соҳили рост аз намоишҳои худ болида буд.
«Вахш» меомад чу рамзи зиндагонӣ аз шимол,
«Қундуз» аз самти ҷануби Шарқ чун ашки малол.
Дар сафар дидем мо самти нигоҳи Вахшро,
Аз шукӯҳу шаън пургардида роҳи Вахшро:

Пахтаҳо бишкуфта монанди кабӯтарҳои сулҳ,
Болу пар во карда дар сар то сари саҳрои сулҳ.
«Вахш!» мегуфтему медидем иншоотро,
Саф ба саф шаҳру деҳоту бармабар боғотро.
«Вахш» мегуфтему медидем халқи шодро,
Сарзамини тоҷикони умрбод озодро.
Қомати инсон баландӣ ёфт дар дунёи мо,
Ҳамраҳи сатҳи замину оби дарёҳои мо.
Хокро зар, обро ӯ барқафкан кардааст,
Дида равшан, сина равшан,
мулк равшан кардааст.

Завраќи мо дар миёни мавҷҳои оби рӯд
Роҳи дар байни ду мулк афтодаро тай менамуд.

Соҳили чап дар назар сар то ба по якранг буд,
Чун тани мискин харобу чашми доро танг буд.
Такя дода чӯбро, гардид чӯпоне падид,
Гӯиё мехост бо мо сар кунад гуфтушунид.
Балки ӯ мехост донад аз шиноварҳо аён,
К-аз чӣ афтодаст Омӯ дар миёни ду ҷаҳон?
Рӯз рафту соҳили чап бештар торик шуд,
Равшаниафкан чароғи сарҳади тоҷик шуд.
Мо намедидем ғамгин рӯи чӯпонро дигар,
Қалъаи пӯсидаю чӯлу биёбонро дигар…

Завраҷи мо дар миёни мавчҳои оби рӯд
Дар канори рост роҳи хешро тай менамуд.
Соҳили мо мегирифт аз меҳр моро пешвоз,
Дасти худ мекард сарҳадбон ба сӯи мо дароз.

*1952*

## СИТОРАИ МАН

Шаб надидам туро, Ситораи ман,
Шуълавар дар ҳаво, Ситораи ман!
Дар ҳисоби ситораҳои фазо
Бе ту кардам хато, Ситораи ман.

Саҳар омад, баро, Ситораи ман,
Саҳари пурсафо, Ситораи ман!

Бо умеди саҳар нишастам ман,
Дида аз роҳи ту набастам ман,
Гардани хобро шикастам ман,
Дар вафо устувор ҳастам ман.

Саҳар омад, баро, Ситораи ман,
Саҳари пурсафо, Ситораи ман!

Пахта дар интизори чидани туст,
Шавқманди гарав буридани туст,
Ман ҳаводори эътибори туам,
Дил ба уммеди сер дидани туст.

Саҳар омад, баро, Ситораи ман,
Саҳари пурсафо, Ситораи ман!

Гарчи дар ном худ Ситора туӣ,
Дар латофат ситорапора туӣ,
Ба ту Маскав ситораи нав дод,
Ҷуфт шуд, ҷуфт, пас ситора туӣ!

Саҳар омад, баро, Ситораи ман,
Қӯшаи пурзиё ситораи ман!

*1952*

## ҲАЛҚАИ ЗАРРИН

Ҳалқаи заррин ба оби рӯд рафт,
Ранги шодӣ аз рухи масъуд рафт.

Дилбари мо оббозӣ менамуд,
Дар миёни об бозӣ менамуд.

Дасту по мезад ба рӯи мавҷҳо,
Менамуд озод дар ҳар сӯ шино.

Ғӯтавар, аз чашм мешуд нопадид,
Чун ҳубобе рӯи дарё медамид.

Об ҳам печид дар гирди сараш,
Танг гирад дар бағал то пайкараш.

Гашт ӯ аз ҳамлаи дарё гаранг,
Барра гӯё хӯрд бар чанги паланг.

Ҳалқа аз гӯшаш ба оби рӯд рафт,
Ранги шодӣ аз рухи масъуд рафт.

Гуфтамаш: эй ҷони ширин, ғам махӯр!
Садқаи сар гӯю биншин, ғам махӯр!

Баъд аз ин ҳам шоду хандонрӯй бош,
Дар баҳорон мисли гул хушбӯй бош.

Ҳалқа гум шуд, кам нагардад ҳусни ту,
Лаҳзае барҳам нагардад ҳусни ту.

Ошиқонро боз ҳам шайдо кунад,
Шӯри нав, ғавғои нав барпо кунад.

Ту маранҷ аз рӯдҳои кӯҳсор,
Гарчи густоханд, гарчӣ беқарор.

Бин, чӣ сон нури фаровон медиҳанд,
Бар замин аз нур марҷон медиҳанд.

Чун ба дарё дидаро во мекунем,
Акси рӯятро тамошо мекунем.

Дил, ки шодон аст, аз ту – аз висол,
Манзил обод аст аз оби зулол.

*1952*

## СИТОРА НАЗДИК

Ҷонон, ба ҷустуҷӯят рафтам ба кӯҳи Помир,
Пайваста кӯҳсорон буданд мисли занҷир,
Дар рӯи қуллаҳояш, дар боми хушҳавояш
Бо маҳ шудам ҳамоғӯш, бо осмон гулугир.

Кардам ба кӯҳсорон чун ошиқон назора,
Мерехт зарра-зарра аз чашми ман шарора,
Шаб то саҳар нахуфтам, афсонаи ту гуфтам,
Гӯё ки дар кафи худ бардоштам ситора.

Фарёди рӯди кӯҳӣ ҳар дам ба гӯш омад,
Чун кабки кӯҳсорон дил дар хурӯш омад.
Гуфтам, ки бода нӯшам, пӯшида бода нӯшам,
Дар пайравиям аз кӯҳ овози «нӯш» омад.

Кӯҳи баланди Помир, Боми Ҷаҳони тоҷик
Чун дид шоирашро, шодона кард табрик.
Аммо туро чӣ гӯям, ҳангоми ҷустуҷӯям
Аз ман ту дур будӣ, гарчи ситора наздик.

*1952*

## БА МУОСИРИ БУЗУРГ

Владимир Маяковский!
Чӣ фахр аст ба мо,
Ки Шумо, шоири маҳбуб, муосир ҳастед.
Дар раҳи партияю манфиати халқ Шумо
Байрақи назм ба каф дошта шоир ҳастед.

Назм таърихи куҳан дораду таърихи аҷиб,
Олам анбошта аз шеъри қаламкашҳо шуд.
Хома дар дасти сухансанҷ, сухандӯст адиб
Ҳофизи дил шуду бо ҳукми дил он гӯё шуд.

Кам набуданд қаламдаст, суханҷаллобон,
Ки ба халқ аз гули худрӯй чаман сохтаанд.
Шаркро –
Шарқи пур аз ҷабру ситамро онон
Мисли як боғи дилоро ба сухан сохтаанд.

Назм аз табъи Шумо ёфт мақоми дигаре:
Найзаю бомбаю байроқи зафаровар шуд.
Гашт чун аскари мо монеи ҳар як хатаре,
Гарму тафсандатар аз кӯраи оҳангар шуд.

Шоирони Ватани мо,
ки зи ҳар қавму забон
Аз чунин сатр, чунин назм саф оростаанд.
Ҳама бо як дилу ҷон номи Шуморо ба ҷаҳон
Сару сардафтари ин санъати худ сохтаанд.

*1953*

## *АЗ КИНОФИЛМИ* «МАН БО ДУХТАРЕ ВОХУРДАМ»

### Суруди Саид

**I**

Дидам ҷамоле,
Абрӯҳилоле,
Дар зери чашмаш
Бинҳода холе.

*Нақарот*

Ақлам рабуд
Холи сиёҳ,
Дил пора кард
Теғи нигоҳ.

**II**

Гум кардам онро –
Рӯҳи равонро,
Дигар надидам
Номеҳрубонро.

*Нақарот*

**III**

Дар ҷустуҷӯяш
Оям ба кӯяш,
Чун булбули зор
Мастам ба бӯяш.

*Нақарот*

*1956*

## Дар субҳи тилоӣ

**I**

Дар субҳи тиллоӣ
Табиат хандон,
Дар дили ошиқ ҳам
Муҳаббат ҷӯшон.

*Нақарот*

Мурғи синаи ман
Нағмапардоз аст.
Дар ҳавои ҷонон
Баландпарвоз аст.

**II**

Ҳар кас дар ин ҷаҳон
Як ёре дорад.
Дар боғи дили худ
Баҳоре дорад.

*Нақарот*

*1956*

## Суруди ҷавонон

**I**

Мо насли нав,
Мо насли нави ҷаҳон,
Кӯшем мудом
Дар роҳи амну амон.

*Нақарот*

То гул кунад ҳаёти мо,
Оянди пурнишоти мо –
Ҳомиёни саодатем.

**II**

Дастони мо,
Кори шоёни мо
Зинат диҳад
Мулки ҷоноҷони мо.

*Нақарот*

Фарзандони
Ҳама ирқу нажод
Бародарем,
Бастем мо иттиҳод.

*Нақарот*

*1956*

## МАРҲАБО

Духтари ӯзбек, моро гӯш кун!
Дигаронро андаке хомӯш кун.
Гӯш кун! Гапҳои мо беҳуда нест,
Ин садоҳои дили осуда нест.

Шавқи ту моро ба илҳон оварад,
Рӯ ба сӯи Ӯзбекистон оварад.
То сухан чун қомати мавзун шавад,
Дар сари ҳар мисрае дил хун шавад.
Кошкӣ, табъи равон медоштам,
Рӯдакиқудрат забон медоштам –
Менавиштам ҳусну алтофи туро,
Рӯи некӯву дили софи туро.
Ту магар он нестӣ, ки Шарқро
Аз нигоҳи хеш кардӣ пурсафо?
Шарқиён рӯи туро чун дидаанд,
Гул зи боғи Ӯзбекистон чидаанд.
Ҳар куҷо ки рафт гуфтугӯи ту,
Ӯзбекистон буд дар паҳлӯи ту.
Тоқии такдӯзии олампаноҳ,
Куртаи шоҳию чашмони сиёҳ,
Аз сари минбар сухангӯии ту,
Хотири аҳли адабҷӯии ту…
Сомеонатро ба ҷӯш андохтанд,
Дил ба даст овардаву дил бохтанд.
Ёд дорӣ, дар лаби дарёи Нил
Мекашидӣ чун бари домони дил.
Духтари мисрӣ туро табрик кард,
Бо табассум хешро наздик кард.
Дер чашмонро ба сӯят дӯхт ӯ,
Аз нигоҳи ту сабақ омӯхт ӯ.
Ӯзбекистон дар барат истода буд,
Чун гулистону чаман озода буд.
Акси рӯятро ба об андохтӣ,
Моҳро аз Нил берун сохтӣ.
Мавҷҳои Нил пуртуғён шуданд,
Кафк бар лаб кардаву ҷӯшон шуданд.
Мавҷ озод аст, аммо бурда ранҷ –
Партизандухтар Ҷамила дар шиканҷ.

Гар хабар меёфт аз ташрифи ту,
Рақсҳо мекард бо таклифи ту.
Дӯстам, ранҷидан аз инсоф нест,
Ҳарчӣ дар ҳаққи ту гӯям, лоф нест.
Миср пур шуд аз ҳикоятҳои ту,
Хоки Ҳиндустон зи нақши пои ту.
Дар барат тоҷик чун хеши ту буд,
Шоира Амрита дар пеши ту буд.
Бо навои мутрибони хушнаво
Меҳмондории шарқӣ шуд бапо.
Рақси ҳиндӣ, шеъри русӣ ҷӯр шуд,
Суҳбати ширини ту машҳур шуд.
Маҷлиси моро қалам тасвир кард,
Мулки дилро дӯстӣ тасхир кард.
Ҳаст дар ёдам, ки ҳангоми сафар
Карда будӣ дӯстонатро хабар:
«Меҳмон дар Тошкенти мо шавед,
Аз тамоми Шарқ назди мо равед!»
Шарқиёнро даъватат дар ёд монд,
Ҳар диле бо ёди рӯят шод монд.
Вақт омад, меҳмонон мерасанд,
Аз ҳама кишвар адибон мерасанд.
Духтари ӯзбек, соҳибхонаӣ,
Аз камию костӣ бегонаӣ.
Метавонӣ меҳмондорӣ кунӣ,
Дилнавозиҳои бисёре кунӣ.
Мамлакат дар ихтиёри туст, туст,
Ӯзбекистон дар канори туст, туст.
Ман ба ёрии ту шодон меравам,
На ба по, бо сар шитобон меравам.
Маҷлисороӣ туро хос аст, хос,
Хотири ёрони худро дор пос.
Даст дар бар карда сӯи дар биё,
Меҳмон омад ба дар, гӯ: – Марҳабо!

*1958*

## ҲАЗАР КУН!

Шунидӣ, дӯст, овози Глезос,
Нидои тезпарвози Глезос?!
Гирифт овози он рӯи ҷаҳонро,
Ба по хезонд ҳар пиру ҷавонро.

Маро ҳам ин садо дар ларза афканд,
Ба дард омад тамоми банду пайванд.
Гумон кардам, ки ҳар як кӯҳ ҷунбид,
Замин ларзид, раъду барқ ғуррид.

Хабар омад, ки Юнон дар азоб аст,
Барои қатл қотил дар шитоб аст.
Ду дасти паҳлавон занҷирбанд аст,
Ба гардан ҳалқаи банду каманд аст.

Зану фарзанд гирёнанд, гирён,
Халоиқ синабирёнанд, бирён.
Хабар омад, ки тайёр аст ҷаллод,
Ҳаёти қаҳрамон дар хавф афтод.

Шаби торик ҳам ториктар шуд,
Хатар аз пештар ҳам бештар шуд.
Вуҷуди халқ як кӯҳи ғазаб шуд,
Наҷоти қаҳрамонро дар талаб шуд.

Нидо аз ҳар канору гӯша хезад,
Танаффур бар сари ҷаллод резад.
Ҳама гӯянд: эй золим, ҳазар кун!
Зи хунрезию бедодӣ гузар кун!

*1959*

## НАЗМРО ЁД КАРДАМ

Мерасад аз ҳар тараф мактуб, телефон, телеграмм,
Шаҳри Душанбе, ба Мирзои азизу муҳтарам!
«Зуд бифристон мақола, тоқати мо тоқ шуд,
Журнали мо, ё газети мо ба ӯ муштоқ шуд.
Гар ту нанвисӣ, тамоми кор расво мешавад,
Сармуҳаррир боз домангир аз мо мешавад,
Зудтар бифрист, ки хонандагонат интизор,
Дар тамоми рӯи олам дӯстонат интизор».
Менавиштам ман дар ин ҳангом шеъру достон,
Ғарқ будам дар хаёли дилбари ширинзабон.
Акси рӯяш ҷилваҳо мекард дар пеши назар,
Менишастам ман ба ёдаш аз сари шаб то саҳар.
То кунам тасвир ӯро, ҷустуҷӯе доштам,
Бо ҳама «ҷон-ҷонпарастон» гуфтугӯе доштам.
Сайр мекардам дар он ҷое, ки ёре доштам,
Аз қудумаш, аз ҳузураш ифтихоре доштам.
Сайр мекардам ба ҳар сӯи Ватан, мекофтам,
Нозанин, дилбар, азизи хешро меёфтам.
Сайр мекардам ба ҳар сӯи диёри дилнишин,
То нафас гирам ман аз бӯи Ватан, бӯи замин.
Телграмм, телфон ба ҷӯши ёд оби сард рехт,
Акси ҷонон аз назар ғоиб шуд, ёдаш гурехт.
Гуфтам, охир, шеър ҳам бошад ғизои рӯҳу ҷон,
Дӯст медоранд шеъри хубро хонандагон.
Шеър дилро чун саҳаргоҳон мусаффо мекунад,
Ошиқонро гаштаву баргашта шайдо мекунад –
Ҳар касе дил дораду дилро ба ҷонон медиҳад,
Дил ба ҷонон медиҳад, рақсон, ғазалхон медиҳад.
Шеър ҳам хонандаро пайванд созад бо Ватан,
Дар дили хонанда орад рангу бӯи сад чаман.
Пас чаро аз ман намепурсанд шеъри тозае,
Дӯстонро то кунад хурсанд шеъри тозае?

Ё ки шавқи дӯстон аз шеърхонӣ пир шуд,
Ё ки ёри меҳрубон аз шеъри ман дилгир шуд?..
Ногаҳон дар боз шуд, ҷонона омад дар барам,
Гуфт бо лутфу навозиш даст бурда бар сарам:
Шоиро! Шеъре бихон, то ҳамдами розат шавам,
Дар китоби шеърҳои нав сароғозат шавам.
Аз сари нав ҷӯш зад дил, шеър аз нав бофтам,
Чунки маҳбуби дилу ҷонро ниҳоят ёфтам.

*1959*

## ДУРАХШОН ҚУЛЛАҲО

Дар миёни кӯҳсоронам, рафиқ!
Дар баландӣ ошён монам, рафиқ!
Бо ғизоли кӯҳсорон ҳамсарам,
Бо уқобон менишинам, мепарам.
Мезанам паҳлӯ ба рӯи сангҳо,
Чашм медӯзам ба зебо рангҳо.
Бешаи сабз аст ороми дилам,
Кӯҳ девори баланди манзилам.
Офтоб аз Шарқ чун рахшон шавад,
Байрақи болои кӯҳистон шавад.
Хостам дар кӯҳҳо гардиш кунам,
Мисли оби рӯдҳо варзиш кунам.
Гирам аз гесӯи ҳар як шаршара,
Аз суруди хеш пур созам дара.
Бишнавам аз кӯҳ то акси садо,
Гӯядам, шояд, ки «-Фарзандам, биё!
Андаке мавзӯъро тағйир кун,
Ин бузургии маро тасвир кун.
Қуллаи ман то дари афлок рафт,
Пои ман бар мағз-мағзи хок рафт.
Дар ҳама рӯи ҷаҳон чизи дигар
Нест аз барфи сари ман тозатар.

Бигзарад тӯфон чу аз паҳлӯи ман,
Як сари мӯ хам нагардад мӯи ман.
Одамон ишқ аз ватан омӯхтанд,
Устувориро зи ман омӯхтанд.
Бар сарам монанди қандил ахтарон
Шуълаборӣ мекунанд аз Каҳкашон.
Моҳи сунъӣ низ чун дасторҳо
Гашт аз гирди сари ман борҳо.
Доманам саҳрои ҳосилхез шуд,
Боғҳои хурраму гулрез шуд.
Шаҳрҳо монанди ман боло шуданд,
Бо мани сар дар фалак ҳампо шуданд…»
Хостам поро ниҳам бар қуллае,
Пеш омад лек дигар қуллае.
Қуллаҳо аз ҳамдигар болотаранд,
Дар шукӯҳи хеш дигар-дигаранд.
Ман ба худ гуфтам, ки ин даврони мо
Ҳаст айнан мисли кӯҳистони мо.
Чун ба оянда сафар кардем мо,
Аз баландиҳо гузар кардем мо.
Мушкилиҳоро канор андохтем,
Олами бахту шарафро сохтем.
Боз дар пешанд пуршон қуллаҳо,
Ҳам бузургу ҳам дурахшон қуллаҳо,
Пеш рав, дар кӯҳ гардиш кун, рафиқ!
Мисли рӯди шӯх варзиш кун, рафиқ!
Пеш рафтӣ, кор осон мешавад,
Қуллаи нав ҳам намоён мешавад.

*1959*

## РӮДИ КӮҲӢ

Нишастам дар лаби дарёи кӯҳӣ,
Ба худ ман ёфтам маъвои кӯҳӣ.

Сараш бар санг мезад рӯди кӯҳӣ,
Ба доман чанг мезад рӯди кӯҳӣ.

Ба мисли шири навҷӯшидае буд,
Палангу бабри хуннӯшидае буд.

Дара аз ғурриши обаш садо дод,
Насимаш рӯҳро, ҷонро ғизо дод.

Нишастам дар канораш шеър гуфтам,
Ҳамеша аз насимаш табъ суфтам.

Бад-ӯ гуфтам, ки рӯди равшан астӣ,
Муроду мақсади ҳар гулшан астӣ.

Дилат пурҷӯш, рӯят нурбор аст,
Ба ҳар ҷое ки рафтӣ, навбаҳор аст.

Ҳавои боғу бӯстон хуррам аз туст,
Замини Тоҷикистон хуррам аз туст.

Чароғи хонаи моро фурӯзӣ,
Лаби чоки биёбонро ту дӯзӣ,

Ту вахшӣ будию мо ром кардем,
Ба фардои Ватан инъом кардем.

*1959*

## ХОҲАРИ МУБОРИЗ
## АФРИҚО!

Кӣ намедонад, ки Африқо куҷост,
Дар сари ин қитъа аз чӣ моҷарост.

Аз чӣ дар он ҷо бувад одамкушӣ,
Аз чӣ сӯзон аст он дар оташе.

Дар куҷои кӯраи арз аст он,
Аз чӣ шуд дар арсаи дунё аён.

Роҳи он наздик ё ки дур буд,
Аз чӣ то имрӯз он маҳҷур буд.

Ростӣ, ки буд ин қисми ҷаҳон
Аз нигоҳи чашми инсонӣ ниҳон.

То ба он ҷо роҳ хеле дур буд,
Дидани ин қитъа кори зӯр буд.

Симу зар онро чу истеъмор кард,
Дар миёни қитъаҳо девор кард.

Солҳо аз олам онро канда кард,
Канда карду дар ғарибӣ банда кард.

Ин замин гӯё ки чун мерос монд,
Аз барои истилогар хос монд.

Дар харита дидаро медӯхтем,
Дидаю бишнидаю месӯхтем.

Бод аз аҳволи он огоҳ буд,
Абри гирён ҳола гирди моҳ буд.

Ҷӯши уқёнуси Атлантик ҳам
Мавҷро мезад ба харсанги ситам.

То фалак мерафт фарёду нафир
Аз дили сӯзони Саҳрои Кабир.

Нил ҷон мешуд фасурда халқро –
Қатраобе ниммурда халқро.

Омаданд аз мулки африқоиён
Ҷонварон фасли баҳорон парзанон.

Аз замини мо ба худ ҷо кофтанд,
Манзили зебою хуррам ёфтанд.

Мегирифтанд аз ҳавои мо нафас
Дур аз сайёду аз банди қафас.

Мефиристодем бо паррандагон
Сӯи Африқо саломи дӯстон.

Солҳо рафтанд, даврон шуд дигар,
Қисмати фарзанди инсон шуд дигар.

Дар миёни мамлакатҳо, қитъаҳо
Одамон доранд акнун рафтуо.

Танг шуд мафҳуми дурӣ дар луғат,
Роҳ ҳам кӯтоҳ шуд чандин карат.

Ҳеҷ чизе дар назар пинҳон намонд,
Хуни ноҷӯшидаи инсон намонд.

Нест Африқои мискин баъд аз ин,
Нест оромии дерин баъд аз ин.

Пурхатар шуд ин замин бегонаро,
Гӯркови охирин бегонаро.

Пурс акнун, кист дорои ватан?
Қоҳира аз ҷой бархезад, ки:
– Ман!

Кӣ кунад бо ғайр ҷанги сафшикан?
Алҷазоир хуни худ резад, ки:
– Ман!

Кӣ дигар озод мегӯяд сухан?
Аккра бар дил шавқ ангезад, ки:
– Ман!

Кӣ муаттар кард боғи хештан?
Аз Конакри бод бархезад, ки:
– Ман!

Кӣ хӯрад захми паёпай дар бадан?
Конго хоки хоинон безад, ки:
– Ман!

Кӣ адӯро пас кашонад дар кафан?
Оби Атлантик бистезад, ки:
– Ман!

Дар ҷавоб аз баҳру бар ояд садо:
– Офарин,
эй дӯст, Африқои мо!..

Хоҳари мушфиқ, мо ёри туем,
Мо дар ин майдон ҳаводори туем.

Мерасад рӯзе,
ки бо ишқу ҳавас,
Мустақил, озод мегирӣ нафас.

Мерасад овозат аз боғу чаман:
Дӯстон,
шодӣ кунед аз бахти ман!

*1960*

## САВГАНД

Солҳои сол
мегуфтанд мардум, ки:
ба мо
Бахту шодӣ мерасад
аз лайлатулқадр, –
аз қазо.
Дар шаби торик
Нурафшон
гузар хоҳад намуд,
Аввали шаб,
нисфи шаб
майли сафар хоҳад намуд.
Шакли он гирд аст,
рӯяш мисли оташпорае,
То саҳар бедор хобӣ,
гар кунӣ наззорае,
Метавонӣ дид онро,
мақсадат иҷро шавад,
Ҳар чиро,
ки даст гирӣ,
ҷо ба ҷо тилло шавад.
Лекин ин муъҷиз
барои камбағал ноёб буд,

Қиссаи модаркалон буду
хаёлу хоб буд.
Меҳнати бисёр дидам,
мӯи сар ҳам шуд сафед,
Ман назар кардам
ба ҳар як шуъла
бо чашми умед,
Гашт танҳо мақсад ичро
аз мароми коммунист,
Аз ҳақиқат,
ростиҳои каломи
коммунист.
Партия
халқи Ватанро
шоҳасар,
– барнома дод,
То нависам рози дилҳоро,
ба дастам хома дод.
Баҳру бар гардид равшан
аз шуои ин асар,
Асри бистум, –
асри коммунизм шуд, –
асри зафар.
Дасти тиллоии мо
ҳар чизро дигар кунад,
Хокро ҳам гар ба каф орем,
симу зар кунад.

Кистӣ шоир?
Агар пурсанд, гӯям:
коммунист,
Ҳар нафас,
Ҳар қатра хун,
ҳар тори мӯям коммунист.

Сӯи мо танҳо назар андохт
                    чашми коммунист,
Шуҳрати моро баланд афрохт
                              дасти коммунист.
Сарзамини тоҷикон
          онро дар оғӯшаш гирифт,
Ҳар сухан,
     ҳар нуктае, ки гуфт,
                    бар гӯшаш гирифт,
Рӯдҳо дар пешвозаш
          сар ба поён тохтанд,
Даштҳо аз сабза
          пойандози нав андохтанд.
Бо коммунистон ҳаёти пурсамар
                              дидем мо,
Шуълаи хуршеди тобони саҳар дидем мо.
Донаи уммед
          бо ишқу ҳавас чун коштем,
Ганҷ хирман – хирман
                    аз ин сарзамин бардоштем.
Аз нахи абрешимини пахтаи
                              саҳрои мо
Торҳои дӯстӣ бофанд
                    дар маъвои мо.

Қудрати Партия
     моро ҳамдами
                    сайёра кард,
Моҳи сунъиро ба мо дар арш чун гаҳвора кард.
Аз ақиби кӯҳ, вақте ки барояд офтоб,
Кишвари тоҷик гардад ғарқ дар ранги гулоб.
Зебу зиннат дар диёри мо
                    чунон бисёр шуд,

К-осмон ҳам бар сари инсон
                              латофатбор шуд.

Партия,
харгиз нагардад ин дили ман
аз ту дур,
Пеши чашмонат
дурахшон аст монанди булӯр.
Хурраму сарсабз
мисли Тоҷикистон аст он,
Дар фазо
Паҳлӯ ба паҳлӯи уқобон аст он.
Ҳастии мо, Партия, бо ҳастиат пайванд шуд,
Зери байроқи ту рафтан,
зистан,
савганд шуд!

*1961*

## ҲАР КАСЕ ГӮЯД – ЛУМУМБА…

Боз меояд садои кундаю занҷир ҳам,
Боз меояд садоҳои туфангу тир ҳам.

Боз ҷаллодони имрӯза табар бардоштанд
Боз теғи хунфишонро бар гулу бигзоштанд.

Боз хоин фитнаю иғвогариҳо мекунад,
Боз дар байни халоиқ худсариҳо мекунад.

Боз озодипарастонро ба зиндон мебаранд,
Боз ҷисми бегуноҳонро чу гургон медаранд.

Боз дар Конго ба доллар худфурӯшӣ мекунанд,
Ин ҷиноятҳои худро пардапӯшӣ мекунанд.

Ғайр мехоҳад, ки созад маҳв истиқлолро,
Тира гардонад дубора субҳи истиқболро.

Халта-халта зар фиристонанд рокфеллерҳо
Тангтар то ин ки гардад ҳалқаи занҷирҳо.

Гарчи бо фармони хоин шуд Лумумба дастгир,
Дар хатар мондаст гарчи зиндагии сарвазир,

Лек душманро ба фатҳ уммед бастан мушкил аст,
Рӯҳи озодипарастонро шикастан мушкил аст.

Ҳар касе гӯяд: Лумумба! Халқ исён мекунад,
Баҳр ҳам ҷӯшида, укёнус туғён мекунад.

Халқ медонад, ки рӯзе қулфи зиндон во шавад,
Офтоб аз дар дарояд, тӯй дар Конго шавад!

*1962*

## НОНУ НАМАК

Ба пеши чашм хандон духтарак буд,
Ба дасти духтарак нону намак буд.

Ба чашми ҳар яки мо чашм афтод,
Ду чашми софтар аз яшм афтод.

Аз ин рӯи сафеду мӯи заррин,
Лаби пурхандаву гапҳои ширин…

Ҳувайдо шуд ҷамоли Украина,
Шукӯҳи безаволи Украина,

Тулӯи офтоби Украина,
Шуои фатҳи боби Украина,

Сафои сарзамини Украина,
Ҳавои дилнишини Украина.

Ба пеши чашм хандон духтарак буд,
Ба истиқболи мо нону намак буд.

Ду дастам бо сари хам боз кардам,
Сухан бо ҳукми дил оғоз кардам.

Ман он нону намакро бӯса кардам,
Ташаккур гуфтаму бар чашм бурдам.
*1963*

## ДАРАХТИ БУЛУТ

Ҳафтсадсола як дарахти булут
Асрҳо боз кардааст сукут.

Шоху баргаш ҳанӯз ҳам сабз аст,
Шира дар тан, ҳаёт дар қабз аст.

Чун дарахти ҷавон нафас гирад,
Домани умри пурҳавас гирад.

Ба замин ғафс сояҳо дорад,
Сояи он ҳикояҳо дорад.

Аз гузашта ҳамеша ёд кунад,
Хоки дунёи кӯҳна бод кунад.

Ёд орад футӯҳу мағлубӣ
Аз бадии замона, аз хубӣ.

Гӯяд ин, ки дарахти тоқ будам,
Хаймаи лашкари қазоқ будам.

Мешудам халқро балогардон,
Мисли пушту паноҳи сулҳу амон.

Пеш аз ҷанг дар ҳузури ман
Истироҳат намуда буд Богдан!

Аз сари ман чиҳо, ки нагзаштаст,
Саргузаштам фасонае гаштаст.

Рафъ кардам ҳуҷуми тӯфонро,
Сардии мавсими зимистонро.

Ман, ки ҳамсол бо «Гулистон»-ам,
Ошиқи рӯи навбаҳоронам.

Ҳафтсад бор навбаҳор омад,
Ҳафтсад соли бошумор омад.

Бо вуҷуди ҳамин нагаштам пир,
Наям аз умри рафта домангир.

Решаам дар замин амиқ бувад,
Сахт бо зиндагӣ рафиқ бувад.

Халқро боз ҳам ба кор оям,
Аз вуҷудам замин биёроям!

*1963*

## ШОИРО!

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар!

Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,
Аз шароре тоза гулхан офарад.

Пурҳарорат гар намешуд офтоб,
Зиндагӣ мегашт аз сармо хароб.

Бе ҳарорат санг буду дил набуд,
Дилкушою пурсафо манзил набуд.

Бе ҳарорат не дамидан буд расм,
Не шукуфтан, не расидан буд расм.

Бе ҳарорат дар лабонат ханда нест,
Хандаи чун машъали тобанда нест.

Шоиро, аз сӯхтан ҳаргиз манол,
Сӯхтанро дӯст медорад висол.

То насӯзӣ, сохтан мушкил бувад,
Дил ба ҷонон бохтан мушкил бувад.

Шеър ҳам бояд занад фавворае
Аз танӯри дил чу оташпорае.

Сар занад аз дил, ба дил коре кунад,
Нармтар сангин дили ёре кунад.

Ёр донад, ки чӣ бошад сӯхтан,
Дар вафодорӣ сабақ омӯхтан.

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас, макун аз оташи сӯзон ҳазар!

*1963*

## ТАРОНАИ ИШҚ

Шоири бе ишқ мурғи бе пар аст,
Беҳарорат моҳу беҷон пайкар аст.

Шоиронро ишқ Ҳотам мекунад,
Сарбаланди рӯи олам мекунад.

Ишқ шоирро ба ҷунбиш оварад,
Дар сари майдони санҷиш оварад.

Қатрае хоҳӣ агар, дарё диҳад,
Гӯшае хоҳӣ агар, дунё диҳад.

Гар намояд ёр як наззорае,
Шоир орад аз фалак сайёрае.

Ёр агар гӯяд: ба оташ зан, занад,
Чоҳ бо сар кан агар гӯяд, канад!

Гар навозад, ғунчаи хандон шавад,
Гар биҷангад, тифлаки гирён шавад.

Ғамзае, ки дилбари танноз кард,
Шоиронро банда дар Шероз кард.

Холи ҳинду мулки дилҳоро гирифт,
Ҳам Самарқанду Бухороро гирифт.

Мо, ки аз шерозиён кам нестем,
Дар саховат камбағал ҳам нестем.

Ҳар чӣ хоҳад ёр, инъомаш кунем,
Ҷону дилро садқаи номаш кунем.

Ёри мо арзандаи дунё шудаст,
Буд зебо, боз ҳам зебо шудаст.

Як назар кун, мӯй бину рӯй бин,
Гӯш кун, маънии гуфтугӯй бин.

Нозанин гӯӣ агар, гул мекунад,
Бӯса деҳ гӯӣ, таҳаммул мекунад.

Дар такаллум, дар табассум ёр ӯст,
Дар муҳаббат ҳокими мухтор ӯст.

На касе ӯро фурӯшад, на харад,
На ба зӯрӣ, на ба зар ӯро барад.

Чун фарояд аз сари кӯҳи баланд,
Шодии водинишин гардад дучанд.

Чун фарояд, ояд овоз аз дара:
«Акси худро бин дар оби шаршара.

Қоматат гӯяд, ки зебой манам,
Чашми ту гӯяд, ки доной манам.

Шуҳрати озодии зан дар ман аст,
Нури дониш, қудрати фан дар ман аст».

Ҳастияш субҳи шаби торик шуд,
Достони шоири тоҷик шуд.

Ёри мову дилбари шерозиён,
Фарқи он аз ин – замину осмон.

Чашми он тарсад шуои барқро,
Рӯи ин равшан намояд Шарқро.

Ҳадя орам ман ба ӯ ду қитъаро,
Қитъаҳои Осиё, Африкаро.

Бахшамаш ду қитъаи машҳурро,
Қитъаҳои саркашу мағрурро.

Қитъаҳоеро, ки хунҳо рехта,
Хокҳои душманонро бехта.

Қитъаҳоеро, ки исён мекунанд,
Зулмро бо хок яксон мекунанд.

Қитъаҳоеро, ки мисли офтоб
Сар баровärданд аз зери саҳоб.

Духтари тоҷик, эй уммеди кул,
Туҳфаи моро намо лутфан қабул!

*1963*

## ДАСТИ МОДАР

Бо ҳамон дасте, ки чодар сӯхтӣ,
Гулхани шаъну шараф афрӯхтӣ,

Бо ҳамон дасте, ки боғ оростӣ,
Кишвари гул-гул шукуфон хостӣ,

Бо ҳамон дасте, ки манзил сохтӣ,
Қасрҳову кӯшкҳо андохтӣ,

Бо ҳамон дасте, ки дар рӯи замин
Бахтро кардӣ ба фарзандат қарин,

Бо ҳамон дасте, ки кардӣ интихоб
Дилпурона давлати оличаноб,

Бо ҳамон дасте, ки шабҳои дароз,
Чашми шаҳло карда во аз хоби ноз,

Аллагӯён тифлро хобондаӣ,
То саҳар гаҳворааш ҷунбондаӣ,

Бо ҳамон дасте, ки ширам додаӣ,
Сӯям оғӯшат калон бикшодаӣ,

Бо ҳамон дасте, ки дастам доштӣ,
Дасти шафқат бар сарам бигзоштӣ,

Бо ҳамон дасте, ки шодам борҳо
Пок кардӣ ашки чашмони маро,

Бо ҳамон дасте, ки гул бӯ кардаӣ,
Шонаро бар кокулу мӯ кардаӣ,

Сӯи фатҳи тоза кун аз сидқи дил
Кафзанон фарзандҳоятро гусел!
*1963*

## ҲАМИН КОФИСТ

Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман,
ҳамин кофист,
Фидои як каломат, як саломат ман,
ҳамин кофист.
Навиштам, пахш кардам муҳр,
мондам даст бе гуфтор
Ҳаётамро, мамотамро ба номат ман,
ҳамин кофист.

Ту донӣ, феълу атвори ғуломон шӯру исён аст,
Шикастан,
пора кардан кундаву занҷири зиндон аст,
Чу рӯди кӯҳ ҷӯшида,
хурӯшида бурун рафтан
Зи қаъри тангно омоли озодипарастон аст.

Вале ман он ғуломам,
ки на исён мекунам, на шӯр,
На бо ту мекунам ҷангу на аз ту мешавам ман дур.
Ҳамеша бо ту механдам,
ҳамеша бо ту мегирям,
Агар хоҳӣ ту: ман ҳеҷу агар хоҳӣ ту:
ман машҳур.
Вафо кун, гуфта будӣ, ман вафо кардам,
ҳамин кофист,
Диламро дар вафо обу адо кардам,
ҳамин кофист.

Агарчи ибтидои ошиқон дар ишқ
ҳар ранг аст,
Вале бо номи ту ман ибтидо кардам,
ҳамин кофист.
*1963*

## ОБИ ДУШАНБЕ

Аз кӯҳи баланд аст равон оби Душанбе,
Тар карда лаби ташналабон оби Душанбе.
Ҳарчанд, ки ҷорист ба сад асру замонҳо,
Бо ёди Ватан монда ҷавон оби Душанбе!

Бас модари он синаи пуршаън ҷибол аст,
Хушкидани сарчашмаи ин об муҳол аст.
Густурда табиат ба раҳаш сабз гилеме,
Дорои замин асту замон, ҷоҳу ҷалол аст!

То дашти калон сарсари санг аст равона,
Аз мағзи дара «маҳмил»-и танг аст равона.
Ҳар қатраи худ то ба ҳама халқ расонад,
Бо монеаҳо толиби ҷанг аст, равона.

Дар соҳили он манзили ман ҷой гирифтаст,
Як боғу чаманзор саропой гирифтаст.
Бо оби Душанбе шуда ҳамсояи наздик,
Ҷо аз ҷигари мамлакати бой гирифтаст.

Пас умри ману оби Душанбест муқимӣ,
Дар кишвари ман зиндагию зист муқимӣ.
Монанди мани шоири дилдодаи ин об
Дар рӯи ҷаҳон боз дигар кист муқимӣ?
*1963*

## ҚАТРА-ҚАТРА
## ОБ ҲАМ ДАРЁ ШУДАСТ

Хостам хомӯш як ҷое, нашуд,
Шеър бинвисам ба танҳоӣ, нашуд.

Кунҷи танҳоӣ диламро танг кард,
Сатрҳои назмро беранг кард.

Чун назар кардам ба боғи дилнишин,
Боғ буд хомӯш ҳамранги замин.

Гоҳ рафтам, то гулеро бӯ кунам,
Ҳарчи зебояст, ҷустуҷӯ кунам.

Гаҳ ба рӯи сабза каҷпаҳлӯ задам,
Дастҳоро гаҳ ба тори мӯ задам.

Гаҳ сурудам, гаҳ баровардам наво,
Гаҳ шудам бо рӯди кӯҳӣ ҳамсадо.

Гаҳ фурӯ гаштам ба болои китоб,
Гаҳ зи худ пурсидаму гуфтам ҷавоб:

Зеҳ дар он ҷое,
ки пурҷӯшат кунад,
Зиндагонӣ танг оғӯшат кунад.

Зеҳ дар он ҷое, ки табъатро кафил
Гардад овози хушу рӯи ҷамил.

Зеҳ дар он ҷое, ки бошад дилписанд,
То шавад овози гуфторат баланд.

Зеҳ дар он ҷое,
ки ёронанд ҷамъ,
Дар сари иҷрои паймонанд ҷамъ.

Зеҳ дар он ҷое, ки бо нози ҳаёт
Озмоӣ бештар азму субот.

То дар он ҷо матлаби ҳар дил шавӣ,
Чун суруди тозае дохил шавӣ.

Қатрае гардӣ ту дар фаввораe,
Заррае аз тобиши сайёрае.

Қатра-қатра об ҳам дарё шудаст,
Ин замин аз қитъаҳо дунё шудаст.

*1963*

## БАРНО ЙИГИТ

*Ба Ғафур Ғулом*

Шастсола шоири маҳбуби мо,
Дӯсти ҷонӣ, рафиқи хуби мо.

Мо ғуломи табъи пурҷӯши туем,
Мисли ҷону тан дар оғӯши туем.

Назмро дарёи бепоён Ғафур,
Дӯстиро чашмаи ҷӯшон Ғафур.

Нест айёми асогирии ту,
Мӯсафедию дами пирии ту.

Гарчи як оиларо сардор ту,
Ҳам набера, ҳам аберадор ту,

Ман намегӯям, вале бобо туро,
Чолбобои суханоро туро.

Бо муҳаббат гӯямат барно йигит,
Хушқаду хушқомату доно йигит.

Кӯҳ ҳам дорад сафедӣ бар сараш,
Рӯд ҳам чин дар рухи софу тараш.

Назми ту кори ҷавонӣ мекунад,
Бо ҷавонон зиндагонӣ мекунад.

Шӯр андозад ба дил оҳанги ӯ,
Ранг бахшад ранги моро ранги ӯ.

Кам нагардад табъи оташбори ту,
Қувваи ашъори ту, ашъори ту.

*1963*

## ДИЛ БАРНАГАШТ

Тоҷиконро Украина интизорӣ мекашид,
Интизорӣ аз камоли дӯстдорӣ мекашид,
Кӯчаву боғаш нафасҳои баҳорӣ мекашид,
Сабза ҳам нақши гилеми ёдгорӣ мекашид.

Каштан аз гул шамъдони нуқрагине сохта,
Баргафшон буд ар-ар мисли боли фохта.
Бо муҳаббат шаҳр сӯи мо назар андохта,
«Хайра мақдам, хайра мақдам»
гуфта, қад афрохта.

Ман надидам дар ҷаҳон шаҳре,
ки бошад чун Киев,
Зинати рӯи ҷаҳонро карда якҷо ғун Киев,
Кард ақлу ҳуш мадюн,
кард дил мафтун Киев,
Аз тамошояш намояд рӯйро гулгун Киев.

Ӯ ба ёрон марҳабо гӯён, табассум мекунад,
Дидаҳоро во ба сӯяш мисли анҷум мекунад.
Дӯстро бинад, зи шодӣ дасту по гум мекунад,
Софии дилро ба чашмонаш таҷассум мекунад.

Рӯи ӯ равшан намояд мавҷи дарёи Днепр,
Доманашро пур кунад аз ноз саҳрои Днепр,
Қоматашро зеб бахшад қадду болои Днепр,
Кай равад аз ёд чун афсона шабҳои Днепр.

Хӯрдаам нону намак аз дасти фарзандони ӯ,
Лутфу эҳсон ёфтам аз чеҳраи шодони ӯ.
Безаволӣ мепарастад ҳусни бепоёни ӯ,
Ҳар яке моро бузургӣ медиҳад паймони ӯ.

Гарчи худ баргаштам, аммо дил аз он ҷо
барнагашт,
Аз лаби дарё, канори шаҳри зебо барнагашт.
Тоҷикистони азизам, аз гуноҳи дил гузар,
К-ӯ дигар аз пеши ёри чашмшаҳло барнагашт.

*1963*

## ҚАСДИ ПАҲЛӮИ ОФТОБ КУНЕМ

Гуфта буд як рафиқ аз Найроб,
Ки «Шабе гар бубиниам дар хоб,

Дар сари хатти устувоям ман,
Сару по аз миён ҷудоям ман.

Монда сар дар Ҷануб, по ба Шимол,
Кӯраи арзро кунам ишғол.

Вақт гӯё дар ихтиёри ман аст,
Гардиши рӯзгор кори ман аст».

Ман ҳам огоҳ аз шитоби вақт,
Рафтаам ман ба сарҳисоби вақт.

Чун ба Кайҳон парад фалакпаймо,
Ба фалак ҳамраҳаш шавам боло.

Дар ҷаҳон борҳо сафар кардам,
Аз хати устуво гузар кардам.

Баъд аз ин дурии масофа намонд,
Аз назар дур як қиёфа намонд.

Вақт моро барад шитобкунон
Ба суроғи тамоми оламиён.

Ҳар сафар аз сафар ки баргардам,
Шоҳиди муъҷизи дигар гардам:

Нашиносам диёри худро зуд,
Гоҳ ҳайрон шавам, гаҳе хушнуд.

Гирду атрофро назора кунам,
Пас ба ҳар нуқтае ишора кунам.

Буд он ҷо замини бекоре,
Манзили баччагони бисёре.

Дашти холии тӯббозон буд,
Хоки он дар ҳаво ба ҷавлон буд.

Дашт акнун китобхона шудаст,
Хонаи чандошёна шудаст.

Буд дар ин канори шаҳри азим,
Кӯчае монда аз ҷаҳони қадим.

Лойи он кӯча то миён мезад,
Рафтану омадан ба ҷон мезад.

Қад кашидаст дар чунин ҷое,
Пурҳашам қасри шаҳророе.

Қасри зебои шаҳри олишон,
Боргоҳи арӯсу домодон.

Боргоҳе, ки аз раҳи савганд
Ошиқонро ба ҳам кунад пайванд.

Медиҳад балки ҳам васиқаи умр,
Ҳам ба онҳо нишон тариқаи умр.

То ки дар зиндагӣ шитоб кунанд,
Умрро боли худ ҳисоб кунанд.

Дур аз почта маҳаллаи мо
Мушкилӣ мекашид як дунё.

Масалан, одамон ҳама ҳайрон,
Мешуданд интизори почталон.

Ӯ намекард вақтро дарёб,
Лек вақти газетахон баҳисоб.

Дар маҳалла, бубин, чиҳо шудааст,
Почта, телеграф бино шудааст.

Соати даврааш, ки гардон аст,
Ба ҳама шаҳриён намоён аст.

Ба пасаш ақрабак накарда нигоҳ,
Мекунад аз шитоби вақт огоҳ.

Кишварам ҳар дақиқа, ҳар соат
Ба фалак рост мекунад қомат.

Вақт омад ба хизмати тоҷик,
Тоҷикистон чу вақт дар таҳрик.

Дар замони қадим мегуфтанд:
«Одамон дар сафар ҳамехуфтанд»

Чунки монанд буд гузашти замон,
Ба сафи уштурони сайёҳон.

Корвон ҳокими биёбон буд,
Шарқбардӯш роҳпӯён буд.

Бенишон мегузашт ҳар маҳу сол,
Умр чун сояи рамидағизол.

Лек имрӯз вақт тобеъ шуд,
Тобеи халқи нектолеъ шуд.

Мо ки дар ҳар қадам нишон дорем,
Роҳи равшан
чу Каҳкашон дорем.

Ҳар сафар аз сафар чу баргардам,
Шод аз нав ба нав зафар гардам.

Монда танҳо ба ранги пешина
Қуллаи кӯҳсори дерина.

Карда танҳо тулӯъи хеш давом
Ҳар саҳар офтоби зарринфом.

Ҳамраҳи вақт мо шитоб кунем,
Қасди паҳлӯи офтоб кунем.

*1964*

## ВАТАН

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.

Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯи уқёнус бишнидам садои ту.
Агарчи дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,
Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.

Ба вақти бозгаштан чун расидам бар ҳудудат ман,
Зи сар то по шудам мафтуну шайдои намудат ман.
Нишастам дар замини ту, паридам дар ҳавои ту
Ба овози дурудат ман, ба оҳанги сурудат ман.

Агарчи борҳо афтодам аз ёру диёрам дур,
Ба сайёҳӣ маро карданд гарчи дӯстон машҳур,
Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр
Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур.

*1965*

## ГАРДИ РОҲ

Гарди роҳ овардаӣ ту дар сари мижгони худ,
Кулфати шабҳои нооромг дар чашмони худ.
Ҳазлро партофта, гӯё ки дар аснои роҳ
Кардаӣ хомӯшии бисёрро сомони худ.

Дар сафар нагрифтат оё бағал дасти сабо,
Як даре дар нисфи раҳ оё нагуфтат марҳабо.
Боварӣ ҳаргиз надорам, ки туро сидқу вафо
Карда бошад дар тамоми роҳ аз чашмаш хато.

Чашмҳо буданд дар роҳи ту доим интизор,
Аз қадамҳои ту мекарданд садҳо ифтихор.
Ту қадам мемондию аз хок мебардошт сар
Донаи пошидаи деҳқон дар айёми баҳор.

Зиндагии дар паси сар мондаро идрок кун,
Аз ғубори роҳи дуродур мижгон пок кун.
Роҳ дар пеш аст, дам гиру нафасро рост кун,
Чашм сӯи қуллаи тобанда то афлок кун.

*1965*

## БО ЧАШМИ ТУ

Обрӯи ишқро чашми ту бардорад баланд,
Фитнаи ағёрро мардона нанмояд писанд.
Чашмро, эй ҷони ман, аз сӯи ман ҳаргиз макан,
Чунки дорад ҳар нигоҳи дӯст як дунёи панд.

Чашми алмосии ту дар шишаи дил кора кард,
Зиндагии талху ширини маро наззора кард.
Хост гирад пеши чашмам пардаи абри ғурур,
Чашми бинои ту мисли барқ онро пора кард.

Бе сухан бо чашми ман чашми ту дорад гуфтугӯ,
Гардад огаҳ, гар дилам ҷунбад зи ҷо як қадри мӯ.
Дар бадан хуни маро чашми ту меорад ба ҷӯш,
Чун мае, ки солҳо хобида бошад дар сабӯ.

Хешро месанҷам аз сар то ба по бо чашми ту,
То намоям сафҳаи дил пурсафо бо чашми ту.
Ноаён мемонд дар чашмони ман нуқсони ман,
Кардам онро ошкоро, дилбаро, бо чашми ту.

*1965*

## ТИРАМОҲ

Шуҳрати бисёр дорад тирамоҳ,
Номи лангардор дорад тирамоҳ.
Дасти боло, рӯи хандон, чашми сер,
Домани пурбор дорад тирамоҳ.
Паҳн карда хони зебо дар замин,
Нозу неъматҳои дунё дар замин,
Мекунад моро ба даргоҳаш хабар,
Дорад он тӯю тамошо дар замин.
Хам шуда сӯи замин бо эҳтиром,
Медиҳам аз номи колхозчӣ салом –
Чун дарахти сершоху сербарг,
Мисли домоду арӯси некном.
Кӯҳсор аз Шарқ чун деҳқони пир
Мебарад тӯёнаҳои беназир:
Лаълии заррин ба сар бардошта,
Ҳар саҳар гӯяд, ки:
аз ман ҳадя гир!

*1965*

## ЗАМИН

Дар фазо парвоз кардам гарчи аз рӯи замин,
Чашмро аммо намекандам ман аз сӯи замин.
Бо ситора ҳамнишин, бо моҳ гаштам ҳамнафас,
Лек будам сархушу сармаст аз бӯи замин.

Бори аввал дар замин сар шуд тапиданҳои дил,
Бо умеди зиндагӣ заҳматкашиданҳои дил.
Тӯшаи раҳро ба дӯши хештан бардошта,
Сабру тоқатро надониста давиданҳои дил.

Зинда кардам дар замин ман шуълаи хомӯшро,
Бо сухан дар ҷӯш овардам дили беҷӯшро,
Ман ба ҳар як тифли аз модар ба дунё омада
Боз кардам аз сари сидқу вафо оғӯшро.

Бо замин, бигзор, ки пайванд бошад пои ман,
Дар замин, бигзор, ки бошад муқаррар ҷои ман.
То абад, бигзор, бошад шуълаафкан, шуълабор
Он чароғе, ки фурӯзон гашт дар маъвои ман.

*1965*

## ТОК ВА ЗАМИН

Боғбон токи ҷавонро ба буридан сар кард,
Шираи ток чу ашке ба чакидан сар кард.
Синаи хок – дили модари деринаи мо –
Чун дили дардкашида ба тапидан сар кард.

Решаи ток, ки дар зери замин маскан дошт,
Бо замин ваъдаи як умр вафо кардан дошт.
Аз дами хоки сиёҳ, аз нафаси гарми баҳор
Ток болида, амал кардану сабзидан дошт.

*1966*

## ТИРУКАМОН

Дирӯз баъди борон тирукамон баромад,
Байроқи навбаҳорон партавфишон баромад.

Аз қатраҳои борон дар офтоби тобон
Рухсора тар намуда, абрӯкамон баромад.

Бо рангҳои дилкаш, бо чеҳраи мунаққаш
Ҳусни замин дамида, фавворасон баромад.

Аз кӯҳ то ба кӯҳе, аз дашт то ба даште
Товуси хушхироми Ҳиндустон баромад.

Мурғи қафасшикаста, аз банди зулм раста,
Чун рамзи дӯстии халқи ҷаҳон баромад.

Кардам гумон, ки аз дил савти ҳазор манзил
Чун мавҷҳои соҳил дар як замон баромад.

*1966*

## ТАРОНАИ РӮД

Рӯди кӯҳӣ, ту саройӣ ба ҳавои дили ман,
Ҷӯр созӣ нафасатро ба садои дили ман.
Шӯр дар сина ниҳон, рақскунон мегузарӣ,
Огаҳ астӣ магар аз дарду давои дили ман?

Ту ҳамон чашма, ки ҷӯшидаву фаввора шудӣ,
Ашки шаффофтарини ҷигари хора шудӣ.
Чашма дар кӯҳ будӣ, ҷӯй шудӣ, рӯд шудӣ,
Нури чашмони ману дидаи наззора шудӣ.

*1966*

## РӮДИ МАН

Рӯди ман, олам дигар шуд,
 ту ҳамон астӣ, ҳамон,
Сарзаминат пурсамар шуд,
 ту ҳамон астӣ, ҳамон,
Даври ман даври ҳунар шуд,
 ту ҳамон астӣ, ҳамон.
Дидаю дил пуршарар шуд,
 ту ҳамон астӣ, ҳамон.

Осмон дар синаи ту аксандозӣ кунад,
Бо ҷамоли ту ситора шӯхию бозӣ кунад,
Оламеро ҳусни ту аз хештан розӣ кунад,
Моҳи гардун дар дили шаб гарданафрозӣ кунад.

Медавӣ дар кӯҳсору сар ба сангон мезанӣ,
Уштури мастӣ магар, ҳар сӯй ҷавлон мезанӣ?
Даст бар сар мӯҳарошон, рӯҳарошон мезанӣ,
Қатраҳои сардро бар кӯҳсорон мезанӣ.

Дар канорат то саҳаргаҳ ҷой кас гирад, хуш аст,
Бо нигоре домани ишқу ҳавас гирад, хуш аст,
Ҷои сабза давра дар болои хас гирад, хуш аст,
Фориғ аз кори ҷаҳон як дам нафас гирад, хуш аст.

Тезтар, бурротар обат аз дами шамшер ҳам,
Софтар аз оби чашми тифли бетақсир ҳам.
Пурҷилотар аз рухи хуршеди оламгир ҳам,
Тундтар аз бод ҳам, аз бодпо нахчир ҳам.

Як назар кун, рӯди ман, атрофи ту тағйир ёфт,
Аз дами ту дашти бирён чораву тадбир ёфт,
Гарчи бепарво дили ман раҳ ба сӯят дер ёфт,
Ҳарчи бошад, ҳусни ту дар шеъри ман тасвир ёфт.

Боз мебинам, ки, рӯдам,
                    ту ҳамон астӣ, ҳамон,
Пеши ту ман дар суҷудам,
                    ту ҳамон астӣ, ҳамон,
Дил ба рӯят ман кушудам,    ту ҳамон астӣ, ҳамон,
Гӯш нокарда сурудам ту равон астӣ, равон…
*1966*

**БА РАСУЛ ҒАМЗАТОВ**

Ман ба Доғистони ту бе шишаю ҷом омадам,
Гарчи аз Помир чун авлоди Хайём омадам.
Аз сари кӯҳи баланди Тоҷикистон парзанон
Бо тақозои дилу таҳрики айём омадам.

Омадам, то давра гирам бо ҷавонони Ғуниб,
Рози дил гӯям ба оҳучашм хубони Ғуниб.
То занам шояд, ки барқе аз дами шамшерашон
Вақти бозӣ кардани шамшербозони Ғуниб.

Гар ба китфи ман набошад бурка,
                              ханҷар дар миён,
Бо чӣ фахрам пеши доғистонии абрӯкамон?
Тӯпии худро агар сад бор дар ҷои папах
Сӯяш андозам, ба ман сад бор баргардонад он.

Одамон дар кӯҳ симу ганҷ ҷустуҷӯ кунанд,
Ҷон ба каф бигзошта, бо абру борон хӯ кунанд.
Дӯстдорони суруду назм – доғистониён
Назмро монанди гулҳои баҳорон бӯ кунанд.

Сарзаминат, дӯстам, озода маскан будааст,
Дар дили кӯҳи ту назму шеър маъдан будааст.
Дар фалак, дар осмон, дар деҳаи Хунзах мудом
Ахтари иқболи шоир нурафкан будааст.

Омадам, то нӯшам аз сарчашмаи ашъор ман,
То шавам масту хумор аз соғари саршор ман.
Гар ту соқӣ бошию гар дӯстдорӣ инчунин,
Гирам аз дасти ту ман як бор не, сад бор ман.

Тоҷикон авлоди Хайёманд, гуфтӣ, дӯстам,
Шод фарзандони айёманд, гуфтӣ, дӯстам.
Ҳамқадаҳ ҳастанд бо Хайём доғистониён,
Бо шумо ҳамкасбу ҳамноманд, гуфтӣ, дӯстам.

Хонае, ки дар диёрат чун зиёратгоҳ буд,
Аз тамоми сирру асрори сухан огоҳ буд.
Аз дили шаб то саҳар меҳмоннавозӣ менамуд
Шоири тоҷикро, ки бо шумо ҳамроҳ буд.

Дӯстам, бигзор, бошад кӯза лабрези шароб,
Гӯши мо, бигзор, бошад банд бо чангу рубоб.
Ёри мо, бигзор, бошад бо ду шоир ҳамнафас,
Ҳардуро санҷида, бинмояд якеро интихоб.

*1966*

## ОФАРИН, ДИЛ!

Офарин, дил, занги аввалро надодастӣ ҳанӯз,
Дар мақомат бе танаффус истодастӣ ҳанӯз,
Мехурӣ ғамҳои оламрову шод астӣ ҳанӯз,
Андаруни оташӣ, оҳанниҳодастӣ ҳанӯз.

Сӯхтан дорӣ, вале бедуд месӯзӣ ҳанӯз,
Маҳфилеро аз шуои хеш афрӯзӣ ҳанӯз,
Меравӣ тозон чу мактаббачагони синфи як,
Зиндагиро аз алиф сар карда омӯзӣ ҳанӯз.

Сабр кун, то тай кунам як парча роҳи дигаре,
То ба фардоям намоям як нигоҳи дигаре,
То ниҳам бори дигар сар бар сари зонуи ёр,
Гарчи бошад баҳри ман ин ҳам гуноҳи дигаре.

Сабр кун, гирам лаҷоми вақтро бори дигар,
То гузорад бар замин пои ман осори дигар,
Сабр кун, то дар ҳузури дӯст шабҳои дароз
Ҳарчи мехоҳӣ, кунам аз номат изҳори дигар.

Сабр кун, то сер бинад чашми ман рӯи замин,
То барам бо хеш чун атри кафан бӯи замин.
Сабр кун, гардад парешон ҳар саҳар дар гирди мо
Шуълаи хуршед чун заррина гесӯи замин.

Сабр кун,
          Вақти танаффус нест,
                              Дил, занге мазан,
Шишаро чун баччаҳои шӯх бар санге мазан.
Сабр кун, нохун ба тори нозуки чанге мазан,
Сар ба девори қафас дар синаи танге мазан.

Асп рон, аз наъли аспи ту шарор ояд бурун,
Асп рон, чанги замин беихтиёр ояд бурун.
Асп рон, бо оҳувон аз чашмасорон об нӯш,
Чашмаро бингар, чӣ сон аз кӯҳсор ояд бурун!

*1966*

## ЯК НИГОҲ

Ҷустуҷӯ кардам каломи рехта,
То барам сӯяш паёми рехта.

То ки он шоистаи номаш бувад,
Чун қиёми бода дар ҷомаш бувад.

То ба табъи ёри ман ояд писанд
Бо салисиҳову мазмуни баланд.

Бошад он чун қомати мавзуни ёр,
Зеби лабҳо, чеҳраи гулгуни ёр.

Нотиқонро борҳо дар анҷуман
Гӯш кардам, буд такрори сухан.

Нутқи онҳо буд мурғи бепаре,
Оташе ҷо дода бар хокистаре.

Бесару по домани офоқ буд,
Қиссаи дерини кӯҳи Қоф буд.

Ҷустуҷӯ кардам каломи рехта,
То барам сӯяш паёми рехта.

Ҷустуҷӯ мекардаму мекофтам,
Оқибат чашми туро ман ёфтам.

Омадӣ ногоҳ бо ман рӯ ба рӯ,
Чашми ту мекард бо ман гуфтугӯ.

Як нигоҳат ошиқонро шод кард,
Шоиронро дар сухан устод кард.

Як нигоҳат маънии бисёр дод,
Як нигоҳат сад муамморо кушод.

Ошиқам ман,
ошиқи чашми сиёҳ,
Ошиқи он як нигоҳу як нигоҳ.

*1966*

## БЕТАРАФ

Дар Женева субҳ ояд бетараф,
Рӯз чашмашро кушояд бетараф,
Офтоб аз дар дарояд бетараф,
Хонаро равшан намояд бетараф.

Манблан сар то фалак бардошта,
Осмонро бар кафи худ дошта,
Зинату зеби ҷаҳон ғундошта,
Дил зи бинанда рабояд бетараф.

Медурахшад дар уфуқ моҳи ҳилол,
Мезанад фавворахо кӯли зулол.[1]
Мурғ дар тори ҳаво бикшода бол,
То дили шаб месарояд бетараф.

Кӯҳсори Алп орому хамӯш,
(Қадбаланду сарсафеду сабзапӯш),
Ҳам Женева, ҳам Париж, ҳам Рим гӯш
Асрҳое менамояд бетараф.

Хоби шаб оҳиста гардад ҳукмрон,
Қатъ гардад бӯса аз ширин лабон,
Дасти ёре афтад аз китфи ҷавон,
Хоб дар шаб кард бояд бетараф.

Ошиқон карданд, аммо тарки хоб,
Вақти онҳо буд гӯё беҳисоб,
Роз гуфтанд аз дили пуризтироб,
Ишқро будан нашояд бетараф.

*1966*

---

[1] Дар Женева кӯлест, ки дар дохили он фаввораи калоне ҷӯш мезанад.

## ДАР БОЗОРИ КИТОБ

Ба бозори китоб афтод рӯзе
Гузори шоири дар тобу сӯзе.

Умеде дошт, ки бинад китобаш,
Китоберо, ки бурд аз дида хобаш.

Чӣ сон хонандаро мафтун намудаст,
Ба гирдаш толибон чун ғун намудаст.

Чӣ сон ҳар сатри он вирди забон аст,
Суруди дилфиребу ошиқон аст.

Парешонҳол мегардид нозир,
Ба савдои китоби хеш шоир.

Пайи хонандагон соат ба соат,
Намешуд канда з-ин қасри саодат.

Яке Пушкин, дигар Хайём мехост,
Суруди ишқ, бонги ҷом мехост.

Садои дил, фурӯғи дида меҷуст,
Дуру дурдонаҳои чида меҷуст.

Тавону сабри шоир тоқ гардид,
Дилаш хонандаро муштоқ гардид.

Касе, аммо намепурсид номаш,
На осораш, на шеъраш, на каломаш.

Ба дил гуфт: ин чӣ шӯр асту чӣ ошӯб,
Ки Пушкин зинда, Хайём аст маҳбуб!

Чаро онҳо ҳанӯз овоза доранд,
Ҷавон гардида рӯҳи тоза доранд.

Чаро онҳо чунин хонанда доранд,
Ки бар Хайёму Пушкинҳо гул оранд.

Мани зинда чаро беэътиборам,
Сари мӯе чаро қадре надорам.

Чаро бозори шеъри ман касод аст,
Магар дар назм мардум бесавод аст.

Ман, охир, шоири ширинзабонам,
Ҳамовозу ҳамоҳанги замонам.

Бад-ин андеша соатҳо гузаштанд,
Аз ӯ хонандагон огаҳ нагаштанд.

Намедонист шоир, ки ба каф ҷом,
Ҳамеша гирд мегардад дар айём.

*1966*

## МОДАРАМ

Тифл мондам аз ту, модар, рӯи ту дар ёд нест,
Қомати ту, чашми ту, абрӯи ту дар ёд нест.
Дар суроғат мезанам худро ба ҳар як кӯю дар,
Чунки то имрӯз, модар, кӯи ту дар ёд нест.

Рафтам, аз занҳои пири деҳа кардам ҷустуҷӯ,
Рафта, бо санги мазори ту намудам гуфтугӯ,
Гӯш кардам, рафта ҳар як ҷунбиши шохи дарахт,
Бо гиёҳу сабзаҳои дашт гаштам рӯ ба рӯ.

Рӯд мегуфтам, ки ӯ оби маро нӯшида буд,
Кӯҳ мегуфтам, ки дар оғӯши ман кӯшида буд,
Ғӯза мегуфтам, ки карбоси маро пӯшида буд,
Доя мегуфтам, ки бо ман шири гав дӯшида буд.

Чашма мегуфтам,
ки омад кӯза бар сар пеши ман,
Хор мегуфтам, ки пояш кард захмин неши ман,
Барқ мегуфтам,
ки аз ман буд чашмаш дар гурез,
Абр мегуфтам,
ки буд дар гиря кардан хеши ман.

Шаҳд дар комаш ҳамеша талхтар аз заҳр буд,
Ҳам шариат, ҳам тариқат сарвари бадқаҳр буд.
Модари бечораи ту мухтасар сар то ба по
Як зани н-осудаю як муштипар дар даҳр буд.

Як зани дигар, ки дар деҳ беш аз сад сол дошт,
– Модарат, – мегуфт ӯ, – дар кунҷи лаб як хол дошт.
Кулчарӯ, занҷирмӯ, дар қадду қомат чун ниҳол,
Гар саволе ояд аз мулло, забони лол дошт.

Модарам, дар ёди ту гашту гузоре мекунам,
Баҳри меҳри ту дили худро мазоре мекунам,
Хизмати шоиста бар ёру диёре мекунам,
Назми худро бар сари қабрат шиоре мекунам.

Дӯст дорам, модарам, бо ёди ту қишлоқро,
Рӯдҳои нуқрагину нилгун офоқро,
Ҷилвагар дар боми мактаб лолагун байроқро,
Содадил қишлоқиёни дар муҳаббат тоқро.

Шеър гӯям,
                    ояд аз шеърам садои модарам,
Деҳа гӯям, бар сарам ояд ҳавои модарам,
Солхӯрда гар зане рӯзе дучор ояд ба ман,
Гӯямаш, ки бош, то ҳастам, ба ҷои модарам!

*1966*

## БИГЗОР, ЗАН БОШАД МУДОМ

Баҳр агар тӯфон кунад, гӯянд: – Кори офтоб,
Бод агар исён кунад, гӯянд: – Кори офтоб.
Абр агар борону барф орад, гуноҳи офтоб,
Жолаи чун санг агар борад, гуноҳи офтоб.
Офтоби шуълаафкан чор мавсим оварад,[1]
Гул кунад, сабзад табиат дар паноҳи офтоб.
Гулшане гардад хазон аз иштибоҳи офтоб.
Сардии дай, нармии фасли баҳор аз офтоб,
Рӯзҳои равшану шабҳои тор аз офтоб.
Равшаниборӣ кунад самти шимол аз офтоб,
Байрақи заррин занад бар сар ҷибол аз офтоб.
Пас ҳама гӯянд, ки: бигзор, бошад офтоб,
Ёр бошад бо замин бисёр, бошад офтоб.
Зан, ба ман маълум шуд, ки офтобӣ будааст,
Кори ӯ ҳам дилбарӣ, ҳам дилхаробӣ будааст.
Гоҳ мебинӣ, ки ором аст чун файзи саҳар,
Гоҳ мебинӣ, ки меҷӯшад чу дарёи Хазар.
Гоҳ монанди асал ширину хушбӯяст он,
Гоҳ чин монанди мавҷи баҳр дар рӯяст он.
Гоҳ айши зиндагиро боз ҳам ширин кунад,
Гоҳ бо неши забон оҳиста дил захмин кунад.

---

[1] Дар нашрҳои пешин ба ҳамин шакл – як мисраи тоқ омадааст. *(Муҳаррир)*

Гоҳ густоху гаҳе рӯ пӯшад аз осори шарм,
Гоҳ шоду гоҳ ғамгин, гоҳ сарду гоҳ нарм.
Зан, ба ман маълум шуд, ки офтобӣ будааст,
Кори ӯ ҳам дилбарӣ, ҳам дилхаробӣ будааст.
Пас ҳама гӯянд, ки: бигзор, зан бошад мудом,
Зиндагӣ бо зан хуш асту умр бо зан бардавом.

*1966*

## ДУ БАЙТ

Нигоҳи ту ба тулӯи ситора монанд аст,
Ба тобу тези дили пуршарора монанд аст.
Барои додани ҷони ман он хами мижгон
Ба нозукона имову ишора монанд аст.

*1966*

## АФСӮС, КИ НАКАРДӢ ИМТИҲОНАМ…

*Корвони ишқи мо бо роҳи мушкил меравад.*

*Саъдӣ*

Аз рӯзҳои аввал донӣ маро,
азизам,
К-аз зиндагии осон мехостам гурезам,
Монанди раъду барқе бо абрҳо ситезам,
Чун буттаҳои сарсабз аз мағзи санг хезам,
Аз фарқи кӯҳсорон чун шаршара бирезам.

То ин ки дар диёри кӯҳӣ садо диҳам ман,
Аз хеш қатраҳоро ҳар сӯ ҳаво диҳам ман.

Рӯзе, ки менамудам рӯи туро назора,
Мехостам, ки орам аз осмон ситора,
Бар гӯши ту авезам онро чу гӯшвора,
Мегашт агар дили ман аз зарби ишқ пора,
Дар орзӯи васлат мезистам дубора.

Исбот то намоям сидқу вафои худро,
Ҳам ибтидои худро, ҳам интиҳои худро.

Мехостам,
ки бошад оғози ишқ мушкил,
Ҷӯшидаю дамида, ноорамида ин дил,
Чун мавҷҳои дарё сарро занад ба соҳил,
Дар хоку хун тапида, монанди мурғи бисмил,
Ё маҳви ишқ гардад, ё ки ба васл ноил.

Ин он мароми ман буд,
Рабти низоми ман буд,
Хоби ҳароми ман буд,
Шӯру қиёми ман буд!

Афсӯс,
ки накардӣ як бор имтиҳонам,
Мешуд дароз шояд дар пеши ту забонам,
Номи ту сабт мешуд дар дафтари баёнам,
То хешро шиносам, то қадри ишқ донам,
То ин ки нияти худ беоқибат намонам.

Ин достони худро такрор мекунам ман,
Эҳсоси ошиқонро бедор мекунам ман.

*1966*

## САДОИ ПОШНА

Дар хиёбон чун ба гӯш омад садои пошна,
Дил ба рақсидан даромад дар ҳавои пошна,
По ниҳодам беҳушона бо нидои пошна,
Нақши поро дидаму тасдиқ кардам, ки туӣ.

Аз қадамҳоят ҳаёти шаҳр гул-гул мешукуфт,
Соҳили дарёву кӯлу наҳр гул-гул мешукуфт,
Дар гумонам, ки тамоми даҳр гул-гул мешукуфт,
Шодмон гардидаму тасдиқ кардам, ки туӣ.

Ту чи сон зебо шудӣ, озод қад афрохтӣ,
Чил кокул бофта бар тахтапушт андохтӣ,
Куртаи атлас ба ранги рӯ мувофиқ сохтӣ,
Хуб ман санҷидаму тасдиқ кардам, ки туӣ.

Дар замоне, ки ба он имрӯз по бигзоштӣ,
Аз равуоят ба ҳар ҷо зебу зинат коштӣ,
Офарин бодо туро, ин қадр ҳиммат доштӣ,
Гул зи боғат чидаму тасдиқ кардам, ки туӣ.

*1966*

## ДИЛИ МОДАР

Агар аз гиря кардан об мешуд дил, дили ман буд,
Ба сели ашк мешуд ғарқ манзил, манзили ман буд.
Агар осон намегардид мушкил, мушкили ман буд,
Ба зери мавҷи дарё монда соҳил, соҳили ман буд.

Агарчи мурдани фарзандро дар ҷанг дидам ман,
Агарчи борҳо бегонаи дилсанг дидам ман,
Ба уммеде, ки бинам чоҳканҳоро ба зери чоҳ,
Намурдам,
гарчи бо чашмам аҷал ҳар ранг дидам ман.

Намурдам,
зистам, фарзанди хурдамро калон кардам,
Шаби тӯи арӯсӣ ашки шодиро равон кардам.
Гумон кардам, ки оби дида марҷон гашт, марҷонро
Ба келин пешкаш кардам, дуо чун модарон кардам.

Надорам тоқати доғи писар дидан дигар ҳаргиз,
Саросар сӯхтори пуршарар дидан дигар ҳаргиз,
Ба ҳар як хона тифли бепадар дидан дигар ҳаргиз,
Ҳаёти одамиро дар хатар дидан дигар ҳаргиз!

## НАҚШИ ПОЙ

Биё, эй дилбари кокулбурида, интизорат ман,
Биё, эй чашми нилупарварида, интизорат ман,
Биё, абрӯю мижгони хамида, интизорат ман,
Биё, хонам ба гӯши ту суруди кӯҳсоронро.

Агар донам, ки ҷангалзор ҷои сайргоҳи туст,
Агар донам, ки ҳусни беша аз лутфу нигоҳи туст,
Агар донам, ки нахли сабз дар пушту паноҳи туст,
Зиёратгоҳ мекардам даруни бешазоронро.

Зимистонро ту аз овони хурдӣ дӯст медорӣ,
Ҳавои сарди онро аз дилу аз ҷон талабгорӣ,
Ба рӯи барфҳо бо лижа, бо конки ба рафторӣ,
Аз ин рӯ, ман ҳам аз ҷон дӯст медорам зимистонро.

Агар ёбам ба рӯи барфи ҷангал нақши поятро,
Агар орад ба гӯшам боди саҳроӣ садоятро,
Агар аз бӯи барги коҷ бишносам ҳавоятро,
Бигӯям: сабр кун, ҳоло наё! – фасли баҳоронро.

Ҳамехоҳам, ки монад нақши пои ёри ман бо барф,
Машомамро расад бӯи ҳавои ёри ман бо барф,
Дилам равшан кунад сидқу сафои ёри ман бо барф,
Ки то дар хизматаш даъват кунам табъи ғазалхонро.

Агар бо барф нақши пои ӯро бод пӯшонад,
Дилам нақши муборакро ба мулки хеш кӯчонад,
Дигар ин нақш дар мулки дили ман ҷовидон монад,
Ба олам зинда гардонам русуми дӯстдоронро.

Агар барфи зимистон об гардад, навбаҳор ояд,
Агар фасли гулу айёми парвози ҳазор ояд,
Барои қӯзақарнӣ ёр агар дар бешазор ояд,
Намоям пурсуҷӯ аз нақши пояш сабзазоронро.

Насими навбаҳорон кокули заррин ба чанг орад,
Зи болои сараш гул резаду қарси фаранг орад,
Рухашро дида, садбарги сафеди боғ ранг орад,
Ба ӯ шоир намояд ҳадя назми Тоҷикистонро.

*1966*

## НОНРЕЗА

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.

Чунки ман ҳам дар замони худ даравгар будаам,
Хӯшачину дарзабанду дос дар бар будаам.

Гӯш мекардам суруди марди хирманкӯбро,
Мешунидам зарбҳои говрона – чӯбро.

Побараҳна, дилгурусна сар-сари кӯҳи адир,
Хӯрҷин дар китф мегаштам чу як марди фақир.

Рӯзу шаб чун коҳҳои монда дар саҳро будам,
Дар парешонӣ чу боди бесару бепо будам.

Нонвои шаҳр меояд кунун дар пушти дар,
Нони гарми хешро бардошта вақти саҳар.

Кӯчаҳоро пур кунад аз бӯи нони ширмол,
Пур кунад хони арӯсон дар шаби тӯи висол.

Хӯшаҳо дар киштаҳо вақте ки сар хам мекунанд,
Шодию хурсандии хурду калон зам мекунанд.

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Дидаву санҷидаву болида мемолам ба чашм.

*1967*

## ЧӮПОН

Чӯпон ба сари кӯҳу чаридан рама дорад,
Аз санг ба харсанг ҷаҳидан рама дорад.

Бӯи гули кӯҳию алафзори чарогоҳ
Дар панҷаи бод асту давидан рама дорад.

Чун абри сафеде, ки гирифтаст фазоро,
Чодар ба сари сабза кашидан рама дорад.

Сарчашма занад ҷӯш, аз он барра кунад нӯш,
Аз ҷӯи сафобахш паридан рама дорад.

Дар дасти шубон чӯб – хитобест ба душман,
Гургон ба ҳаросанду рамидан рама дорад.

Чӯпон нигарад бо назари меҳр ба поён,
Аз қуллаи куҳсор хамидан рама дорад.

Ишқу ҳаваси дидани ин манзари зебо
Ман дораму ту дориву дидан ҳама дорад.

*1967*

## СИЛСИЛАИ КӮҲИ ҲИСОР

Дидаӣ манзараи силсилаи кӯҳи Ҳисор,
Нуқрагун шаршараи силсилаи кӯҳи Ҳисор,
Рӯдҳои дараи силсилаи кӯҳи Ҳисор,
Акси оҳубараи силсилаи кӯҳи Ҳисор.

Нест ин силсила монанд ба кӯҳи дигаре,
Дорад ин кӯҳ ба худ хос шукӯҳи дигаре,
Кӯҳҳо саф зада ҳастанд ба ҳам дӯш ба дӯш,
Як гурӯҳ аз пасу аз пеш гурӯҳи дигаре.

Бағали кӯҳи Ҳисор аст пур аз чашмаву рӯд,
Гулмаҳӣ диққати сайёҳ кунад ҷалб ба худ,
Абрҳо мисли шутур гардани худ карда дароз,
Об нӯшанд зи дарёчаи пуршӯри кабуд.

Бағали кӯҳи Ҳисор аст тамошогаҳи мо,
Манзилу маҳфили мо, бистари мо, ҷогаҳи мо,
Чашмаҳояш дами ҷӯшидану фаввора задан
Гашта монанд ба оҳанги дили огаҳи мо.

Кӯҳҳо, ки ба замин пой фурӯ сохтаанд,
Қуллаҳо рахна ба сақфи фалак андохтаанд.
Мисли байроқи зафар, машъали тобони ҳаёт
Офтоби саҳариро ба сар афрохтаанд.

Гар ниҳӣ по ба заминаш, кафи по нарм шавад,
Ҷисму ҷони ману ту аз нафасаш гарм шавад,
Қатраи шабнами наврехта дар чеҳраи гул
Ҷилвагар чун араќи гунаи пуршарм шавад.

Симу зар, сурмаву симоб диҳад кӯҳи Ҳисор,
Ташнагонро шабу рӯз об диҳад кӯҳи Ҳисор,
Чорзону зада дар майкада чун пири муғон,
Ҷоми саршори майи ноб диҳад кӯҳи Ҳисор.

Ман, ки дар домани ин силсила тавлид шудам,
Қатраи ашки азову фараҳи ид шудам.
Чун расидам ба сари қуллаи кӯҳи ватанам,
Ҳофизи ин ватани пайрави хуршед шудам.

*1967*

## ИНСОН ВА КӮҲ

Тангдил ҳаргиз набудӣ дар ҷаҳон, фарзанди кӯҳ,
Доштӣ дар санг гарчанде макон, фарзанди кӯҳ.

Кӯҳсори тангро як оламе пиндоштӣ,
Умри зоеърафтаро беғам даме пиндоштӣ.

Шодмон мезистӣ, ки бо уқобон ҳамсафӣ,
Сар ба сақфи осмонию ситора дар кафӣ.

Зистӣ чун рӯди ноором дар оғӯши кӯҳ,
Омад овозат ба гӯш аз синаи хомӯши кӯҳ.

Кӯҳро аз баҳри худ тахти Сулаймон сохтӣ,
Бофтӣ аз сабза қолину ба зер андохтӣ.

Рашк мебурдӣ, ки аз ях ҷӯй ҳосил мешавад,
Ҷӯ ба дарёҳои шӯрангез дохил мешавад.

Рашк мебурдӣ, ки кӯҳи сарбаланди нуқрапӯш
Осмони нилгунро мекашад бар рӯи дӯш.

Рашк мебурдӣ ба раъду барқи фасли навбаҳор,
К-ӯ ба як чашмак задан равшан намояд кӯҳсор.

Рашк мебурдӣ, ки дорад бол парранда, ту не,
То саҳаргаҳ кирмаки шабтоб рахшанда, ту не.

Рашк мебурдию месудӣ ду поятро ба санг,
То кушодӣ аз дили хоро раҳи борику танг.

Кӯҳ нашносад туро, гӯяд, ки эй фарзанди ман,
Бехабар мондам, чӣ сон гаштӣ раҳо аз банди ман!

Синаамро кофта, осуда тарконӣ маро,
Зилзила нохоста, ҳар рӯз ҷунбонӣ маро.

На замин мемонаду на осмон аз дасти ту,
На дара, на кӯҳ, на рӯди равон аз дасти ту.

Раъду барқи осмонӣ хира шуд аз дасти ту,
Бо замин моҳи фалак ҳамшира шуд аз дасти ту.

Даст сӯи осмон бардоштанҳоят чӣ шуд,
Домани тақдир маҳкам доштанҳоят чӣ шуд?

Дида азматро дигар нашнохтам, фарзанди кӯҳ,
Сар ба поят ноилоҷ андохтам, фарзанди кӯҳ.

*1967*

## ОШЁНИ БАЛАНД

Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор,
Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор.
Осмон дар гунбади сабзаш агар ҷоят диҳад,
Ошёни фикри дурандеш дар он ҷо гузор.

Нестӣ ту булбули чӯлӣ, ки афғон сар кунӣ,
Чашмро бо камтарин ашки надомат тар кунӣ.
Бевафоии гули хори биёбон дида ту,
Манзили худро канори сарди ғору ҷар кунӣ.

Ошён гар паст бошад, бод вайронаш кунад,
Бачча ҳам бозичаи санги фалахмонаш кунад.
Гурбаи мискин, ки умре дар ғами болу пар аст,
Чӯҷаҳои навпаратро роҳати ҷонаш кунад.

Дуртар парвоз кун аз лона – аз ҷои баланд,
То ки парвози ту ояд дӯстдоронро писанд.
То ба сӯят чашми ҳайрат дӯхта, гӯяд Ватан:
«Эй, хушо гаштаст фарзанди азизам арҷманд».

Гар кунӣ парвоз, парвоз аз уқобон ёд гир,
Аз давиданҳои аспи рӯзгорон ёд гир.
Хоҳ гирйӣ, хоҳ хандӣ, чун баҳорон сабз бош,
Чанги раҳро шустан аз борони найсон ёд гир.

Гар кунӣ парвоз, бо ёди падар парвоз кун,
Бобҳои тозаро дар пеши рӯят боз кун.
Гулханеро, ки падарҳо дар раҳат афрӯхтанд,
Машъали тобандаи дастони пурэъҷоз кун.

Ошён гар мегузорӣ, дар дили инсон гузор,
Аз раҳи меҳру вафову аҳди бепоён гузор.
Нест чунки ҳеҷ чизе аз дили инсон баланд,
Ошёни меҳри худ дар мағз-мағзи ҷон гузор.

*1967*

## ГУФТУГӮ БО ХУД

Шоиро,
маънии ғururат чист?
Сababи кибри нозарурат чист?

Ё ки шеъри ҷаҳон мусаххар кард,
Шӯру ҳангомаҳои нав сар кард?

Ё ту як шоири хирадмандӣ,
Ки зи сар то ба по ҳама пандӣ?

Ақлро кардаӣ ту бе эҳсос
Ба бинои азими назм асос?

Номаи ишқи нотамом куҷост,
Сӯхтанҳои бардавом куҷост.

Варна, гар шоирӣ, ҷунунат ку?
Дили ҳассосу гарм хунат ку?

Ишқ гар нест, ақл беҷон аст,
Дар дилат чиллаи зимистон аст.

*1967*

## ШЕЪРИ МАН

Шеъри ман!
Хуни ҷигар,
ё пораи дил гӯямат,
Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат,
Ё хурӯҷи мавҷ дар домони соҳил гӯямат,
Роҳатат аз ҳад зиёду заҳматат з-он бештар,
Мухтасар сар то ба по савдои мушкил гӯямат.

Аз ту омад гар табассум дар лабе, таҳсин туро,
Рафт хоб аз чашми муштоқон шабе, таҳсин туро,
Зистӣ бо мақсаде, бо матлабе, таҳсин туро,
Гар нишастӣ соате дар суҳбати ёри азиз,
Шодмон кардӣ диле бо як гапе, таҳсин туро.

Рӯзу шабҳоро паси сар карда, хидмат мекунӣ,
Ҷон фидои номи дилбар карда, хидмат мекунӣ,
Аз арақ пушти лабат тар карда, хидмат мекунӣ,
Гӯш нандозад ба фарёдат агар бераҳм ёр,
Аз фиғон гӯши фалак кар карда, хидмат мекунӣ.

Гар даме хомӯш монӣ, шӯру исён мекунам,
Баҳрҳоро ман ба ҷӯш оварда, тӯфон мекунам,
Кӯҳро зеру забар аз зарби вулқон мекунам,
Гар ту ёбӣ лоиқи ҳусни нигорам як сухан,
Кишвари дилҳои мардумро гулистон мекунам.

Шеъри ман!
Медонамат, зебо саманди ман туӣ,
Осмони беғубори дилписанди ман туӣ,
Рӯзи майдон беамон тиру каманди ман туӣ,
Дуртар, болотар аз арзу само парвоз кун,
Чунки танҳо кавкаби бахти баланди ман туӣ.

*1972*

## ДАР ЁДИ ҶАВОНӢ

Агар бинам туро,
орам ба ёдам навҷавониро,
Ба мисли чашмаҳо ҷӯшу хурӯши зиндагониро,
Ҳама лутфу адоҳои ниҳониву аёниро.
Ба ёд орам баҳореро, ки ҳарду лола мечидем,
Ба ғайр аз рӯи ҳамдигар дигар чизе намедидем.

Ту тозон сӯи дар меомадию боз дар мешуд,
Дамиданҳои субҳ аз омаданҳои ту сар мешуд,
Намедонистам он рӯзам чӣ сон рӯзи дигар мешуд.
Рақиби айбҷӯ дигар ба ҳоли ман намехандид,
Муҳаббат дар вафодорӣ маро дигар намесанҷид.

Шукуфта, дилбари озод, чун гулдаста мегаштӣ,
Ба ҳар як тори мӯят сад ҷавонро баста мегаштӣ,
Дилеро ёфта, дигар диле бишкаста мегаштӣ.
Намешуд ҳеҷ кас аз дидани ҳусну ҷамолат сер,
Ҳаё гардида буд аммо ба пои ошиқон занҷир.

Туро бо туҳфаҳои комсомол табрик мекардам,
Таманно дар дил аз бахти зани тоҷик мекардам,
Худамро бо висолат сӯхта наздик мекардам.
Рухат медидаму мерафт аз ёдам ҳама дардам,
Дигар ман ҳеҷ парво аз ғами дунё намекардам.

Ба ёд орам замонеро, ки ту хомӯш ҳам будӣ,
Парешон дар паси деворҳо рӯпӯш ҳам будӣ,
Ғарибу бенавову кӯҳи ғам дар дӯш ҳам будӣ.
Намуда даст оташкобу мӯ ҷорӯб дар хона,
Гила аз хештан мекардиву даъво зи бегона.

Даме ки аз миёни обу оташҳо гузар кардӣ,
Ба сӯи зиндагии нав далерона сафар кардӣ,
Ба ҳар як рӯшноӣ ту ҳарисона назар кардӣ.
Зани зеботарину номдори Шарқ гардидӣ,
Азизи Тоҷикистон,
ифтихори Шарқ гардидӣ.

Саломат бош, ҷоно, ки бақои умри ман ҳастӣ,
Насими навбаҳори пурсафои умри ман ҳастӣ.
Ту охир ибтидою интиҳои умри ман ҳастӣ,
Маро аз ту тамоми умр ёрои ҷудоӣ нест,
Ба ҷонат сад қасам, ки дар сириштам бевафоӣ нест.

*1972*

## ДАРАИ АРӮСОН

Аз Душанбе чун бароӣ, кӯҳсор ояд зи пеш,
Кӯҳсори пуршукӯҳи обшор ояд зи пеш,
Қуллаҳои осмонбӯси Ҳисор ояд зи пеш.
Аз Душанбе чун бароӣ, қад-қади рӯди зулол
Меравӣ, гӯё зи паҳлӯят гузар дорад ғизол.

Меравӣ, аз ҳар ду паҳлӯят арӯсон бигзаранд,
«Волга»-ҳоро зеб дода, гулузорон бигзаранд,
Чун насими рӯдҳои шӯхҷарён бигзаранд.
Форам овози дафу чангу рубоб ояд ба гӯш,
Дил дарояд дар хурӯшу мот гардад ақлу ҳуш.

Духтарон пӯшида атлас, дилнавозӣ мекунанд,
Пеш-пеши келину домод бозӣ мекунанд,
Дар миёни хубрӯён сарфарозӣ мекунанд.
Як ҷаҳон ҳусну латофат дар бағал дорад дара,
Ошиқонро дафтари байту ғазал дорад дара.

Бин, чи гуна ин дара ҷои тамошо гаштааст,
Ҷои парвози нигоҳи мардуми мо гаштааст,
Кони ҳусни духтарони зеби дунё гаштааст.
Дил агар афтод дар ин кӯй, роҳаш гум кунад,
Ишқ агар лашкар кашад, охир сипоҳаш гум кунад.

Духтаронро ман ба сад ишқу ҳавас дорам назар,
Шод гардам аз саодатҳояшон мисли падар,
Чунки дорам ман ҳам уммед аз набера, аз писар,
Мерасад рӯзе, ки фарзанди мани дилбохта,
Бо арӯси хеш ояд, хонаро пур сохта…

*1972*

## АСРИ МАН

Шиквае аз ту надорам, асри ман,
Чун туӣ омӯзгорам, асри ман.
Бахти хоболуди ман ҷунбондаӣ,
Соҳибэъҷозат шуморам, асри ман.
Дидаӣ дар беқарориҳои хеш
Тоқату сабру қарорам, асри ман.
Саргузашти ғулғулaндози ту шуд
Боиси гуфтугузорам, асри ман.
Гоҳ гирён, гоҳ  хандон кардаӣ
Тифли шӯхи рӯзгорам, асри ман.
Гоҳ рӯятро гирифт абри сиёҳ,
Офтоби нурборам, асри  ман.
Аз замин бардоштӣ то осмон
Шуҳрату шаъни диёрам, асри ман.
Одамиро боз  дар ҳайрат гузор,
Қувваи эҷодкорам, асри ман.
Дидаӣ дар имтиҳонҳои бузург
Аҳди худро устуворам, асри ман.
Сар фуровардам ба пеши зан, вале
Шуд фалак дар ихтиёрам, асри ман.
Гар накардам пурра қарзамро адо,
Авф кун, маъзур дорам, асри ман.

*1972*

## ЗАН АГАР ОТАШ НАМЕШУД

Зан агар оташ намешуд, хом мемондем мо,
Норасида бодаи дар ҷом мемондем мо.

Зан агар моро намебахшид умри бардавом,
Бетахаллус, бенасаб, беном мемондем мо.

Гар намедидем мо аз кӯдакӣ оғӯши гарм,
Аз муҳаббат бехабар, ноком мемондем мо.

Гар ба чашми мо намедӯшид модар шири хеш,
Кӯри модарзод дар айём мемондем мо.

Гар намеомӯхтем аз зан раҳу расми адаб,
Бадгуҳар, бадзот, бадфарҷом мемондем мо.

Зан агар оташ намешуд, хонаи мо сард буд,
Бе чароғи равшане дар шом мемондем мо.

Гар каломи аввалин аз зан намеомӯхтем,
Лаб фурӯ баста ҳама чун лом мемондем мо.

Оташи зан буд, ки мо сӯхтему сохтем
В-арна чун санги сари аҳром мемондем мо.

*1973*

## ЗАН ЗАН АСТ

Синну соли зан ба кас пурсидан аз одоб нест,
Синну соли хешро гуфтан ба занҳо хос нест.
Зан, зан асту дар ҳама ҳолат чу зан мемонад ӯ,
Ин муаммоест, ки ҳоҷат ба пурсупос нест.

Аз зани имрӯзаи мо ҳикмату эъҷоз пурс,
Дар фазои зиндагӣ кайфияти парвоз пурс.
Аз замин зан меравад, сайри кавокиб мекунад,
Давраи мо кард занро дар ҳунар мумтоз, пурс.

Зан набошад, зебу зиннат нест дар маъвои мо,
Ҳуш дар сар, равшанӣ дар дидаи бинои мо.
Зан набошад, нест дар рӯи замин нақши ҳаёт,
Дон, ки бе зан то абад дар гил бимонад пои мо.

Мард бошӣ, байрақи болои сар кун номи зан,
Сабт дар боби зафар бо хатти зар кун номи зан.
Номи зан то осмон бардор дар болои каф,
Машъали тобанда чун шамсу қамар кун номи зан.

*1975*

## ЗАН ПОСБОНИ ОТАШ АСТ

Зан ҳамеша рафт аз ҳамсояҳо оташ гирифт,
Аз дигарҳо бо тавалло, илтиҷо оташ гирифт,
Бас, ки гӯгирд он замон чун гавҳари ноёб буд,
Аз гадои кӯчаю аз бенаво оташ гирифт.

Лахчаро мекард зан дар зери хокистар ниҳон,
То намонад бе алав дигар тунӯру ошдон.
Дар танӯр оташ агар гулхан шавад, рухсори зан
Сурх мегардад чу кулча, ё ба мисли гарм нон.

Баски аз рӯзи азал зан посбони оташ аст,
Посбони оташ асту хеш кони оташ аст.
З-ин сабаб бо зан агар гаштем ҳар вақте дучор,
Бингарӣ, сар то ба пои мо ҷаҳони оташ аст.

*1975*

## СЕ НОЗАНИНИ ШАРҚ

Нақл кунам сурати се нозанин,
Сурати се ҳусни самову замин.

Сурати се муъҷиза, се нодира,
Сурати се лавҳаи хушманзара.

Сурати се воқеаи безавол,
Сурати се рӯзи саиди висол.

Сурати се замзамаи Шарқро,
Шарқи фурӯзандатар аз барқро.

I

Бандаи дирӯза зани Шарқ буд,
Дар сари он зан кафани Шарқ буд.

Рӯйи зани Шарқ, ки дар парда буд,
Ҳусни варо парда панаҳ карда буд.

Бе рухи зан Шарқ баҳоре надошт,
Зан ба ғами Шарқ қароре надошт.

Модари Машриқ ба ин сарзамин
Дод агарчи зани зеботарин,

Шарқ вале чун қафаси танг буд,
Дашти ғарибонаи якранг буд.

Шоири дилбохта гарчи намуд
Бар қадаму хоки дари зан суҷуд.

Рӯйи занонро гули хушбӯй гуфт,
Қоматашон сарви лаби ҷӯй гуфт.

Гуфт: «Даҳан - ғунчаву абрӯ  - ҳилол,
Чашми сияҳаш чу рамида ғизол...»

Лек, сад афсӯс, зани пардапӯш
Монд ба таърифи сифоташ хамӯш.

Шарқ надонист, чи сон бо сухан
Зинда кунад акси ҳақиқии зан.

Партави Октябр ба додаш расид,
Шарқи ситамкаш  ба муродаш расид.

Шарқ музайян шуда аз рӯйи зан,
Шаъну шараф омада дар кӯйи зан.

Зан ба сари курсии иззат нишаст,
Одати деринаи моро шикаст.

Даст ба мо бо лаби пурханда дод,
Ҳусн чу хуршеди дурахшанда дод.

Кас нашунидаст чунин кашфиёт
Дар ҳама таъриху гузашти ҳаёт.

Кас нашунидаст чунин нозанин –
Зинату зеби Ватани дилнишин.

II

Чашмҳо сӯйи осмон буданд,
Сӯйи моҳу ситорагон буданд.

Моҳро машъали фазо гуфтанд,
Даст бардошта дуо гуфтанд.

Қисмати Шарқ бедимоғӣ буд,
Дарди он дарди бечароғӣ буд.

Зулмати шаб замин чу мепӯшид,
Хуни дил аҳли Шарқ менӯшид.

Шарқ мехонд моҳи тобонро,
Шабчароғи ҳама ғарибонро.

Шаби маҳтоб ёри ошиқ буд,
Ёр дар ихтиёри ошиқ буд.

Ногаҳон моҳ мегирифт агар,
Шарқ месохт дар замин маҳшар.

Одамон мебаромаданд тамом,
Шӯр бардошта бар рӯйи бом.

Табақу дегу коса мекуфтанд,
То набинанд маҳ, намехуфтанд.

Бо фалак гӯиё ба ҷанг буданд,
Ба ғазаб омада, таҷанг буданд.

Моҳ мекард чун рухашро боз,
Суйи маҳ буд дидаҳои ноз.

Аз ҳамон дам, ки моҳ пайдо шуд,
Нозанин моҳи пуртаманно шуд.

Як рухашро фақат намоён кард,
Рухи дигар зи дида пинҳон кард.

Дар фироқаш замин надошт қарор,
Ҷустуҷӯ кард сирри маҳ бисёр.

Чарх зад, чарх, ба даври хеш
Кард пайдо ба қувваи дониш

Рӯйи пинҳони моҳи зеборо,
Орзуву уммеди дунёро.

Ҳикмати Октябр ёрӣ дод,
Нозанин моҳ рӯйи худ бикшод.

Шарқ дигар ду нозанин дорад,
Осмон дораду замин дорад.

III

Осмон ошиқи замин гардид,
Бо замин бештар қарин гардид.

Гашт ҳайрон ба гирудори замин,
Шуҳрату шону иқтидори замин.

Он замине, ки одам аз он ҷо
Мепарад то ба арш, авҷи фазо.

Он замине, ки гар ишора кунад,
Одамаш ҳукм бар ситора кунад.

Он замине, ки равшан аз моҳ аст,
То ба хуршед аз дараш роҳ аст.

Он замине, ки осмониранг аст,
Тӯда-тӯда ситора дар чанг аст.

Он замине, ки аз чароғи барқ
Кард дар баҳри нур моро ғарқ.

Он замине, ки киштзоронаш
Муждаҳо орад аз баҳоронаш.

Он замине, ки ҷойи дилҳо шуд,
Ҷо ба дилҳои аҳли дунё шуд.

Он замине, ки ирқу аслу насаб
Муттаҳиданд баҳри як матлаб.

Он замине, ки ҳусн-обод аст,
Ватани бахту мардуми шод аст.

Осмон ошиқи замин гардид,
Бо замин дӯсти қарин гардид,

Аз замин ёри нозанин пурсид,
Нозанин духтари матин пурсид.

Аз барояш раҳи калон бикшод,
Кӯчаи тоза Каҳкашон бикшод.

Кард парвоз бо мушак дина
Ба фалак нозанин Валентина[1].

«Шарқи шаш» бо ситора пайрав шуд,
Ба гумонам, ки осмон нав шуд.

Партави Октябри болафшон
Бо Валентина рафт то кайҳон.

Шарқ се нозанин ба бар дорад,
Бо раҳи Каҳкашон сафар дорад.

[1] Валентина – Валентина Терешкова - нахустин зани фалакпаймо.

## ЧАШМИ МАН

Чашми ман серӣ надорад аз тамошои замин,
Хоҳам аз мадди назар н-афтад ягон ҷои замин.

Чашми ман хоҳад, ки бинад навбаҳорон бешумор,
Борҳо бинад шукуфтанҳои гулҳои замин.

Чашми ман маҳви ҷамолу ҳусни зан бошад мудом,
Беҳ зи ҳусни зан набошад ҳусни зебои замин.

Аз азал зан бо замин як гашт чун ду модарон,
Бӯи зан ояд машомамро аз аксои замин.

Гар намешуд дасти зан, ҳусни замин пайдо набуд,
З-ин сабаб гӯем занро маҳфилорои замин.

Ҳокимият гар ба дасти зан саросар мегузашт,
Мардҳоро бештар буд кайфи дунёи замин.

*1975*

## БӮИ ГУЛ ОЯД ЗИ ТУ

Гул миёни мову аммо бӯи гул ояд зи ту,
Рангу бӯи ин гули бишкуфта афзояд зи ту.

Дур будӣ аз ману дил як дам осоиш надошт,
Ёр, бархезу биё, то дил биёсояд зи ту.

Бе қудумат манзили ман чун мазористон бувад,
Марҳамат кун, бахти ман, то манзил ороя зи ту.

Толеи ман дастгири ман шавад, то зиндаам,
Шеърҳои ман маро машҳур бинмояд зи ту.

Ҳеҷ касро дар ҷаҳон зеботар аз ту ёр нест,
Ишқи ман овоза дар дунё шавад бояд зи ту.

*1975*

## КОКУЛАТ

Майдабофӣ кард модар, шуста тори кокулат,
Тахтапуштат парниёнпӯш аз қатори кокулат.

Боғи ҳуснат гул кунад ҳар рӯзу ҳар соат, чӣ хуш,
Чунки омад мавсими авҷу барори кокулат.

Дар сари ҳар тори мӯят як дил овезон бувад,
Ҳалқадавак шуд ба гардан банди тори кокулат.

Аз қадамҳои ту миннатдор шуд шаҳри азиз,
Меҳри бепоёни дил кардем бори кокулат.

Бӯи атру гул димоғи кас муаттар мекунад,
Чун чаман бишкуфт оё навбаҳори кокулат.

Орзу дорам, ки боре кокулат орам ба чанг,
Кош медодӣ ба дастам ихтиёри кокулат.

Ҷилвагар гардад ба пеши чашм чун тирукамон
Бигзарӣ чун аз бари ман рангубори кокулат.

Аз дами миқроз дигар кокулатро дур дор,
Шуд баланд аз нав, азизам, эътибори кокулат.

*1975*

## ДАРДИ МАН БОЛО ГИРИФТ

Бе ту танҳоӣ кашидам, дарди ман боло гирифт,
Дид ранги ман табибу дар бари ман ҷо гирифт.

Ёри бепарвои ман аз ман хабардорӣ накард,
Гарчи дуди оҳи оташбори ман дунё гирифт.

Аз шукуфтанҳои гулҳо боғҳо гулгун шуданд,
Ғунчаи уммеди ман як гӯшаи саҳро гирифт.

Ошиқӣ, эй дардмандон, дарди бедармон будаст,
Оташи сӯзони ҳиҷрон дар дилам маъво гирифт.

Аз яке пурсон шудам, ки ёри ман бе ман чӣ кард,
Гуфт бе ту бо дигарҳо соғару мино гирифт.

Дил тапидан дошт аз тафси даруни синаам,
Рафт, ором аз насими соҳили дарё гирифт.

*1975*

## САЙРИ ҚИТЪАҲО

Қитъаҳоро сайр кардам дар ҳавову дар замин,
Сайр кардам, бо баду неки ҷаҳон гаштам қарин.
Неку бад доранд бо ҳам ҷанг,
ҷанги беамон,
Шуд яқинам ҷанги онҳо нест ҷанги охирин.

Нест ҳоло дар дигар сайёраҳо бӯи ҳаёт,
Аз замин парвозҳо дорем сӯи коинот.
Одамиро з-ин сабаб гӯяд замин бо илтиҷо:
Деҳ маро, фарзанд, аз ҳар гуна қасди бад наҷот.

Аз замин беҳтар барои мо дигар сайёра нест,
Беҳтар аз он дидаи моро раҳи наззора нест.
Ҷуз заминро ҳифз кардан аз балоҳои азим,
Аз барои насли инсон ҳеҷ дигар чора нест.

*1975*

## ДАР БОМИ ҶАҲОН

Зиндагонӣ мекунад тоҷик дар Боми Ҷаҳон,
Сарбаландиро нигар,
ҳамсоя шуд бо осмон.
Нуқра пошад гунбади сабз аз сараш шаб то саҳар,
Мисли домод аст тоҷики советӣ шодмон.

Аз сари Боми Ҷаҳон наззора дунё мекунем,
Дӯстиро бар ҳама пайваста илқо мекунем.
Дар миёни иркҳо фарқи дигар боқӣ намонд,
Идҳои дӯстӣ якҷоя барпо мекунем.

Фарқ боқӣ монд,
байни бандаю мухтор монд,
Фарқ танҳо байни истиқлолу истеъмор монд,
Фарқ боқӣ монд ҳоло дар миёни адлу зулм,
Монд,
аммо чун матои куҳна аз бозор монд.
*1975*

## БОҒИ МО

Баҳра бардоред, ёрон, аз насими боғи мо,
Аз ҳавои софи чун бахмал ҳалими боғи мо.

Чун гирифтам аз ҳавои рӯи дунё ман нафас,
Нест гуфтам беҳтар аз боди ҳакими боғи мо.

Боғи колхозии моро боғи бемонанд кард
Боғбон – марди ҳунарманди карими боғи мо.

Аз барои сайри мурғони хушилҳони чаман
Зинати олам муҳайё дар ҳарими боғи мо.

Боғи нав бо дасти мо ободу зебо гаштааст,
Хира шуд дар назди ӯ шаъни қадими боғи мо.

Боғи мо як умр пурбор асту сабзу хуррам аст,
Ҳаст эмин боғбон аз хавфу бими боғи мо.

*1975*

## ТӮЙИ ПАХТАЗОР

Об ҷорӣ мешавад дар ҷустуҷӯйи пахтазор,
Сабз мегардад зи оби сард ҷӯйи пахтазор.

Қатраҳо якҷоя гашта рӯд савға мекунанд,
Рӯд орад муждаи ҳосил ба сӯйи пахтазор.

Тирамоҳ ояд агар, оянд мардум саф зада,
Аз барои чидани пахта ба тӯйи пахтазор.

Дар саҳаргоҳон дурахшон аст чун лӯълӯи тар
Шаддаҳои донаи шабнам ба рӯйи пахтазор.

Вақти гул гардад ба гирди пахта занбӯри асал,
Беҳтар аз ӯ кас надонад рангу бӯйи пахтазор.

*1975*

## КӮҲ

Кӯҳ ором аст,
аммо дар дилаш дорад шарар,
Боду абри рӯзгорон аз сараш дорад гузар.

Кӯҳ ором аст,
доим кӯҳвор истодааст,
Чашмаҳояш то ба укёнусҳо дорад сафар.

Чун баровардӣ садо,
акси садо ояд зи кӯҳ,
Гар ба сӯяш по ниҳодӣ, танг гирад дар камар.

Кӯҳро бинӣ ҳамеша сарбаланду бевиқор,
Дар фазояш пар занад танҳо уқоби тезпар.

Нест мисли кӯҳ чизе пуртаҳаммул, пуртавон,
Чунки дорад бар сараш байрақ зи хуршеди саҳар.

Дар ҷавонӣ порае аз кӯҳ будам, баъд аз ин,
Сад қасам,
ки ман ҷудо аз ӯ намегардам дигар.

*1975*

## ҚАЛАМ

*Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,*
*Қаламкашро ба мақсад мерасонам.*
*Аз халқ*

Қалам гӯяд, ки асбоби шарифам,
Ба дасти ҳар зарифе ман зарифам.

Қалам гӯяд, ки инсонро азизам,
Ба дасти покдил афтам тамизам.

Қалам гӯяд, ки инсонро яроқам,
Яроқи иттифоқам ҳам нифоқам.

Агар афтам ба дасти ҳақшиносон,
Зи рӯи ҳақ кунам хизмат ба инсон.

Мусаххар бо сухан созам ҷаҳонро,
Намоям маҳрами дилҳо забонро.

Муҳаббатро, садоқатро сароям,
Ба ҳам пайванд ҷонҳоро намоям.

Намоям фарқ гулҳоро ман аз хор,
Намоям фарқ дилбар аз дилозор.

Диҳам ман сарбаландӣ мардҳоро,
Намоям дур аз дил дардҳоро.

Ба тасвир оварам ҳусни заминро,
Ҷаҳони нав, ҳаёти дилнишинро.

Кунам бедор ҳисси ошиқонро,
Бақои нав диҳам умри ҷавонро.

Агар ман бо қаламкаш дӯст монам,
Қаламкашро ба мақсудаш расонам.

Агар афтам ба дасти нохалаф ман,
Шавам тири маломатро ҳадаф ман.

Асир афтам агар бар дасти нокас,
Намоям зиндагониро мулаввас.

Ҷаҳон торик чун зиндон намоям,
Ҷафову ҷабр бар инсон намоям.

Дурӯғу рост бофам, ҳарза бофам,
Суханро тез созам, дил шикофам.

Агарчи ширро донам, сафед аст,
Вале гӯям сиёҳ асту палид аст.

Ба дасти нокасон гардам гирифтор,
Шаванд аз ман тамоми халқ безор.

Ба монанди аҷал оям ба ҳар дар,
Хӯрам коғаз, хӯрам ҷону хӯрам сар.

Кунам хурсанд ман табъи бадонро,
Суханчину мунофиқ одамонро.

Зи ман аҳли қалам бошед огоҳ,
Нагардам то силоҳи дасти бадхоҳ.

*1975*

## ИЛОҶАМ ЧИСТ!

Туро ман ёд кардам, кӯҳсори ман, илоҷам чист,[1]
Шудам дур аз канори ту диёри ман, илоҷам чист.

Дар атрофам замини регзори бесамар дидам,
Гули ман, бӯстони ман, баҳори ман, илоҷам чист.

Гузар доранд аз ҳар сӯй одамҳои бегона,
Куҷо монданд он хешу табори ман, илоҷам чист.

Илоҷи ман ягона бозгаштан бар Ватан бошад,
Шабу рӯзе шуд ин мақсад шиори ман, илоҷам чист.

Ватан бо ман набуду буд бо ман дар сафарҳоям
Ғурури кишвари ман,
ифтихори ман, илоҷам чист.

Ватанро ёд кардам ҳар замон дар хеш печидам,
Баромад оби чашми интизори ман, илоҷам чист.

*1975*

---

[1] Дар яке аз мамолики Машриқзамин иншо шудааст. *Муаллиф.*

## ДӮСТОНРО ГУМ МАКУН

То тавонӣ, дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.

Дар ҷаҳон бедӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкункасонро гум макун.

Дӯстро аз дӯст, ҷонам, фарқ кун,
Дӯсти пайванди ҷонро гум макун.

Чашмаи илҳоми мо халқ асту бас,
Халқи машҳури ҷаҳонро гум макун.

Зинати боғ аз гули хандон бувад,
Мисли гул хандонлабонро гум макун.

Дӯст ояд, гарм дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун.

Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,
Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.

*1975*

## БОЗ ҲАМ ДАР БОРАИ РӮДИ КӮҲӢ

Пеш гардад рӯди кӯҳӣ бехабар аз пушти сар,
Дар раҳи худ бар қафояш ҳеҷ н-андозад назар.
Аз намаш хуррам шавад дашту биёбони фарох,
Кӯҳсоронро кунад пайваста бо баҳри Хазар.

Рӯд гирад ибтидо аз кӯҳсорони қатор,
Деҳаҳову шаҳрҳоро рӯд орад навбаҳор.
Рӯд хушкидан надорад, ҳаст шӯху беқарор,
Модаре чун кӯҳ дорад дар мақомаш устувор.

*1975*

## ДАСТИ ТУ МЕДОНАД

Замин бо осмон ҳамранг шуд, дасти ту медонад,
Биёбон дар ҳама ҷо танг шуд, дасти ту медонад.

Ситора бо гули боғу чаман чун рӯ ба рӯ гардид,
Ҳасад бурданд бо ҳам, ҷанг шуд, дасти ту медонад.

Суруд аз қаъри дил парвоз бинмуду ба олам рафт,
Ба шӯр оранда ҳар оҳанг шуд, дасти ту медонад.

Ба зидди ҷанг гардиданд халқон якдилу якҷон,
Шафақ гулгун ба рӯи Ганг шуд, дасти ту медонад.

Чи хушбахтист, ки бо мақсаду уммеди халқи ман,
Дигар чархи фалак ҳамсанг шуд, дасти ту медонад.

*1975*

## СУРУДИ КӮҲИСТОН

Қатра аз ях мечакад, аз шӯха резад шаршара,
Рӯд ҷорӣ мешавад, гуфторҳо дорад дара.
Мисли абри пастгашта об менӯшад рама,
Ҷасту хезе мекунад ширмаст дар яксӯ бара.

Ман, ки аз модар таваллуд гашта, дидам кӯҳро,
Меҳри дил бахшидаму бо ҷон харидам кӯҳро.
Дар канори чашма будам, дар миёни арчазор,
Аз забони мурғҳо равшан шунидам кӯҳро:

«Барфи болои сари ман нуқрасон рахшон бувад,
Оби рӯдам мисли ашки ошиқон ҷӯшон бувад.
Ҳар касе гӯяд, ки кӯҳистониям, бовар макун,
Бингар аввал, ки дилаш соф аст ё вайрон бувад».

*1975*

## ДИЛСИЁҲ

Даъвии бисёр дорад дилсиёҳ,
Шикваи такрор дорад дилсиёҳ.

Аз забонаш гарчи мерезад асал,
Зераш аммо мор дорад дилсиёҳ.

Ҳам ба бедорию ҳам дар хоби шаб
Қасди бад бо ёр дорад дилсиёҳ.

Дар талоши шуҳрате зери бағал
Теғи ҷавҳардор дорад дилсиёҳ.

Дар паси сар ғайбат,
аммо дар ҳузур
Шаккарин гуфтор дорад дилсиёҳ.

Сахт рӯяшро кашида пӯстак,
На шараф, на ор дорад дилсиёҳ.

Аз барои ӯ муқаддас чиз нест,
Хонасӯз афкор дорад дилсиёҳ.

Фатҳи кас гӯё шикасти ӯ бувад,
Бухлу кин хирвор дорад дилсиёҳ.

То ки дар ғафлат намонад рӯзу шаб,
Дидаи бедор дорад дилсиёҳ.

Нест дар олам даво худкардаро,
Чун ниҳон кирдор дорад дилсиёҳ.

Гар далели нав наёбад, аз алам
Рӯ суи девор дорад дилсиёҳ.

Охири кораш ба расвоӣ кашад,
Бахти ноҳинҷор дорад дилсиёҳ.

*1975*

## ДАР ВАСФИ ПАХТАКОРОН

Ба қасам то абад вафо кардан
Сарбаландии ҳар як инсон аст.
Ҳам қасам хӯрда, ҳам адо кардан
Ин фақат кори ҷумла мардон аст.

*1976*

## КАЛОМИ СОЛИНАВӢ

Соли пешин хайр бо мо гуфту рафт,
Бо умеди рӯзи фардо – гуфту рафт.
Хайр бо мулки тавоно гуфту рафт,
Меравам ман, соли нав, о – гуфту рафт.

Дар замин осорҳо бигзошт, рафт,
Қиссаву гуфторҳо бигзошт, рафт.
Аз қудумаш мулк то рангин кунад,
Зебу зинат борҳо бигзошт, рафт.

Соли нав меояд, истиқбол гир,
Пешвоз онро тамоми сол гир.
Ҳар дақиқа, ҳар нафас қимат шумор,
Соати тозандаро дунбол гир.

Соли нав орад туро савғои нав,
Фатҳи нав, шодии беҳамтои нав,
Баҳри фарзандони хушиқболи мо
Манзили нав, қасри нав, маъвои нав.

Кам нагардад то табассум дар лабат,
Кам нагардад оташу тобу табат,
То нагардад то саҳаргоҳон хамӯш
Шуълае, ки мекунад равшан шабат,

Сулҳ соз аз меҳнатат пурзӯртар,
Солҳои панҷи навро пурзафар.
Аз баландиҳои нав бинмо назар
Бар уфуқи пурсафо вақти саҳар.

То абад бигзор бошад шуълабор
Дар сари мо офтоби рӯзгор,
Чун нишон аз сулҳ бошад ҷилвагар
Пурситора осмони беғубор.

*1977*

# ДОСТОНҲО

## БАРОИ ВАТАН

*(Мактуби ҷанговарони тоҷик ба халқи тоҷик[1])*

Мавсими гармо буду меҳнат ба авҷ,
Ғайрати мо ҷӯшзанон мисли мавҷ.

Хоки Ватан – ғарбу шимолу ҷануб
Ҳосили чун нуқраю зар дода хуб:

Хӯшаи гандуму ҷави Украин,
Мавҷзанон оби Днепраш барин;

Бӯи хуши лимуи кафкозиён
Роҳати дил мешуду ороми ҷон:

Пахтаи тоҷик гул оварду бор –
Мисли арӯсони чаман дар баҳор;

Бурда сар аз шахтаи Донбасс ба моҳ
Хирмани ангишт – тиллои сиёҳ;

Аз дили Боку зада фаввораҳо,
Нефт - сияҳхуни санооти мо.

Ҳар дараву шаҳру деҳи ин диёр
Маскани шодӣ буду майдони кор.

Душмани молу ватану ҷони мо
Чашми ҳасад дӯхт ба даврони мо.

Гитлер аз ин роҳати мо доғ шуд,
Зоғи ало дар ҳаваси боғ шуд.

---

[1] Ин мактуб дар моҳи апрели соли 1942 дар митинги ҷанговарон, командирон ва коркунони сиёсии қисми ҳарбии рафиқон Тополев ва Пӯлодов бо як овоз қабул карда шуда буд. Назмкунандагони мактуб: М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ.

Субҳдаме буду ҳаво беғубор,
Боди саҳар аз нафасаш файзбор.

Хуфта дар оғӯши фароғат ҳаёт,
Сокиту ором ҳама коинот.

Гоҳ дар ин хомӯшии дилписанд
Нағмаи мурғони чаман буд баланд;

Гаҳ зи каноре ба назар нопадид
Ғулғула поезди равон мерасид…

Тохт ба ногоҳ зи хоку ҳаво
Мӯру малахвор қӯшуни бало;

Гитлери чун аждари бедодгар
Бар Ватани мо бидароvard сар!

Ин хабари шум-асар ногаҳон,
Ғулғула андохт ба рӯи ҷаҳон

Аз лаби Дарёи Яхин то Қрим,
Дар ҳама шаҳру деҳи мулки азим

Саҳнаи меҳнат шуда майдони ҷанг,
Халқи Ватан хест чу мардони ҷанг:

Хест Суворов барин авлоди рус,
Мисли Шорс украину белорус;

Хест чу Автандили шероначанг
Ҳар грузин зидди фашисти паланг;

Теғ кашид арманӣ аз қаҳру кин
Лашкари Довуди Сосунӣ барин!

Хест қазоқ аз ғазаби ҷӯшзан
Бо ғазали Ҷамбули оташсухан;

Туркман асбоби зафар соз кард,
Аспи чу оҳу ба таку тоз кард;

Кишвари ӯзбек чу шери жаён
Кард йигитҳои ҳузарбаш равон;

Дар раҳи озодии мулки азиз
Мардуми тоҷик камар баст низ;

Ин ҳама шерони Ватан рӯзу шаб
Ҷон ба кафу хун зада ҷӯш аз ғазаб.

Миллати бисёру каси бешумор,
Лек ҳама якдилаю якшиор,

Баҳри Ватан сина сипар кардаанд,
Сина сипар пеши хатар кардаанд.

Хоки Ватан хислати дигар гирифт,
Зери қадамҳои адӯ даргирифт!

Дашти Беларус надорад кунун
Оби равоне ба ҷуз аз наҳри хун.

Бурд фурӯ оби Днепр чун наҳанг
Гитлериён бештар аз регу санг.

Хонаи Пётр – шаҳри кабири Ленин
Мекашад аз дил нафаси оташин.

Гашт баланд аз ҳама дил як калом
То ба фалак шуълазанон: Интиқом!

Бахри ҳама бегунаҳон интиқом!
Куштаю қурбоншудагон, интиқом!

Бахри Ватан, баҳри зафар, интиқом!
Бахри халосии башар, интиқом!

Омада Гитлер, ки ба шамшеру тир
Халқи советро бинамояд асир,

Пар биканад мурғи ғазалхони бахт,
Тира кунад чеҳраи тобони бахт,

Ҳусну тароват барад аз боғи мо,
Тоза кунад пештара доғи мо,

Туздсифат нон барад аз хони мо,
Аз сари ҷӯ оби фаровони мо.

Банд кунад дар гулӯ овози мо,
Нағмаи фатҳу зафари сози мо.

Ҳам самари меҳнати моро барад,
Ҳам худи моро бифурӯшад, харад.

Нияти Гитлер, ки хаёл асту хоб,
Беҳ ки чунин хоб бигӯяд ба об!

Банда нагардем ба кас ҳеҷ гоҳ,
Чоҳкан афтода шавад зери чоҳ!

Он ки ба мо дастдарозӣ кунад,
Бо сараш, албатта, ки бозӣ кунад.

Мардуми мо – мардуми кор асту ҷанг,
Ҷангурезӣ ба вай ор асту нанг.

Аз аҷалу марг надорад ҳазар,
Хам накунад мижжа ба пеши хатар.

Душман агар боди зимистон бувад,
Мардуми мо оташи сӯзон бувад.

Душман агар пар зада боло равад,
Мардуми мо бози шикорӣ шавад.

Абри сиёҳест агарчи адӯ,
Мардуми мо барқ бувад зидди ӯ.

Мардуми тоҷик ту дар ҳар замон
Ибрати мардон будию фотеҳон.

Номаи таърихи дурахшони ту
Пурзафар аст аз шарафу шони ту:

Лашкари Искандари овозадор,
Гашта буд аз зарбаи ту бемадор,

Кард ниҳон Коваи номуспок
Каллаи Заҳҳоки ситамгар ба хок,

Тохт араб мисли вабо сӯи мо,
Сохт зи хуни дили мо ҷӯи мо,

Ибни Муқаннаъ, ки даҷам буду мард,
Пеши асорат сари худ хам накард.

Лашкаре аз ҷомасафедон кашид,
Зидди араб байрақи исён кашид.

Ӯрдуи Чингизи ҷаҳонсӯз низ
Тохт ба ин мулки чу модар азиз,

Манҷаниқу[1] тиру камону каманд
Беадад овард ба фарқи Хуҷанд.

Кушт басе хурду калон бегуноҳ,
Кард зи дуди алам олам сиёҳ.

Лек далерони Тирози Ҷаҳон[2]
Банда нагаштанд ба Чингизиён.

Қалъаи шаҳр аз тани худ сохтанд,
Ҷон биситонидаю ҷон бохтанд.

Гарчи дар ин саҳнаи хун бешарик
Монд фақат як худи Темурмалик,

Пеши чунин сели хатар дил набохт,
Якка ба сад душмани хунрез тохт.

---

[1] Манҷаниқ – як навъ аслиҳаи чӯбини ҷангии қадим аст, ки ба воситаи он сангҳои калон парронда, девору дарвозаҳои қалъаи душманро хароб мекарданд.
[2] Дар замонҳои қадим шаҳри Хуҷандро ба сабаби зебоиаш Тирози Ҷаҳон, яъне зинати ҷаҳон ҳам меномиданд.

Зулми амирон, ки ҳудудаш набуд,
Косаи сабри фуқаро пур намуд.

Восеи батрак, писари Балҷувон,
Сар шуду сарбоз ба пиру ҷавон.

Шуъла ба дилҳои фақирон фиканд,
Ларза ба танҳои амирон фиканд.

Оташи шӯриш ба ҷафогар кушод,
Кушта шуд, аммо ба ҷафо тан надод.

Мо писарони ту ҳам, эй халқи мо,
Халқи баҳодурнасаби Шарқи мо.

Ҷангу ҷадал чун падарон мекунем!
Номи туро зикри ҷаҳон мекунем!

Пеши Ватан мо ки қасам хӯрдаем,
Ин суханонро ба забон бурдаем:

Мо ки писарҳои туем, эй Ватан,
Ҳозири ҳар рои туем, эй Ватан.

Ҳифзи ту мардона ба охир барем,
Гар талабӣ ҷон ту, зи ҷон бигзарем!

З-обу ҳавои ту, ки мо растаем,
Риштаи ҷонро ба ту пайвастаем.

Меҳри ту чун ишқи дили модарист,
Машъали рахшандаи ҷанговарист.

Ҳар яки моро ту ба гаҳвораат
Тарбия кардӣ чу ҷигарпораат.

Тарбия кардӣ туву одам шудем,
Одами хушбахт ба олам шудем.

Нури саодат чу барафрухтӣ,
Хандаю завқу тараб омӯхтӣ.

Нест ба кас бе ту нишони ҳаёт,
Бе ту набошад ба халоиқ нишот.

Бе ту касе хоҳад агар зиндагӣ,
Мебарадаш умр ба шармандагӣ.

Ҳар дараю кӯҳи ту маъвои мост,
Чашмаю наҳри ту таносои мост.

Зинати боғи туву бӯстони ту,
Сабзу кабудии дарахтони ту,

Киштаи ту, ғаллаи ту, дони ту,
Меваи ширини фаровони ту,

Деҳаи ту, шаҳри ту, гулзори ту,
Моҳи ту, хуршеди пуранвори ту

Ҳар яки моро ба балоғат расонд,
То ба баландии саодат расонд.

Ҳифзи туро аз дилу ҷон хостем,
Дар раҳи ин ҳифз саф оростем.

Ҷӯраи мо милтиқу шамшер шуд,
Улфату ҳамсуҳбати мо тир шуд.

Тӯпи советӣ ки чу оташфишон
Бод кунад хоку гили душманон,

Аслиҳаи сафшикани мо шудаст,
Додари оҳанбадани мо шудаст.

Мерганӣ санъати дилчаспи мо,
Чобукию шердилӣ касби мо.

Чор Қароев, ки ба ҳам додаранд,
Чор ҷигарпораи як модаранд.

Риштаи пайванд гирифта ба каф,
Дар раву оянд чу моку ба саф.

Чашми уқобонаи Олломурод,
Дар фани разведка ба вай раҳ кушод.

Душмани маккортар аз рӯбаҳон
Пеши чунин дида намонад ниҳон.

Бар сафи мо з-ин писарони ҷасур
Кишвари мо доду диҳад бешумур.

Рӯзи ба майдонравӣ наздик шуд,
Фурсати санҷидани тоҷик шуд.

Эй падару модари дилсӯзи мо!
Хоҳари мо, додари фирӯзи мо!

Мо ба ҳама ваъда вафо мекунем,
Хизмати худ хуб адо мекунем.

Як шуда бо халқи зафарманди рус,
Халқи зафарманду хатарбанди рус,

Гитлери захминшударо сар занем!
Дасти вай аз рӯи ҷаҳон барканем!

Тарс зи мо дур чу бегона аст,
Дӯсти мо ҷанги далерона аст.

Мард ҳамон аст, ки вақти масоф
Ваъдаи худро нанамояд хилоф.

Ҳар кӣ дар ин ҷанг бигардад ақиб,
Дон ки ба ҷаррӣ равад он сарнишеб.

Дар сафи пӯлодии ҷанговарон
Ҷо набувад ҳеҷ ба тарсончакон.

Ҳар кӣ чу буздил шуду безарда шуд,
Номи вай аз қайд баровардa шуд.

Рад кунад ин гуна писарро падар,
Ҳеҷ касе ҳам нашиносад дигар.

Бешарафу ҳурмату беобрӯ
Гум шавад аз доираи гуфтугӯ!

Ҳар кӣ ҷасур аст, Ватан ҷои ӯст,
Шаъну шараф ошиқи шайдои ӯст.

Рӯҳи тавоною бузурги Ленин
Парварад он шахс ки бошад матин.

Ҳаст ҳамон кас ки ба Ленин писар,
Ӯ бишавад лоиқи ин сон падар.

Шарти бузургӣ, ки далерӣ бувад,
Душмани қаттоли асирӣ бувад.

Ҳар кӣ далер аст, нагардад ғулом,
Зиндаю озод бимонад мудом.

Гастелло, Таня, магар мурдаанд?
Бист ва ҳам ҳашт нафар мурдаанд?[1]

Не, ҳамагӣ зиндаю пояндаанд,
Зиндаи имрӯзаю ояндаанд.

Мардии онҳо, ки назире надошт,
Дар дили мо муҳри далерӣ гузошт.

Заррае нодода ба душман амон
Пок намоем Ватанро аз он.

То ки чу Неъмат Қаробоев, замон –
Ном диҳад мо ҳамаро: Қаҳрамон!

То Ватану халқ кунад ифтихор
Аз ҳунари тоҷики пуриқтидор.

Такягаҳи мо – падарон, модарон!
Гавҳараки дидаи мо - хоҳарон!

---

[1] Ишора ба 28 панфиловчиёни қаҳрамон.

Ҳаст фронти дигари ҷанги мо
Соҳаи меҳнат, ки қӯшунаш шумо.

Дода Ватан ҳар якатонро ба даст
Қуфлу калиди ҳама сарват ки ҳаст.

Нефту ангишту зару тӯтиё,
Мазраи зархезу пур аз ганҷҳо…

Қуввати худ, ғайрати худ ғун кунед…
Меҳнати шоистаи мардум кунед!

Белу каланде ки шумо мезанед,
Гӯри фашистони лаин меканед.

Пахтаи чун нуқра фаровон диҳед,
Зарба ба бунёди фашистон диҳед!

Асп рафиқи раҳи ҷанговар аст,
Дар дами ҷонбозии ӯ ёвар аст.

Аспи даванди лақаӣ парваред,
Лашкари Сурх «асп!» бигӯяд, баред!

Водию кӯҳу дараву даштро
Пур кунед аз ғаллаву аз раммаҳо.

Мову шумо дар сафи як лашкарем,
Ҳар ду ҳимоятгари як кишварем.

Байрақи Ленини муаззам ба сар,
Меҳри Ватан дар дили мо шуълавар.

Пеш - сӯи фатҳу зафар меравем!
Баҳри халосии башар меравем!

То ки шавад рӯи ҷаҳон – обу хок
Аз марази Гитлери мурдор пок!

*1941*

## ПИСАРИ ВАТАН

I

Падар мезад нишаста назди фарзанд
Варақ заррин китоби ҳикмату панд.
Ба ӯ мехонд дарси навҷавонӣ
Саросар достони қаҳрамонӣ:
Гаҳе аз мардии Фарҳод мегуфт,
Гаҳе аз Хусрави бедод мегуфт.
Гаҳ аз виҷдони Лайлии гуҳарпок,
Гаҳ аз фарёди Маҷнуни ҷигарчок.
Гаҳ аз Заҳҳоки морон достоне,
Гаҳе аз ҷанги Оҳангар баёне.
Ба фарзандаш падар мегуфт такрор,
Ки ин панди маро дар гӯши худ дор:
Дар ин дунё ҳар он чизе, ки дидам,
Ҳар он чизе, ки аз мардум шунидам,
Сухан аз ишқу аз занҷир буданд,
Зи шӯри халқи бетақсир буданд.
Шараф чизи таҷовузнопазир аст,
Ҳар он кас, ки шараф дорад, кабир аст.
Муқаддас дошт ҳар кас, ки шарафро,
Набинад ҷабри зулми нохалафро.
Барои бахти хандони чунин рӯз
Намудам ҷанг бо хасми ҷаҳонсӯз.
Ба дастам буд теғи партизонӣ
Дурахшон чун чароғи зиндагонӣ.
Диёре, ки ба рӯйи туст хандон,
Туро боғе, ки мебошад гулистон.
Замине, ки дар он по мегузорӣ,
Ба он ту меҳри беандоза дорӣ,

Пур аз хунҳои сурханду сиёҳанд,
Ба ҷанги беамони мо гувоҳанд.
Фақат куштам, задам, хун рехтам ман,
Паёпай хоки золим бехтам ман.
Ту озодӣ, писарҷонам, ту озод!
Туро мурғи саодат бол бикшод.
Ба нафъи ту равон дар ҷӯй об аст,
Замин зархезу дурафшон саҳоб аст.
Барояд меҳр гарм аз қалби ховар
Барои диданат чун меҳри модар.
Шуда зикри забони халқ номат,
Ба ҳар ҷо менамоянд эҳтиромат.
Чаро номи ту Қодирпаҳлавон шуд?
Ба меҳнат чунки зӯри ту аён шуд.
Туро имрӯз ҷӯянвор тан ҳаст,
Ду дасти кӯҳкан, оҳаншикан ҳаст.
Ту аз даврону даврон аз ту розӣ,
Ватан дорад зи номат сарфарозӣ.
Чи гул кардаст айёми ҷавонит!
Чи хушбӯй аст боғи зиндагонит!..
Ҳаёт он қадр неъматҳо расондат,
Ки дигар ҳеҷ камбудӣ намондат.
Бароят лек як чизи дигар кам,
Ки онро орзу дорад падар ҳам.
– Падар, гӯед то фаҳмида гирам!
– Ту медонӣ, ки ман як марди пирам.
Ҷавонона намояд гарчи рӯҳам,
Вале чун офтоби нӯги кӯҳам.
Ҳамехоҳам, ки дар тӯят нишинам,
Шаби домодиятро ман бубинам.
Рухи шармини Қодир ногаҳонӣ
Ниҳон шуд зери ранги арғувонӣ.
Хаёлаш болу пар зад чун кабӯтар,
Нишаст ошуфта рӯйи боми дилбар.

Падар оё хабар ҳаргиз надорад,
Ки дар колхози худ ӯ ёр дорад?
Намедонад, ки ду дил бо як оҳанг
Ба домони муҳаббат мезанад чанг?
–Падар, монед ин гапҳои худро, –
Ҳаминро гуфт Қодир, хест аз ҷо.

II

Арӯси оташинрухсори пирӯз
Даме ки шуд ниҳон аз дидаи рӯз,
Чароғи барқи Илич шуд фурӯзон,
Мунаввар шуд хиёбони деҳ аз он.
Ба деҳ аз ҳар тараф одам даромад,
Замин гӯё кафид, одам баромад.
Гумон кардӣ сипоҳе аз дили дашт
Пас аз ҷанге ба лашкаргоҳ баргашт.
Гумон кардӣ, ки дарёе дамида
Баромад обаш аз соҳил ҷаҳида.
Сипаҳ буд ин – сипоҳи колхозӣ,
Пас омад бо ҳазорон сарфарозӣ.
Хурӯшонтар буд аз дарёи Ҷайҳун,
Ту худ донӣ, ки мавҷи он бувад чун!
Сипаҳ шуд соҳиби фатҳи кабире,
Ки буд он фатҳ фатҳи беназире.
Баромад халқи боазму ирода
Ба каф асбоби нусратро ниҳода,
Ки бар саҳрои хушку бенаму об,
Ба чӯли солҳо афсурда аз хоб
Барад оби равони нуқрасонро,
Нишони зиндагии ҷовидонро.
Ҳама баргашт аз кору ду кас нест,
Ду ёри дил пур аз ишқу ҳавас нест.
Ду қатра имшаб аз дарё ҷудо шуд,
Ҷудо имшаб ду боз аз бозҳо шуд.

III

Сухан меёфтам гар шоирона,
Ба назм овардаме акси шабона.
Шаби уммедбахши ошиқонро,
Рафиқи саввумини ду ҷавонро.
Ба зери машъали рахшанда моҳтоб
Замин метофт чун дарёи симоб.
Миёни кӯҳҳои сар бар афлок,
Чаманзорону боғоти фараҳнок
Кулоҳи сабз бар сар карда буданд,
Зи шабнам чеҳраро тар карда буданд.
Ҳама марду зани деҳ буд ба хона,
Ҳама паррандагон дар ошёна.
На аз сӯе садое мебаромад,
На зарби гашти пое мебаромад.
Фақат як ҷуфтакак паҳлу ба паҳлу
Қадам оҳиста мезад лаб-лаби ҷӯ.
Аз он ҳарду фақат меомад овоз,
Фақат овози дилҳои пур аз роз:
– Азизам, аҳди ман бишкастанӣ нест,
Дилам аз банди зулфат растанӣ нест.
Ману ту дербоз аст ошноем,
Ҳаводорони майдони вафоем.
Ту дар деҳ духтари ообрӯйӣ,
Чаманро як гули хушрангу бӯйӣ.
Ба меҳрат ҳар дилеро ошёнест,
Ба уммедат, кӣ медонад, киҳо нест!
Маро бе ёдат, аммо як нафас нест,
Туро ошиқтар аз ман ҳеҷ кас нест.
Дилам ганҷинае бошад, ки дар он
Чу ганҷе хуфта танҳо меҳри ҷонон.
Дари ганҷина имшаб нағз во шуд,
Намедонам ба фикри ту чиҳо шуд…

Саодат ном дорӣ, эй дилором,
Маро ҳам кун саодатманд аз ин ном.
Дилам бетоқат аз кори падар шуд,
Ки акнун ӯ пайи тӯйи писар шуд.
Аз ин густохии ман гар наранҷӣ,
Гар ин ҳарфи маро осуда санҷӣ,
Ҷавобам деҳ, ки имшаб ман зи саҳро
Барам пеши падар онро чу савғо.
Арӯс аз шарм дида бар замин дӯхт,
Рухаш монанди оташпора афрӯхт.
Ҷавобаш дод: – Қодирҷон, чӣ гӯям,
Ба ҷуз хурсандият чизе наҷӯям.
Гирифта ёрро Қодир дар оғӯш,
Ҷаҳонро кард аз шодӣ фаромӯш.
Гумон мебурд, ки дар рӯйи олам
Саодатноктар з-ӯ нест одам.
Гумон мебурд, ки Моҳу ситора
Ба ӯ доранд бо ҳайрат назора.
Гумон мебурд, ки ёрони дилҷӯ
Муборакбод гӯяндаш зи ҳар сӯ.
Падарро бо лаби пурханда медид,
Рақибонро ҳама шарманда медид.

IV

Ҷавон аз кӯчаи қишлоқ мерафт,
Гуселонида ҷуфташ тоқ мерафт.
Қадам мезад ба қишлоқе, ки онро
Чу модар дӯст медорад ба дунё.
Дар он ҷо ёфт аз модар таваллуд,
Дар он ҷо соҳиби ақлу хирад шуд.
Дар он ҷо дид лутфи модарона,
Ҳаёти пурхурӯши наврасона.
Дар он ҷо дарс хонду илм омӯхт,
Дар он ҷо решаҳои ҷаҳлро сӯхт.

Дар он ҷо сарф ҳар гуна ҳунар кард,
Намуди деҳаи худро дигар кард.
Дар он ҷо боғи нав, гулзори нав сохт,
Биноҳои баланду равшан андохт.
Чунин бо ҳисси фахри фотеҳона
Қадам мемонд Қодир сӯйи хона.

V

Баромад байрақи заррини хуршед
Ба рӯйи қуллаҳои субҳи уммед.
Нидо карда ба меҳнат мардумонро,
Талабгорони бахти ҷовидонро.
Ҳаёти шаҳру деҳ дар ҷӯш омад,
Садои «Кӯш, ҷӯра, кӯш!» омад.
Суйи саҳро назар андохтам ман,
Дили худро ба саҳро бохтам ман.
Назар андохтам, то сер бинам,
Рухи он мардуми чун шер бинам:
Рухи марду занони пилтанро,
Ҳунармандони саҳрову чаманро.
Занад то ин ки хирман пахта чун кӯҳ,
Барорад ғалла сар анбӯҳ-анбӯҳ,
Анору себ то шаҳдоб гарданд,
Тамоми меваҳо сероб гарданд,
Замину обдорони хушиқбол
Хурӯҷи паҳлавонӣ карда дунбол.
Ба саҳро духтарони чашмоҳу
Ҷавонмардони хандонрӯю хушгӯ
Ба ҳамдигар гаҳе бо ҳар баҳона
Ҳамегуфтанд байти ошиқона.
Равон мешуд ба Қодир гоҳ-гоҳе
Нигоҳи гӯшаи чашми сиёҳе.
Дар ин ҳангом пире ларз-ларзон
Ба сӯйи халқ меомад парешон.

Ба оташ ҳамчу испанди фитода,
Чу пӯлоди дар оташ тобдода,
–  Ватан! – мегуфту сар то пой месӯхт,
Ватанро бо муҳаббат чашм медӯхт.
– Ба олам ин чӣ бадаҳдӣ, чӣ пастӣ?
Чӣ бешармӣ, чӣ расвоипарастӣ?
Агар душман кунун паймоншикан шуд,
Бибояд зидди ӯ дандоншикан шуд.
Ҳазор афсӯс, ки бисёр пирам,
Ба монанди зи шаст афтода тирам,
Вагарна зуд зин мекардам аспам,
Дубора мегирифтам роҳи касбам…
Илоҷе нест, мегӯям писарро,
Ки гирад аспу шамшери падарро.
Дар ин ҷо пир агар тадбир ҷӯяд,
Ба ҷойи пир асои пир гӯяд.
Ба пеши халқ марди қадхамида
Нишаста, хеста омад расида:
– Писарҳоям! Ватан зери хатар шуд,
Ба мо Гитлери нокас ҳамлавар шуд.
Ҷавонони қавибозуи чун шер
Ба ҳифзи мамлакат гиред шамшер!
Ба Қодир гуфт он пири ғазабнок:
«Нишин маҳкам ба аспи зӯру чолок,
Ту ҳам бо дӯстонат рав ба майдон,
Нишон деҳ қудрати худро, писарҷон!
Далери ман, сазовори падар бош,
Чу шамшери падар соҳибзафар бош!»
Писарҳоро даме хомӯш-хомӯш
Нигаҳ карданд духтарҳои гулпӯш.
Ки бар ҳар як  нигоҳе буд ҳувайдо
Адоват бар фашисти ваҳшисимо.

VI

Намоён шуд ба чашми субҳи шодӣ
Сияҳабре чу шоми номуродӣ.
Ки хасми фитнагар бишкаста паймон
Шуда лабташнаи хун, гушнаи ҷон,
Ҳуҷум овард бо оташфишонӣ
Ба тасхири ҷаҳони комронӣ.
Саҳаргоҳон баромад деви бадмаст,
Ба болои сари мо теғ бар даст.
Ба рӯйи ин Ватан – ин бахткавкаб,
Хатар наздик шуд ҳар рӯзу ҳар шаб.
Сипаҳсолори модар хашм афтод,
Ба ҷанги беамон фармони худ дод.
Рафиқон, дӯстонашро садо кард,
Садо дар пешгирии бало кард.
Садо аз пойтахт, аз Маскав омад,
Садои раҳбари асри нав омад,
Садои раҳбаре, ки рӯҳи халқ аст,
Шарики шодию андуҳи халқ аст,
Садои раҳбаре, ки халқ бо вай
Намуда роҳи чандин фатҳро тай,
Садои раҳбаре, ки дар дили халқ
Нишаста чун умеди комили халқ.
Ба одам гуфт хоки кишвари бахт,
Ки: «Гар ту дӯст медорӣ маро сахт,
Агар хоҳӣ, ки бо ман зинда бошӣ,
Ҷавонбахту чу гул дар ханда бошӣ,
Силоҳи ҷанг бар каф гиру бархез!
Бидон инро фақат тадбиру бархез!»
Ба одам гуфт ҳар кӯҳи азиме,
Ки: «Хоҳӣ бо бузургон гар надимӣ,
Агар монанди барфи қуллаи ман
Даруни синаат соф асту равшан,

Силоҳи ҷанг бар каф гиру бархез!
Бидон инро фақат тадбиру бархез!»
Ба одам гуфт оби мавҷи дарё,
Ки: «Эй дар меҳнатӣ аз ман ту боло,
Агар ки ту нахоҳӣ ташна монӣ,
Замин хушконию худ гушна монӣ,
Силоҳи ҷанг бар каф гиру бархез!
Бидон инро фақат  тадбиру бархез!»
Ба одам осмон гуфт: «Эй зафарманд,
Нахоҳӣ гар нафас гардад туро банд,
Фазо хоҳӣ агар доманфарохе,
Сарафрозӣ кунӣ дар он чу кохе,
Силоҳи ҷанг бар каф гиру бархез!
Бидон инро фақат тадбиру бархез!»
Ба одам инчунин Хуршед ҳам гуфт,
Ки: «Натвонад касе меҳр аз ту бинҳуфт,
Агар хоҳӣ, ки бошӣ ҷовидонӣ,
Чу ман рахшандарӯ дар зиндагонӣ,
Силоҳи ҷанг бар каф гиру бархез!
Бидон инро фақат тадбиру бархез!»
Шунид ин ҳарфро ҳар пиру барно,
Бигуфто: - «Ман фидо гардам Ватанро».
Намонд он кас, ки боз осуда бошад,
Ба ғафлат андаке ҳам буда бошад.
Зи ғарби СССР то кӯҳи Помир,
Зи дарёи Сияҳ то Арктики пир,
Суруди ҷангии мо дар ҳаво шуд,
Замин аз пайи лашкар пурсадо шуд.

VII

Баромад Қодир аз деҳ бо ҷавонон
Қадам партофта чун марди майдон,
Баромад ӯ чу аз як деҳаи хурд,
Раҳ онро сӯйи майдони калон бурд.

Ба майдоне, ки бахти насли инсон
Чу гӯй имрӯз афтодаст дар он,
Ба майдоне,
ки бо хун бояд он ҷо
Ҳимоят кард ҷонона Ватанро.
Ба рӯйи ҳар ҷавон буд тозаю тар
Ҳанӯз он бӯсаи падруди модар.
Ба дасти ҳар ҷавоне як асар буд,
Асар аз гармии дасти падар буд.
Барои ёдгорӣ нарм бӯсе
Гирифта ҳар ҷавон аз ҳар арӯсе.
Ба пеши чашми Қодир буд намудор
Ҳанӯз он ҷилваҳои қомати ёр.
Саодат кокулашро тоб медод,
Ҳанӯз ӯ дидаашро об медод.
Ба ӯ гул дод дасти меҳрубоне,
Ки буд аз рангу бӯяш гул нишоне.
Гумон мекард, ки дар рӯ ба рӯяш
Ҳанӯз он ёр дорад пурсуҷӯяш.
Ҳамепурсид:
– Чун кӯшӣ ба ёдам?
– Занам душман, чунон ки ваъда додам.
– Ба монанди чӣ мегардӣ аз ин роҳ?
– Аз ин раҳ шер мегардам, на рӯбоҳ.
– Дар ин ҷо ман чӣ сон шодат намоям?
– Ба меҳнат зуд агар гирӣ ту ҷоям.
Ба худ мегуфт Қодир, ки касам ҳаст,
Чу кӯҳе такягоҳе дар пасам ҳаст.
Суруди алвидоӣ хонда мерафт,
Қадамҳо чун баҳодур монда мерафт.

**Суруди видоӣ**

Видоъ, эй даштҳо, эй лолазорон!
Видоъ, эй наҳру ҷӯҳои зарафшон!
Видоъ, эй дӯстони беҳтар аз ҷон!
Видоъ, эй дилбарам, рафтам ба майдон!

Маро беҳтар зи ту ёри дигар нест,
Зи ман дар ошиқӣ ҷонбозтар нест.
Ба майдони ҳунар аз мард будан
Барои ошиқон беҳтар ҳунар нест.

Машав навмед, эй ҷононаи ман,
Ки мегардам ба зудӣ чун Таҳамтан.
Ватанро аз фашистон пок созем,
Ба мову ту халоиқ гӯяд: аҳсан!

VIII

Даруни бешаи анбӯҳраста,
Ки буд аз дидаи бегона баста,
Пас аз як ҷанги пуршиддат сипоҳе
Ба хеш овард як муддат паноҳе.
Агарчи буд рӯйи беша зебо
Ба ҳангоми баҳори оламоро,
Вале чандин ҷароҳат дар бадан дошт,
Даруни сина доғи сӯхтан дошт.
Вай огоҳ аст аз боди мухолиф,
Шуда аз даҳшати ин ҷанг воқиф.
Дилаш гардида субҳу шому бегоҳ
Ҳазорон тири сӯзонро гузаргоҳ.
Ба ҷойи обҳои навбаҳорӣ
Дар он ҷӯҳои хун гардида ҷорӣ.
Таги ҳар як дарахти бешазорон
Фритсу Гансҳо хобида беҷон.

Чу нӯги найза ҳар шохе хамида,
Ба рӯйи синаи онҳо халида.
На аз паррандае монда нишоне,
На дар болои шохе ошёне.
Фақат медид кас хокистареро,
Ба ҳар ҷо сӯхта болу муреро.
Гумон кардӣ, ки мисли шери бадхашм
Калон бикшода беша косаи чашм,
Гирифта сахт зери  панҷаи тез
Тани мурдори садҳо гурги хунрез.
Ба сӯйи бешаи манзилгаҳи шер
Равад гурге, ки аз ҷонаш бувад сер.
Дар он ҷо партизан медошт маскан,
Ки то гирад қасосашро зи душман.
Талаб мекард хун монанди шамшер,
Нафас чун оташею дар ғазаб шер.
Ба гирди беша омад мисли занҷир
Сипоҳи хасм бо сад гуна тадбир.
Умеде дошт он хасми ғазабнок,
Ки созад бешаро аз партизан пок.
Ба уммедаш валекин норасида,
Зи теғи партизан шуд сарбурида.
Сипоҳи мо ҳуҷум оғоз карда,
Наҷоторанда байрақ боз карда,
Ба Ғарб омад чу дарёи хурӯшон,
Ба мисли раъдҳои барқафшон.
Гурӯҳи партизан – халқи зиреҳпӯш
Сипоҳи Сурхро бинмуд оғӯш.
Чу хуни як бадан бо он даромехт –
Ту гуфтӣ ҷӯ ба дарёи калон рехт.
Ба дарё рехт, то ки сел гардад,
Ба қудрат сели оҳанхел гардад.
Даруни беша то фурсат расидан,
Ба сӯйи субҳ то нуре дамидан,

Саворони гвардейсӣ шаберо
Ба сар бурданд назди партизанҳо.
Сухан то рӯз гуфтанду нахуфтанд,
Ҳар он чӣ гуфтанӣ буд, хуб гуфтанд.
Сухан гуфтанд аз ғолиб ва мағлуб,
Сухан аз ишқи бемонанди маҳбуб.
Ҷавоне з-он миён лабро кушода,
Суханро чида, обутоб дода,
Ҳикоят кард бо ҷӯшу ҷавонӣ
Ҳадиси рӯзҳои қаҳрамонӣ:
«Чу сармои зимистон қаҳр ангехт,
Сипоҳи барфро аз осмон рехт,
Ҳамон рӯзе, ки тӯфон тоб мехӯрд,
Замин дар зери ях сардоб мехӯрд,
Сипоҳи Сурхи мо чун бод бархост,
Ба душман ҳамла овард аз чапу рост.
Париданд аз даҳони тӯпи сафдар
Паёпай тирҳои оташинпар;
Уқобон дар ҳаво парвоз карданд,
Ба дафъи каргасон оғоз карданд;
Равон бас танк шуд чун кӯҳи оҳан
Ба тундӣ сӯйи истеҳкоми душман.
Зи ҳар ҷониб далерони пиёда
Ба ях сарсинаи худро ниҳода,
Саросар аз ғазаб лабҳо газиданд,
Ба сӯйи душмани малъун хазиданд.
Сари ҳар найзае гардид хунрез,
Дами ҳар теғи мо дар ҳар задан тез.
Ҳама аз кайфи ҳамла маст будем.
Ба гармӣ оташи пуршаст будем.
Ба болои сари немиси ҳайвон
Даме ки теғи ман мекард ҷавлон,
Офитсере нишони худ маро сохт,
Ба мисли дузд аз пушти сарам тохт.

Дар ин ҳангом човандози тоҷик,
Кушода чанги худ шаҳбози тоҷик,
Гирифт аз гардани ғафси офитсер,
Чу буз андар рикобаш зад сарозер.
Рухаш бӯсида гуфтам, ки чӣ мардӣ,
Маро гӯё дубора зинда кардӣ.
Аз он дам ман ба ӯ ихлосмандам,
Сари таслим дар пешаш фикандам.
Ҳамон марде,
ки ҳоло достон аст,
Ҳамин биншаста Қодирпаҳлавон аст».
Чунин бошад тариқи дӯстдорӣ,
Ба ҳамдигар асосу шарти ёрӣ.
Чунин бошад хатарро дур кардан,
Ватанро, халқро машҳур кардан.
Ватан вақте ки амри модарӣ дод,
Баҷоорандагонашро шараф бод!
Ба Қодир баъд аз он гуфто ҷавонмард,
Ки: «Эй бо ман шарики шодию дард!
Ту бо ман дидаӣ гармию сардӣ,
Шикасту фатҳ дар ин роҳи мардӣ.
Назар андоз сар то пойи манро,
Нигаҳ кун оташи савдои манро,
Ту бингар Украини меҳрубонро,
Рухи зарду дили хунини онро.
Ба роҳаш не ҳарос аз тир дорам,
На тарсе аз дами шамшер дорам.
Равад ин роҳи танг аз бешазорон
Ба сӯйи Украини ҳамчу бӯстон.
Зи хурдӣ ман ба ин раҳ ошноям,
Фақат як сол шуд, аз ӯ ҷудоям.
Зи ман хоҳад, ки ҳар кас гардад огоҳ,
Муфассалтар ба ӯ мегӯяд ин роҳ.

Хабар дорад вай аз гулҳои боғам,
Ба шаб дар хона аз равшан чароғам.
Тавонад гуфтан аз ишқи ҷавоне
Ҳикоятҳои ёри дилситоне.
Ба қишлоқе, ки аз ҷангал аён аст,
Ҳуҷуми бомдодиро нишон аст,
Марина ном зебо духтаре буд,
Ки бо ман меҳрубон як дилбаре буд.
Зи рӯяш себҳоро ранг баста,
Ба мӯяш қимати зарро шикаста.
Ба хизмат чун маро даъват Ватан кард,
Ба ман ин гуна ӯ ҷиддӣ сухан кард:
«Микола,
рав ҳимоят кун Ватанро,
Ки бе он ту нахоҳӣ ёфт манро.
Агар хоҳӣ, ки худ нохуш набошӣ,
Падарозору модаркуш набошӣ,
Агар ту ишқро дорӣ муқаддас,
Агар онро нигаҳ дорӣ зи нокас,
Бирав, нобуд кун яғмогаронро,
Фашистон – душманони молу ҷонро!».
Ман ин гапҳои ӯро чун шунидам,
Зи ҷо чун зарраи оташ паридам.
Ба ӯ гуфтам, ки ман рафтам, ту хуш мон,
Дар ин раҳ лозим ояд, медиҳам ҷон!
Аз он дам то кунун як сол рафтаст,
Ки маҳкам дорам ин милтиқ бар даст.
Агарчи аз сад афзунаш бикуштам,
Вале сустӣ набинӣ ту ба пуштам.
Намедонам, ки ӯ имрӯз чун аст,
Сари ӯро чӣ сон савдо фузун аст.
Агар зиндаст, балки партизан шуд,
Ба зӯрӣ ё канизи аҳриман шуд.

Ба номӯсаш фритсе балки зад чанг,
Далерӣ карду балки мурд дар ҷанг.
Хулоса, эй рафиқи меҳрубонам,
Ту мебинӣ, ки дар садҳо гумонам».
Микола қиссаашро мухтасар кард,
Ба Қодир қисса чун оташ асар кард.
Магар з-ин қисса он доманзанӣ кард,
Ки ин аз сӯхтан барқафшонӣ кард?
Магар он боди тӯфоноваре буд,
Ки ин дарёи пурҷӯши ғазаб шуд?
Магар он зилзила афканду ҷунбонд,
Ки ин монанди кӯҳе пайкар афшонд?
Магар он аз адоват дод таълим,
Ки бар шамшери худ ин кард таъзим?
Пас аз таъзим гуфт:
«Эй дӯсти ман,
Ҳанӯз ин ҷон, ки боқӣ ҳаст дар тан,
Ба майдон бинӣ аз ман тохтанро,
Сари душман зи тан андохтанро.
Пас аз ин қиссаҳо аз ақлу ҳушам
Садои интиқом ояд ба гӯшам.
Ба ҷавлон афканам аспи давандам,
Кунам тай Украинро бо самандам.
Саманди хоназоди бузкаш аст он,
Ба вақти раҳравӣ чун оташ аст он.
Умедам ҳаст, ки то шаҳри Берлин
Маро бо худ барад ӯ дар сари зин.
Равад то бар сари Заҳҳоки морон,
Бигирад интиқоми додхоҳон.
Ба дашти Украин чун ёдгорӣ
Ба ӯ хоҳам, ки пас ҳайкал гузорӣ.
Ба чашмат дида ҳар дам аспи манро
Ба ёдат оварӣ ҷанги Ватанро,

Аз он бар дидаи озод дунё
Нишони дӯстӣ созӣ ҳувайдо,
Ба рӯяш Тоҷикистонро ту бинӣ,
Бинои аҳду паймонро ту бинӣ».

IX

Саворон дар саҳар майдон гирифтанд,
Сутурон роҳи пурҷавлон гирифтанд.
Микола сӯйи деҳ чун барқ мерафт,
Ба мисли Офтоб аз шарқ мерафт.
Зи шавқи интиқом аз ҷангҷӯён
Равон буданд чун селе саворон.
Гаҳе Қодир ба пешу гаҳ Микола,
Ба тундӣ ҳар ду мисли боду жола.
Микола дид он қишлоқи худро,
Ки мегуфт: «Эй ҳимояткор, тез о!
Биё, ту тезтар, ки сӯхтам ман,
Ба роҳат дидаҳоро дӯхтам ман.
Биёю ҷамъ кун хокистарамро,
Ба дастат пок кун чашми тарамро.
Биё, оғӯши ман ҷавлонгаҳат соз,
Аз он мурдор душманро барандоз,
Биё, дар остонам пой бигзор,
Ки аз бегонаам безор-безор!..
Биё, кӯтаҳ кун аз ман дасти онро,
Ки то бинам рухи хуррам ҷаҳонро.
Биё, ки ӯ гулӯямро фушурдаст,
Зи рӯям чун хазон рангам бибурдаст…»
Даруни деҳа шуд ҷанги шадиде,
Ки мислашро ҷаҳон ҳаргиз надидӣ.
Ба паҳлу аспи Қодир хоб карда,
Камингаҳро ба Қодир боб карда.
Замин пур кард Қодир бо сару тан,
Ба гирдаш гилзаҳоро кард хирман.

Микола асп ҳамчун шер меронд,
Ба душман пурзафар шамшер меронд.
Касе, ки хост хоки дигаронро,
Куҷо хоҳад саломат бурд ҷонро!
Касе, ки буд монанди паланге,
Гурехт аз шер чун рӯбоҳи ланге.
Микола деҳаи худро нигаҳ кард,
Нигаҳ гӯё ба дашти сип-сияҳ кард.
Ба ҷойи деҳа як вайронае дид,
Сарои дарду мотамхонае дид.
Баланд аз ҳар тараф чангу ғуборе
Сутуни дудҳои сӯхторе,
Ба ҳар ҷо дор медиду расанро,
Ҳазорон ҷисми бегӯру кафанро.
«Тамаддуноварони»-и олмонӣ
Чунин бигзошта аз худ нишоне..
Ба деҳ омад наҷоторанда лашкар,
Даромад офтобе, гӯйӣ аз дар.
Гурӯҳи одамони зулмдида
Ба чеҳра ашки хурсандӣ чакида,
Сипоҳи хешро оғӯш карданд,
Шароб аз ҷоми меҳраш нӯш карданд.
Микола ёри худро ҷустуҷӯ кард,
Даме бо ӯ хаёлӣ гуфтугӯ кард.
Равон шуд,
то ки ёбад меҳрубонро,
Нишони беҳтар аз ҷону ҷаҳонро.
Ба ӯ гӯяд ғами маҳҷурии хеш,
Азобу ранҷҳои дурии хеш.
Ба ӯ гӯяд, ки ҷангаш нотамом аст,
Саманди интиқомаш дар лаҷом аст.
Ба ӯ гӯяд, ки аз сагҳои хапгир
Қасосатро кунун бо дасти худ гир.

Ба ӯ гӯяд, ки ҳамроҳам ба саф бош,
Рафиқи роҳи пуршаъну шараф бош.
Агарчи ёрро бисёр мекофт,
Нишоне ҳам вале аз ӯ намеёфт.
Канор истода пире гуфт: «Фарзанд,
Чӣ гум кардӣ, чиро мечӯйӣ, то чанд?»
– Марина дар куҷо бошад, падарҷон?
Бароварда зи дил пир оҳи сӯзон,
Бигуфто:
«Гӯш кун ин достонро,
Бирав, огаҳ кун аз ин дӯстонро,
Ба деҳ овард гитлерчии мурдор
Ҳаёти тираю ойини куштор.
Ба зоҳир одаму даррандаботин,
Лабаш дар хандаю дил хонаи кин,
Ба оташ зинда-зинда сӯхт мардум,
Накард ӯ фарқ пир аз тифли маъсум.
Занони поки моро кард таҳқир,
Пас аз он зад ба онҳо захми шамшер.
Марина – духтари боору номус,
Ба ҷаллодон нашуд таслиму побӯс,
Лаби худ сахт бо дандон газида,
Ба сӯйи душманон омад давида,
Гранатҳо чунон аз даст андохт,
Ки даҳҳо қотилонро сарнагун сохт.
Бароварда баланд овози худ гуфт,
Ки: «Ҷонамро нахоҳам дод ман муфт!»
Ба пояш душманон занҷир бастанд,
Ду дасташро бибастанду шикастанд!
Забони духтар аз ҳалқаш кашиданд,
Дили пурорзуяшро дариданд.
Тани пурзахми он оғӯшта дар хун,
Се ҳафта монда буд аз хок берун.

На ҳадди кас, ки гирад аз заминаш
На рухсат, ки касе гардад қаринаш.
Тани покаш пас аз пӯсида гаштан,
Ба мо доданд амри дафн кардан,
Танаш кардем ҷо дар хоки мартуб,
Ба дил меҳраш чу як фарзанди маҳбуб.
Ба бедорӣ нишинам бо хаёлаш,
Ба хобам зинда мебинам ҷамолаш.
Ту ҳам аз бар намо ин достонро,
Бирав, огаҳ кун аз ин  мардумонро».
Микола бо рафиқи хеш Қодир
Ба рӯйи қабри духтар гашт ҳозир.
Сари ҳурмат ба пойин хам намуданд,
Адоватро адоват зам намуданд.
Қасамро дар забон аз сар гирифтанд,
Туфанги хеш маҳкамтар гирифтанд.
Ба дил гуфтанд,
　　　　　ки вақти ҳисоб аст,
Дуаспа марги душман дар шитоб аст.
Аз ӯ ҳар кас чи қадре ки тавонад.
Бибояд интиқомашро ситонад.

X

Бад-ин сон рӯзу шабҳои дарозе
Ватанро Қодир аз худ кард розӣ.
Далеронро ба майдон сарварӣ кард,
Басе ҷанговарию сафдарӣ кард.
Агарчи борҳо шуд арсааш танг,
Валекин устуворӣ кард чун санг.
Агарчи борҳо зери хатар шуд,
Вале азмаш қавию зӯртар шуд.
Кадомин боз тарсад аз саҳобе?
Кадом оташ бигирад роҳи обе?

Кӣ дида кӯҳро,
к-аз бод ларзад?
Дили марде, ки аз ҳар хавф тарсад?
Шавад меҳри Ватанро кас хуморӣ,
Ба роҳаш кам шуморад ҷонсупорӣ.
Дилаш хоҳад, ки бахшад як ҷаҳоне,
Фидо созад замину осмоне.
Нахоҳад гуфт то ҳангоми мурдан
Ба поён омад акнун хизмати ман.
Ба вақти долузарби саф шикастан,
Ба рӯйи хасм роҳи ҳамла бастан,
Ба вақти ҷанг ҷонбозӣ намудан,
Ба вақти деҳае озод кардан,
Ҷудо шуд гарчи Қодир аз ду дида
Зи ҳар ду дидаи қиматхарида,
Сари пурифтихори хешро паст
Накарда сӯйи душман боз меҷаст.
Вале аз ноилоҷӣ кард итоат
Ба дасти хоҳари ҷангии шафқат.

XI

Ту дар беморхона паҳлавонро
Кунун дар хоб бинӣ рӯ ба боло.
Ду чашмаш гарчи ту пӯшида бинӣ,
Дилаш бедору хун ҷӯшида бинӣ.
Магар афтида дар баҳри хаёле?
Магар овора дар дашти висоле?
Магар кораш ба поён норасида,
Ба ногаҳ шуд нахи тораш бурида?
Магар гум кард нӯги риштаи хеш?
Дарав оё накард ӯ киштаи хеш?
Ки дар беморхона буд Қодир
Ҳамеша тангдил, ошуфтахотир?

Ба худ мегуфт, ки аз ҳар ду дида
Ҷудо гаштам ба мақсад норасида,
Ҳанӯз он ваҳшии захмӣ намурдаст,
Аҷал онро ба гӯристон набурдаст.
Ҳанӯз айёми ҷанг асту ҷидол аст,
Ба душман вақти овардан завол аст.
Вале аз дида ман маҳрум гаштам,
Ба беморӣ чунин маҳкум гаштам.
Дилам мехост, ки бо чашми бино
Расонам ман ба охир кори худро.
Назар созам диёри хештанро,
Рухи шоду зафарманди Ватанро.
Бубинам равнақиояндаи ӯ,
Ҷамоли ҳамчу гул дар хандаи ӯ.
Аз ин лаззат вале ман дур мондам,
Ҷудо аз дидаи пурнур мондам.
Намебинам дигар ман моҳпора,
Нигори беҳтар аз тобон ситора.
Пас аз ин эҳтимол аст ин, ки дилдор
Нагардад бо мани бедида ғамхор.
Нахоҳад гар маро,
дигар чӣ созам?
Чӣ сон шодӣ намоям, бо чӣ нозам?
Маро, мумкин ки гӯяд, ту маибӣ,
Ту аз наззора кардан бенасибӣ,
Намезебад ба кӯрон ишқбозӣ,
Миёни ошиқон гарданфарозӣ.
Касе хоҳам, ки дар умри ҷавонам
Маро ӯ бинаду ман дил ситонам.
Касе хоҳам, ки бинад то чӣ гуна
Миёни хубрӯёнам намуна.
Касе хоҳам чу андозад назарро,
Ба зери зулфи ман бинад қамарро.

Муфассал нома бинвиштам ба маҳбуб,
Ки то ҳоли маро донад зи мактуб.
Дили ман рӯзу шаб уммедвор аст,
Ҷавоби он ба дасти бахтёр аст.
Агар гӯяд, ки банди аҳду паймон
На дар чашм аст, балки дар дилу ҷон.
Агар гӯяд, ки то ҳастию ҳастам,
Ҳамон асту ҳамон аҳде, ки бастам.
Шуморад хешро хушбахт Қодир,
Ғами кӯрӣ равад он гаҳ зи хотир.
Дар ин ҳангом ҷарроҳи хунарманд
Ситода бар сари бемор хурсанд.
Бипурсидаш зи лутфу меҳрубонӣ,
Ки аҳволат кунун хуб аст, ё не?
Ҷавобаш дод: «Хубам, ҳеҷ шак нест,
Ҳанӯз аммо зи бинойӣ дарак нест.
Ҳакими меҳрубон, бас ранҷ дидед,
Барои ман азиятҳо кашидед,
Масозед ин қадар худро ҷигархун,
Ки дарди ман бувад аз чора берун.
Диҳед изнам,
ба сӯйи хона гардам,
Ки шояд з-ин алам бегона гардам».
Ҳаким аз таҳти дил хандидаю гуфт:
– Ту, охир, гум накардӣ дидаро муфт.
Кунун ту қаҳрамони номдорӣ,
Ба чашми мамлакат боэътиборӣ.
Талаб дорад касе, ки некномӣ,
Ҳазар дорад касе, ки аз ғуломӣ,
Касе ки ҷовидон созад шарафро,
Азиз дорад зафаророанда сафро,
Ба монанди ту бояд мард бошад,
Дар ин раҳ марди пасногард бошад.

Бароят ман хате беҳтар, ки хонам,
Ту онро гӯш кун осуда, ҷонам:
«Салом, эй шоҳбайти шеъри шоир,
Салом, эй достони халқ, Қодир!
Салом,
          эй пешоҳанги далерон,
Сароғози сипоҳи ҷонсупорон,
Сухан гарчи зиёд аз як китоб аст,
Вале фурсат каму кӯтоҳ ҷавоб аст.
Ҷавобе, ки ба сӯйи ту равон аст,
Ба мисли қосиде аз дӯстон аст.
Дилам гуфтасту онро хомаи ман
Рақам кардаст дар ин номаи ман.
Сафар кардӣ ҳамон рӯзе, ки аз деҳ,
Ба Рустам кардамат монанду ташбеҳ.
Умедам буд, ки бо қаҳрамонӣ
Намоён мекунӣ зарби ҷавонӣ.
Зи дастат об хоҳӣ кард душман
Агарчи ӯ бувад чун кӯҳи оҳан.
Қадам чун паҳлавонон мениҳӣ ту,
Ба майдон доди мардӣ медиҳӣ ту.
Чу оташ хасм агар гардад фурӯзон,
Ба болояш равӣ чун оби тӯфон.
Набояд душманат пушти ту бинад,
Бибояд теғи ту, мушти ту бинад.
Чунон  ҷангӣ, ки монӣ дар замона
Ба халқи худ зи фарзандӣ нишона.
Ту даъвои маро исбот кардӣ,
Ба аспат шоҳи душман мот кардӣ.
Шабу рӯз огаҳам аз мардии ту,
Ба назди марг аз хурсандии ту.
Фиканда худ дар оташхонаи ҷанг,
Дар он овардаӣ ту тоб чун санг.

Ватан дар сӯзиш афтоду ту дидӣ,
Ба чашмат ҷисми пурсӯзаш харидӣ.
Машав навмед аз бедида гаштан,
Ки ҷояшро бигирад дидаи ман.
Ту вақте ки ба пеши ман биёӣ,
Чу нури тоза бар чашмам дароӣ.
Агар ойӣ, ту бинӣ, ки ба ёдат
Чӣ гуна корҳо карда Саодат.
Тамоми рӯзҳоро нисфи шаб кард,
Зи хешу дигарон меҳнат талаб кард.
Чунон имсол ҳосил шуд фаровон,
Ки бинад кас дар он марги фашистон.
Ба монанди ту мо ҳам ҷанг кардем,
Барои фатҳи ту оҳанг кардем.
Падар мегӯядат, ки нек фарзанд
Ман аз ту сад ҳазорон бор хурсанд.
Ту фарзанди азизу арҷмандӣ,
Ту чун аҷдодҳоят сарбаландӣ.
Туфангат гарчи афтодаст аз каф,
Басе ёрони ту рафтанд бар саф.
Ҷавонони советӣ бешуморанд,
Чу оби чашма поёне надоранд.
Ба роҳи марг чун афтод бадхоҳ,
Саломат ӯ намегардад аз ин роҳ.
Ту онро кардаӣ захмину беҳол,
Дигарҳо мекушандаш карда помол».
Даромад Қодир аз шодӣ ба бозӣ,
Ки аз ӯ ҳам падар, ҳам ёр розӣ.
Бигуфто:
«Гарчи хира дидаи ман,
Дилам шуд лек аз ин мактуб равшан».
Ҳаким аз ҷайб микрозе баровард,
Ба Қодир баъд аз он гуфт: «Эй ҷавонмард,

Кунун ман дидаатро мекушоям,
Туро озод аз ин ғам менамоям».
Ҳама як фурсате хомӯш монданд,
Нафасро бастаю беҳӯш монданд.

* * *

Садои хандае аз таҳхона
Баромад то ба ҳафтум ошёна.
Магар як ҷуфт гул во шуд ба боғе?
Магар афрӯхт як қӯша чароғе?
Ки Қодир гашта чун булбул ғазалхон,
Чу парвона ба гирди хеш рақсон.
Зи шодӣ хешро дар осмон дид,
Ба рӯйи минбари саҳни ҷаҳон дид.
Падид омад ба чашмаш чеҳраи рӯз,
Ҷамоли Офтоби оламафрӯз.
Замин медиду боғу бӯстонро,
Намуди каб-кабуди осмонро.
Ба чашмаш боз дилбандаш аён шуд,
Даҳони шаккаринхандаш аён шуд.
Ба рухсори ҳаким ӯ дидаро дӯхт,
Зи касби меҳри он дилро барафрӯхт.
Суйи ҷарроҳи мумтозу хирадманд
Нигоҳи чашми миннатдор афканд.
Ба ӯ мегуфт, ки:
«Эй марди оқил,
Аз ин ҳикмат маро кардед қоил.
Маро гӯё, ки аз нав зинда кардед,
Чароғи бахти ман тобанда кардед.
Шумо гӯё бурида хораеро,
Бурун кардед гавҳарпораеро.
Ташаккур дасти қудратнокатонро!
Сад аҳсан ақли ҳимматнокатонро!»

Гирифта номаи маҳбуб дар даст,
Зи ҷояш ҷаст ҳамчун барраи маст.
Гирифта номаро бар дида молид,
Зи маҳбуб, аз табиби хеш болид.
Ҳакимаш нимҷиддӣ гуфт: «Қодир,
Ба сӯйи дилбари худ роҳ баргир!»
Басе муддат, ки Қодир буд хуморӣ
Ба рангу бӯйи садбарги баҳорӣ.
Ҳавои васли ҷононро ба сар дошт,
Рухи маҳбубро пеши назар дошт.
Дилаш мехост, ки чун боз ояд,
Ба пеши ёр бо парвоз ояд.
– Саодат! – гуфту Қодир кард сонӣ
Нигаҳ сӯйи намуди осмонӣ.
Ба рӯйи осмони беканора
Ҳазорон дид ӯ ҷуфти ситора.
Ситора ҷуфту мо тоқем, мегуфт,
Ба васли ёр муштоқем, мегуфт.
Чунин андеша ӯро роҳбар шуд.
Ба сӯйи мулк дар фикри сафар шуд.
Вале афсонае омад ба ёдаш,
Ки он афсона дарси тоза додаш:
«Замоне аждаҳое дар ҷаҳон буд,
Ки аз ҷавраш халоиқ дар фиғон буд.
Гаҳе дар Ғарбу гаҳ дар Шарқ мезист,
Даруни хуни ноҳақ ғарқ мезист.
Ба баҳри ашки мардум буд шиновар,
Ба рӯйи кӯҳи сарҳо мезадӣ пар.
Дам аз фарёди тифлон ҳот мекард,
Дил аз қатли бузургон шод мекард.
Ба ҳар самте, ки мегардонд ӯ рӯй,
Иваз мешуд ба мотам шодии тӯй.
Фурӯ мебурд зинда духтаронро,
Ба рӯ гул, мӯйсунбул дилбаронро.

Ба ҷанги аждаҳо омад ҷавоне,
Ҷавони номдору қаҳрамоне,
Баромад барқ аз шамшерронеш,
Садои гирдбод аз поймонеш.
Ба зарби паҳлавон аждар фано шуд,
Зи кулфат ҷони ҳар одам раҳо шуд».
– Ба сӯи Шарқ ояд мисли аждар,
Фашисти одамихӯру ситамгар.
Хатар омад зану фарзанди моро,
Арӯсони ба ҷон пайванди моро.
Саодат ҳам ба чашми интизорӣ,
Зи ман дорад умеди ҷонсупорӣ.
Чаро бефатҳ сӯйи хона гардам?
Ба номардӣ чаро афсона гардам?
Раҳам бояд, ки сӯйи разм бошад,
Зафар кардан ягона азм бошад.
Бигуфто: «Эй ҳакими дӯстдорам!
Агарчи ёд кардам ман диёрам,
Дилам гӯяд, ки тарки азми деҳ кун,
Ба ҷанг ою камони хеш зеҳ кун.
Ба майдон рав, ки ҳангоми набард аст,
Ватан ёриталаб аз теғи мард аст.
Замони интиқоми худситонист,
Барои халқ вақти ҷонфишонист.

***

Шабе рафту ба сӯйи Ғарби торик
Равон шуд қаҳрамонфарзанди тоҷик.
Ба болои саманди мисли кӯҳе
Намоён буд уқоби пуршукӯҳе.

*1942*

## ҲАСАНИ АРОБАКАШ

*Ин асари худро ба иди бошарафи*
*25-солагии Республикаи Советии*
*Сотсиалистии Тоҷикистон мебахшам.*
*Муаллиф*

I

Пӯшт, машкоб!
Бохабар, мардум!
Ба қафоят нигоҳ кун, нонвой!
Ҳой, ҳезумфурӯши варзобӣ,
Хари худро каш аз даруни лой!

Бо чунин дӯғу валвала омад
Ҳасани ошно аробасавор,
Одамонро ба ду тараф ронда,
Мегузашт аз миёнаи бозор.

Мегузашт аз даруни обу гил,
Аз бари чойхонаю дукон,
Аз таги бомгӯшаҳои паст,
Аз раҳи танг-кӯчаи вайрон.

Мекашонид санги дарёро
Аз барои кадом деворе,
Хонае, кӯчае, саройи наве,
Ё барои дигар ягон коре

Асп – зотӣ, ароба – қӯқандӣ
Баста зангӯлаҳо ба гардани асп…
Шӯру ҳангомаро Ҳасан доим
Дӯст медошт аз паси ин касб.

Дар ҳамон солҳо Душанбеи мо
Деҳаи хурди камаҳолӣ буд,
Аз тамоми нишонаҳои ҳаёт
Солҳои зиёд холӣ буд.

Деҳаи ҷабру зулмдидаи халқ
Дашти беоб, чӯли бирён дошт,
Ба сараш фаслҳои тобистон
Шуълаи офтоби сӯзон дошт.

Тоқа-тоқа чанорҳои сабз
Хизмати одилона мекарданд,
Ҷониби мо насими форамро
Гоҳ-гоҳе равона мекарданд.

Кас дар он солҳои пурташвиш
Дами оромро намедонист,
Рафтании рӯзрову омадани
Пурхатар шомро намедонист.

Менамуданд душманони шадид
Давлати навасосро таҳдид,
Халқи моро фиреб медоданд
Шайхҳо дар мазор, дар масҷид.

Коммунистон яроқу хома ба даст
Мамлакатро идора мекарданд,
Ба ҳама корҳои камбағалон
Бо муҳаббат назора мекарданд.

Фикрашон буд, ки кунанд аз нав
Сарзамини харобро обод,
Аз асирии ҷаҳлу нодонӣ
Халқи тоҷикро кунанд озод.

Мо ҳам он вақтҳо дар интернат
Тарбиятгир баччагон будем,
Аввалин отряди пионерӣ
Аз ятимони тоҷикон будем.

Дафъаи аввалин дар интернат
Мо китоби саводро дидем,
Аввалин бор номи Ленинро
Аз алифбои хеш бишнидем.

Аввалин бор аз нақораи мо
Савти марши қадам ба гӯш омад,
Аввалин бор аз таронаи мо
Дили шогирдҳо ба ҷӯш омад.

Галстуки сурх аввалин дафъа
Зинату зеби гардани мо шуд,
Қасаму ваъдаи пионерӣ
Шарафи мо, бараҳнапоҳо шуд.

Маркази нав – Душанбеи худро
Дӯстдоранда наврасон будем,
Ба ҳама корҳои ин марказ
Ҳамаи мо мададрасон будем.

Аз гилу хок тоза мекардем
Кӯчаҳои баланду пасташро,
Мо ба тартиб медаровардем
Ҳар яке ҳавлии нишасташро.

Аз дилу ҷон ба ҳар иморати нав
Аввалин хиштро гузоштаем.
Бо нишондоди коммунист- падарон
Халқи худро азиз доштаем.

Деҳаи аз қадим бе унвон
Қомат аз рӯйи хок мебардошт,
Аввалин донаҳои матлабро
Ба замини хароби худ мекошт.

* * *

Омад аз тангкӯчаи қишлоқ
Тақ-тақи пову шеҳаи аспон,
Дар дами шом рӯйи саҳни сарой
Пур шуд аз асп, аз аробакашон.

Охирин рӯзҳои сармо буд,
Рехт сел аз ҳаво ба сар имрӯз–,
Дару деворҳои лойинро
Шуст борону барфи тар имрӯз.

То миён, то ба гӯш дар кӯча
Хару аспон ба лой ғӯтиданд,
Одамони пиёда пушт ба пушт
Дар сари роҳу ҷӯй ғелиданд.

Чархҳои аробаҳои калон
Мепаронданд лойро ба ҳаво,
Лойҳои парида мехӯрданд
Ба сару рӯю кифти одамҳо.

Ҳасан омад аробаро ронда
Ба саройи аробаҳо пурхашм,
– Зуд во кун, саройбон, дарро,
Ком шуд асп, ҷав биёр! – Ба чашм.

– Чӣ бало рӯзи наҳс шуд имрӯз,
Ки ягон кори кас барор накард,
Аз саҳаргоҳ то намози шом
Барфу борон дигар қарор накард.

Суҳбату чақ-чақи аробакашон
Гарм дар гирди тоза гулхан буд,
Гирду атрофи хонаву айвон
Аз шуоъ, аз шарора равшан буд.

Ҳасан ин дам ба пеши гулхан рафт,
То кунад гарм дасту пояшро,
То ки нӯшида чойи талхи кабуд,
Хушк созад либосҳояшро.

Чойҷӯши сиях ба назди алав
Буд акнун балақ-балақ дар ҷӯш,
Суҳбати гармро аробакашон
Менамуданд бо муҳаббат гӯш.

Пеши чашмони аҳли суҳбатро
Хира мекард дуди ғафси чилим,
Чойкаш менамуд бо навбат
Ба каси нав пиёларо такдим

Чойро дода чойкаш ба Ҳасан
Гуфт, ки: - «Нуш кун ба ҷони ғариб,
Дур гаштӣ аз одаму олам
Ту, ҷавонмарди яккагард, қариб.

Душману дӯстро шинос, писар!
Дур парто ҳавобаландиро,
Каси одамгурез одам нест,
Кун фаромӯш худписандиро.

Мо ҳам одам, аробакаш ҳастем,
Дӯстӣ дар миёни худ дорем.
Гар ягон рӯзи бад ба сар ояд,
Ҳамдигарро ҳамеша даркорем.

Ба ҳама кор ёфт мешаваду
Дӯстро ёфтан бувад мушкил,
То тавонӣ, диле  ба  дастат ор,
Машав аз дӯстони худ баддил».

Наякӣ карда як аробакаше
Нашаро, менишаст чашмхумор,
Гуфт: - Беҳуда хун макун дилро,
Гапи бисёр ҳаст як хара бор.

Як мақолест, ки чунин гӯянд:
«Дави гӯсола аст то каҳдон»
Худписандӣ натиҷаи хомист,
Адаби  хешро нахӯрдаст он.

Ӯ гумон мекунад, ки якка худаш
Борбардори мамлакат бошад,
Пеши чашми ҳама калону хурд
Гули  сурхи сари  сабад бошад.

Хом тушбераро, писар, машумор,
Гир ин пилтаро зи гӯши худ,
Чун пушаймон шавӣ, пушаймонӣ,
Додари ман, дигар надорад суд!

 –Нестам аз ту ман забонкӯтоҳ,
Пӯш барвақттар даҳонатро!
Ҳасан оё саги туро «тур» гуфт,
Ё ки кардаст нима нонатро?

Ман ба роҳи худам, ту ба роҳи худ,
Машав аз ман, йигит, домангир,
Аспи оламланоҳро кардаст
Ба мани камбағал Худо тақдир.

Девкор аст аспи зотии ман,
Заррае ҳам ба нӯги нохуни он.
Аспҳои дигар намеарзанд.
Рашкат ояд агар, қаламфур мон.

Чакманашро Ҳасан гирифта ба китф
Гуфт, ки: - Вақт рафт, субҳ дамид,
Суҳбати мо кашол ёбад агар
Бештар мешавем сурху сафед.

* * *

Дар саройи нави аробакашон,
Дар таги сершоху барг чанор
Рафтуо доштанд беором
Тӯда–тӯда аробаҳои қатор.

Мардуми мо аробаро он вақт
Беҳтарин нақлиёт медонист.
Ӯ гумон менамуд, ки ҳаргиз
Бе ароба наметавонад зист.

Дар миёни аҳолии кишвар
Буд номи аробакаш машҳур,
З-ин сабаб ҳам нагаштааст ҳанӯз
Ҳасан аз лавҳи хотири мо дур.

Мардуми водии Ҳисор онро
Ҳасани аспбоз мегуфтанд.
Аҷали роҳҳои пурхатару
Ҳар нишебу фароз мегуфтанд.

Аз  пайи корҳои боркашӣ
Ҳафтаву моҳ бедарак мерафт.
Гаҳ барои карасину гӯгирд,
Гаҳ ба овардани намак мерафт.

Ҳеҷ гоҳе надошт тарсу ҳарос
Ҳасан аз гармселу боди сард,
Дар ҳама ҳол худ ба худ мегуфт:
«Мард бояд  мудом бошад мард».

Ба сараш монда лабшикан тоқӣ
Ҳасани мо ғами зиёд надошт,
Набароварда мӯйи лаб, худро
Дар сафи мардҳо ҳамепиндошт.

Дошт дар дил Ҳасан таманное,
Ки чунин аспи бодпо дорад,
Ҷуфт карда аробаро ба саманд
Ин қадар сайру гаштҳо  дорад.

Ба гумонаш, ки ҳеҷ махлуқе
Нест аълотар аз саманди ӯ .
Гар бихоҳад, аз осмон ояд
Тезпар боз ҳам ба банди ӯ.

Гар нишинад ба асп, дар наздаш
Бодро, раъдро мутеъ кунад,
Бағали  танги кӯҳсоронро
Аз қадамҳои худ  васеъ кунад.

Гар ба сағрии аспи оламгард
Аз сари шавқ  тозиёна занад,
Ба рухи Моҳу Офтоб Ҳасан,
Даст  гӯё,  ки ғолибона занад.

Асп – зотӣ, ароба – қӯқандӣ,
Дар бадан дошт чакмани моҳут,
Шахси танҳову як сару ду гӯш
Ҳамаи давлати Ҳасан ин буд.

Менамуд ӯ гумон, ки танҳоӣ
Ба кас аз ҳар чӣ ҳаст афзалтар,
Сари танҳо ҳамеша озод аст
Аз ғами рӯзгору хонаву дар.

Ба кучое, ки ихтиёр кунад,
Меравад бемалол, бепурсиш,
Дар кучое, ки афтаду хезад,
Касе ӯро намедиҳад ташвиш.

Гарчи худ як каси муҷаррад буд,
Дӯст медошт тӯй хӯрданро,
Дар ароба савор карда ба тӯй,
Қӯша-қӯша арӯс бурданро.

«Нақшҳои калон»- и мардонро,
Рақси мавзуни наварӯсонро,
Пойандоз паҳн карданро,
Чашмакӣ кардани ҷавононро.

Гирдгардии гирди гулханро,
Ғазал аз духтарон шуниданро,
Аз таги пойи келину домод
Тангаву қандалот чиданро.

Хабарӣ буд ба тӯй як бегоҳ
Ҳасани тӯйхоҳи базмталаб,
Карда бар тан либоси идиро
Рафту аз тӯй пас наёмад шаб.

Ҳасан имшаб арӯси нав овард,
Чилави аспро гирифта ба тӯй,
Ӯ ба домод ҳар замон мегуфт,
Ки «Ман овардам ин арӯси накӯй!»

Чун даромад ба тӯйхона Ҳасан,
Тӯй ҷӯшиду шуъла зад гулхан.
Кард рухсораҳои аҳли тӯй,
Гулхани осмонбаро равшан.

Хизмати тӯйи наварӯсонро
Ҳасан аз ҷону дил адо мекард,
Меҳри худро ҷавони дидадаро
Дар дили аҳли тӯй ҷо мекард.

Чӣ шабе буд, ки дар он манзил
То саҳар базми осмонкаф шуд,
То саҳар гӯши  мардуми қишлоқ
Ба садои нақораву даф шуд.

Писарон чобукона рақсиданд,
Духтарону занон латифу ҳалим,
Дар чунин шаб чӣ гуна кас накунад
Дилу ҷонро ба дилбарон тақдим?!

Балки имшаб аробакашро ҳам
Кард мафтун суруди маҳбубе,
Қадди ларзону рақси мавзуне,
Чашми ҷодугаре, дилошӯбе.

Ба Ҳасан дам ба дам нигаҳ мекард
Духтаре аз канор дуздида,
Ноз мекарду рӯйро метофт
Зери лаб нозукона хандида.

Ҷониби наварӯсҳо то субҳ
Бо ҳасад балки менамуд нигоҳ,
Борҳо балки аз дилаш гузаронд:
«Ҳама ҷуфтанд, ӯ чаро танҳо?»

Балки мехост сурати ёре
Абадӣ нақш дар дилаш бандад,
Балки мехост бо диломе
Баъд аз ин умрбод пайвандад

Ҳасани тӯйрав парешонҳол
Омад аз тӯйхона вақти саҳар,
Омад, оре, аробакаш ба сарой
Буд авзои он вале дигар.

* * *

Илм омӯхтан ба кас торафт
Мисли обу ҳаво зарур афтод,
Давлати мо ба рӯйи фарзандон
Дари донишкада васеъ кушод.

Рӯзе аз рӯзҳо ба дасти мо
Аз ҳукумат расид ҳуҷҷати роҳ,
Ҷониби Тошканд мерафтем
Илмҷӯ, фанталаб, саодатхоҳ.

Ба Ҳасан мо муроҷиат кардем,
То ба Тирмиз бо ароба барад,
Бурда моро сиҳат –саломат ӯ
То ба кондуктори  вагон супурад.

Ҳасан аз нисфи рӯз то бегоҳ
Гашт бо аспи хеш овора,–
Шуст, ҷорӯб кард, нағз хӯронд
Бедаву коҳу ҷав-ду-себора.

Ҳасан аз нисфи рӯз то бегоҳ
Кард аз меҳр аспро зилу бом,
Корҳои зарурии худро
То дами гашти рӯз дод анҷом.

Се нафар дар ароба биншаста,
Сафари дурро нишон кардем,
Аспи овозадорро акнун
Дар раҳи дур имтиҳон кардем.

Буд ҳамроҳ дар сафар бо мо
Доктори меҳрубон Иван Кузмич,
Якта портфел, кампали мӯйин
Дошт дар дасти хеш, дигар ҳеҷ.

Нарм кардем мо  таги онро
Бо хасу бо пахол, бо кампал,
Ҷой додем дар аробаи худ
Ба куҳансол доктор аввал.

Мегузашт аз миёни кӯчаи танг
Зада зангӯларо аробаи мо,
Дар сари бомҳои Душанбе
Шуд тамошои одамон барпо.

Аз лаби бомгӯшае мекард
Ба Ҳасан духтаре ҳамеша нигоҳ.
Ба ҷавони аробакаш медод
Гӯиё аз нигоҳ тӯшаи роҳ.

Лаб-лаби бом омад он тозон
 Гул ба тори сари Ҳасан афшонд,
Пайкари мисли кӯҳ сангинро
Гули нозук, бубин, чӣ сон ларзонд.

Як нигаҳ кард сӯйи бом Ҳасан,
Гуфт: – Ин ҳосили шаби тӯй аст,
Ин ҳамон шӯхчашми ширинкор,
Ин ҳамон дӯстрӯйи дилҷӯй аст.

* * *

Ҳама шабҳои фасли тобистон
Ба сафаркардагон фараҳноканд,
Аспҳо, одамон дар  ин сон шаб
Нафасозоду чусту чоloканд.

Ба сари кас насими форами шаб
Гули саҳрову кӯҳро резад,
Аз набототи дашту домани кӯҳ
Нолаи чирчирак ба по хезад.

Дар чунин шаб дарахтҳо гиранд
Нафаси тоза аз ҳаво ором.
Пой мемонд мунтазам дар роҳ
Асп бо ғиҷҷаси ароба мудом.

Мегузаштем аз даруни дара,
Аз миёни васеъ найзоре,
Аз сари оби рӯдҳои шӯх,
Аз ҷару санглохи бисёре.

Кӯҳ аз пушти кӯҳ меомад,
Рӯд аз пушти рӯд пай дар ҳам,
Теппа аз пушти теппа саф дар саф,
Роҳ аз пушти роҳ хам дар хам.

Рӯди Варзоб дур шуд аз мо,
Ғоиб аз чашмҳо Харангон шуд,
Қалъаи зулм дар Ҳисори қадим
Бо сафедии маҳ намоён шуд.

Ёд дорем, ки ба наздикӣ
Пеш карданд ҳокими онро,
Халқ афрохт бар сари қалъа
Байрақи сурхи шуълаафшонро.

Ёд дорам, ки ман ба наздикӣ
Дар ҳамин роҳ фитода мерафтам,
Аз Қаратоғ то ба Душанбе
Побараҳна, пиёда мерафтам.

Пинакӣ рафта буд Иван Кузмич,
Хурд чархи чапи ароба ба санг,
Кард, як қад парида мӯйсафед,
Бо насиҳат аробакашро ҷанг.

- Ин Ҳисор аст, - гуфт Иван Кузмич,
Манбаи ботлоқ, ҷойи таб аст,
Солҳо боз мардум аз ин дард
Муттасил дар азобу ҷон ба лаб аст.

Ғайри таб дардҳои дигар ҳам
Бешуморанд дар миёни халқ,
Бояд акнун раҳо кунем аз дард
Тезтар чора ҷуста ҷони халқ.

Рафта дар Москва ҳикоя кунам
Ҳамаи дардрову дармонро,
То ки таъмин кунанд аз доктор,
Аз шифохона Тоҷикистонро.

Гарчи кам мондааст умри ман
Умри табларза камтар аз он.
Ману таб ҳарду дар муборизаем,
Ҳарду дар ҷабҳаем, дар майдон.

Ҳасан аз нос карда пур кафро
Ба даҳон рехт, аспро «чу!» гуфт,
Чашм ноканда аз раҳи вазнин
Аспро ронду ҳеҷ нахуфт.

Гоҳ мекард аспро таъриф,
Гоҳ мегуфт қиссаҳои латиф,
Гоҳ шӯрида месуруд баланд,
Гоҳ оҳиста бо садои хафиф.

Гуфт, ки: « Ин саманди зотии ман
Ҷонвари меҳрубон, вафодор аст,
Ба сарат гар мусибате ояд,
Беҳтарин мунису мададгор аст.

Аспи зебои ман, саманди ман
Дар ҷаҳон яккаву ягона бувад,
Аз ҳамон Рахши паҳлавон Рустам
Охирин нусхаву нишона бувад.

Хизмати бойро, ки мекардам,
Аспам он вақт хурд тойча буд,
Парваридам ба дасти худ онро
То замоне, ки аспи тозӣ шуд.

Ҳар як аз номдор човандоз
Ҳаваси ин самандро мекард.
То дарорад ба дасти худ онро
Чораҳо ҷуста, ҳилаҳо мекард.

Бой мехост, ки ба босмачӣ
Аспро пешкаш кунад рӯзе,
Дар дилам аз шунидани ин гап
Даргирифт оташи ҷигарсӯзе.

Рафтам оҳиста шаб ба пеши асп
Бо таваккал ба он савор шудам,
Зада қамчин, лаҷом сар дода
То саҳар вориди Ҳисор шудам.

Музди якчандсола хизмати ман
Аз ҳамон судхӯр ҳамин асп аст,
Чор сол аст, ки аробакашӣ
Ба худи ман, ба аспи ман касб аст».

Пешпо хурд асп, «Чу, ҷонвар!»–
Гуфту бубрид нақли хеш Ҳасан.
Шафақи лоларанги вақти саҳар
Мебаромад ба рӯйи дашту даман.

Ба сари қуллаҳои кӯҳи Ҳисор
Оташи нури Офтоб дамид,
Аз дару бомҳои деҳқонон
Дуди борик дар ҳаво печид.

Менишастанд мурғҳо ба замин
Аз дарахтон ба фикри донаву об,
Мекушоданд баччаҳои шӯх
Чашми зебои содаро аз хоб.

Динакак Давлати Советии мо
Аз замин ронд муфтхоронро,
Бо хату муҳри одилонаи худ
Кард хушбахт ҷумла деҳқонро.

Ба раҳогашта батраконии диёр
Аввалин бор фасли деҳқонист,
Арақи соф дар замини худ
Мавсими рехтан зи пешонист.

Парча-парча замини сабз ба чашм
Буд мисли палоси серямоқ,
Дар китоби саодати халқӣ
Бувад аммо чу хатти зарварақ.

Дараи танг рӯ ба рӯ омад–
Дараи хушҳавои ман – Қаратоғ,
Ин дара дошт солҳои сол
Дар дилаш кӯҳ-кӯҳ дарду доғ.

Ин дара дорад аз замони қадим
Дар бағал меваҳои хушбӯе,
Ноку ангуру пиставу гелос,
Ҷангали арчаҳои худрӯе.

Чашмаҳои зулоли пурҷӯшаш
Мисли оинаи булӯр буванд,
Дар тамошогаҳи табиати он
Кабкҳо масту пурсурур буванд.

Дар ҳамин ҷо бувад таваллуди ман,
Дар лаби рӯди осмониранг,
Дар таги бомгӯшаи бедар,
Дар паси остонаи аз санг.

Дар ҳамин тангно шинохтаам
Аввалин бор ман бародари рус.
Аввалин бор дидаам бо чашм
Лашкари сурху солдати дилсӯз.

Аввалин бор ҳарфи русиро
Ман навиштам ба рӯйи хатбаракам,
Сухани «адл»-ро ба гӯши худ
Аввалин бор доштам маҳкам.

Дар лаби ҷӯй чойхонае буд
Аз барои мусофирони роҳ,
Дар ҳамин ҷо аробаи худро
Ҳасани аспбоз дошт нигоҳ.

Дар лаби оби ҷӯйи роҳатбахш
Дам гирифтем, хоб ҳам кардем,
То ба салқинии шаб осуда
Аспро пеш ронда раҳ гардем.

Ногаҳон чанг хест аз мағриб,
Гирдбоде ба осмон печид,
Аз қафо дуди ғафс сар дода
Гашт як хонаи раванда падид.

Муъҷизи тезгарди ҳайратбахш
Чун шамол омаду қарор гирифт,
Баҳри хурдан на каҳ, на ҷав, балки
Бензину оби ҷӯйбор гирифт.

Аҳли қишлоқ аз калон то хурд
Ба тамошои он шитобиданд,
Лаби ҳайрат газида дар гирдаш
Мисли парвона гирд гардиданд.

Аввалин боркаш-машинаи нав,
Аввалин нақлиёти резинпо
Омад аз Москва зи роҳи дур
Ҳамчу мушкилкушои халқи мо.

Ҳасани ақлмотгардида
Ҳеҷ наншаст аз ҳасад ба замин,
Рафтуо кард мисли мокуе
Байни аспу аробаву мошин.

Монда айнак ба чашми худ Кузмич
Гуфт, ки: - Ибтидои кор аст ин,
Баъд аз ин техника зиёд ояд
Ба тарафҳои кӯҳсорзамин.

Кӯр шуд чашми рӯзу шом омад
Соя афканд шаб ба гирду пеш.
Вақт омад, ки ман видоъ кунам
Бо ҳама дӯстону деҳаи хеш.

Бо ҳама баччагони ин қишлоқ,
Ки ба синну ба сол ҷуфти мананд,
Ҳама дар сохтмони оянда
Чашми уммеди меҳрубон Ватананд.

Чанд соли дигар видоъ кунам
Бо дару боми хонаи падарӣ,
Доим аммо ба ёди худ орам
Қарзҳои муқаддаси писарӣ.

Рӯди қишлоқро видоъ кунам,
Ки маро ӯ шиноварӣ омӯхт,
Бадани ман дар оби шӯхи он
Сахт гардиду устухонам пухт.

Чун маҳи шомхӯрда тобон шуд,
Дараву даштро мунаввар сохт,
Шуълаи моҳ сояи шабро
Ба камарҳои кӯҳсор андохт.

Чархҳои ароба мегаштанд
Дар раҳи серсанги пасту баланд.
Аспи дамҳоткардаи ҷавмаст
Мушкилиро наменамуд писанд.

Менамуданд рудҳои соф
Дар шаби моҳтоб мисли шир,
Дили кас хоҳад ин ки онҳоро
Бо қалам нағзтар кунад тасвир.

Охир, онҳо ба дашту водиҳо
Самари пурбаҳо нисор кунанд,
Дӯстдорандагони меҳнатро
Сол то сол бахтёр кунанд.

Ҳасан имшаб хамӯшу сархам буд,
Ба қафо, сӯйи мо наменигарист,
Кас надонист, ки пас аз Қаратоғ
Боиси ин хамӯшии ӯ чист?

Аз машина магар димоғаш сӯхт? –
Ё шаби тӯйро ба ёд овард? –
Ёди рӯйи сиёҳчашмакро
Бо худ аз даргаҳи мурод овард?

Балки бӯйи гули фикандаи он
Аз димоғаш нарафтааст ҳанӯз,
Балки шоми фироқро хоҳад
Нарасонад халал Ҳасан то рӯз.

То дарояд аробакаш ба сухан
Мо суруде зи ишқ сар кардем,
Ба дили   мард бо суруди худ
Шӯр андохта асар кардем.

Гуфт: - «Додар, агарчи танҳоӣ
Ба ҷавонмард кори осон нест,
Дар ҷаҳон лаззати муҷаррадӣ ҳам
Камтар аз айши хонадорон нест.

Гарчи дар осмон кабӯтари ҷуфт
Менамояд баландтар парвоз,
Вақти парвоз бози танҳогард
Кай шавад бо кабӯтарон дамсоз?!

Одамӣ шири хомхӯрда бувад,
Ногаҳонӣ ба дом меафтад,
Дода аз даст ақлу ҳуш, ба гапи
Ёри ширинкалом меафтад.

Аз ягон гӯшаи гузаргоҳе
Шӯхчашме туро шикор кунад,
Дили кас берун аз иродаи кас
Сӯйи ҷонона ихтиёр кунад.

Ҳар чӣ бошад, замона нотинҷ аст,
Нест вақти ин орзую ҳавас.
Ҳолӣ ҳозир барои ман, додар,
Асп бошад,  ароба бошад, бас.

Мебароям даме ки ман ба сафар,
Ҷони худро ба рӯйи каф гирам.
Вой бар ҷони бекасу кӯям,
Ки агар дар ҷавониям мирам.

Рӯзе чою шакар ман аз Тирмиз
Бор бинмуда раҳсипор шудам,
Дар сари роҳи Деҳнаву Регар,
Ман ба ғоратгарон дучор шудам.

Гӯшро ҷуфт карда аспи ман
Монд аз роҳравию шеҳа кашид,
Ба гумонам расид, ки шояд
Аспи зирак савораеро дид.

Дар ҳақиқат, пас аз каме фурсат
Барқвор омаданд босмачиён,
Бар сару рӯву гардану пуштам
Бетараҳҳум заданд теғкашон.

Ғарқ дар хун ба хок афтодам,
Баъд аз он бехабар шудам аз худ,
Чӣ гузашт аз сарам, надонистам
Чун ба ҳуш омадам, касе нанамуд.

Буд танҳо аробаи холӣ,
Дастҳои ба пушт бастаи ман,
Рафта буданд аспу чою қанд
Муфт дар коми душмани раҳзан.

Аз қафо омаданд вақти субҳ,
Дӯстон дар  аробаҳои дигар,
Ба Душанбе маро расониданд
Мисли мурғи шикастаболупар».

Чун ба ин ҷо расид риштаи гап,
Қасдан онро бурида пурсидам:
Пас, чаро боз якка мегардед
Баъд аз ин ҳодиса, нафаҳмидам?

Гуфт, ки: - Баччаи гаранг будӣ,
Ман чаро гардам аз паси дигарон?
Аспи ман, аспи бодпои ман
Нест аз зоти аспҳои касон.

Дорад он дӯст яккаву танҳо
Бол афшонда по ниҳоданро,
Аз сари кӯҳу синаҳои дашт
Паҳлавонвор раҳ кушоданро.

Аспи бегона гар дучор ояд
Мезанад ӯ ба осмонҳо хез,
Мана, аз ин сабаб аробакашон
Мекунанд аз  саманди ман парҳез.

Баъд аз оне, ки аспро бурданд
Дуздҳои палиди ғоратгар,
То ки онро кунанд ром ба худ,
Равшан ин, ки шуданд хуни ҷигар.

Қашқаи ман пас аз ду-се рӯзе
Ба саройи аробаҳо омад,
Ғарқ гардида зери обу арақ
Чорхезу гурезпо омад.

Қашқа дар лаҳзаҳои сахтӣ ҳам
Наравад дур як қадам аз ман,
Гар ба болои зин савор шавам,
Ҳеҷ парво надорам аз мурдан.

Дар ҳамин нуқта шуд ҳикоя тамом,
Аз қафо ғул-ғули мотор омад.
Боз он хонаи равандаи мо
Бо ду чашмони шуълабор омад.

Аз Душанбе ба дӯши худ овард,
Бори бисёру одамони зиёд,
Ба гумонам, ки метавонад он
Кӯҳро ҳам барад ба пушт озод.

Кард пинҳон сутуни ғафси чанг
Худи моро, аробаи моро.
Ҳасан аз шиддати алам мезад
Аспи бечораро,  накарда ибо.

Нангаш омад, ки аспи номии ӯ
Хешро аз машина оҷиз сохт.
Аспро  сигнали баланди машин
Сахт тарсонду дар қафо андохт.

Баъди чандин дақиқа дар сари роҳ
Ким-кучҷои машина вайрон шуд.
Ҳасани ноумедгардида
Зинда шуд, завқ кард, хандон шуд.

Ронда чархи аробаро пуршаст
Аз машина гузашт аспи Ҳасан,
Фикр мекард, ки ҷаҳон хонад
Ба чунин ғайрати Ҳасан аҳсан.

Ба паси худ нигоҳ нокарда,
Ронд махлуқи безабонро ӯ,
Кард омехта дилу ҷигари
Дар ароба нишастагонро ӯ.

Пора шуд айнаки Иван Кузмич,
Кайфи доктор парид, шуд маъюс,
– Зистан мушкил аст бе айнак,
Айнаки хуб буд, эй афсӯс.

Шуданӣ шуд, шикаст айнаки ман…
Гар чунин ин ароба раҳ гардад,
Чун Ҳасан гар аробакаш бошад,
Хавф дорам, ки устухон шиканад.

Ҳеҷ гапро намешунид Ҳасан,
Фақат аспу аробаро меронд,
Ҳамаи узвҳои моро чун
Навдаи чормағз меафшонд.

Шодии ӯ накард дер давом,
Боз омад машинаву бигзашт,
Боз мондем бо аробаи худ
Дар миёни ғуборҳои дашт.

Ҳафт шаб бо аробакаш ҳамроҳ
Сахтии роҳро ба сар бурдем,
Хешро то ба истгоҳи вагон
Некбахтона, бехатар бурдем.

Дафъаи аввалин расид ба гӯш
Ҳуштаку фишшаси буғи паровоз,
Охирин бор сӯи мо бинмуд
Хайрхушикунон Ҳасан оғоз:

– Мана, ин шаҳр шаҳри Тирмиз аст,
Нуқтаи охирини роҳи мост,
Охирин манзили аробакашон,
Охирин ҳадди сайргоҳи мост.

Хонда аз Тошканд баргаштед,
Банда дар хизмати шумо бошад,
Мана дидед худ,  ки то Тирмиз
Роҳ дар ихтиёри мо бошад.

Доктори мо чу тифл шодӣ кард,
Гуфт, ки: - Хайрият, халос шудем.
Аз азоби раҳ аз аробаи ту,
Варна наздик буд мурда будем.

То худи Москва пас аз ин шаҳр
Ҳукми поезд ба роҳ гардон аст,
Баъди ин шаҳр мамлакатгардӣ
Бо раҳи тахти оҳан осон аст.

II

Моҳҳо, солҳо шуданд охир
Дар раҳи ҷустуҷӯйи илму фан,
Вақт омад, ки мо камар бандем
Дар адои вазифаҳои Ватан.

Бо дили пур аз орзуву умед
Сӯйи республика сафар кардем.
Ба ҳама рӯзҳои минбаъда
Хубтар, дуртар назар кардем.

Мегузаштем зуд бо поезд
Ҳам Самарқанду ҳам Бухороро,
Аз ақиби тиреза медидем
Қадди Ому – васеъ дарёро.

Регҳои равони бодпараст
Мепариданд дар сари Омӯ,
Дам ба дам кӯч-кӯч мекарданд
Бетафовут ба ҳарду соҳили ӯ.

Умри ин регҳои резанда,
Нағз бовар намо, ки кӯтоҳ аст,
Халқи мо, Давлати Советии мо
Аз зарарҳои рег огоҳ аст.

Балки ин регзор бехабар аст,
Ки дигар шуд ҳавои соҳили мо,
Рӯдҳо роҳи худ иваз карданд
Ба суроғи замину ҳосили мо.

Рафт аз ёди мо манораи  марг,
Чоҳи зиндону кундаву занҷир,
Револютсия бо шамоли худ
Рӯфт монанди рег тахти амир.

Менамудам нигоҳ роҳравон
Бо муҳаббат ба кишвари ӯзбек,
Дӯстиро тарона мекардам
Аз забони қаламкаши тоҷик.

Тай намудем Ӯзбекистонро, –
Хоки ҳамсояи киромиро,
Тай намудем гирди силсилаи
Кӯҳсори дарози номиро.

Боз дар рӯ ба рӯйи мо Тирмиз,
Истгоҳи аробаҳо омад,
Боз ҳам ошнои дерина
Ҳасан аз нав ба ёди мо омад.

Лек дар шаҳри куҳнаи Тирмиз
На Ҳасан буду на таронаи ӯ,
На саройи аробакашҳо буд,
На самандею на нишонаи ӯ.

Халқ бурдаст роҳи оҳанро
То ба шаҳри Душанбе навобод,
Кишварамро ҳамеша пайвастаст
Ба Россия – кишвари бахту наҷот.

Бо замине, ки дар дили гармаш
Халқҳо ҷо гирифта чун фарзанд,
Бо замине, ки аз навозиши худ
Сари тоҷикро намуд баланд.

Бо замине, ки то ҷаҳон боқист,
Ба ҳама шаъну эътибор диҳад,
Ба ҳама халқҳои гуногун,
Фатҳу иқболи бешумор диҳад.

Ҷониби пойтахти тоҷикон
Бо ҳамин роҳ ман сафар кардам,
Дар вагон аз диёри нав-обод
Чун насими саҳар гузар кардам.

Шуд кушода ба пешвози мо
Бағали водии васеи Ҳисор,
Баҳри кас во шуд аз назорати он,
Дида бигрифт лаззати бисёр .

Ҷойи найзорҳои пешина
Киштҳои васеъ дар авҷанд,
Пахтаву ғаллаҳои навраста
Мисли дарё кабуду пурмавҷанд.

Реза-реза аз осмон борон
Ба сари сабзаҳои тар мерехт,
Менамудам гумон, ки фасли баҳор
Ба замин донаи гуҳар мерехт.

Гӯсфандони думбаовезон
Мечариданд дар чарогоҳон,
Аз қафои рама қадам мезад
Найи худро навохта чӯпон.

Бо трактор ҷавони гандумгун
Дар паси киштҳо замин меронд.
Сатрҳои кадом шоирро
Созу носоз аз дигар мехонд.

Болу пар боз карда буд уқоб
Ба сари ин замини хоксиёҳ,
Менамуд он ба рангҳои замин
Вақти парвоз бо виқор нигоҳ.

Ҳафтрӯза раҳи аробакашӣ
Роҳи шашсоатии поезд шуд,
Дар хаёлам дигар намеомад,
Ки дар ин раҳ ароба буд, набуд.

Мегузаштем мисли бод сабук
Дар вагон аз деҳот, аз боғот,
Гашт дар пешгоҳи водии сабз
Ҷилвагар шаҳри хурраму obод!..

* * *

Шаҳр, шаҳри азиз, шаҳри нав аст,
«Чашм аз диданаш нагардад сер»:
Қалам онро накардааст ҳанӯз
Дар роман, дар сурудҳо тасвир.

Ҳамчу фарзанд баъди чандин сол
Ман ба ин шаҳри сабз омадаам,
Рӯзи якум аз остонаи он
Умр бахшидаву даромадаам…

Гирадам пойтахти кишвари ман
Ба канори пур аз ҳарорати худ,
Дур ҳаргиз маро наандозад
Аз нигоҳи худ, аз назорати худ.

Хизматеро ба ман супорад он,
Қаламу коғазу китоб диҳад,
Истиқоматкунандаи худро
Хонаи пур аз офтоб диҳад.

Бо ҳамин орзу чу соҳиби шаҳр
Ба биноҳои нав назар кардам,
Аз ҳама гӯшаву канораи он
Сарбаландона ман гузар кардам.

Кӯчаҳо аз машина пур шудаанд,
Маркаҳои завод гуногун.
Вақти раҳ гаштанат ту бояд ки
Нанихӣ по зи қоида берун.

Маркази илму фан шудаст ин шаҳр,
Маркази корхонаҳои зиёд,
Маркази корҳои ҷорию
Хонаи халқи соҳибистеъдод.

Нав ба нав серошёна бино
Сӯйи майдон тиреза во кардаст,
Хурраму сабз боғи дамгирӣ
Мардум аз баҳри худ бино кардаст.

Мешунидам, ки аз театри нав
Ояд овози духтари тоҷик,
Бо гудоки баланди худ фабрик
Шарафи халқро кунад табрик.

Чашм ҳар ҷо, ки, мухтасар  афтод,
Зиндагонии дигареро дид,
Дар қадамҳои мардуми ин шаҳр
Зиндагардида кишвареро дид.

Воқеан, он чанорҳо чӣ шуданд –
Солхӯрда чанорҳои баланд?
Чӣ шуд он корвонсаройи Ҳасан,
Аспҳову аробаҳо чӣ шуданд?

Шохҳои чанорҳои баланд
Бо дарахтони сабз ҳамранганд,
Аз ғубори хазон халос шуда,
Дур аз рӯзгори пурнанганд.

Метавонанд, ки фақат бошанд
Шоҳиди рӯзҳои тираву тор,
Метавонанд, ки ҳикоят кунанд
Саргузашти ману туро бисёр.

Монда як аспу як ароба ҳанӯз
Дар таги ин чанорҳо боқӣ,
Менамояд ба чашми мардуми шаҳр
Чун нишон аз ҳаёти қашшоқӣ.

Буд бо изтироб аз кӯча
Дар гузар ин замон Иван Кузмич,
Мегузашт аз таги чанори пир
Доктори меҳрубон Иван Кузмич.

Ҳасан онро чу дид, шуд хурсанд,
Аз қафояш давиду кард садо.
Мезад он вақти тохтан бо китф,
Эътиное накарда мардумро.

– Ман шуморо шинохтам, доктор,
Роҳи Тирмизро ба ёд оред,
Ман надорам дареғ хизмати худ
Аз шумо, дӯст, майл агар доред.

– Сарфарозам ба илтифотат, лек…
Бо ароба пас аз сафар кардан
Дар дилам борҳо қасам хӯрда
Гӯши худро кашида будам ман.

Додарам, давраи ароба гузашт,
Қадами сангпушт лозим нест,
Ҷуз машина, азизи ман, худ гӯй,
Кор-осонкунанда дигар чист?

Ба Ҳасан ин ҷавоб сангин буд,
Шуд ба болои сӯхта намакоб!
Ба қафо гашт сархаму музтар,
Ғами онро набуд ҳадду ҳисоб.

Рафт дар кунҷи чойхона нишаст,
Ба замин хат кашид бо чӯбе,
Ҳамдаме ку, ки дарди дил гӯяд,
Ку ягон маслиҳатгари хубе?

Ҳасан аз аспу аз ароба магар
Метавонад, ки дасту дил шӯяд,
Метавонад, ки аз аробакашӣ,
Дил канад, касби дигаре ҷӯяд?

Балки ин фикрҳо ҳанӯз ба ӯ
Менамоянд аз ҳақиқат дур,
Балки дорад вай аз аробакашӣ
Дар сари худ ҳанӯз кибру ғурур.

Хешро борҳо тасаллӣ дод,
Ки: басе халқро ба кор оям,
Ба маҳалҳои дуртар рафта,
Бор  бардораму савор оям.

Ба ароба ҳанӯз муҳтоҷанд
Мардумони вилояти Кӯлоб,
Мисли ман, аспи ман, аробаи ман
Дар чунин ҷойҳо бувад камёб.

Монеи роҳи ман шудаст аммо
Духтари шӯхчашми беинсоф
Ваъдаи  тӯй медиҳад ба забон,
Дар амал мекунад ба ваъда хилоф.

Кардаам гум сари калобаи худ…
Кошкӣ чанд сол пеш аз ин
Ман намекардам иштирок ба тӯй,
То намедидам он ситораҷабин.

Балки ӯ дӯстам намедорад,
Ба ман аммо намекунад маълум,
Балки ин сайру гаштҳои маро
Дар дили хеш мекунад маҳкум.

Аз Садаф шиква кард гарчи Ҳасан,
Бехабар буд  аз гуноҳи худ.
Ба Садаф, охир,  ӯ ягон боре
Мисли ошиқ забони хуш накушуд.

Ӯ нагуфтаст то кунун ба Садаф
Ошкоро, ки «дӯстдори туам,
Гарчи дил кард саркашӣ, лекин
Сайди деринаи шикори туам».

Ҳасан аз чойхона берун шуд,
Бо умеде ба сӯйи ёр омад.
Баста зангӯлаҳо ба гардани асп
Ба суроғи Садаф савор омад.

Омаду истод дар паси дар,
Бо ду по рост шуд ба рӯйи зин.
Чашм андохт аз сари девор
Ӯ ба ҳавлии дилбари ширин.

Буд  сархам Садаф ба рӯйи китоб
Бехабар аз нигоҳҳои Ҳасан.
Дар таги ток дарси худ мехонд,
Ғофил аз ҳуштаку имои Ҳасан.

Дасти ларзони ошиқи шайдо
Ҳалқа бе интизом бар дар зад,
Дили маҳбубаи паридахаёл
Ба тапиш чун дили кабӯтар зад.

Дари пӯшида зуд во гардид,
Ошиқон рӯ ба рӯ ба ҳам буданд,
Чашм бар чашми  ҳамдигар нигарон
Толиби шафқату карам буданд.

– Марҳамат! Аз кадом сӯ пурсем?
Ту ба монанди боди саҳрой,
На макон дорию на ҷойи қарор
Дер боз аст, ки намеой?

Сангдил будай ту, донистам
На худат мекунӣ суроғ аз ман,
Хабареро намефиристонӣ,
Магар ин аст лофи ишқ задан?!

Садаф аз шодияш намедонист,
Ки чӣ гӯяд дигар, чӣ кор кунад.
Боз пайдо кунад чӣ сон гапҳо,
Ки ҳама арзро ба ёр кунад.

Медамиданд дар ду рӯйи Садаф
Дам ба дам рангҳои гуногун,
Орзую умедҳои дилаш
Мешукуфтанду мешуданд афзун.

Садафи чашмдӯхта ба Ҳасан
Буд муҳтоҷи ҳарфи ширине,
Як нигоҳе, табассуми гарме,
Ба дили беқарор таскине.

Зада қамчин ба соқи мӯза Ҳасан
Гапи худро дағал-дағал сар кард,
Духтари чун баҳор хандонро
Дар хиҷолат гузошт, музтар кард.

– Ба сари ман худи ту – маймунбоз,
Бор кардӣ азоби дунёро,
Ба дили ман худи ту ҷо кардӣ
Мисли «маҳбуба», «ишқ» гапҳоро.

Ақлу ҳуши маро ту дуздидӣ,
Дар сари роҳи ман дучор шуда,
Бой додам ба роҳи ту ман ҳам
Ҳамаро,  марди бадқимор шуда.

Карда будӣ ту масхарабозӣ
Ин қадар вақт боз бо мани гӯл,
Дар дами гӯши ман нахон дигар
Достони фироқ чун булбул.

Гар дилат бо ман аст, бо ман бош,
Ваъдаи дур ё қариб мадеҳ.
Карда аз рӯйи дил карашмаву ноз
Бо гапи хуш маро фиреб мадеҳ!

Рафтаниам ба ҷойҳои дур,
Ман дар ин ҷо дигар намемонам.
Ҳасанам ман, Ҳасани аробакашам,
Ҳеҷ аз ин касб рӯ нагардонам.

Омадам, ки  ту ҳам равӣ бо ман
Хона бошад, ароба хонаи мост,
Ба куҷое, ки мисли мурғ парем,
Кӯҳ ё дашт ошёнаи мост.

Рехт аз тор-тори мӯйи Садаф
Дона-дона арақ ба ду рухсор,
Гуфт: эй марди бехабар аз худ,
Ба гапам гӯш дор, шав ҳушёр!

– Чанд сол ин тараф ба ёди ту
Хонапо духтари калон будам.
Сӯзанидӯз, бахязан дар рӯз,
Шом дар гирди ошдон будам.

Тоқию рӯймоли шоҳии ту
Шоҳиди захмҳои дасти мананд,
Сӯзаниҳои тӯйҳои калон
Ҳосили дасти гулпарасти мананд.

Хонашинӣ дили маро хун кард,
Зард шуд ранги рӯйи ман торафт,
Гашт кӯтаҳ, гиреҳ-гиреҳ печид
Нафасам дар гулӯи ман торафт.

Баъд аз он чун дугонаҳои худ
Дар дилам ҷой меҳри хондан шуд.
Фурсати илмёдгирию
Зеҳнро бар китоб мондан шуд.

Мактабам, хонданам тамом ки шуд,
Соният ихтиёрӣ шӯй кунам.
Ҳозир аммо саодати худро
Дар раҳи илм ҷустуҷӯй кунам.

Метавонӣ, ки дарбадар гардӣ
Боз чун лӯлиёни ҳарҷойӣ,
Метавонӣ, ки боз, эй дайду,
Сафаратро давом бинмойӣ!

Садқаи гап шавад каси якрав!
Ба ту ҳаргиз намекунам зорӣ!
Ба ман ин дард гарчи вазнин аст
Мекунам ноилоҷ худдорӣ.

Ба дили ошиқ охирин суханон
Захм чун  тир монда бигзаштанд!
Ҳарду бар чашми ҳамдигар дере
Нигаристанду баъд пас гаштанд.

Аз қафои Ҳасан Садаф аммо
Чун шароре ҷаҳида берун шуд,
Хост, ки боз гӯядаш чизе,
Нафасаш лек дар гулу  ғун шуд.

Боз гаштан ба асп мушкил буд,
Чунки бардошт бори вазнинро,–
Ҳасани мисли санг шахшудаю
Марди сар то ба пой ғамгинро.

Саҳари шаҳри нозанини мо,
Хеле хуб аст, хеле дилҷӯй аст,
Худи онро, табиати онро
Ба гумонат, ки муждаи тӯй аст.

Рӯйро шустаанд бо шабнам
Баргҳои чанор, акатсияҳо,
Дар фазои кабуди дарёӣ
Ҳама паррандаҳо кунанд шино.

Гирди фаввораҳо ба зебоӣ
Базмгоҳи тамоми гулҳоянд,
Рӯдҳои зулоли кӯҳистон
Камари шаҳри боғсимоянд.

Шаҳр хомӯш, кӯчаҳо хомӯш,
Фақат ояд гудок аз фабрик,
Аз завод, корхонаҳои қатор
Чун нидои саноати тоҷик.

Балки имшаб ба хоби ширин рафт
Олиме баъди кори пурсамара,
Балки  шоир  гузошт чанде пеш
Нуқта дар интиҳои шеъри сара.

Фақат аз кӯчаи васеъ Ҳасан
Дар ароба савор мегузарад,
Баста зангӯлаҳо ба гардани асп
Аз сари кӯйи ёр мегузарад.

Сӯйи Кӯлоб роҳ паймуда
Мебарад ёди  ёри ҷононро,
Кай дигар мешавад, ки ӯ бинад
Чашми шӯху лабони хандонро.

Ҳасан аз шаҳр чандсола бирафт,
Ба қарибӣ дигар намеояд.
Раҳм агар дар дили Садаф афтад,
Шояд онро суроғ бинмояд.

III

Асп – зотӣ, ароба – қӯқандӣ,
Кордида аробакаш машҳур,
Дар таги пойи асп мехобид,
Роҳи Кӯлоб – кӯҳсори дур.

Ҳеҷ  кас аз Ҳасан намепурсид,
Ки чаро дар сафар шитоб кунӣ,
Дар куҷо хоб рафтаву хезӣ,
Аз чӣ бар ҷони худ азоб кунӣ.

Ӯ намегуфт, ки раҳам сахт аст,
Дар куҷо сою дар куҷо рӯд аст,
Дар куҷо кӯҳу тал дучор ояд,
Дар куҷо роҳи тахт мавҷуд аст.

Дар сари худ Ҳасан ғуруре  дошт,
Ки раҳи нобалад ба ӯ ҳеҷ аст,
Гарчи манзил ҳанӯз нопайдост,
Гарчи  кораш ҳанӯз сарпеч аст.

Соли аввал агарчи роҳи ман
Ба Ҳасан роҳи беазоб намуд,
Рафта-рафта вале раҳи  Кӯлоб
Аспи ҷавмастро хароб намуд.

Дар раҳи сахти кӯҳсори дур
Чорпаҳлу йигит шалпар шуд,
Аз равуой аспи таърифӣ
Наълафсурда, ланг, лоғар шуд.

Гоҳ дар нисфи кӯҳ дар мемонд
Бо самандаш, гаҳе дар обу гил,
Гоҳ мехуфт дар сари роҳе
Нарасида ба ҳеҷ як манзил.

Рӯз то рӯз бо риёзати роҳ
Ҳасани сарбаланд сархам шуд,
Лофи бемавриди аробакашӣ
Дар забони Ҳасан дигар кам шуд.

Дар раҳи худ аробакаш медид
Кӯҳсори баландқоматро,
Рӯдҳои ба кӯҳ ларзафикан,
Пиряххои бошаҳоматро.

Мешунид аз сари баландиҳо
Савти мурғони дилкушо дарапо,
Аз камарҳои марғзори кӯҳ
Задани обҳои шаршараро.

Дар фазо абрпораҳои сафед
Сояандози кӯҳҳо буданд,
Осмону замини кӯҳистон
Чун баҳорони пурсафо буданд.

Дами мурғакравии майсаи кӯҳ
Мавҷи дарё ба ёд меомад,
Дам ба дам аз гузаштани оҳу
Хабари бомдод меомад.

Ин ҳамон кӯҳсори дерин аст,
Ки дар он марг ҳукмфармо буд,
Пайраҳа овринги танги он
Душмани  ҷони мардуми мо буд.

Дар бағалҳои кӯҳ халқи мо
Зиндагӣ кард мисли зиндонӣ,
Ба ҷаҳон дӯхт дидаҳояшро
Бо дили пурумед пинҳонӣ.

Гоҳ монанди оташе афрӯхт,
Ба хурӯҷ омаду қиём намуд,
Тан ба мурдан надода чандин аср
Ҳастии хешро давом намуд.

Осмону замини кӯҳистон
Ҳама акнун дар ихтиёри ваянд,
Самолёту машинаҳо шабу рӯз
Мушкилосонкунанда ёри ваянд,

Гоҳ аз осмони нилуфар
Мисли паррандаҳо фуруд ояд,
Гоҳ аз пойтахти кишвари худ
Дар машина савор зуд ояд.

Ҳамраҳи ӯ ба кӯҳсори дур
Даста-даста газет, китоб омад,
Маданият ба кунҷҳои дара
Шуълаафкан чу офтоб омад.

Дафъаи аввалин ба кӯҳистон
Ҳасан омад, – ароба пайдо шуд,
Ба ҷавонони шӯх «дучарха»
Боиси хандаю тамошо шуд.

Аз барои ароба тангӣ кард
Дараи кӯҳсори камводӣ,
Асп мегуфт, ки маро андоз
Ба раҳи дашт, то кунам шодӣ.

Тарки Кӯлоб кардаву гардонд
Ҷилави аспро Ҳасан ба ҷануб,
Ёди дарёи Панҷро мекард–
Ёди саҳрои хуррому марғуб.

То кунад бо насими форами Панҷ
Нафаси аспи хастаро озод,
Чарххои ароба то гарданд
Бе халал дар роҳи замини кушод.

Лаб-лаби Панҷ то кашонад он
Мунтазам борҳо гуногун,
Шаъни худ, шуҳрати саманди худ
То кунад барқарор рӯзафзун.

Сӯйи Фархор, сӯйи Вахш равад
Мисли ҳоҷатбарор марди нек,
Бештар бо аробааш гардад
Аз дилу ҷон ба кори халқ шарик.

Дар деҳоти фарохи ин водӣ
Кор аз мӯйи сар зиёдтар аст.
Аспи он  бо ароба дар ин ҷо
Лозим асту ҳанӯз коргар аст.

Халқ машғул дар каналкобист,
Дар ғами обшор кардани кишт,
Ҳамаи совхозу колхозҳо
Аз пайи бештар намудани кишт.

Ҳар куҷо сохтмони мактаби нав,
Ҳар куҷо молхонаандозӣ,
Ҳар куҷо саф ба саф баланд шаванд
Хонаҳои нишасти колхозӣ.

Ба қафояш нигоҳ нокарда
Роҳҳоро аробакаш тай кард,
Ба ҷануб аз шимолу аз машриқ
Ранҷ бурда аробаро ҳай кард.

Кӯҳҳо дар қафои сар монданд,
Соҳили рӯди Панҷ пеш омад.
Сарҳади Давлати Советиро
Дида сайёҳи мо, ба хеш омад.

Дар «Сарои Камар» таваққуф кард
Кӯчае диду хурд бозоре,
Дид дар пешгоҳи ин бозор
Сафи дукончаҳои бисёре.

Мӯйлаб зард ордҷаллобе
Ба Ҳасан борҳо назора намуд,
Сонӣ онро вай аз таги каппон
Бо сарангушти худ ишора намуд.

Ҳасан омад ба пеш сархорон,
Гуфт ҷаллоб, ки: «Зи хонаи ман
Каш ба бозор ордҳои маро,
Қимати як ман орд шуд даҳ ман!

Зудтар меравем, ки имрӯз
Орд камчину ордхар бисёр.
Ҳа нагуфта ба ҷеби ман ояд,
Дахлу харҷи тамоми ин бозор».

Соли сӣ, сию як барои Ватан
Солҳои пур аз хатар буданд,
Душманон ошкору пинҳонӣ
Аз пайи зарбаю зарар буданд.

Тӯдаи муфтхор – ҷаллобон,
Ғаллаю донаро ниҳон карданд,
Қаҳатиро намуда олати хеш,
Ҷанг бо давлати ҷавон карданд.

Ба чунин судхори ин бозор
Ҳасани ломакон қарорӣ шуд.
Ордро бор карда болояш
Худи ҷаллоб ҳам саворӣ шуд.

Дузди бозор дар ароба савор
Зери лаб мешумурд суду зиён,
Сӯзад имрӯз ин хиёнаткор
Боз якчанд хонаи деҳқон.

– Писарам, айб нест пурсидан,
Аз куҷо омадӣ, куҷост сафар?
– Аз Ҳисор омадам, – ҷавоб гирифт
Ҳилагар, кунҷков савдогар.

– Ба гумонам, ки дар Ҳисор, писар
Кори ту он қадар ривоҷ наёфт…
Дод аз дасти ин замонаи шум,
Бахт аз мою ту кунун рӯ тофт.

Дар ҳама ҷо ба гӯши кас як хел
Мерасад,- дӯстам,- садои хурӯс.
Фикри ояндаро намо минбаъд,
Ба гузашта махӯр ту ҳеҷ афсӯс!

Мешудӣ гар асо ба дасти ягон
Марди хуби савобҷӯй чу ман,
Ба Худо, ки насибат мегашт
Шоҳворона зиндагӣ кардан.

Мана дарё… дар он канори он,
Расму оини зиндагӣ дигар аст,
Бой-бою гадо-гадо монда,
Шоҳ чун сояи Худо ба сар аст.

Хостам пурсамат дар омади гап,
Метавонӣ шино кунӣ ин рӯд?...
Аз ғазаб шуд сиёҳ рӯйи Ҳасан,
Ларза бигрифт, печ зад бар худ.

Ғами дирӯзаро ба ёд овард,
Падару модари ситамкашро.
Ситаму ҷабри бойи қишлоқу
Дуди оҳи дили пуроташро.

Давраи нав агар намеомад,
На ароба, на асп дошт Ҳасан,
Дар ғуломию бандагӣ мемурд,
Мурдаи камбағал надошт кафан.

Ҳасани мо аробаи худро
Аз алам саҳнаи мубориза сохт,
Бойро бо ду  даст боло кард,
Бо ҳама қувва бар замин андохт.

Дар ароба ҷуволи орд намонд,
Ҳамаро ӯ  ба хоки роҳ афканд.
Пуштро карда бар «Сарои Камар»
Ба раҳи дигаре нигоҳ афканд.

* * *

Бо ароба - дучархаи куҳна
Мегузашт, аз миёни тафсончӯл,
Бо сари хам ба рӯи асп мудом
Буд бо фикри хештан машғул.

Роҳи қишлоқу шоҳроҳи Вахш
Сер  шуд аз таронаҳои Ҳасан.
Менишастанд баччаҳо дар роҳ
Ба тамошои рафтуои Ҳасан.

Ҳар саҳар пеш аз садои хурӯс
Занги аспи ароба меомад.
Қад-қади кӯчабоғҳои деҳот
Ҳасани босалоба меомад.

Дар миёни машинаҳои зиёд
Рафтуои ароба буд аҷиб,
Менамуданд баччаҳои шӯх
Дар сари роҳ аробаро таъқиб.

Ба қафои ароба часпида
Раҳравон мешуданд овезон,
Медавиданд тӯда-тӯда шуда
Пеш-пеши ароба хандакунон.

Ҳасан аз кори баччагон баъзан
Пурғазаб гашта сахт меранҷид,
Худ ба худ гоҳ завқҳо карда
Мисли кӯдак баланд механдид.

Кайф мекард, ки дар атрофаш
Қад-қади роҳ боғу  майдонанд,
Сари ангурҳо чу марворид
Дар таги баргҳо авезонанд.

Баргҳои дарахтҳои тут
Нахи абрешимин нисор кунанд,
Давлати колхозчӣ-деҳқонро
Яке бар даҳ дусад ҳазор кунанд.

Дар бригадаҳои колхозӣ,
Дар заминҳои беканорҳудуд
Пахтаи наҳдарози ин водӣ
Кӯҳ-кӯҳу ғарам-ғарам пур буд.

Ҳасан ин сарвати фаровонро
Як-як аз пеши чашм мегузаронд,
Сӯйи қишлоқҳои хушманзар
Чархҳои аробаро меронд.

Омад овоз аз қафои сараш:
-Ист як дам, аробакаш, машитоб!
Пурсам аз ту гапи муҳиммеро,
Мондам аз пой аз барои савоб.

Дошт як сумкаи калон дар кифт
Мардаки хаткашони колхозӣ.
Хатрасонӣ барои почталион
Нест як кори шӯхию бозӣ.

Медавад аз пагоҳ то бегоҳ
Бо хату бо газет ба ҳар дару кӯй,
Мекунад одамони гумшударо
Гашта- гашта суроғ, пурсуҷӯй.

– Ту магар нестӣ Ҳасан? – Ҳа ман
Марҳамат кун, ба ман чӣ гап дорӣ?
– Ба ту аз шаҳр нома омадааст,
Кардамат ҷустуҷӯйи бисёре.

На макони муайяне дорӣ,
На қароре ту дар ягон манзил,
Ман ба як деҳ равам, ту бар дигар,
Сад мазаммат намудамат дар дил.

Дидам ин, ки аробаи шалақе
Хӯрда алвонҷ меравад лиқ-лиқ
Гуфтам: – «Албатта ин туӣ, чунки
Кист ҷуз ту аробаро ошиқ».

Ҳасан аз хат, кинояти хаткаш
Сурх шуд, даргирифт мисли алав,
Гуфт:- Бас кун! Кӣ хат фиристодаст!
Дар даруни хат аст чӣ гапи нав?

– Нома аз духтаре, Садаф номе,
Гир онро ба ҳар ду чашмат мол,
Шукр кун, шукр, ношукр банда!
Макун ин қадр дур фикру хаёл.

Раҳравон буд фикру зикри Ҳасан
Ҳам ба мазмуни нома, ҳам ба Садаф,
Сар намедод чун васиқаи умр
Номаи ёри хешро аз каф.

Ҳиҷҷа мекард ҳарфҳояшро
Матни онро вале намефаҳмид,
Бе тараҳҳум ба камсаводии  худ
Таъна мекарду сахт меранҷид.

Ба кӣ хонондаву чӣ сон пурсад,
Ки чӣ гуфтаст ёри ӯ дар хат,
Балки дар номааш ба ҷойи салом
Ишқро мекунад Садаф лаънат.

Ба Садафмоҳ узрхоҳона
Ҳар чӣ бошад, ҷавоб хоҳад дод,
Аз раҳи мардию вафодорӣ
Мекунад ёри қадрдонро ёд.

Аз пайи ҳам ду «М-ка»-и хушранг
Рӯ ба рӯ омаданд дар ин вақт,
Дар яке менишаст болида
Шармолуд – келини хушбахт.

Духтарони дигар ба паҳлуяш
Шодмон «ёр-ёр» мегуфтанд,
Ба арӯсон ҳамешагӣ бодо
Толеву бахт ёр, – мегуфтанд.

Бе танаффус машина сигнал дод,
То барорад аробаро ба канор,
Пешпо хӯрд асп тӯрида,
Сарнагун пас фитод дар ҷӯбор.

Сӯхт бисёр  аз он димоғи Ҳасан,
Аспро дод аз ғазаб дашном.
Гуфт: - «Коҳу ҷаве, ки медиҳамат,
Ба ту гардад  ҳазор бор ҳаром!» ...

Гуфт:- «Ҳар як арӯси инвақта
Аз ароба кунун ҳазар дорад.
Ҳаваси бо машина рафтанро
Дар деҳу шаҳрҳо ба сар дорад».

Хулласи гап, ки обрӯи Ҳасан
Шуд мубаддал ба як пули пучак.
То кай аспу аробаро созам
Мани гумроҳ дар ҷаҳон дастак.

Мегузаштанд дар ҳамин лаҳза
«Зис»-ҳо мисли кӯҳи силсиладор,
Мекашиданд пахтаро ба завод
Чида болои ҳам қанор-қанор.

Аз паси корвон Ҳасан дере,
Дар хаёли кадом коре шуд.
Ашк аз дидаҳои ҳайронаш
Дона-дона ба рӯ-ш ҷорӣ шуд.

Бо Ҳасан дошт солҳои сол
Ошноӣ раиси як колхоз,
Аз раҳи дӯстӣ, шиносоӣ
Мешуд онро ҳамеша маҳрами роз.

Рафт рӯзе Ҳасан ба пеши дӯст
То ба ӯ арзи ҳол бинмояд,–
«Пайи ҳар кор маслиҳат бояд
Кори бемаслиҳат накӯ н-ояд».

* * *

Рӯйи саҳни идораи колхоз
Пур буд аз фавҷи одаму овоз.
Бо тақотуқ механик Искандар
Менамояд машинаҳоро соз.

Сару рӯ Васяи  тракторчӣ
Нафтолуд ояд аз саҳро.
Дар тарозу кашанд бо навбат
Хирмани пахтаҳои аълоро.

Бачагон мисли селаи гунҷишк
Мебароянд аз дари мактаб.
Гуфтугӯ мекунад раис бо халқ,
Сифати корро намуда талаб.

Ба Ҳасан чун фитод чашми раис,
Гуфт,ки: - Пеш о, машав ҳайрон!
Дӯсташро Ҳасан намуд оғӯш,
– Омадам, гуфт пеши ту меҳмон.

«Марҳамат кун, биё, ки омаданат,
Ҷӯраҷон, айни муддаои мост,
Дӯст болои дида, нури чашм
Сафарат аз куҷост то ба куҷост?»

– Сафарамро мапурс, агар гӯям,
То саҳаргаҳ намешавад охир,
Дуксиёҳию нобароriҳо
Ҳама аз қисматанд, аз тақдир.

Дӯстам, ту раиси колхозӣ,
Шукр, колхози бой дорӣ ту,
Миллионерӣ ту, миллионерӣ ту,
Дасти мушкилкушой дорӣ.

Хостам аз ту маслиҳат пурсам:
Пешрав нест кори ман ҳаргиз,
Ҳар куҷо,  ки равам, намебинам
Ҷуз уқубат, азоб дигар чиз.

– Ба азобат худат гунаҳкорӣ!
Гар нагардад ҷӯйҳо дарё,
Дар дили  дашт мешаванд адо
Мисли ҷӯй аст одами танҳо!

Бахту  давлат ба дастҷамъии мост,
Ту нафаҳмидаӣ ҳанӯз инро,
Аз қафои ароба мегардӣ
Ҷустуҷӯ карда кайфи деринро.

– «Қасд кардам, ки баъд аз ин бояд
Бо ту бошам, машинарон бошам,
То ту бинӣ, ки ман дар андак вақт
Дар сафи пеши шофирон бошам».

Зери лаб ханда карду гуфт раис:
« – Ман ба фикри ту розиям сад бор,
Лекин аввал машинаро омӯз,
Илми ин касбро ба дастат ор.

Аз ароба машинаро кун фарқ,
Техника андакест мушкилтар.
Майл дорӣ агар ба касби нав,
Корро рафта сар намо аз сар.

Гар ба ин маслиҳат ту не гӯйӣ,
Гир бар зимма хизмати колхоз.
Вохӯрад кори хоксорона
Нанамоӣ ба шарти он ки ноз.

Асп хоҳӣ ту, асп ҳам дорем,–
Лақайаспи зотӣ ҳам бисёр.
Гар ту хоҳӣ аробакаш монӣ,
Хоҷагиро ароба ҳам даркор».

Тоқиашро ба сар ниҳода Ҳасан
Хест аз ҷову по ниҳод хомӯш.
Рафт андешаманд сӯйи сарой,
Гардани аспро намуд оғӯш.

Гуфт: – Эй аспи ман, саманди ман,
Дӯсти бегумони ман ҳастӣ,
Солҳои дароз аз хурдӣ
Мисли ҷон дар амони ман ҳастӣ.

Ҳарду дидем гармию сардӣ,
Рӯзҳои азобу роҳатро,
Ҳарду гаштем гар дучори хатар
Пеша кардем сабру тоқатро.

Бесару нӯг роҳи кишвари мо.
Хӯрда аз рафтуои мо гардид,
Бағали кӯҳсори мулки Ҳисор
Манзили нақши пойи  мо гардид.

Монда ҳарду ба зери обу арақ
Мегузаштем чӯли бирёнро,
То саҳаргоҳ гусел мекардем
Шуълаи Моҳтоби тобонро.

Шаба шаб, рӯза рӯз ногуфта
Ҳар ду машҳур боркаш будем,
Дар сари корвон ба каф байрақ
Ҳар ду як ҷо қаторкаш будем.

Хишту чӯби кашондаи моро
Сарфи шаҳри азизи мо карданд,
Намаку чою нону шакарро
Дастгири гуруснаҳо карданд.

Ҳама донанд, ки дар он айём
Бори республика ба дӯшат буд,
Чунки дар солҳои қашшоқӣ
Давраи ҷӯшишу хурӯшат буд.

Давлати одамони имрӯза
Дар вагонҳо дигар намеғунҷад,
Ту кунун дар кашондани ин бор
Дасткӯтоҳию надорӣ ҳад.

Дар чарогоҳҳои колхозӣ
Дӯстам, рафта сайру бозӣ кун,
Бо ягон кори хоксорона
Назди мардум забондарозӣ кун.

Метавонӣ, ки дар миёни гала
Пираспи баландсар бошӣ.
Монда ному нишонае аз худ
Рахши навзодро падар бошӣ.

Ман ҳам имшаб ҷудо шуда аз ту
Меравам аз қафои кори дигар.
Гар ба ту қадршиносӣ шуд,
Авф кун, аз гуноҳи ман бигзар…

IV

Ҳасан аз роҳи дур меомад
Қад-қади рӯди шӯхоби Вахш,
Рӯйро карда мисли лахча сиёҳ
Аз шамолу аз офтоби Вахш.

Монда аспу аробаи худро
Дастхолӣ, пиёда меомад,
Ба дами тафтбоди кӯҳу даман
Синаашро кушода меомад.

Бехабар буд аз гузаштани вақт,
Аз равуои одамони савор,
Худписандона гоҳ менигарист,
Ба шитоби машинаҳо ночор.

Май нанӯшида мениҳод қадам
Дар раҳи хештан ба сармастӣ,
Ба хаёлаш намерасид, ки он
Луқмаеро хӯрад ба сардастӣ.

Ташналаб буду майли об надошт,
Хоболуду фикри хоб надошт,
Ҷуз ниҳодан қадам ба сӯйи шаҳр
Дар дил он дигар интихоб надошт.

Мепариданд аз замин ба ҳаво
Гоҳ хӯсида мурғҳои ҳилол,
Менамуданд марди танҳоро
Гоҳ сагҳои подабон дунбол.

Галаи аспҳои колхозӣ
Аз бараш беадад гузар карданд,
Мисли най рост гардани онҳо
Аламашро зиёдтар карданд.

Аз назаргоҳи он намерафтанд
Ҷилваи шаҳри нав ба зебоӣ,
Дару деворҳои пурҳашамат
Сояҳои чанори бобоӣ.

Манзари кӯчаҳои пурҳаракат,
Қасрҳои аҷоиби дилкаш,
Хонаву остонаи маҳбуб,
Рӯйи зебову чашми чун оташ…

Ҳамаи он хаёлҳо ба Ҳасан
Дар сафар ғайрате ато карданд,
Бағали пойтахти наврасро
Гарму ҷўшон ба рў-ш во карданд.

* * *

Рўзе аз рўзҳо ба зери чанор
Шуд Ҳасан мисли сояе пайдо,
Бар танаш буд бори вазнине
Сари пур бо ҳазорҳо ғавғо.

На дигар ҷуръате, ки дар кўча
Мисли дерина сар баланд кунад,
Аз сари асп харсаворонро
Дар сари роҳ нописанд кунад.

Роҳҳоро ба ҳукми худ гирад,
Одамонро бароварад ба канор.
Гузарад аз миёни мардуми шаҳр
Бо ғуруру такаббури бисёр.

Худ кунун мегурехт аз ҳама кас,
Аз нигоҳи тамоми раҳгузарон,
Аз салому алек, аз одоб,
Аз мулоқоти қадрдон ёрон.

Ў нишони саройи деринро
Дар қади кўча ҷустуҷў мекард,
Шиштухези аробакашҳоро
Раҳравон дар дил орзу мекард.

Саргарангона борҳо пасу пеш
Рафта меомаду намедонист,
Ки ба зери чанор кайҳо боз
Ҳеҷ осор аз сарое нест.

Дид дар ҷойи он бинои наве,
Лавҳаеро ба рӯйи дарвоза.
Канда-канда ҳуруфҳоро хонд
«Ав-то-школ-ла», – мактаби тоза.

Берун омад машинае аз дар,
Сар бароварда як ҷавон аз он
Ба Ҳасан гуфт: «Омадӣ охир,
Эй ту, оворагаштаи ду ҷаҳон!

Зад ба девор гарчи пешонет,
Тавба аммо наменамоӣ ту,
Гар фароӣ зи асп, аз узангу
Ба гумонам,  намефароӣ ту!»

Чашму рӯйи Ҳасан сиёҳӣ зад,
Ларза дар узвҳои он афтод.
Ҷуз ғазабнок як нигаҳ кардан
Беадабро дигар ҷавоб надод.

Рафт аз сояи дарахти чанор,
Ёди маҳбуб кард, ёди Садаф
Бе Садаф зистан бувад мушкил,
Гар Садаф нест, нест шаъну шараф.

Ғам агар ҳаст ғамгусор куҷост?
Дӯст шарт аст, дӯстдор куҷост?
Майли ёре агар ба сар дорӣ,
Меҳрубону азиз ёр куҷост?

Ҳасан омад ба кӯчаи дигаре
Дилкашолона бо баҳонаи дӯст,
Дару боми  шиносро чун дид,
Хост меҳмон шавад ба хонаи дӯст.

Гашт дар гирди хонаву аммо
Надаромад Ҳасан ба он хона.
Ба Садаф бо кадом рӯйи сурх
Менамояд нигоҳ мардона.

Дар ҳамин лаҳза балки машғул аст
Ёр дар хондани ҷавоби хат,
Балки ҳаргиз намеравад сарфаҳм
Хонда-хонда ба сарҳисоби хат.

Балки машғули хатнависӣ аст,
Сарзаниш мекунад маро дар хат,
Кай шавад, ки ба дасти ман бирасад
Қосиди ишқ, муждаовар хат?

Ин тараф – он тараф парешонҳол
Чарх зад, бемадор шуд, калавид,
Соате хост, ки биёсояд,
Пастдеволи похсагиро дид.

Омаду кард такя бар девор,
Чашм пӯшиду монд беҳаракат,
Гуфт, ки «Ранҷ агар, Ҳасан,  набарӣ.
Нест дар корҳои ту баракат.

Меравам, меравам ба зери чанор
То кунам имтиҳон саодати хеш.
Бигузоред,  ки маро бошад
Кулфати нав, азоби нав дар пеш!»

* * *

Хушкаломанд, шӯх, густоханд,
Ҳамдигарро дугонаҳои Садаф,
Ҳалқа биншастанд дар таги ток
Гирди дастурхони бойи Садаф.

Суҳбати  духтарони ҳаммактаб
Дилфиребу мароқовар буд,
Гоҳ ҷиддию гоҳ ҳазломез,
Диққатангезу хандаовар буд.

Аксари ин дугонаҳо кайҳо
Духтарони ба қад расида буванд.
Баъзе дар зиндагӣ ба мисли Садаф
Рӯзҳои фироқдида буванд.

Духтаре гуфт, ки: «Ба хурсандӣ
Оқибат шуд тамом мактаби мо,
Бо машаққат кунун ба даст омад
Чандсола умеду матлаби мо.

Барзада дасту остин фардо
Ба маҳалҳо барои кор равем,
Монда дур аз дугонаҳои азиз
Ҳар кадоме ба як канор равем.»

Дигаре гуфт, ки: «Илоҷе нест,
Мефиристем зуд-зуд хабар –
Дӯстонро кунанд чунки қарин
Почтаву телеграф ба ҳамдигар.

Менависем, ки чӣ гуна бувад
Қилиқу суҳбати дугонаи нав,
Кори нав, ҷойи нав, шароити нав,
Ҳастию нестии хонаи нав.

Менависем, ки пас аз рафтан
Аз ҳама пештар кӣ шавҳар кард,
Кӣ  киро дод дил, аз кӣ бурд,
Ки чӣ сон бо кӣ хонаву дар кард».

Савумӣ гуфт, ки: «Дар ин бора
Садафи мо намекунад парво.
Чунки ишқи аробакаш кардаст
Дили онро асири худ кайҳо.

Ин кас акнун ба пеши ӯ рафта
Дар ароба савор мегардад.
Аз паси дӯстдори хонабадӯш
Ҳама дам соявор мегардад».

Садаф андак ба қаҳр омаду гуфт:
– Ҷон дугона, кинояро бас кун!
Бадзабонӣ туро намезебад,
Ҳурмати нафсу иззати кас кун.

Ҳайф, ки меҳмони ман ҳастӣ
Варна беобрӯй мекардам,
Бо ту дар лаҳзаи забонхорӣ
Нағзакак гуфтугӯй мекардам.

Солҳо боз аз ҳама беҳтар
Мешиносам аробакашро ман.
Ӯ сазовор нест, бовар кун,
Ба чунин таъноҳои сахт задан.

Ору номусдор як мардест,
Тамаъе аз касе надорад он.
Ба умеди Садаф – умеди висол
Ҳеҷ гоҳе нагашт аз паймон.

Ман гумон мекунам, ки нияти ӯ
Аз ақиқ, аз булӯр софтар аст,
Ҳамаи мардҳо ба чашми ман
Дигаранду аробакаш дигар аст.

Дар ҳамин дам Ҳасан агар мешуд,
Месупурдам ба дасташ изнамро.
Бо табассум, такаллуми ширин
Мебаровардам аз дилаш ғамро».

* * *

Охири навбаҳор омада буд,
Мешуданд об барфҳои кӯҳ.
Пой мемонд фасли тобистон
Ба сари сарзамини азму шукӯҳ.

Руста буданд донаҳо аз хок
Хабар оварда аз фаровонӣ,
Киштҳо гӯё ки мегуфтанд:
Хуб шуд, хуб  кори деҳқонӣ.

Дар бари домани адир комбайн
Ҷави навпухтаро дарав мекард,
Ба сари теппаи баланд касе
Бош-боше ба ҷуфти гав мекард.

Дар нишемангаҳи баландиҳо
Деҳаи сабзи обшоре ҳаст.
Дар ҳама  кӯчабоғҳои он
Соф чун нуқра чашмасоре ҳаст.

Дар шаби маҳтоб, дар шаби тор
З-осмонаш ситора меборад.
Аз чароғи электрӣ ба сараш
Хирмани пуршарора меборад.

Мактаби хушҳавои даҳсола
Сап-сафед аст дар миёни деҳ,
Ҳадя созад ҷаҳон-ҷаҳон шодӣ
Ба хушиқбол баччагони деҳ.

Буд омӯзгори ин мактаб
Қаҳрамондухтари ҳикояи  мо,
Мисли ҷон дӯст дошт аҳли деҳ
Бо ташаббус муаллими худро.

Аввалин рӯзҳои омаданаш
Ошное надошт дар қишлоқ,
Хуб санҷида аз пайи ҳар кор
Пойро мегузошт дар қишлоқ.

Ҳар чӣ бошад ҳанӯз нобалад аст
Бо русумоту бо таомули деҳ,
Ҳар чӣ бошад, муфассал огаҳ нест
Аз дигаргунию такомули деҳ.

Рӯзи аввал Садаф намедонист,
Ки чӣ сон дарсро шурӯъ кунад,
Аз паси кӯҳи илм чун хуршед
Ба сари деҳ чӣ сон тулӯъ кунад.

Деҳаро мисли панҷ ангушташ
Садаф акнун намуда буд аз худ,
Ҳеҷ камбудие ба чашми ӯ
Ноаён, ношиносмонда набуд.

Ба ягон хона медаромад агар
Садафи  дӯструйи ҷингиламӯй,
Мешуданд аз камоли хурсандӣ
Ҳама дар пеши ӯ ҳикоятгӯй.

Баччае гар ба дарс дер ояд,
Сабабашро Садаф дарк мекард,
Кори мактаб, ҳаёти оиларо
Зич пайваста муштарак мекард.

Маслиҳатро ба модарон медод,
Илму одобро ба шогирдон.
Хушу ёдаш ба кори мактаб буд,
Ба ривоҷи фазилату ирфон.

Буд дар гирду пеши ин мактаб
Саҳни пур аз гиёҳу пурхоре.
Дасти хонандагон иваз бинмуд
Он заминро ба боғу гулзоре.

Бомдодон ба рӯйи гул шабнам
Медурахшид мисли лӯълӯе,
Мефишонд аз тирезаҳои яла
Ба ҳама синф анбарин бӯе.

Ҳар саҳар омадан ба боғи гул
Ба Садаф шуғли беҳтарин гардид,
Духтари табънозуки гулбоз
Бо гули боғ ҳамнишин гардид.

Чида гулдаста аз гули садбарг
Ёд мекард як ҷавонеро,
Аз лаби бомҳои Душанбе
Ба сари ёр гулфишониро…

Дар чунин субҳ сӯйи  ин қишлоқ
Як сабукрав машинае метохт,
Ба гумонат, ки аз замин ба ҳаво
Роҳи ҳамвор тир меандохт.

Бохабар шуд аҳолии қишлоқ
Ки шитобон сабукраве ояд.
Ҳама гуфтанд, ки: «Ба пеши мо
Ояд аз шаҳр раҳбаре шояд.

Балки ояд раиси Совнарком,
Ё чу ҳаррӯза котиби райком,
Балки мо корҳои колхозро
То ҳамин дам надодаем анҷом?»

Чун сабукрав ба деҳ қарин гардид,
Дод ронанда сигнали бисёр.
Ба шигифт омаданд аҳли деҳ
Ки чӣ сон одам аст, ин чӣ виқор?

Ҷамъ гаштанд аз калон то хурд
Гирди онро чу ҳалқа печонданд,
Дида як марди ношиносеро
Ҳама хомӯшу бетараф монданд.

Ҳама буданд бетараф, оре,
Садаф аммо дар изтироб афтод,
Мисли борон ба сатҳи дарёи
Сермавҷу пур аз ҳубоб афтод.

Аз тараб курта-курта гӯшт гирифт,
Кард лабхандҳои ширине.
Лаб зад аз нав чу гул ба рухсораш
Орзуву умеди дерине…

* * *

Роҳ дар пешу ёр дар паҳлу,
Дастҳои Ҳасан ба рули машин,
Чархҳои машина мегаштанд,
Манзили дурро намуда қарин.

Дар бараш менишаст ёри азиз,
Буд аз хуррамӣ дилаш чун кӯҳ,
Ба гумонаш, ки зиндагӣ ин хел
Ҳеҷ гоҳе надошт шаъну шукӯҳ.

Дид он ин шукӯҳро дар хеш,
Дар Садаф, дар нигоҳи чашми сиёҳ,
Дар суруде, ки мешунид аз дил,
Дар насиме, ки мевазид аз роҳ.

Дар уфуқи баланди ҳалқаи кӯҳ,
Дар ҳудуди васеи мулки азиз,
Дар сафедии рӯдҳои шӯх,
Дар кабудии сабзаи навхез.

Чӯбу  семент мекашонид он
Ба бинокори сохтмони Вахш,
То канал сохта равон созанд
Обро сӯйи ташнагони Вахш.

Шаҳр гӯё, ки аз қафои сараш
Даст афшонда менамуд гусел,
Ошиқонро салом медоданд
Дар сафар манзил аз пайи манзил.

Мешуд аз қуллаи баландиҳо
Бо шуои чароғҳо ҳамсар,
Дар бари киштҳои водиҳо
Медамид аз замин чу гандуми тар.

Ба Садаф гуфт: «Ҷонакам, дидӣ,
Чӣ қадар  ин машина тездав аст,
Беқанат мепарад ба рӯйи замин,
Зеби ин роҳҳои хубу нав аст.

Дар ҳама ҷойи мамлакат дигар
Нест аз нусхаи машинаи ман,
Ҳама гӯянд аз калон то хурд
З-ин сабаб ҳам ба ман, ки «Қандата зан!»

– Ман надидам, ки бемуболиғае
Зада боші ту гап ягон боре.
– Дар гапам заррае муболиға нест
Ҷони ширин, макун маро хорӣ!

Росташро, Садаф, агар гӯям,
Ту ҳам аз духтарони ноёбӣ,
Кас надидам, ки мисли ту бошад
Дар чунин  дилбарию дилёбӣ.

Ба сари теппаҳои Оби Киик
Мошини ӯ даме ки боло шуд,
Дар ду паҳлуи кӯҳи Боботоғ
Сабз ду манзара ҳувайдо шуд.

Як тараф водии васеи Ҳисор
Ҷанг бо ранги осмон мекард,
Як тараф рӯди сероби Вахш
Водии хешро ҷавон мекард.

Ҳасани мо машинаи худро
Ҷониби Вахши дилкушо меронд,
Аз қафои машинааш танҳо
Чанги ғафсе дар осмон мемонд.

*1952-1954*

## ДУХТАРИ МУҚАДДАС

Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.

Ҷустуҷӯ мекард он инсофро,
Осмони софи кӯҳи Қофро,

Олами аз шӯру ғавғо покро,
Рӯҳпарвар, тозаву тар хокро.

Дӯстиро, чеҳраҳои бозро,
Бомдоди рӯзи некоғозро.

Чашми ақли худ ба олам чун кушод,
Аз ҷафобинӣ ба дод омад, ба дод.

Рӯи он мисли гули пажмурда шуд,
Дар даруни сина дил афшурда шуд.

Рӯз аз рӯз об мешуд мисли мум,
Ғам ба ӯ мекард чун оташ ҳуҷум.

Чун ба дар мебаст чашми интизор,
Ёд мекард аз суханҳои Тагор:

«Ҳар қадар занҷир гардад тангтар,
Тоб вақти кашмакаш н-орад дигар».

Худ ба худ мехонд «Банди Мотарам»[1]
«Оби Ганга ошиқи хокистарам».

---

[1] Суруд дар бораи Ватан, асари Прем Чанд.

Кӯҳи сабр акнун чу вулқон гашта буд,
Чашми дарёи хурӯшон гашта буд.

Ҷандбибиро[1] ба хун оғушта дид,
Дар муқобил душманонро кушта дид.

Хост чун боде, ки ояд аз дара,
Дар биёбон паҳн гардад яксара.

Аз дамаш рӯбад хасу хошокро,
Пок созад, пок рӯи хокро.

Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.

Аз нишастан, сабр кардан ор кард,
Хешро дар кӯчаву бозор кард.

Кулбаи вайронаро партофт, рафт,
Бахти нопайдои худро кофт, рафт.

Кӯчаву бозор пур буд аз гадо,
Аз гапи «бахшиш»-у аз дарвешҳо.

Тарк карда одамон Банғоларо,
Ҳавлию гову бузу бузғоларо.

Мурғҳо гардида беҳолу карахт
Бе ғизову дона дар шохи дарахт.

Ҳиндӣ аз дасти мусулмон дар азоб,
Худ мусулмон аст бо ҳоли хароб.

---

[1] Зани ҳиндӣ, ки ба муқобили лашкари шоҳ Акбар қаҳрамонона ҷангида, ҳалок гардидааст.

Як ҳавову як замину обро,
Як макон, як ҷои хӯрду хобро.

Як ғаму андӯҳро, як дардро,
Як садои дил, як оҳи сардро.

Ғайр – бевиҷдон ба ду тақсим кард,
Мамлакатро ҷои хавфу бим кард.

Духтари ҳиндӣ ба ҳар сӯ чашм дӯхт,
Ҳар нигоҳаш чун шафақ афрӯхт, сӯхт.

Монда буд хомӯш тӯпи «Замзама»[1]
Гӯшро кар карда «Султон Ҷамҷама».

Дид он тӯфони моҳи ҳутро,
Ҳам кафан, ҳам гӯр, ҳам тобутро.

Шуд ба чашмаш мисли иблиси палид
Сояи ғафси Маунбетен[2] падид.

Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.

Кард аз Лоҳури пурдаҳшат фирор
Чун рамида сайд сӯи кӯҳсор.

Орзӯи гӯшаи Кашмир кард,
Шиква аз бераҳмии тақдир кард.

[1] Тӯпҳое, ки дар майдони Лоҳур истодаанд. Онҳо як вақте ба муқобили истилогарон кор фармуда шудаанд.
[2] Ноибкороли Англия, ки с. 1947 ҳокими Ҳиндустон буд.

Хост хилватгоҳ дар вайронае,
Бутпарастию ибодатхонае.

Хост, ки дигар набинад рӯзро,
Чеҳраи бадхоҳи оламсӯзро.

Хост пӯшад рӯйро аз офтоб,
Чун маҳи афтода дар зери саҳоб.

Нашнавад бо гӯш фарёди касе,
Ғингаси занбӯру овози хасе.

Хост, ки маҳфуз дорад нангро,
Баста дар дил аз қаноат сангро.

Рӯ ниҳад бар Шива[1] бо аҷзу ниёз,
Бошад он чун уд дар сӯзу гудоз.

Монда духтар дастро болои даст,
Дар ибодатхона чандин маҳ нишаст.

Халқро машҳур нақли тоза шуд,
Чун муқаддас духтаре овоза шуд.

Карда дар бар пӯсти бабру паланг,
Гоҳ берун шуд ба дашти сабзранг.

Гоҳ мисли соя дар шабҳои тор
Мулкро мекард он гашту гузор.

Ҷустуҷӯ мекард қути лоямут,
То каме ором созад нафси худ.

---

[1] Ш и в а – худои ғазаб, худои ҷазодиҳандаи ҳиндувон.

Аз тамошо чашм мепӯшид он,
Чун дили садр намеҷӯшид он.

Лек дуздида дили онро ба худ,
Зинати Кашмир мафтун менамуд,

Бод меовард аз «Боғи насим»[1]
Дар саҳаргоҳон димоғашро шамим.

Дасти рассоми табиат дилрабо,
Чун арӯс ороста Кашмирро.

Кӯҳи барфин – оби ширин дорад он,
Чашмаву рӯди булӯрин дорад он.

Абр агар аз осмон борон диҳад,
Аз замин гул шаддаи марҷон диҳад.

Осмонаш чун гилеми рангае,
Ё ба мисли лаълии пуртангае.

Пас чӣ сон дилро набандад ҳусни он
Бо ҳазорон шаъшаа, бе ресмон!

Лаънат он касро, ки созад бо итоб
Ин латифӣ, ин зарифиро хароб!

Духтари ҳиндӣ яроқи ҷанг дид,
Вақти сайругашт тӯпу танк дид.

Лашкари бегона дар он ҷо шудаст,
Зинати Кашмир зери по шудаст.

---

[1] Номи боғи қадимест дар Кашмир.

Дуди танк, аэроплан, дуди мотор
Ҳалқа мезад дар фазои беғубор.

Духтари ҳиндӣ ба хашм омад, ба хашм,
Боз шуд чун мош онро ҳар ду чашм.

Чун нидо, чун огаҳӣ, ҳамчун қасам
Ин суруд омад ба гӯшаш дам ба дам.

«Лолаҳо, бигзор, дар Кашмири мо
Доимо бошанд дар нашъунамо.

Обҳо, бигзор, ҷӯшанду даманд
Чун сафедӣ дар уфуқ – субҳи баланд.

Мо вале ҷонсахт мардон мерасем,
Мисли санги кӯҳсорон мерасем,

То ки рӯзи имтиҳон, рӯзи ҷидол
Хам насозад қомати моро шамол».[1]

Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.

Боз дунболи раҳи дигар гирифт,
Роҳи одамгарди Амритсар[2] гирифт.

Гашт дар шаҳру ба ҳар кас гӯш кард,
Лаб фурӯ басту нафас хомӯш кард.

Шаҳр буд аммо пур аз овози халқ,
Аз чапакҳои фалакандози халқ.

---

[1] Суруди халқии кӯҳистони Кашмир.
[2] Пойтахти Кашмир.

Дар миёни кӯчаву бозорҳо,
Дар дами дар, дар таги деворҳо.

Одамон дар коғаз имзо мекунанд,
Сулҳро ташвиқу илқо мекунанд.

Сулҳ – мегуфтанд, ки – омоли мост
Навбаҳори чор фасли соли мост.

Сулҳ истиқболи фарзандон бувад,
Хотири ҷамъи куҳансолон бувад,

Сулҳ бошад, бигзарад нон бемалол
Аз гулуи халқ дар ҳар гуна ҳол.

Адлро барпо кунад паймони сулҳ,
Бахтро парво кунад даврони сулҳ.

Духтари ҳиндӣ ба гапҳо гӯш кард,
Пайкараш ларзиду тобу тӯш кард.

Кӯчаҳоро хӯрда кард аз рафтуо,
Мешунид аз халқ як гуна нидо.

Менависад номи худ дар ҳар қадам
Ҳар яке бо нӯги ангушту қалам,

Тӯдаеро кам-камак наздик шуд,
Сулҳҷӯро аз пайи табрик шуд.

Духтаре, ки адлро уммед дошт,
Бо қалам дар коғаз имзоро гузошт.

Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
Олам аз таърихи он огоҳ шуд,

Аз Ватан, аз сарзамини модарӣ
Рафт берун, дид мулки дигаре.

Дид кишварҳои гуногуни даҳр,
Сулҳпарварҳои рӯзафзуни даҳр.

Дар забон, дар ғоя мазҳаб мухталиф,
Аз пайи сулҳанд, аммо ҳамрадиф.

Дид як роҳи сафеди сулҳро,
Қалъаву қулфу калиди сулҳро.

Конгресси Вена оғӯшаш намуд,
Сулҳро чун ҳалқа бар гӯшаш намуд.

Мисли як уммеди дерин Москва,
Орзуву хоби ширин Москва,

Такягоҳи сулҳҷӯён Москва,
Иттифоқи дӯстдорон Москва,

Шаҳри бемонанди пуршон Москва,
Ҷони дунё, ҷони инсон Москва,

Пойтахти мулки аъзам Москва,
Дар вафову аҳд маҳкам Москва,

Ҳиндудухтарро саодатманд кард, –
Меҳмон бинмудаву хурсанд кард.

Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
Олам аз таърихи он огоҳ шуд.

*Соли 1955*

## ҶОНИ ШИРИН

*(Достон)*

Ҷони ширин, ин қадар ҷангам макун,
Ин қадар беҳуда дилтангам макун.
Гашта-гашта дар сафар боз омадам,
Боз дар наздат ба парвоз омадам.
Ҳар куҷо, ки хоб кардам, хестам,
Ҳар куҷо, ки буд ҷои зистам,
Ин дили ман манзили ёди ту буд,
Ёди рӯи ҳуснободи ту буд.

Бе ту нагзашт аз гулуям об ҳам,
Бе ту дар чашмам наёмад хоб ҳам.
Бе ту ҳар як рӯзи ман як сол шуд,
Бе ту дил ғаш кард, чун атфол шуд.
Бе ту дидам гарчи зебо духтарон,
Бе ту бишнидам суруди ошиқон,
Бе ту дар тӯю тамошоҳо шудам,
Бе ту гоҳо булбули гӯё шудам,
Бе ту дар васфи занон гуфтам сухан,
Бе ту дар маҷлис фишурдам дасти зан,
Лек дар пеши назар рӯи ту буд,
Ҷилваҳои чашму абрӯи ту буд.
Ҷони ширин, пас дигар ҷангам макун,
Ин қадар беҳуда дилтангам макун.
Нестам мисли падарҳои дигар
Дар бари фарзандҳо шому саҳар.
Чор гардад чашми онҳо дар раҳам,
Гум занад дилҳои онҳо дам ба дам.
Ку падар, гӯяд агар фарзанди мо,
Менамоӣ ту ба сӯи дар нигоҳ.

Дар замони пеш аҷдодони мо
Тарк мекарданд кӯҳистони мо.
Бахт меҷустанд аз бечорагӣ,
Мурда мерафтанд дар оворагӣ.
Мо вале аз он ғарибон нестем,
Дар суроғи бахт сарсон нестем.
Бахтро бо меҳнати озоди хеш
Кард инсони советӣ парвариш.
Мо сафар дорем бо амри Ватан,
Бо супоришҳои халқи хештан.
Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.
Халқҳоро зиндагӣ илқо кунем,
Меҳри дилро ҳадя бар онҳо кунем.
Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.
Қалъа аз як пояи девор нест,
Боғ ҳам аз як буни пурбор нест.
Рӯи олам дидан, одам дидан аст,
Неку бадро дар ҷаҳон санҷидан аст.

Ҷони ширин,
                    худ ки озод аз ғамӣ,
Аз ғами мазлумҳо огаҳ камӣ.
Ёд дорӣ, аз мубориз шоирон –
Файз буд дар хонаи мо меҳмон.
Аз ватан гап сар кунӣ, дар мегирифт,
Дар ба мисли ҳезуми тар мегирифт.
Бештар хомӯш гарчи менишаст,
Гарчи камтар сӯи нон мебурд даст,
Дигаронро гарчи ӯ мекард гӯш,
Мекашид ӯ гарчи тамоку хамӯш,
Лек чашмонаш шарар мерехтанд,
Хуни ҳасрат аз ҷигар мерехтанд.

Печу тобаш мисли мавҷи об буд,
Обҳои воҳаи Панҷоб буд.
Борҳо ин мард зиндон дидааст,
Дар сари мӯ бозии ҷон дидааст.
Рӯ ба халқу кишвари маҳбуб кард,
Марги беинсофро мағлуб кард.
Табъ сарбозу қалам шамшер шуд,
Посбонаш назми оламгир шуд.
Адлҷӯён ӯ ҷаҳонгардӣ кунад,
Дар адои қарзи худ мардӣ кунад.
Зулм гарчи карда мӯяшро сафед,
Лек мегӯяд, ки: дунё боумед.
Файз Аҳмад ҳам зану фарзандро
Дар баҳои ҷон харад монанди мо.
Ҳар гаҳе ки ёди Покистон кунад,
Ёд аз ношод фарзандон кунад,
Гиряи фарзанд озораш диҳад,
Аз ғазаб қудрат ба гуфтораш диҳад.
Гиря дорад, дӯстам, аз гиря фарқ,
Талх бошад гиряи фарзанди Шарқ.
Асрҳо бигзашт шарқӣ зор-зор,
Шарқ шуд аз гиряи ӯ шӯразор.
Вақти бозӣ, вақти шӯхӣ, беибо
Мекунад Парвези мо ҳам гиряҳо.
Ҳар куҷо,
ки бача бошад, гиря ҳаст,
Лекин он гиря дигар, ин дигар аст.

Ҷони ширин, фарқ кун дар кӯҳсор
Селро аз обҳои чашмасор.
Дар ватан фарзанди мо бадбахт нест,
Модари ӯ ҳам зани сарсахт нест.
Дар диёри мо шуд одам арҷманд,
Шуд сари хамгаштаи занҳо баланд.

Ҳеҷ коре нест бе зан, хуб шуд,
Ифтихоре нест бе зан, хуб шуд.
Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,
Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.
Кард зан вазъияти моро дигар,
Чун насими тоза дохил шуд ба сар.
Чашми хоболудро бедор кард,
Ҷоҳилу гумроҳро ҳушёр кард.
Дур шуд зан – модар аз аҷзу ниёз,
Тифл дар гаҳвораи ноз аст, ноз.
Кӯдакон шодон қадафрозӣ кунанд,
Кайф карда хандаву бозӣ кунанд.
Шодии фарзанд чун афзун шавад,
Рӯи модар бештар гулгун шавад.
Саъй бинмо, то набинад насли мо
Баъд аз ин манҳус рӯзи ҷангро.
Саъй кун фарзандҳо олим шаванд,
Бар ҳама сайёраҳо ҳоким шаванд,
Хондаву эҷодкориҳо кунанд,
Халқро эъҷози нав савғо кунанд.

Ҷони ширин, як нафас осуда бош,
Як нафас чун ғунчаи бишкуфта бош.
Як нафас биншин ту дар паҳлӯи ман,
Як нафас хандида бингар сӯи ман.
Ёд кардам ҳарфи ширини туро,
Меҳрубониҳои дерини туро.
Гарчи пур шуд аз сафедӣ мӯи мо,
Гарчи пайдо гашт чин дар рӯи мо –
Орзу бисёр дорад дил ҳанӯз,
Ҷӯши ишқи ёр дорад дил ҳанӯз.
Орзӯ дорад, ки болу пар занад,
Гул ба мӯҳои сафеди сар занад.

Орзӯ дорад, ки бинад дурро,
Ҳикмати ояндаи машҳурро.
Хаймаи заррин занад бар рӯи моҳ,
Бар замин аз моҳ то созад нигоҳ.
Як нафас биншин, гапамро гӯш кун,
Суҳбати имрӯзаро пурҷӯш кун.
Аз сафар овардаам савғои хуб,
Ёди ёрон, ёди одамҳои хуб.
Ёди онҳое, ки ҷонон омаданд,
Дар ғами осудагии оламанд.
Гар ба онҳо дил диҳӣ, ҷон медиҳанд,
Ҷон ба роҳи аҳду паймон медиҳанд,
Бо ту то мурдан бародар мешаванд,
Дар ғаму шодӣ баробар мешаванд.
Сулҳ гӯӣ, мисли гул хандон шаванд,
Ҷанг гӯӣ, аз ғазаб тӯфон шаванд.
Пурҳарорат нест бе сулҳ офтоб,
Дар замин ҳам нест файзи беҳисоб,
Нест бахту нест парвози нишот,
Нест ин ҳусну латофат дар ҳаёт.
Халқҳоро ҳастии мо хуб шуд,
Давлати мо – давлати маҳбуб шуд.

Ҷони ширин, бин, чӣ сон сулҳ аст зӯр,
Бин чӣ сон шуд дӯстӣ моро зарур.
Шиква дорӣ, ки фалон бадгӯй зан
Таъна зад, писханд зад рӯзе ба ман.
Чун маро бинад, лабашро каҷ кунад,
Суҳбати бисёр талху фач кунад.
Гӯяд ӯ аз беваҳо ҳам бадтарӣ,
Шавҳарат ҳасту вале бешавҳарӣ.
Раҳми кас ояд ба танҳоии ту,
Рӯзҳо, шабҳо ба раҳпоии ту.

Ҷони ширин, ин қадар дигар маранҷ
Аз пиҷингу таънаи занҳои ланҷ.
Гар зане лаб каҷ намояд, ғам махӯр,
Менамояд ҳазл шояд, ғам махӯр.
Аз дугона сахт ранҷидан хатост,
(Дӯстонро ноз кардан ҳам равост).
Беҳтар он ки суҳбати дигар кунем,
Бо хаёли дӯстон гап сар кунем.
Ҷашни шоир Рӯдакиро ёд ор,
Доштӣ дар хона меҳмон бешумор.
Меҳмон аз дуру аз наздик буд,
Оламе дар хонаи тоҷик буд.
Рус омад, турк омад аз дарат,
Духтари ҳиндӣ нишаст андар барат.
Қомати ӯро сарӣ печонда буд,
Дар ҷабинаш холи ҳинду монда буд.
Кокули маъшуқаи ошиқнавоз
Буд мисли мӯйҳои ту дароз.
Чун зани тоҷик –
соҳибхоназан
Доштӣ пироҳани атлас ба тан.
Доштӣ дар сар хаёли меҳмон,
Аз чунин ташвиш будӣ шодмон.
Ёд дорӣ, ки ҳабаш биншаста буд,
Ӯ лаби нони туро бишкаста буд.
Дӯстро чашмони ӯ мекофтанд,
Сӯи ҳар кас чун шафақ метофтанд.
Ин писар аз кишвари Ангола буд,
Дар дилаш ғамҳои чандинсола буд.
Сарзаминаш гарчи дорад найшакар,
Гарчи хирман-хирман алмосу гуҳар,
Меҳмон аммо каси бечора буд,
Хушк – маҳкам мисли оҳанпора буд.

Аз ҷафоҷӯён шикоят дошт ӯ,
Ҳам шикоят, ҳам ҳикоят дошт ӯ.
Чунки ӯ медид дар атрофи хеш
Дӯстони бовафоро беш-беш.
– Ман сиёҳам, – гуфт, – авлодам сиёҳ,
Ин сиёҳӣ шуд ба мо гӯё гуноҳ.
Бо ҳабаш торикшаб ҳамранг шуд,
Ин ҷаҳон чун гӯр моро танг шуд.
Бандаҳои ҳалқабаргӯшем мо,
Зиндаҳои хонабардӯшем мо.
Хоҷагон аз мо ғуломон бурдаанд,
Симу зар ҳамён-ҳамён бурдаанд.
Мо на дар зери ҳарорат сӯхтем,
Балки аз зулму асорат сӯхтем.
Сӯхтем аз зарпарастони сафед,
Сӯхтем аз мулкдорони сафед.
Аз ҳабаш ҳастанд гарчи пурҳазар,
Гарчи месозанд дур аз мо гузар,
Гарчи бо мо ҳамтабақ ҳам нестанд,
Ҳамдабистон, ҳамсабақ ҳам нестанд,
Дур, аммо нестанд аз хоки мо,
Аз бари ганҷинаву амлоки мо.
Ҳақталошӣ мекунад акнун ҳабаш,
Менамояд зулмро вожун ҳабаш.
Вақти бедории Африқо расид,
Офтоби субҳи озодӣ дамид.
Дӯстро бисёр мехоҳем мо,
Беғараз ғамхор мехоҳем мо…

Ҷони ширин,
ин суханҳоро шунав,
Дардмандонро ту ҳам ҳамдард шав.
То даме ки золиму мазлум ҳаст,
Кас набояд лаҳзае беғам нишаст.

Он ки бо ёрони худ масрур буд,
Дӯсти ман, шоири машҳур буд –
Тихонов бо мӯйҳои сап-сафед
Кард табдил суҳбати моро ба ид.
Дӯстиро ман аз ӯ омӯхтам,
Кишвари дилро аз ӯ афрӯхтам.
Ман аз ӯ омӯхтам касби адаб,
Ҳам муҳаббат, ҳам рафиқӣ, ҳам ғазаб.
Метавонад ӯ ба дарди дигарон
Ёр гардад чун рафиқи меҳрубон.
Борҳо бо ӯ сафар кардем мо,
Сайри чандин баҳру бар кардем мо.
Регзорону биёбон дидаем,
Сардбарфу гармборон дидаем.
Кӯҳсоронро гузар кардем мо,
Бар нишебиҳо назар кардем мо.
Гоҳ дар зери сари мо санг буд,
Гоҳ манзил қасри Шоҳавранг буд.
Гоҳ медидем фавҷи одамон,
Гоҳ танҳо ахтарони осмон.
Гоҳ шаҳру гаҳ деҳот омӯхтем,
Алғараз, сирри ҳаёт омӯхтем.
Ёд дорам соли чилу нӯҳро,
Тай намуданҳои роҳи кӯҳро.
Дар сари раҳ Ҳиндукуш паҳлу кашид,
Аз бари домони мо ҳар сӯ кашид.
Мо ба зери кӯҳҳо пинҳон шудем,
Меҳмон дар қасри кӯҳистон шудем.
Корвон мерафт,
фарёди ҷарас
Мерасид аз кӯҳҳо бар гӯши кас.
Бехабар буданд аз мо Бомиён,
Сангпайкар, сангдил бутҳои он.

Офтоб аз мо панаҳ мекард рӯй,
Сояҳо карданд моро ҷустуҷӯй.
Боз шуд дарвозаи Искандарӣ,
Бе дами шамшеру зарби ханҷаре.
Дар шаби торик пеш омад «Дуоб»,
Меҳрубон шуд, дод бар мо ҷои хоб.
Кулбаи хаспӯшро тақдим кард,
Мизбон дар пеши дар таъзим кард.
Ҷои бистар бӯрё густурда буд,
Гар чароғе буд, он ҳам мурда буд.
Дар миёни хона гулхан даргирифт,
Шифти онро дуду хокистар гирифт…
Дудҳо чун ресмон печон шуданд,
Обҳои чашми мо резон шуданд.
Давра биншастем дар гирди алав,
Чой ҷӯшиду муҳайё шуд палав.
Бо ғазаб мезад ба бому дар шамол,
Гӯш кар мекард, монанди шағол.
Ҷанг бо сармо вале гулхан намуд,
Хонаро ҳам гарм, ҳам равшан намуд.
Соҳиби ин хона афғони ҷавон
Шодмон буд аз қудуми меҳмон.
Дӯстона меҳмондорӣ намуд,
То тавонист, ӯ ба мо ёрӣ намуд.
Хуб медонист, ки мо кистем,
Аз куҷо, дар ҷустуҷӯи чистем.
Балки ӯ мехонд дар симои мо
Достони ишқи беҳамтои мо.
Балки пай мебурд аз чашмони мо
Орзуи халқи ҷоноҷони мо.
Балки ӯ медид дар пеши назар
Кишвари маҳбуби моро ҷилвагар.
Балки тобон дид ӯ нури хирад
Дар нигоҳи шоири Ленинград.

Балки истиқболи кӯҳистони он
Аз миёни дуди гулхан шуд аён.
Балки ин афғони озодипараст
Мисли дил дар синаҳои мо нишаст.
Балки ӯ мегуфт: моён дӯстем,
Мисли ду мағзе, ки дар як пӯстем.
Бо шумо ҳамсояи деринаем,
Дӯстони беғараз, бекинаем.
Аз миёни хокҳои мо убур
Мекунад Омӯ ба мисли хатти нур.
Обро аз рӯшноӣ кун қиёс,
Дӯстонро бо нигоҳи дил шинос.
Чодари пашмин ба сар андохта,
Сар чу кӯҳи Ҳиндукуш афрохта,
Рафт афғон, ёди мо бо хеш бурд,
Дил ба мо, моро ба хоби хуш супурд.
То саҳар месӯхт гулхан кам-камак,
Хонаро мекард равшан кам-камак.
Бод мезад сар ба кӯҳу кӯҳсор,
Корвон мешуд ба рафтан интизор.
Дидаи мо сӯи оташпора шуд,
Хоб гум аз дидаҳо якбора шуд.
Боз ҳам омад ба сар ёди Ватан,
Ёди фарзанди азизу ёди зан.
Шоири маҳбуб бо мо ёр гашт,
Мо надонистем, ки шаб чун гузашт.
Дӯстро кас дар сафар бояд шинохт,
Метавон дилро ба ин сон дӯст бохт.

Ҷони ширин,
                    тоҷи сар кун дӯстро,
Ҷой дар мағзи ҷигар кун дӯстро.
Дӯстонро аз сафар овардаам,
Аз тамоми баҳру бар овардаам.

Омадам, дар Тоҷикистони азиз
То бубинам рӯи ёрони азиз.
То ба онҳо ман ҳикоятҳо кунам,
Маҷлиси хурсандие барпо кунам.
То бароям бар сари кӯҳсорҳо,
Сер бинам кишварамро борҳо.
То ба боғу бӯстонаш по ниҳам,
По ба сӯи водию саҳро ниҳам.
То тавонам халқро ёрӣ диҳам,
Аз зафар, аз фатҳ ахборе диҳам.
То ба гӯши дилбарон хонам суруд,
То бигӯям дӯстонамро дуруд.
То равам, дар тӯйҳо соқӣ шавам,
Талху ширин чун майи боқӣ шавам.
То ба халқам боз бахшам ҷӯши дил,
То гузорам бори нав бар дӯши дил.
То кунам таъзим мисли пахтачин,
Чорқат гардида бар сӯи замин.
То намоям гӯш ҳар як набзро,
Парварам то ҳар ниҳоли сабзро.
То шавам монанди дасти коргар
Ҳукмрони кӯраҳои пуршарар.
Қатрае аз чашмаи ҷӯшон шавам,
Заррае аз шуълаи тобон шавам.
Пас, чаро пурсанд баъзе дӯстон,
«Чандрӯза омадӣ ту меҳмон?»
Пас чаро гӯянд ёрон: «Марҳабо!
Меҳмони Тоҷикистон, марҳабо!?»
Меҳмон ман нестам, ёрон, ҳазар,
Аз чунин гапҳои ночаспон ҳазар.
Ман наям бегона дар ин сарзамин,
Ман наям дур аз диёри дилнишин.
Ман наям беошён паррандае,
Ман наям дар лаб тасодуф хандае.

Дар ҳамин ҷой аст манзилгоҳи ман,
Дар ҳамин ҷой аст равшан роҳи ман.
Дар ҳамин ҷо ман ба дунё омадам,
Дар ҳамин ҷо чашмбино омадам.
Дар ҳамин ҷо ёфтам авҷу камол,
Дар ҳамин ҷо зиндагии безавол,
Дар ҳамин ҷо шуд садои ман баланд,
Дар ҳамин ҷо дӯстро гаштам писанд.

Ҷони ширин, дар ҷавонӣ сохтем
Хонае ҳарду, ба ӯ дил бохтем.
Бингар, он торафт чун дигар шавад,
Хонаи тоҷик равшантар шавад.
Бингар, он оғӯш чун во мекунад,
Во ба сӯи халқи дунё мекунад.
Бингар, он чун бо ҳақиқат ёр шуд,
Дӯсташ ҳам дар ҷаҳон бисёр шуд.
Ҷони ширин,
                    аз саодатҳои ту
Худ гувоҳӣ медиҳад маъвои ту!

*1959*

*Ин достонро ба чилсолагии*
*республикаи азизи худ*
*Тоҷикистон мебахшем*
*Муаллифон*

# РОҲИ НУРИ ОФТОБ[1]

*Достони ишқи тоҷик ба бародари рус*

## Моҳи мизон

Магар дар моҳи мизон барф омад,
Сафед абре магар поён фаромад.

Магар барвақт субҳи нав дамидаст,
Ки сар то сар замин ин сон сафедаст?

Ба рӯи суффа зери токи ангур
Рухи духтарчае буд ғарқаи нур.

Валекин духтарак хобида эмин,
Лабаш ҷунбонда механдид ширин.

Ба паҳлӯяш китобу дафтараш буд,
Хаёли дарсу мактаб дар сараш буд.

Шуои офтоби бомдодон
Гузашта аз миёни сабз баргон,

Қитиқ мекард чашмони сиёҳаш,
Ки то бинад чи сон бошад нигоҳаш.

[1] Ин достон бо ҳамроҳии Боқӣ Раҳимзода навишта шудааст.

Ба каф мехост ё бардорад онро,
Ба мактаб бурда худ биспорад онро.

Барад ё бар сари кӯҳи баланде
Тамошо дода мулки дилписанде.

Ба ӯ гӯяд, ки ин боғ асту роғ аст,
Ба ӯ гӯяд, ки ин кохи чароғ аст,

Ба ӯ гӯяд, ки ин водӣ Ҳисор аст,
Душанбе дар дили ӯ пойдор аст.

Нигар, ин чашмаҳои кӯҳсоранд,
Нигар, ин рӯдҳои беқароранд.

Нигар, ин Вахшро, домони Панҷ аст,
Чӣ хуш доман, ки ӯ лабрези ганҷ аст.

На танҳо боғҳояш бешуморанд,
На танҳо меваҳояш шаҳдборанд,

Дар ин ҷо пахтаи абрешимин аст,
Пур аз тилло – пур аз нуқра замин аст.

Нигар, Боми Ҷаҳон – Помир дорем,
Ба мислаш пурҳашам тақдир дорем.

Ба водӣ тирамаҳ, ин ҷо баҳор аст,
Дилаш пурлаълу рӯяш лолазор аст.

Нигар, дарёи Сир дар баҳр резад,
Зи ҳар як қатрааш барқе ситезад.

Агар тақдир чун кӯҳ аст, лекин
Дар он шуд қуллаи тобанда Ленин.

Нигаҳ кун, шаҳри Ленин дар лаби Сир,
Шаҳодат медиҳад з-ин нек тақдир,

Худи Ленин дар ин ҷо хона дорад,
Чунин  Шарқи нави ҷонона дорад.

Бубин, шаҳри қадим аз нав ҷавон шуд,
Чароғон чеҳрааш чун Каҳкашон шуд.

Барам он ҷо, ки ҷои модари туст,
Дар он  ҷо нақши пои додари туст.

Дар он ҷо одамон меҳнатпарастанд,
Дар он ҷо духтарон байроқи дастанд.

Агар дар кӯҳсорон лола бинӣ,
Дар он ҷо зарбу доли пахтачинӣ.

Нигар бар куртасурхони сияҳмӯ,
Нигар бар тоби рӯю чанги абрӯ,

Нигар, рӯи ба обу тоби мардум
Зи сурхӣ  гашта ҳамчун нони гандум.

Ҳама бар киштии сабзанд моил,
Ба кори ӯ ҳама гардида қоил.

Паси рӯлаш агар як кас нишинад,
Ба ҷои сад- дусад кас пахта чинад.

Ҳар он кас, ки ба ин киштӣ савор аст,
Зафар онро ҳамеша интизор аст.

Фақат ингуна киштӣ метавонад
Зи кори сахт мардумро раҳонад.

Маҳи мизон, ки ин моҳи тарозуст,
Дами санҷидани маҳсули бозуст,

Ба ҳар коре баҳо монад тарозу,
Баҳои бехато монад тарозу.

Якеро шуҳрат афзояд тарозу,
Дигарро хиҷлат афзояд тарозу.

Касе к-ӯ ҳиммати бисёр дорад,
Ба хирман тонна-тонна бор орад.

Аз ин ҳиммат бувад осоиши мо,
Саодатмандии мо, поиши мо,

Ту ҳам донӣ, ҷаҳон ҳам нағз донад,
Ки ин давлат ба мақсудат расонад.

Бинои давлат одам кард бунёд,
Ҳамон одам, ки аз зулмат шуд озод.

Бирав, духтарча, ки роҳат сафед аст,
Ду чашмам дар раҳат, дил пурумед аст.

Бирав, ҷонам, ба пеши одамон рав,
Ҳикоятҳои онҳоро ту бишнав.

**Ҳикоят дар бораи
инженери истгоҳи барқӣ**

Дар яке аз деҳаҳои кӯҳсор
Гашт боло даҳшатафкан пои дор.

Марг дар поёни дор истода буд,
Аз барои қатл ӯ омода буд.

Дар забонаш номи Оллоҳу набӣ,
Дар кафаш Қуръону теғи ачнабӣ.

Дар кафаш шамшери занголуд дошт,
Қатл кардан деҳаро мақсуд дошт.

Босмачӣ дар ҷустуҷӯи қут буд,
Дар намуди гӯр буд, тобут буд,

Хост гирад пеши нури офтоб,
Хост пӯшонад ҳақиқатро ниқоб.

Хост, ки  аз ҷӯш монад чашмасор,
Хушк гардад оби дарё дар баҳор,

Хост аз нав шоми торик оварад,
Банду зиндон баҳри тоҷик оварад.

Сӯи мактабхонаи  қишлоқ рафт,
Чун балои ногаҳи офоқ рафт.

Хост гирад ҷони зебопайкаре,
Бегунаҳ ҷони муаллим духтаре,

Сӯхт  бас  ки чодари пурнангро,
Пеша карда донишу фарҳангро.

Хост гирад аз кафи духтар китоб,
Аз забони  ӯ суруди  инқилоб.

Дар гулӯяш ҳалқа карда  ресмон,
Бар сари дор оваридаш кашкашон.

Хост бандад чашмҳои шуълабор,
То набинад вақти ҷон додан диёр.

 Гуфт духтар: «Кун ҳазар аз хашми ман,
Қудрате набвад ки  бандад чашми ман!

Субҳи озодӣ, ки чун оғоз шуд,
Чашми ман аз хоби  ғафлат боз шуд».

 Ҷон супурду хам нашуд асло сараш,
Чун ливои боми мактаб пайкараш.

Зиндагии тоза мисли дасти ял,
Сахт бигрифт аз гиребони аҷал.

Донаи пошида аз  зери замин,
Рост шуд ҳамроҳи деҳқон аз камин.

Шуд қалам  дар дасти мактабхон синон,
Дар  шлеми Будённий - партизон.

Гашт шайпури пионер раъду барқ,
Галстукаш чун шафақ дар субҳи Шарқ.

Бо аҷал дунёи нав дар ҷанг шуд,
Хоки золим бод гашту чанг шуд.

Мактаби қишлоқ, мактаббачагон,
Мӯсафедон, ашкрезон модарон,

Бо сари хамгашта гуфтанд: «Алвидоъ,
Ёди ту моро диҳад дарси шуҷоъ».

Духтаре аз байни мардум дод зад,
Чун мубориз наъраи озод зад.

Чодарашро пора кард, андохт дур,
То нагирад парда дигар пеши нур.

Шуд баланд овозҳои офарин,
Ҳам садои тавба аз тағфори дин.

Аз ғазаб, аз хашм рӯи софи ӯ
Мавҷ мезад мисли оташ дар намӯ.

Духтари деҳ чордаҳсола ба син,
Чун муаллим гашт сарбози матин.

Дод бар дасти сабо мӯи дароз,
Шайхро афканд дар сӯзу гудоз.

Ин садо омад ба гӯш аз рӯи дор,
Паҳн шуд дар байни мардум чун шиор:

«Зиндаам кардӣ, мубориз хоҳарам,
Офарин, эй нури чашми кишварам!»

* * *

Як зане рӯи Пули Сангини Вахш,
Бохабар аз расму аз оини Вахш.

Истода нақшаи  нав мекашид,
Худ ба мисли мавҷи  дарё медамид.

Наъра мезад Вахш дар қаъри дара,
Пош дода обро чун шаршара.

Вахш мезад сар ба хоро ҳар нафас,
Чун паланги монда дар банди қафас,

То ки  аз ин тангно берун шавад,
Дар хиёбон хоҳари  Ҷайҳун шавад.

Дар канори Вахш зан истода буд,
Ақлу ҳушашро ба дарё дода буд.

Ин дара монанди оташхона буд,
Рӯд аз гармии он девона буд.

Кӯҳ  тафсон, растаниҳо сӯхта,
Чашм бар дунё ниҳолон дӯхта.

Аз ҳарорат ташналаб парандаҳо,
Тӯб-тӯб афтода, хуфта ҳар куҷо.

Одамон лабхушк, дарё дар канор,
Об бепарвою мардум интизор.

Дар  чунин вазъияти душвор гашт
Ин масал машҳури аҳли чӯлу дашт:

«Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,
Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем».

Ахтарон чун чашми тези кӯҳсор
Дар раҳи руди равон буданд чор.

Чашми зан ҳам шоҳиди наззора буд,
Фикри зан дар ҷустуҷӯи чора буд.

Чун чароғи иличӣ дар рӯи об
Ҷилвагар мешуд ба чашмонаш ҳубоб.

ГЭС- и Норакро, ки ҷойи боб ёфт,
Чархи онро дар кафи гирдоб ёфт.

Зан ба рафти об чашмашро ниҳод,
Солҳои рафтааш омад ба ёд.

Ёд овард аз фаранҷӣ растанаш,
Мисли ин дарё зи тангӣ ҷастанаш.

Босмачиву дор, хуни рехта,
Гуфтаҳои пайкари овехта:

«Зиндаам кардӣ, мубориз хоҳарам,
Офарин, эй нури чашми кишварам!»

Аз хаёли зан паёпай мегузашт,
Рӯи оянди шукуфон чӯлу дашт.

Шуъла хезад аз дили ин қасри пур,
То чароғистон кунад ҷоҳои дур.

Сафкашон симчӯбҳо дар ҳар тараф,
Нақши нав банданд дар боғи шараф.

Гарчи машҳуранд дар айёмҳо
Дар лаби Нили араб эҳромҳо,

Монда  аз фиръавнҳо чун ёдгор,
Ёдгор аз санъати мардони кор.

Ҳар заводе ки дар ин кишвар бапост,
Ёдгор аз зиндагии зиндаҳост.

Гарчи пӯшонид илми кимиё
Мурдаи фиръавнҳо аз мӯмиё,

Лек аз кори дигар сар мекунем,
Хокро аз кимиё зар мекунем.

ГЭС-и Норак қалби химкомбинат[1] аст,
Нури  арзон, ёрии беминнат аст.

Нав ба нав з-ин истгоҳи бошукӯҳ
Шаҳрҳо сабзанд дар оғӯши кӯҳ.

Барқи  Норак ҷаста чун тиру камон,
Мекунад фардои моро ҳам аён.

Рӯзҳои рафтаро зан ёд кард,
Ёди дарси Маскаву устод кард.

Олими машҳури халқи русро,
Пандҳои дӯсти дилсӯзро.

---

[1] Химкомбинат – корхонаи истеҳсоли нуриҳои кимиёӣ.

Олиме, ки Тоҷикистон дидааст,
Кишвари тоҷикро санҷидааст.

Ошно бо кӯҳу бо дарёи ӯст.
Саркашиву нозу истиснои ӯст.

Аз Пули Сангин гузар кардаст он,
Борҳо дафъи хатар кардаст он.

Инженерзан нақшаро такрор дид,
Гуфтаи устод бар ёдаш расид:

«Тоҷикон гӯянд: Аз даври қадим
Маънии Норак бувад «нори ҷаҳим»

Шояд ин афсонаи пешина аст,
Шиквае аз кулфати дерина аст.

Ҳарчи бошад, духтарам, иқдом кун,
Бабри кӯҳистони худро ром кун.

Вахшро бо майли худ ҷорӣ намо,
Аз бари Норак ба ҷаннат раҳ кушо.

Ҷаннати афсонавиро баъд аз ин
Одамон созанд дар рӯи замин.

Рав амал кун, ҷаҳд кун бо одамон,
ГЭС-и нав бунёд кун дар он макон»

Зан ба пеши шавҳараш омад, нишаст,
Нақшаро бикшоду бар он бурд даст.

Гуфт: ин ҷо ГЭС –и Норак мешавад,
Халқро рӯзи муборак мешавад.

Шавҳараш айнак гирифту зеҳн монд,
Нақшаро аз пеши чашмаш бигзаронд.

Сулфа карду рӯи худро бурма кард,
Кaҷ намуд лаброву гап нимғурма кард.

Гуфт: «Хонум, инженер!
– Пас ханда кард,–
Аз пайи ин нақшаи хомат нагард,

Ҳеҷ кас онро нагирад дар план[1],
Не раису не вазир, ҳатто ки ман.

ГЭС-ҳо бисёру ҷои сарф нест,
Балки дар ин бора ҷои ҳарф нест.

Ё ту мехоҳӣ, ки рӯи офтоб
Хира гардад аз чароғи беҳисоб.

Ё ту мехоҳи, ки ону ин кунӣ,
Аз электир кӯрпаву қолин кунӣ».

Аз ғазаб ларзид ҷисму ҷони зан,
Ашк шуд дурдона дар мижгони зан.

Гуфт: «Мардак, ақли худ бар ҷой мон,
Мову ту дар хона не, дар Госплон[2].

---

[1] План- нақша
[2] Госплон - идораи банақшагирии давлатӣ

Ман туро медонам аз рӯзи азал,
Бо ту мушкил кардани ин кор ҳал.

На ту рӯбоҳу на шери бешазор,
На уқобиву на  кабки кӯҳсор».

Зан бурун гардид, дар пӯшид сахт,
Шавҳараш ду даст бар сар монд тахт.

* * *

Москва дил мекашад аз ҳар канор,
Хоҳ аз водиву хоҳ аз кӯҳсор.

Мекашад дилро зи меҳри модарӣ,
Аз канори гарм чун ҷонпарваре.

Москва гардида аз нав рӯ ба рӯ,
Бо зани тоҷик дорад гуфтугӯ.

Дар биное, ки ҳақиқатгоҳи мост,
Мушкилӣ ояд агар, мушкилкушост.

Дар ҳамон ҷое ки Ленин ҳозир аст,
Худ  чу СК[1] дар сари мо нозир аст,

Зан ба дасташ нақшаву бо зинаҳо
Дилпурона мебаромад монда по.

Пеши  чашмаш қулфи Норак боз шуд,
Зери пояш нур  пояндоз шуд.

---

[1] СК – ЦК - КМ кумитаи марказӣ

## Ҳикоят дар бораи коммунист

Ҳикоят  мекунад марди коммунист,
Чиҳо диду чиҳо карду чи сон зист.

Ба дасташ ҳуҷҷату фармони нав дошт,
Ҳазорон фикри нав, паймони  нав дошт.

Ба ҷои нав, ба кори тоза мерафт,
Ба кори тоза беовоза мерафт.

Ҳамерафт ӯ  на баҳри худнамоӣ,
Ба кори мушкилу мушкилкушоӣ.

Ба каф ҳуҷҷат – нишони боварӣ буд,
Зи пешин хизматаш ёдоварӣ буд.

Ба роҳаш марди меҳнатпеша мерафт,
Ба сад фикру ба сад андеша мерафт.

Қадам мемонд, месанҷид ҳар бор
Гузашта умри худ такрор-такрор.

Зафармандӣ,
сарафрозӣ, сари хам,
Ба умри хеш дида шодию ғам,

Ба умри хеш дида ҳақшиносӣ,
Зи дасти туҳмати ноҳақ халосӣ.

Чи сон ин мард ҳақ гуфту ҷадал кард,
Ба ҳар як гуфтаи Ленин амал кард.

Ба зидди фитнаи мансабтарошон,
Ба зидди ҷоҳилон, давлатфиребон,

Мубориз гаштаву ноҳақ ҷазо дид,
Ҷазо аз «ошнои» беҳаё дид.

Хазида беҳаё аз роҳи иблис,
Ба зидди ҳақ ба даъвоҳои талбис

Ба ҷое корро овард нопок,
Ки то қалби коммунистро кунад чок.

Ситонад билеташро[1] ҳамраҳи дил,
Ба иғво, ҳақтарошиҳои ботил.

Васиятҳои Ленин кардаш имдод,
Ба майдони ҷадал ӯро фиристод.

Қадам мемонд қатъӣ,
бо ирода,
Ба партия[2] дили пурҷӯш дода.

Ба ёд овард ногаҳ шеъри шоир,
Ки дар он пахтаро кардаст тасвир.

На дар он маънии барҷастае буд,
На ташбеҳи нави шоистае буд.

Коммунист нағз медонист, меҳнат
Ба кас ҳам роҳат асту ҳам уқубат.

---

[1] Билет – дафтарчаи узвияти ҳизбӣ.
[2] Партия - ҳизб

Коммунист нағз медонист, ки чун
Рухи чӯлу биёбон гашт гулгун.

Биёбон шуд гулистон, гуфтан осон,
Валекин рафта  пурс аз марди деҳқон,

Чи сон заҳмат кашиду ӯ арақ рехт,
 Арақро ӯ чи сон бо хок омехт,

Ба шеъри бенамак писханд мекард,
Ба мӯяш пахтаро монанд мекард.

Ба боғи дилкушое сарзаминаш,
Лаби чоки биёбонро ба чинаш.

Диёрашро назар бинмуда мерафт,
Гаҳе осуда гаҳ н-осуда мерафт.

Ба чашмаш ҷилвагар шуд хонаву дар,
Зану фарзанд, ҳам бемор модар.

Чи сон розӣ кунад хушдоманашро,
Намояд гӯш ҷанҷоли занашро.

Зи нав кӯчидан аз як ҷо ба ҷое,
Зи нав анҷом додан корҳое.

Занаш мегуфт гӯё, ин чи ҳол аст,
Ки умри мо ба чанголи шамол аст.

Чи сон ӯ дил канад аз ҷою хона,
Зи ёру дӯст, ҳамсоя, дугона.

Чи сон аз мактаб, аз дарси муаллим
Барад фарзандҳоро вақти таълим.

Ба хона рафта мегӯяд, ки ёрам,
Намо шодӣ, калон гаштаст корам.

Вале донад, ки аз ин муждагонӣ
Занаш ҳаргиз насозад шодмонӣ.

Ба хона нисфи шаб оҳиста по монд,
Ба рӯи мизи корӣ папкаро[1] монд.

Дигарҳо хоб,  зан бедор монда,
Ба сӯи дар ду чашмаш чор монда.

Чунин буд коммунистро хонадорӣ,
Насибу қисмати зан - интизорӣ.

Ба рӯи хона оҳиста қадам зад,
Ба рӯи саҳфаи коғаз рақам зад.

Навозиш кард ҳамдам, ҳамсарашро,
Ба ҳар ҳолат зани тобоварашро.

Ба наздаш бо савол истод хомӯш,
Ба дасташ ҳуҷҷати нав дод хомӯш.

Ба хатту муҳри коғаз зан  назар кард,
Назар карду зи дил оҳе бадар кард.

Табассум кард, лаб накшод дигар…
Қавӣ шуд з-ин табассум рӯҳи шавҳар.

---

[1] Папка – парванда.

Ба сақфи хона чашмандоз гардид,
Авезон мӯзаи деринаро дид.

Ба ӯ ин мӯза мерос аз падар буд,
Тамоми умр бо вай ҳамсафар буд.

Гузашти умр дар ин мӯза медид,
Азобу кулфати дирӯза медид.

Дар он медид чанги бостонро,
Пур аз обила пои деҳқонро.

Ба ӯ мегуфт мӯза: дар ҳама ҳол,
Ба вақти пасту болоии иқбол,

Чи дар болои зин, чи дар таги зин,
Чи дар вазъияти осон, чи вазнин,

Чи дар ҳангоми меҳнат, фурсати нӯш,
Маро манмой аз ёдат фаромӯш.

Қадам мезад, ба сар фикри дигар дошт,
Ба дӯшаш бори вазнин бештар дошт.

Худаш дар хона, дил ҷои дигар буд,
Муқим онҷову инҷо раҳгузар буд.

Дар он ҷо аз чи бояд сар кунад кор,
Чи сон бо одамонаш карда рафтор.

Дар он ҷо халқ гуногунзабонанд,
Зиёд аз бист миллат одамонанд.

Кунад дил бо дили онҳо чи сон як,
Амал як, хулқ як, фикру забон як

Ҳамеша решаи дар об бошад,
Ҳамеша қатра дар селоб бошад.

Ҳамеша пора аз хуршед  гардад,
Ҳамеша пояи уммед гардад.

**Киштии дӯстӣ**

Бародар, рус, гӯши худ ба мо деҳ,
Шунав овози моро аз Душанбе

Навишта достонеро ба номат,
Душанбе мефиристонад саломат.

Шунав овози моро аз дили Шарқ,
Ки ӯ кардаст равшан манзили Шарқ,

Шунав овози мурғони  чаманро,
Садои кӯдакон,  зеби Ватанро.

Шунав овози шӯхи барраҳоро,
Насими марғзори дилкушоро.

Шунав овозҳои киштии сабз,
Шитоби пахтачину тиқ-тиқи набз.

Шунав овози Норак, Вахши пурҷӯш,
Ба овози машину парма деҳ гӯш.

Шунав савти бинокорони Норак,
Суруди кӯҳкан мардони Норак.

Суруд  аз мағзи дил хезад, нишинад,
Тамоми Шарқро гардад, бубинад.

Нишинад бар сари Соланги афғон,
Саройд сулҳро бо чанги афғон.

Нишинад дар  лаби кӯҳи Асуон,
Диҳад обе ба фаллоҳи биёбон.

Ба Африқо равад мисли кабӯтар,
Занад боли сафедашро ба ҳар дар.

Ба монанди табибони советӣ,
Ваборо дур андозад зи гетӣ.

Равад чун шеъри Ҳофиз болафшон,
Шавад бо назми ҳинду ишқи печон.

Нишинад бар лаби боми Бҳилай,
Бичӯшад ҳамраҳи фӯлод бо вай.

Бародар, рус! Рӯзи туйи мо аст,
Ду чашми дӯстон ҳам  сӯи мо аст.

Ба иди чилсола  Тоҷикистон,
Хабар кардем ёрону рафиқон.

Қазоқу украин, ӯзбек оянд,
Чу соҳибхонае аз дар дароянд.

Ҳама оянду бинанд ин маконро,
Макони нектолеъ тоҷиконро.

Ҳама дар гирди дастархон нишинем,
Нишоти идро бо ҳам бубинем.

Ту соқӣ бош, май якҷоя нӯшем,
Ба бахти ҳамдигар завқида ҷӯшем.

Туро дар партави Ленин бубинем,
Дар инҷо ҳамраҳи Ленин нишинем.

Ҳар он чизе ки бинҳодем имрӯз,
Ба дастархони  ин ҷашни дилафрӯз,

Зи файзи дӯстӣ, ҳамдастии мост,
Вафодорӣ, ба ҳам пайвастии мост;

Нишони дуду оташ дидани мост,
Даруни хоку хун ғӯтидани мост.

Гурусна, ташна, бехобӣ кашидан,
Лаби нони сияҳ якҷоя дидан.

Ҳар он чи дида шуд, ҳамроҳ дидем.
Дар ин раҳ ҷон супурда, ҷон харидем.

Гирифта байраќи сулҳу амонро,
Сафар кардем бо ту мо ҷаҳонро.

Накарда фарқ ирқу пӯст аз пӯст,
Ба ҳар як хонадон рафтем чун дӯст.

Ба мо партия ин сон болу пар дод,
Мароми дӯстӣ, фатҳу зафар дод.

Агар ин дӯстӣ бошад чу кӯҳе,
Набошад кӯҳро ин сон шукӯҳе,

Чаро ки кӯҳ ҳам аз боду борон
Шавад вайрон ба рафти рӯзгорон.

Агар он мисли истеҳком бошад,
Чу гӯё дар кафи айём бошад.

Агар он  чун дарахти сабз бошад,
Чу як қабза алаф дар қабз бошад.

Бувад ин дӯстии мо баробар -
Ба киштии фалакпаймои кишвар.

Бародар, рус, монанди капитон,
Барӣ ту халқҳоро то ба кайҳон.

Барӣ то кӯчаҳои пурситора,
Аз ин сайёраи равшанназора.

Ҳамеша зинда монад, то замин аст,
Бақои дӯстии мо чунин аст,

Чунин асту чунин асту чунин аст!
Ҳаёти мо ҳамин асту ҳамин аст!

*1964*

## САДОИ ОСИЁ

Осиё гӯяд сухан,
Овози онро бишнавед!
Мавҷи дарё,
ғурриши баҳри дамонро бишнавед!
Осиё бедор шуд, бедор,
тарки хоб кард,
Ростиву дӯстиро
оқибат дарёб кард,
Шеъри Ҳофизро ба ёд оред, –
дарди шарқро,
Нолаҳои зор-зору
оҳҳои сардро:
«Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳойил,
Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо».
Дар шаби торик,
бими мавҷ дигар Осиё
Аз сабукборони соҳилҳо надорад шикваҳо,
Мефишоранд аз таҳи дил
дасти онро дӯстон,
То сари онро расонанд аз замин бар осмон.
Рафт он давре ки одамро пур аз таҳқир буд,
Шабнишинро нуқли маҷлис
донаи занҷир буд.
Рафт давре, ки ҷудо буданд мисли чашмҳо
Халқҳо – ҳамсояҳо
дар сарзамини Осиё.
Меваҳо аз меваҳо
гиранд пайванди наве,
Гирад аз ҳамсояҳо,
ҳамсоя ҳам панди наве.

Рафт давре, ки садои Чин
                        намеомад ба гӯш,
Хуни дил мехӯрд ҳиндӣ –
                буд Ҳиндустон хамӯш.
Рафт давре, ки
        ба гирдаш индонезӣ хурд печ
Дар ғами як луқма моҳӣ,
                дар ғами як каф биринҷ.
Мешавад нобуд акнун
                        фирмаи ҷабру ситам,
Занг мебандад дар оби баҳр занҷири ситам.
Бирма чун боғи ҷавон
                майли шукуфтан мекунад,
Дар Сарандеб коргар
        ҷуръат ба гуфтан мекунад.
Осиё!
        монанди модар меҳрубонастӣ маро.
Муҳраи меҳри дилу
                беҳтар зи ҷонастӣ маро.
Осиёро ман ба чашми хештан санҷидаам,
Чеҳраи хандони фарзандони онро дидаам.
Дидаам садҳо нишони мозии манҳусро,
Аз қафои панҷара нолидани маҳбусро.
Аз намоишгоҳи Ханкоу гузарҳо кардаам,
Ёди деҳқонони Чинро
                дар дилам овардаам,
Ғоиб аз чашмам намегарданд мазлумон ҳанӯз,
Теғу шамшеру камону
                кундаву зиндон ҳанӯз,
Сангдил жандармаву
        фармони сардорон ҳанӯз,
Даҳшатафкан,
        ларзаафкан
                ҳайкали хоқон ҳанӯз.

Дар намоишгоҳ дидам
чорпоя моларо,
Садямоқӣ ҷомаҳои пораи садсоларо.
Аз даруни синаи деҳқон
дилеро кандаанд,
Саркашонро дар таги чоҳи сияҳ
афкандаанд.
Духтари даҳсоларо
дар деги ҷӯшон пухтаанд.
Метавонам оварам ин қиссаҳоро
чанд-чанд...
Зинда бошад,
зинда бошад, ин ҷавондухтар ҳанӯз,
Мебарояд чун шафақ
дар пешвози субҳи рӯз.
Ӯ садои Чин бувад,
ӯ шуълаҳои Осиё,
Халқҳои рӯи оламро расонад ин нидо:
– Зиндаам,
чунки Ватан нӯшид аз оби ҳаёт,
Мегузорад по ба роҳи бахт
бо азму субот.
Киштзороне, ки зери бор сар хам кардаанд,
Бар суруди ман
суруди тозаро зам кардаанд,
Месароям
ман ба базми дӯстдорони замин,
Дар замини навҷавонгардида,
дар оғӯши Чин.
Ман суруди Осиёям,
қитъаи огоҳдил,
Қитъае, ки кард қомат рост
аз болои гил.

Ман суруди коргар –
муздури бандаргоҳҳо,
Ҳамдами дарёнавардон,
посбони роҳҳо».
Осиё ҳамроҳи Африка сухан оғоз кард,
Бо ду дасти худ
дари иқболи худро боз кард.
Осиё гӯяд сухан
аз печу тоби рӯди Нил,
Аз булӯрин қатраҳои сард-оби рӯди Нил.
Руди Нил ояд ба хоки Миср аз роҳи дароз,
Реги саҳро рӯ ниҳад
бар Нил бо аҷзу ниёз.
Бо хати хоно навиштанд
аз замонҳои қадим
Ташнагон дар санги хоро мадҳи дарёи азим:
«Нил агар саршор бошад,
лаб занад,
ҷӯшад,
дамад,
Ризқи фаллоҳон фаровон,
баҳрашон ояд мадад.
Нил агар хоҳад,
ба ҳар кас медиҳад ҷоҳу ҷалол».
Мисриёнро зистан бе Нил?
ин амри маҳол!
Мардуми ин сарзамин
дар рӯзи мотам,
рӯзи тӯй,
Мекунад бо меҳрубон рӯди бузургаш гуфтугӯй,
Модарон оранд тифлонро ба назди оби рӯд
Бо таваллову тазарруъ
бо салому бо суҷуд.

Орзу доранд, ки фарзандашон монанди Нил
То абад пурҷӯш бошад,
арҷманду софдил.
Ассуан лабташнагони Мисрро ёрӣ кунад,
Дар биёбон обҳои Нилро ҷорӣ кунад.
Дар забон орад араб
шодона Аттаҳрирро.[1]
Нек бинад
чеҳраи ояндаи тақдирро.
Аз гашти рӯзгори бад
бузургон гуфтаанд,
Дурри маъниро ба сӯҳони тафаккур суфтаанд:
«Саъдӣ, ту бирав ҳайма ба гулзори дигар зан,
К-ин меваи боғи ту ба тороҷ расидаст».
Шарқ акнун шод бошад аз самар, аз бори худ,
Хаймаи худро занад
дар гӯшаи гулзори худ.
Шарқ боғашро намояд ҳифз аз ғоратгарон,
Аз ҳуҷуми гармселу
офати боди хазон.
Аввалин бор аст, ки чун офтоби нав-тулӯъ,
Шери сангин[2]
пардаи асрор бардорад зи рӯ.
Шери сангин пардаро бардошт...
Раъду барқ хест,
Аз Сувайс омад садои халқ:
«Мебоист зист!»
Бо ҳамин ният садои Осиё ояд баланд,
Бо ҳамин ният намояд пора занҷиру каманд.
Бо ҳамин ният ба Деҳлӣ омаданд аз ҳар канор
Ходимони бешумори Осиёи номдор.

[1] Аттаҳрир – озодӣ, номи мавзее, ки дар он ҷо даштҳои нав обёрӣ кардашуда, деҳаҳои нав барпо карда шудаанд.
[2] Шери сангин – сфинкс, булҳавл.

Бо ҳамин ният занони Ҳинд шамъ афрӯхтанд,
Ҷабҳа рангин карда дар каф уду маҷмар сӯхтанд.
Бо ҳамин ният гузар карданд аз паҳлӯи мо,
Кӯдакон дар даст гул,
Бардошта бозичаҳо.
Гӯш кардам Шаркро,
ҳам Нилро, ҳам Гангро,
Нармдил хоку замину
пуртаҳаммул сангро.
Гӯш кардам...
Варзиши рӯди равон омад ба ёд.
Деҳаи ман,
дар Ҳисори шодмон омад ба ёд,
Қуллаҳои барфпӯши кӯҳсоронаш ба ёд,
Чашмаҳои нуқрамонанди хурӯшонаш ба ёд.
Рӯди қишлоқи ман
аз оҳу сабуктар меравад,
Дар шаби маҳтоб
сина пур зи ахтар меравад.
Кокулафшонанд
маҷнунбедҳо дар ин диёр.
Шуълаафшонанд
сафҳои чароғони Ҳисор.
Махмалин,
абрешимин,
кишту зироат дорад он,
Бо саодатҳои бепоён фароғат дорад он,
Ин саодатро надонистанд аҷдодони ман,
Шуд насиб ин бахт, –
ин даврон
ба фарзандони ман.
Рӯди хурди деҳаи ман
ҷасту хезе мекунад,
Осмони Тоҷикистон рангрезӣ мекунад.

Радиои Москва вақте ки мегӯяд суруд,
Кӯдакон рақсанд хандон
дар лаби рӯди кабуд.
Рӯди хурди деҳаи ман
рӯди пуршӯр аст, шӯр,
Бо садои рӯдҳои Осиё
ҷӯр аст, ҷӯр.
Ман ба ин рӯди азизам
меҳри дилро додаам,
Ҳамраҳаш дар кӯҳсорон
роҳи нав бикшодаам.
Аз лаби ин рӯд,
аз қишлоқи ҷоноҷони ман
Сар шуд овози дили ман, –
мурғи хушилҳони ман.
Бо садои Осиё ҳамроҳ шуд,
ҳампой шуд,
Дар сафи эҷодкорони саодат ҷой шуд.
Метавонад ҳар касе, ки зӯр шуд,
ғолиб шавад,
Молу мулки дигаронро ояду соҳиб шавад,
Моҳиёнро метавонад,
ки наҳанг орад ба ком,
Баҳри бетак рӯдҳоро дам кашад чун май зи ҷом.
Нест аммо қуввае, ки азмро орад завод,
Рӯҳи озодипарастонро намояд поймол.
Баҳри озодӣ садои Осиё омад ба гӯш,
Хуни халқи Осиё омад ба ҷӯш,
Омад ба ҷӯш!
*1956*

## АЗ ГАНГ ТО КРЕМЛ

Ман  ҳасад мебарам ба ҳиндуе,
Ки  ба уммеди рӯзи некӯе

Тарк бинмуд зодгоҳашро,
Манзилашро, ҷалолу ҷоҳашро.

Шарқсанҷию ғарббинӣ кард,
Дар ғами Ҳинд шабнишинӣ кард.

Ҳиндуе, ки ба ёди истиқлол
Пеш мерафту марг аз дунбол.

Ҳиндуе, ки  ба боргоҳи Кремл
Омад аз Ҳинд дар паноҳи Кремл.

Ҳиндуе, ки расид аз раҳи дур
То ба қасри Кремл – қасри нур.

Меҳмон дар ҳузури Ленин шуд,
Ҳамнишин, ошнои дерин шуд.

Ман ҳасад мебарам ба марди ҳинд,
Ки  ба Ленин бигуфт дарди Ҳинд.

Дасти ӯро гирифту сахт афшурд;
Арзи Ҳиндустон ба ӯ биспурд.

Ҳиндуе, ки дар изтироб афтод,
Дар дили баҳр чун ҳубоб афтод.

Қатра шуд, рӯд шуд, равон гардид,
Садшикан сели бекарон гардид.

Ҳиндуи порсо, дуогӯе,
Шуд мубаддал ба шахси ҳакҷӯе.

Зад қадам аз ҷануб то ба шимол,
Ёфт роҳи Кремли некаъмол.

Ҳиндуе, ки дар остони Кремл
Рӯ ба рӯ шуд ба посбони Кремл.

Ҳиндуе, ки нишаста бо Ленин,
Гуфт озод ғуссаи дерин.

Ҳиндуе, ки шунид ҳарфи «рафиқ»
Аз худи Ленин – одами мушфиқ.

Ман ба ин ҳиндуи саодатманд,
Хондам аҳсант бо садои баланд.

Уфтодам ба ҷустуҷӯи он,
Ба суроғи диёру кӯи он.

Дидани рӯяш орзӯ кардам,
Ҳиндуи хеш  ҷустуҷӯ кардам.

Қасд кардам,  ки боядаш бинам,
Дар бараш мухлисона биншинам.

Бингарам рӯяшу дилаш хонам,
Аз худаш пурсам, аз худаш донам.

То ба ин ҳиндуи адолатхоҳ
Гӯям аз дил: сафед бодат роҳ.

Хоҳам озодтар кашӣ нафасе,
Ба муроду ба мақсадат бирасӣ.

Ба дили ҳиндувон қарин ҳастӣ,
Пешвои муҳоҷирин ҳастӣ.

**Забони ширин морро
аз хонааш бадар созад**

Бо Ҳимолой рӯ ба рӯ Пратап
Истода баланд мезад гап:

Рафт бисёр соли умри ман
Баҳри озодию наҷоти ватан.

Дар фироқи ватан кабоб шудам,
Чун яхи кӯҳсор об шудам.

Оташ афрӯхт зулму истеъмор,
Мардум аз даст дод сабру қарор.

Дар ҳама ҷой шӯру балво хест,
Баҳр ҷӯшиду мавҷи дарё хест.

Ҳама омодаи ҳуҷум шуданд,
Чун спартакчиёни Рум[1] шуданд,

Чашми мардум ба ғайр дӯхта буд,
Ҳар куҷо бӯи уди сӯхта буд.

Дар ғазаб уфтода шаҳру деҳот,
Ҳама гуфтанд: ку наҷот, наҷот?

[1] Ба маънои Рим омада

Рӯйро ман ба шаҳр овардам,
Ба насиҳат забон баровардам:

Хун нарезад, дӯстон, зинҳор,
Ки  зи хун рехтан замин безор.

Пеши бегонагон ҳалим шавед,
Дилу ҷон тозакун насим шавед.

Ҳарфи ширин силоҳи хеш кунед,
Нӯш талқин ба ҷои неш кунед.

Лафз дар даҳан шакар гардад,
Мор аз хонааш бадар гардад.

Ёд доред панди деринро:
«Набарад об санги вазнинро».

«Мард бояд, ки дар кашокаши даҳр
Санги зерини осиё бошад»

Хасм чун оташ асту ҳамчун дуд
Бояд аз дидаҳо шавад нобуд.

Гарчи  шамшер теғи хунрез аст,
Дар дами офтоб гулбез аст.

**Ҳикояти мурғи тазарв**

Дар ҳамин дам тазарв, мурғи чаман,
Ҷилвагар шуд ба пеши чашми ман.

Дар ҳаво шод болу пар мезад,
Бехабар бол аз хатар мезад.

Дар дами офтоб рангин буд,
Пару болаш тамом заррин буд.

Мурғи даштии арғувонминқор
Ғӯта мезад ба чашмаи анвор.

Фахр мекард мурғи фориғбол,
Аз чунин бахту давлати иқбол.

Ногаҳон аз паяш уқоб омад,
Сайдро дида бошитоб омад.

Ба шикори тазарв панҷа кушод,
Сайд аммо гурехт аз сайёд.

Дар чаманзор ӯ ниҳон гардид,
Бешаи сабз посбон гардид.

Бешаи чормағзҳои какос,
Ананас, найшакар, дигар аҷнос.

Беҳтарин ҷои сайдгоҳ бувад,
Аз ҳама чашми бад паноҳ бувад.

Раҳмам омад ба ҷонвари озод,
Ба ғазаб омадам, задам фарёд.

Эй даранда, уқоби бадфарҷом,
Аз чӣ нагзоштӣ тазарв ором?

Мурғи бечораро гурезондӣ,
Аз ҳавои фараҳфазо рондӣ.

Нестӣ з-ин масал магар огоҳ,
Ки фитад чоҳкан ба зери чоҳ!

## Ҳуҷуми духтарон

Гарчи ҷабру ситам надошт ҳисоб,
Гарчи меомад аз ҷигар хуноб,

Одам аз зиндагӣ нагардад сер,
Дар ҳама ҳол ҷӯяд он тадбир.

Одамӣ  мисли оламе будаст,
Баҳри ғам, кӯҳи хуррамӣ будаст.

Як тараф гар бувад азодорӣ,
Сӯи дигар ба ид тайёрӣ.

Тӯй дар кӯчаву хиёбон буд,
Шаби  хушбахтии арӯсон буд.

Филҳо пеш-пеши  саф буданд,
Гӯшҷунбон ба зери даф буданд.

Мутрибон, ҳофизони филсавор
Дар қабои  наву ба сар дастор.

Тор дар дасту табл монда ба пеш,
Ғарқи кайфияту ҳаловати хеш.

Нағмапардози рӯзи тӯй буданд,
Рӯҳбахшои аҳли кӯй буданд.

Аз қафо дар машина рӯи арӯс
Буд монанди шамъ дар фонус.

Аз ду сӯ  ду дугона биншаста,
Мисли гулбуттаҳои навраста.

Гирду атрофашон пур аз гул буд,
Гул авезон ба тори кокул буд.

Номашонро навиштаанд ба гул,
Худашонро сириштаанд зи гул.

Ба саломи арӯси ёрнавоз
Омаданд одамон ба аҷзу ниёз.

Омаданд ошно ҷавонон ҳам,
Ошиқони  зи чашм пинҳон ҳам.

Лаби зебоарӯс хандон буд,
Гули  хандони наварӯсон буд.

Шомро дидааш саҳар мекард,
Кокулаш бодро хабар мекард.

Шоду ношод, ҳарчи бодобод,
Меравад ӯ ба хонаи домод.

Ишқи  дигар ба ӯ ҳаром шавад,
Давраи духтарӣ тамом шавад.

Буд имшаб шаби саодати ӯ,
Шаби гул кардани муҳаббати ӯ.

Модараш буд дар бараш ҳайрон,
Қатраи ашк дар сари мижгон,

Бо ду дасти адаб барад модар
Духтарашро ба хонаи шавҳар.

Модар аз ҳамдамаш ҷудо гардад,
Роздон, маҳрамаш ҷудо гардад.

Мӯи онро дигар кӣ шона кунад?
Кӣ дигар рӯбучини хона кунад?

Духтар азбаски синаи раҳм аст,
Дили модар мудом дар ваҳм аст.

Аз пасаш духтарон равон буданд,
Нозанин чилдухтарон буданд.

Ҳама сар то ба пой олуфта,
Ҳама монанди нуқраи суфта.

То миён рафта мӯй як даста,
Абрувони сиёҳи пайваста.

Зада гулро ҳама ба нарми гӯш,
Сарӣ дар қадду як сараш бар дӯш.

По ниҳанду садо диҳад халхол,
Ки ту ҳам мерасӣ ба рӯзи висол.

По ниҳанду садои ҳалқаи гӯш
Гӯяд ин, ки шароби васл бинӯш.

По ниҳанду замини куҳнадиёр
Шод аз духтарон шавад бисёр.

Ин ҳуҷумест, ки кунанд озод
Духтарон шаб ба хонаи домод.

Ҷонситон аст гарчи зулми замон,
Зиндагӣ зӯртар бувад аз он.

Меравад барфу кӯҳ мемонад,
Доғ рафта шукӯҳ мемонад.

**Нидои замин**

Печ дар печ буд мавҷи Ганг,
Боди саҳро даме ки мезад чанг.

Оби рӯди муқаддаси ҳиндӣ
Мезад аз қаҳр сар ба ҳар банде,

Яъне дарёи софи хулди барин
Об мезад ба сӯхтори замин.

Пратап сӯи Ганги ноором
Ронд маҳмил ба эътиқоди тамом.

Пойҳоро ба марзи соҳил монд,
Дастҳоро ба сандуқи дил монд.

Гуфт:
Эй Ганг, мо ки месӯзем,
Аз чӣ шабро зи хеш н-афрӯзем?

Ту ки мавҷат ниҳон дар об кунӣ
Ба куҷо ин қадар шитоб кунӣ?

Сабр кун, рӯди Ганг – оби биҳишт,
Донаеро касе ҳанӯз накишт,

Дар гирифтаст хирмани деҳқон,
Аз қадамҳои ин ҷаҳонгирон.

Гӯш кун, даъват аз замин ояд,
Нолаи мудҳишу ҳазин ояд.

Гӯш кун, ки замин чӣ мегӯяд,
Аз ватанпарварон чӣ меҷӯяд?

Даъват ояд, ки зуд, фарзандам,
Хез аз ҷо, раҳо кун аз бандам!

Зуд бархез, рас ба фарёдам,
То нагардад ғулом авлодам!

Даъват ояд, ки зуд аз поям
Гир занҷир,
                    як дам осоям!

Даъват ояд,
                    ки дасти бегона
Ром кардаст ҷуғзи вайрона.

Аз замин чун нидо ба гӯш омад,
Дар бадан хуни мо  ба ҷӯш омад.

Дар дил озодӣ орзу кардем,
Давлати «Бахт»[1] ҷустуҷӯ кардем,

Давлатеро, ки  то кунад инъом
Бахту иқболро ба хосу ом.

---

[1] Пратап ҳукумате бо номи «Бахт» таъсис карда буд, ки дар он ҳамаи ирқу нажодҳо ва синфу мазҳабҳо бетафриқа баробар буданд.

Бо Ҳимолой илтиҷо кардем,
Каф ба каф мондаву дуо кардем:

Давлати «Бахт» дар куҷо бошад?
Дар замин ё ки дар  фазо бошад?

Ту ки  як кӯҳсори номварӣ,
Аз ҳама кӯҳҳо бузургтарӣ,

Шиваро[1]  ту ба мо ато кардӣ,
Заҳр нӯшондаву  худо кардӣ.

Аз паси абрҳои қуллаи ту,
Лакшми [2] кард чун ситора нумӯ:

Хез аз ҷову раҳнамоӣ кун,
Ё дигар тарки худситоӣ кун.

Эй Ҳимолой,
                    кӯҳи сар ба фалак,
Ҳам ба инсон муҳибу ҳам ба малак,

Бахту  иқболро намоён кун,
Шаби торикро чароғон кун!

Абрро аз сарат парешон кун,
Қуллаи хешро дурахшон кун!

Як  ба Ҳиндустон назар андоз,
Пора-пора намой пардаи роз.

---

[1] Шива яке аз эзадҳои бузург дар асотири ҳиндуӣ, ки гӯё барои наҷоти инсонҳо захр нӯшидааст.
[2] Лакшми – эзадбонуи зебои ва саодат дар асотири ҳиндуӣ.

Зиндаро дидай,
ки беватан аст?
Мурдаро дидай, ки бекафан аст?

Зинда машғули гулханафрӯзист,
Мурда дар ҳоли ҷисму тансӯзист.

Ганги пурмавҷ устухон шӯяд,
Моҳии гурсуна[1] ғизо ҷӯяд.

Деҳрадун зодаи Ҳимолояст,
Шаҳри сабзу ҳуҷиста маъвояст.

Деҳрадун гарчи дур аз Ганг аст,
Лек бо рӯди Ганг ҳамранг аст.

Деҳрадун сабзу оби Ганг зулол,
Ҳарду ҳамқисматанду ҳамомол.

Ҳарду нӯшанд оби як чашма,
Ҳарду таъбири хоби як чашма.

Бо Ҳимолой ҳарду пайванданд,
Кӯҳро ҳарду ҷуфт фарзанданд.

Рӯди Ганг – оҳуи рамидаи кӯҳ,
Деҳрадун – синаи даридаи кӯҳ.

Эй Ҳимолой, аз чӣ хомӯшӣ?
Дар ғами Ҳинд ё ки мадҳушӣ?

---

[1] Гурсуна- гурусна

Ё ба тан ҷомаи азо пӯшӣ?
Ё ту ҳам марди хонабардӯшӣ?

Дар сарат гарчи ҷунбиши абр аст,
Дилат аммо муҳити пурсабр аст.

Раъдро, баркро чу дарёбӣ,
Бо ду сад ранги тоза метобӣ.

Боз гардад насим аз нафасат,
Бабр гардад ҳалим дар қафасат.

Ба тавоноии ту тан додем,
Мисли Ҳиндустон ватан додем.

Қудрати хешро намоён кун,
Мушкилоти ватан ту осон кун.

Гар тавонӣ, намой истиқбол
Зудтар офтоби истиқлол.

Ҳама гӯянд, ту ду дар дорӣ,
Дар паси сар дари дигар дорӣ,

Ҳар кӣ гардад агар ба гирди сарат,
Во ба рӯяш шавад дари дигара -

Во ба рӯяш шавад дари шодӣ,
Дар ба сӯи ҷаҳони озодӣ.

Вақти он шуд, ки дар сафар бошем,
То аз ин даҳр бохабар бошем.

Аз сари қуллаат гузар созем,
Ба қафои сарат назар созем.

То бубинем олами дигаре,
Боғи дилшоду рӯи сабзпарӣ…

## Дар роҳ

Шаби бисёрро саҳар кардам,
Фикру андешаи сафар кардам.

Ба суроғи ҳақиқат афтодам.
Ба ғарибӣ дубора тан додам.

То равам ман ба сайру гашти ҷаҳон,
Ҷустуҷӯ карда бахти Ҳиндустон.

То бубинам, чӣ гуна оламиён
Мушкили хеш мекунанд осон.

То бубинам,
ки дигарон чунанд,
Бинам аз ҳиндувон чӣ афзунанд.

Чанд тан дӯстони ҳамватанам
Қуввати дил шуданду ҷон ба танам.

Бо ман онҳо чу ҳамсафар гаштанд,
Хатар ояд агар, сипар гаштанд.

Бо ман онҳо, ки ҳамирода буданд,
Сар ба роҳи ватан ниҳода буданд.

Марди олам Баракатулло буд,
Лаълу ёқути тоҷи сарҳо буд.

Шахси донову нуктасанҷе буд,
Махзани ақлу кони ганҷе буд.

Ӯ ба кулли башар садоқат дошт,
Ба ғаму ранҷ сабру тоқат дошт.

Кард даъват: Ҳама тифоқ шавед,
Душмани кинаву нифоқ шавед.

Фарқ дар байни синф, мансаб нест,
Насабу наслу дину мазҳаб нест.

Мақсади мо бародарӣ бошад,
Якдиливу баробарӣ бошад.

Дӯсти дигарам Убайдулло
Буд марди далер, марди Худо.

Дар сафарҳо асои ман гардид,
Дарди ман, ҳам давои ман гардид.

Ҳама аз шавқи роҳ ҷӯшидем,
Як каф аз оби Ганг нӯшидем.

Ҳама гуфтем Шиваро падруд,
То шавем аз ҳидояташ масъуд.

Ба Ҳимолой сар фурӯ кардем,
Ғусл кардем, шустушӯ кардем.

Ба ватан хайр гуфтаву рафтем,
Сари худро гирифтаву рафтем.

Рӯ ниҳодем мо ба сӯи  шимол,
Пеш рафтем, марг аз дунбол.

Гоҳ лаб баста гоҳ  бо суҳбат,
Гоҳ  осону гоҳ  бо заҳмат,

Гоҳ пои пиёда, гоҳ савор,
Гоҳ  лангону гоҳ лочинвор.

Кӯҳҳо ошнои мо  буданд,
Сарашон зери пои мо буданд.

Кӯҳро гарчи раҳ хатарнок аст,
Лек боду ҳавои  он пок аст.

На фақат  дар  бағал аҷал доранд,
Балки роҳатрасон маҳал доранд.

Гарчи ҳастанд бешаҳо хомӯш,
Лек дарёву чашмаҳо пурҷӯш.

Шаршари рӯдхонаи кӯҳсор
Мерасад чун садои мусиқор.

Пайкари  кӯҳ гарчи   аз хорост,
Дилаш аммо хазинаи дунёст.

Дар назар кӯҳ гӯиё хоб аст,
Дар дилаш ҷанги оташу об аст.

Кӯҳро кӯҳгард донад хуб,
Қаҳрамонро набард донад хуб.

Мечакад қатрае, ки аз сари санг,
Менамояд хароб пайкари санг.

Гарчи  тӯфон намекунад асараш,
Лек вулқон кунад хароб сараш.

Гар намоӣ садои худ боло,
Диҳадат кӯҳсор акси садо.

Кӯҳ ҳам ҷону ҳам забон дорад,
Хос бар хештан ҷаҳон дорад.

Роҳ рафтем, роҳ паймудем,
Гар раҳе баста буд, бикшудем.

Дур рафтем аз диёри худ,
Аз бари ғамгусор ёри худ.

Ватан аз пушти сар ба мо  мегуфт:
Нагзаронед умри  худро муфт.

Ҳама дам дар хаёли ман бошед,
Паи озодии ватан бошед.

Балки ин буд даъвати модар,
Ба писар, ҷонишини хуби  падар.

Даъвати он арӯси зуҳраҷабин,
К-аз лабаш дод бӯсаи ширин.

Балки ин даъвати шаҳидон буд,
Даъвати мардҳои майдон буд.

Роҳ рафтем, қуллаи Хайбар
Шуд намоён чу садди Искандар.

То ҳамин ҷост ҳадди истеъмор,
Ҳадди зулму тааддию озор,

Ҳадди ғоратгарони бегона,
Ҳадди он ҷуғзҳои вайрона.

То ба ин ҷой мондаанд нишон
Доғи ҳасрат ба узви Ҳиндустон.

То ба ин ҷо расида поҳояш,
Пои бисёрасра яғмояш.

Баъд аз ин сарзамини афғон буд,
Кӯҳу водии номдорон буд.

Ман шунидам, ки борҳо ин хок
Дод бар хок душмани нопок.

Мардумонаш далеру бебоканд,
Ҷону дил бохта ба ин хоканд.

Гар адӯ сар халад ба ин кишвар,
Нохалаф мешавад ҷудо аз сар.

Хасм хоҳад замини афғонро,
Ба саломат намебарад ҷонро.

Кишвари дӯстдори истиқлол
Нагузорад, ки кас  кунад помол.

Ҳар як афғон далер сарбоз аст,
Дар масофи шадид мумтоз аст.

Кӯҳ бардошта сар ба ёрии ӯ
Санг ҷар шуд ба дастёрии ӯ.

* * *

Ҳар  паси қулла як камингоҳест,
Ҳар  буни  бутта як ватанхоҳест.

Кӯҳ кардаст зери  хок ниҳон
Қабрҳои зиёди аҷнабиён.

Пратап дид, ки раҳаш чун аст,
Қатли хасм аст, ҳавзаи  хун аст.

Роҳи шаъну шараф нигаҳдорист,
Роҳи баҳри ватан вафодорист.

Дид он бешумор қабристон,
Қабрҳои ғаними Ҳиндустон.

Қабрҳои шиканҷаву занҷир,
Қабрҳои ҳақорату таҳқир,

Қабрҳое, ки  солҳои сол
Карда буданд  Шарқро помол.

Дид бо чашми худ ҳамон зӯрӣ,
Сабаби  ин фироқу маҳҷурӣ.

Пратап аз ду китф бор гирифт,
Дар ҳамин мамлакат қарор гирифт.

Дар ҳамин сарзамин паноҳ овард,
Арзи худро ба пеши шоҳ овард.

**Ҳукумати Пратап**

Дар Мазори Шариф, дар Кобул
Пратап кард номи худ маъмул.

Дур аз Ҳинд як ҳукумат сохт,
Муҳри худ сохт, байрақаш афрохт.

Дӯст гардид бо Амонулло
Ғолиб оем, - гуфт,- иншолло!

Хидмати ман ба халқ арзонист,
Давлати ман умумиинсонист,

Давлати додхоҳу додрасе,
Нарасонад халал касе ба касе.

Ҳама ғамхори якдигар бошанд,
Эмин аз хавфу аз хатар бошанд.

Ҳама нӯшанд об аз як ҷӯ,
Ҳама як саф зананд дар як сӯ.

Ҳама аз қатраҳои як баҳранд,
Ҳама сарсабз з-оби як наҳранд,

Аз Мазори Шариф кард равон,
Дафтари раҳнамо ба Ҳиндустон.

Ӯ  фиристод номаву дастур
Ба тамоми муборизони ҷасур.

Кард даъват, ки иттиҳод кунанд,
Рӯ  сӯи хонаи мурод кунанд.

Гуфт, ки чашми ман  ба сӯи  шумост,
Мутмаинам, ки ҳақ ба ҷониби мост,

Ҷомаи нангу орият пӯшед,
Баҳри мақсуд рӯзу шаб кӯшед.

Рад намоед  зулму истисмор,
Амру фармонҳои истеъмор.

Мулки Ҳиндустон замини мост,
Манзилу ҷои дилнишини мост,

Боғи мо, роғи мо,
                        дарахти мо,
Бояд орад самар ба бахти мо.

Мо ки даъвои зиндагӣ дорем,
Нафрат аз ҳоли бандагӣ дорем.

Кош медоштанд ҳиндувон
Пуртавон чанд иттифоқчиён.

Дасти ёрӣ дароз мекарданд,
Сад дари баста боз мекарданд.

Бо умеде ба подшоҳи рус
Мо навиштем номаи махсус.

Муншиам кард номаро иншо,
Бо муҳаббат ба лавҳаи тилло.

* * *

Ба Петербург номаро бурданд,
Қосидонам ба шоҳ биспурданд.

Лек афсӯс на ҷавоб омад,
На ягон хидмат аз рикоб омад.

Хабар омад, ки подшоҳи кабир
Қосидонро намудааст асир.

Ҳадя кардаст меҳтарони маро,
Шод бинмуда душманони маро.

Ин хиёнат намеравад аз ёд,
Рафт аммо умеди ман барбод.

Пратап бо чунин ғаму дарде
Ҷустуҷӯ кард ҳолдон марде,

То ба он мард арзи ҳол кунад,
Гар савол оядаш, савол кунад.

Пратап ихтиёри Кобул кард,
Гаҳ шитобу гаҳе таҳаммул кард.

Ӯ ба назди Амонуллохон рафт,
Ба мулоқоти шоҳи афғон рафт.

Ба ҳама ин муносибати қабеҳ,
Балки ӯ медиҳад ҷавоби саҳеҳ.

«Пайи ҳар кор маслиҳат бояд,
Кори бемаслиҳат накӯ н-ояд».

Бо раҳи кӯҳи Ҳиндукуш мерафт,
Ҷамъ бинмуда ақлу ҳуш мерафт.

Дар сараш буд гуна-гуна хаёл,
Пеши чашмаш ҷаҳони истиқлол.

Корвони шутур дучораш шуд,
Сорбон – мӯйсафед ёраш шуд.

Кӯҳ дар зери бонгҳои ҷарас
Дод акси садо нафас ба нафас.

Корвон дошт бори гуногун,
Шаккару кола, кибриту собун.

Корвон корвони афғон-рус
Буд пайванд бо ҷаҳони рус.

Корвон, корвони бозургон
Мекашонид молҳои гарон.

Молҳои саноатии рус,
Колаҳои тиҷоратии рус.

Сорбон дар баробари Пратап
Ронда дар рӯи қуллаҳо маркаб,

Бурд ёрони бовафояшро,
Уштурони рафидапояшро.

Моҳи ноябр тирамоҳ бувад,
Дона кайҳо ҷудо зи коҳ бувад.

Моҳи ноябр даври холаи моҳ
Аз зимистон намоядат огоҳ.

Аз чарогоҳҳои кӯҳистон
Рамаҳо рафтаанд бо чӯпон.

Моҳи ноябр дар хазонрезӣ,
Нест як гулшани диловезе.

Чашмаву рӯдҳо камоб шаванд,
Барфу ях дур аз офтоб шаванд.

Ҷонварон ҳар тараф шитоб кунанд,
Хирсҳо ҳам раванду хоб кунанд.

Дар чунин  фасл осмон соф аст,
Рӯди кӯҳӣ чу нуқра шаффоф аст,

Кӯчаи Каҳкашон ба тори сар
Резад аз осмон дурру гуҳар.

Гулхан афрӯхт сорбон он шаб,
Суҳбат орост бо Маҳиндар Пратап.

Сорбон гуфт, ки хабар дорӣ?
Ҳаст овозаҳои бисёре.

Бо худ овардам аз лаби Омӯ
Хабари нек аз барои ту.

Шоҳи Русия сарнагун шудааст,
Тахти ӯ, бахти ӯ забун шудааст.

Байрақи сурх ҷилвагар будаст,
Офтоби саҳар ба сар будаст.

Дар Петербург инқилоб шудаст,
Коммунист сарвар интихоб шудаст.

Ҳукм дар дасти фаълаву деҳқон,
Ленин омӯзгори раҳбарашон.

Ленин инсони бебаҳо будаст,
Ба ҳама дардҳо даво будаст.

Ҳамабин  будааст чашми он,
Дили ӯ пур зи меҳри халқи  ҷаҳон.

Ба деҳотӣ замину ҷо додаст,
Фаъларо умри бобақо додаст.

Ҷангро ронда, сулҳро хондаст,
Кӯҳи бедоду зулм таркондаст.

Ин хабар баски ногаҳонӣ буд,
Роҷаро барқи осмонӣ  шуд.

Пратап гуфт, ки кунам таъин
Роҳи худро ба манзили Ленин.

Пеш гирам кунун раҳи Маскав,
Диҳам аз шарқи кухна  муждаи нав.

## Аскарони инқилобиюн

Рӯди Омӯ,
ки рӯди пахноб аст,
Қатраи мавҷ ғарқи гирдоб аст,

Ҷараён ҳар замон иваз созад,
Ба ду сӯ майл беғараз созад.

Рӯди Омӯ, ки рӯди Ҷайҳун аст,
Зодаи кӯҳи сар ба гардун аст.

Ояд он аз баландии Помир
Мавҷҳоро шикаста чун занҷир.

Ояд аз мағзи сангҳо ба хурӯш
Чашмаҳоро гирифта дар оғӯш.

Пратап рӯдро гузар мекард,
Соҳили ростро назар мекард.

Ростӣ офарад соҳили рост,
Бо дил рост меҳмонро хост.

Чашми ҳинду ба рафти заврақ буд,
Заврақу ҷилваҳои байрақ буд.

Аввалин бор дид дар парчам
Путку досанд иттифоқ ба ҳам.

Аз паси пуштаҳои сабзу кабуд
Моҳи даҳрӯза ҳам баромада буд.

Бод мезад ба мӯи сар чангол,
Мавҷи нав менамудаш истиқбол.

Менамуданд қатраҳои рӯд
Дар назар мисли пардаҳои дуд!

Соҳили рост ҳам намоён шуд,
Чашм бар чашми интизорон шуд.

Посбонони мулки шӯроӣ
Интизоранд дар сафороӣ.

Пратап меҳмони давлат буд.
Соҳиби обрӯю иззат буд.

Меҳмон монд ба соҳили Рус,
Сахт бар даст домани номус.

Аввалин бор дид аскари сурх,
Дар кулаҳ панҷгӯша ахтари сурх.

Дид ҳар ҷо сафи саворонро,
Ҳам шилему шинелпӯшонро:

Аскарон дид инқилобиюн
Карда дунёи куҳна кунфаякун,

Ҳуҷум оварда бар Зимистонӣ–
Қасри шоҳӣ, сарои султонӣ.

Дар лаби Нева карда фатҳу зафар,
Омад он сӯи Шарқ чун ёвар.

Дид болои ҳар дару девор
Болшевикон навиштаанд шиор:

«Пролетарҳои ҷумлаи олам
Ҷамъ гардед  зичтар бо ҳам!»

Дид дар рӯ ба рӯй Ленинро,
Марди майдони некоинро.

Ба гумонаш, ки гуфтугӯ дорад,
Лекин аз Ҳинд пурсуҷӯ дорад.

Пратап бо нигоҳҳои дақиқ
Гуфт: Ленин, азиз, дӯст, рафиқ!

Ба шумо, пешвои рӯи ҷаҳон,
Мерасонам саломи Ҳиндустон.

Лек фаҳмид, ки хато кардаст,
Саҳв бо акси пешво кардаст.

Меҳмонони ранҷдидаи роҳ
Менишастанд дар миёни сипоҳ.

Лабашон хушк, пояшон захмин,
Мӯи сарҳо хамида то ба ҷабин.

Буд дар он макони нав ҷорӣ
Расму оини меҳмондорӣ.

Ҳама машғули пурсупос шуданд,
Ҳама бо якдигар шинос шуданд.

Ҳиндувон дида иззату икром,
Ба калом омаданд баъди таом:

Сад ташаккур ба меҳмондорӣ,
Шод ҳастем мо  аз ин ёрӣ.

Наравад некии шумо аз дил,
Некии одамони ин манзил.

Роҳи мо гарчи дуру вайрон аст,
Баъд аз ин то ба Ленин осон аст.

* * *

Дар Бухоро, ки зулму золим буд,
Тоҷ бар сар амир Олим буд.

Шаҳр дар байни хуну оташ буд,
Оташ андар дили ҷафокаш буд.

Кордҳо рафта бар гулӯ буданд,
Мурдагон хоб зеру рӯ буданд.

Бӯи марг аз манора меомад,
Ҳукм аз ҳар назора меомад.

Ҳар куҷо буд пояи доре,
Хуни  бечора нақши деворе.

Мебаромад зи ҳар кушода даре
Тобут аз пушти тобути дигаре.

Марг дар ҷомаи вабо омад,
Сад балои нав аз қазо омад.

Одамон «инқилоб» мегуфтанд,
Рӯзи явмулҳисоб мегуфтанд.

Хонадони амир ҷон меканд,
Камбағал гӯри золимон меканд.

Шаҳри Когон, ки шаҳри коргарист,
Дар забонаш суруди ранҷбарист.

Аз Бухорост дуртар Когон,
Кард пеш инқилоб сар Когон.

Бо Петербург ҳамсадо гардид,
Ибрати Шарқ – Осиё гардид.

Пратап мегузашт аз Когон,
Бо рафиқон шуда савори вагон.

Аз пасу пеш мешунид суруд,
К-он ҳам аз савти инқилобӣ буд.

Пратап дид халқҳои дигар,
Тӯпию телпаку кулоҳ бар сар.

Балки меомад аз Бухорои Шариф
Дар фаранҷӣ ниҳон зи чашми ҳариф

Пайрави ошиқи забони рус,
Бомдодон ба мактаби махсус.

Балки он менамуд касби нур,
То кунад аз Бухоро зулмат дур,

Балки мехост рафта бо Ленин
Аз Бухоро сухан кунад чандин.

* * *

Чӣ кунад  баччае, ки нодон буд,
Дар Ҳисори қадим сарсон буд.

Писари ҳаштсолаи қишлоқ,
Тоқии сар чу гунбади офоқ.

Буд дар байни кӯҳсор хомӯш,
Пеши мулло ғуломи ҳалқабагӯш.

Буд машғули ҳафтякхонӣ,
Баста дар дасти худ қаламдоне.

Хондани «Ҳафтяк» надошт фараҳ,
Ҳиҷҷаи сураи «Аламнашраҳ».

Баччае, ки ба пеши мулло буд,
Чорзону ду даст боло буд.

Карда такрор боби Қуръонро,
Ояти муъмину мусулмонро.

Гар яке дигаре кунад таҳқир,
Гар ба пойи касе занад занҷир,

Гар занад сангро ба раҳгузаре,
Гар кафонад  яке сари дигаре,

Осмон гар ба сар фурӯ ояд,
Гар замин дар мадор н-осояд,

Деҳа гӯё ки гунгу кар мемонд,
Баччаи гӯл бехабар мемонд.

Мешунидам ман аз калонсолон,
Ки надорад бақо бинои ҷаҳон.

Монад ин қасри зулм зору сабил
Одамият ҳамеша по дар гил.

Мешунидам гаҳе садои рӯд,
Гоҳ овози саг ба ҷои суруд.

Мешунидам, ки шаб саҳар дорад,
Осмон абри даргузар дорад.

Тофт дар чашми ман фақат шаби тор
Осмону ситораи думдор.

Дар сари кӯча ёфт гӯшам бод;
Ленин ояд, ситам шавад барбод.

Ленин инсони калламағз будаст,
Бо бадон бад, ба нағз нағз будаст.

Ин хабар – мужда мисли як имдод
Дер дар гӯши ман садо медод.

Ақл медоштам агар он дам,
Ба сафар мебаромадам ман ҳам.

Раҳбалад мешудам ба ҳиндувон,
Барзада остин ба хидматашон.

Об медодам аспашонро ман,
Касби  худ карда касбашонро ман.

Падарам дошт як хари ҳангӣ,
Як хари мисли хирси барзангӣ.

Мезадам нӯхта агар ба сараш,
Раҳ куҷо буд писанд дар назараш.

Йӯрғаҳо карда чорхеззанон,
Ба замин пои ман расон-нарасон,

Бурда бар Москва маро мемонд,
Халқ  хушбахти оламам мехонд.

Мешудам розгӯй бо Ленин,
Ҳамдами рӯ ба рӯй бо Ленин.

Ба қафоям нигоҳ накарда давон
Зуд меомадам ба кӯҳистон.

Мешудам дастгири пиру ҷавон,
Хурд омӯзгори камбағалон.

Менамудам муроҷиат бар санг,
Ба замин, осмон, уфуқи танг,

Ба  ҳама рӯдҳои нооРом,
Ба тулӯи саҳар, ғуруби шом,

Ки расидаст фурсати кӯшиш,
«Эй ситамдидагон, ба пеш, ба пеш!

Сел гардеду садди раҳ шиканед,
Решаи зулмро зи бех канед!»

* * *

Пратап дар вагон сафар мекард,
Бачча ҳам машқи шеър сар мекард.

Роҷа рахти сафар ба Маскав баст,
Баччаи кӯҳ бо қалам пайваст.

Роҷа бахт аз ҳамин замин меҷуст,
Бачча қофия бо Ленин меҷуст.

**Мулоқот бо Ленин**

Пратап дар Кремл ҳайрон буд,
Ғарқаи сайри қасри шоҳон буд.

Пратап дар Кремл по мемонд,
Ҳафтуми май ба худ бино мемонд.

Ҳиндуёни дигар ба паҳлӯяш
Мефузуданд зӯри бозуяш.

Дид он дар Кремл – қасри рус,
Қасри шоҳони чанд асри рус,

Дид он кӯшкҳои нақшинро,
Тоқи маъбад, катибаи динро.

Дид он шоҳтӯпи сангинро,
Дид зангӯлаи салотинро.

Дид Русия чун дигар шудааст,
Раҳбараш марди коргар шудааст.

Дид деҳқони пири чоруқпӯш,
Мардуми бенавои хонабадӯш.

Пратап боз дид Когонро,
Саллабанду кулоҳдоронро,

Дид ӯ одами милтиқдор,
Ки ҳама дар мудофиа тайёр.

Дид усули нави идоракунӣ,
Роҳи бар дарди халқ чоракунӣ.

Роҷа дар ошёнаи саввум
Дид асри нав омада ба ҳуҷум.

Дид Ленин чигуна беором
Менамояд ба кори хеш давом.

Вақти ташрифи ҳиндуён омад,
Бахти бедор дав-давон омад.

Дари Ленин ба рӯяшон шуд боз,
Омад аз хона «марҳабо» овоз,

Роҷа он рӯзро ба ёд овард:
Ленини пешво мурувват кард.

Ҳиндуён ҷамъ шаш нафар буданд,
Ҳама сар то ба по назар буданд:

Ленин  озода рафт, беозор
Монд як курсии дигар ба қатор,

Ҳамаро даъвати нишастан кард,
Кӯшиши ин хамӯшӣ растан кард.

Худаш омад, нишаст дар паҳлӯ,
Баъд аз он кард сар ба гуфтугӯ.

Аз ҳамон шаш  нафар муҳоҷирҳо
Мондаам зинда як худам танҳо.

Гуфт Ленин, ки: «Дар кадом забон
Бо шумо гуфтугӯ бувад осон,

Немисӣ, англисӣ ё русӣ,
Ё ба дигар забони махсусе?»

Пратап нутқи англисӣ кард,
Гуфт дарди  дилаш  чу мард ба мард.

Гуфт, ки «доҳии ҷаҳон ҳастед,
Холиқ-ул-маънии замон ҳастед.

Қисмати ранҷбар ба дасти шумост,
Замин осуда аз нишасти шумост»

Дод Ленин ҷавоб: «К-ин даъво
Ҳаст танҳо салои фикри Шумо».

Гуфт: «Хондам китобатон имшаб
Толстой будаед дар мазҳаб».

Ленин аз тахти дил сухан мекард,
Ҳиндуён маҳви хештан мекард:

«Ранҷбарзодагони Русия, –
Ҳама пиру ҷавони Русия

Чашмдорони Ҳинди бедоранд,
Ба ситамдида ҳиндуён ёранд.

Мо тарафдори иттиҳодастем,
Иттиҳоди ҳама нажодастем.

Як намоед Ҳиндустонро,
Муслиму дигар аҳли имонро.

Ҳамаи фаъларову деҳқонро,
Ҳамаи шарқи беҳуқуқонро.

Мустақил Осиё муборак бод,
Зинда бод Осиёи навбунёд!»

Ман надонам, ки баъд аз ин суханон
Дар чи ҳолат буданд ҳиндуён,

Лек донам, ки ҳар яке масъуд
Буд дар он дам аз ҳаёти худ.

Наравад ҳеҷ Ленин аз ёдаш,
Ёди Ленин кунад, кунад шодаш…

Ёд орад ҳақиқати Ленин,
Суханони ба дил ҳамеша қарин.

**Анҷом**

Боз ман дар канораи Гангам,
Боз ман дар назораи Гангам.

Боз дар домани Ҳимолоям,
Бор ба гардани Ҳимолоям.

Боз  аз Роҷа гуфтугӯ дорам,
Ҳиндуи хеш ҷустуҷӯ дорам.

Боз хоҳам, ки ҳикоя кунад,
Ҳурмати меҳмон  риоя кунад.

Нанамояд шикоят аз пирӣ,
Дами пирию вақти дамгирӣ!

Деҳрадун аст манзили Пратап,
Ошёни нави дили Пратап.

Дар ҳамин шаҳр дорад аз хона,
Хонаи пастаки фақирона.

Дар ҳамин шаҳр аз давоми умр
Мебарорад нишаста коми умр.

Н-ояд аз  гирди хона бӯи гуле,
Чаҳ-чаҳи булбуле зи сӯи гуле.

Хона ҳам  он қадар бисот надошт,
Умрфазо  ягон нишот надошт.

Пратапро набуд на ёре,
На зану на ягон парасторе.

Мулку амлокро  ба деҳқонон
Карда тақсим муфт додаст он.

Дошт диван ва курсии одӣ,
Чандҷилда  китоби аҷдодӣ.

Чанд нусха варақ  парешон буд,
Дарҷ афкори Роҷа дар он буд.

Дарҷ дар он ақидаи Пратап,
Нақшаҳои кашидаи Пратап.

Ӯ  навиштаст ваҳҷи динашро,
Мустақилии сарзаминашро.

Ӯ  навиштаст - нӯшҳо нешанд,
Мушкилоти зиёд дар пешанд.

Дарҷ кардаст Роҷа номи маро
Дошта пос эҳтироми маро.

Менависад, ки шоири тоҷик,
Буд меҳмон бо вай аз наздик,

Сарбаландона ошно гаштам,
Лоиқи пурсупосҳо гаштам.

Рост гуфтед, муҳтарам Пратап,
Меҳмони Шумо будам, чӣ аҷаб,

Аз Шумо лутфу марҳамат дидам,
Достону ҳикоя бишнидам.

Ман нишастам чу дӯст дар баратон,
Мисли парвона гаштам аз саратон.

Ваъда кардам, ки достон нависам,
Васфи Ленини меҳрубон нависам.

Ман ба он ваъдаам вафо кардам,
Хуб ё бад, вале адо кардам.

Ман нагуфтам Шумо коммунистед,
Ё ки ҳамфикр бо коммунистед,

Ман навиштам, ки порсо ҳастед,
Банда дар хонаи Худо ҳастед,

Лек ҳамдарди халқ ҳам ҳастед,
З-ин сабаб кӯҳи дарду ғам ҳастед.

Гарчи хун рехтан намехоҳед,
Зидди бегона сахт мекоҳед.

Сарф кардед солҳои сол
Умри худро ба роҳи истиқлол.

Ин мурод, ин маром, ин оин,
Роҷаро бурд то бари Ленин.

Шафақи шоми сурху нилобӣ
Тофт дар осмон чу мурғобӣ.

Гашт торикии шабона падид,
Пратапро дами видоъ расид.

Пратап дар забони русӣ низ
Гуфт: «То дидан, эй рафиқи азиз».

Аз Ҳимолой шуд баланд садо:
«Эй рафиқи азиз, боз биё!»

*1969-1970*

# ЛИБРЕТТОҲО

## ШӮРИШИ ВОСЕЪ

*ИШТИРОККУНАНДАГОН:*

Восеъ – сардори шӯриш, 45-сола, ҷувозкаш, батрак.
Назир – одами наздики Восеъ, Баҳодур, 30-сола, батрак.
Гулъизор – духтари Восеъ, 18-сола.
Аноргул – зани Восеъ, 35-сола.
Бобо – деҳқони камбағал, шӯришчии фаъол, 60-сола.
Нозим – деҳқони камбағал, 30-сола.
Касир – деҳқони миёнаҳол, воқеанависи ҳоким, 40-сола.
Ҳокими Балҷувон – 45-50-сола.
Амлокдор – 45-сола.
Сарлашкари ҳоким – 35-сола.
Домулло – 50 сола.
Мактабхон – сардори ҳарами ҳоким, 40-45-сола.
Раис, муншӣ, ҳофизи халқӣ, ҷарчӣ, шӯришчиён, сарбозон, маҳбусон, занҳои ҳоким ва дигарон.

### ПАРДАИ I
### Намоиши якум

*Ховалинг – қишлоқи Мухтор. Воқеа дар ҳавлии Восеъ мегузарад. Ин ҳавлии камбағалона дар яке аз зеботарин доманаҳои кӯҳистон воқеъ шудааст.*

**Гулъизор**
Ёр аз дили ман хабар надорад,
Е сӯзи дилам шарар надорад;
Ё гӯши нигори ман гарон аст,
Е нолаи ман асар надорад;

Ё мазрааи мурод хушк аст,
Ё гиряи ман самар надорад;
Е рӯзи фироқ тирагун аст,
Ё шоми ғамам саҳар надорад.

**Аноргул**
Гулъизор, оҳ, духтари сарсахт!
Кай дар ин давра мешавӣ хушбахт?

**Гулъизор**
Ё майли гузори ӯ ба сар нест,
Ё бар сари ман гузар надорад!
Ё васли ту толеи башар нест,
Ё толеи ман ҳунар надорад;
Ё мавсими сабри ман хазон шуд:
Ё боғи умед бар надорад;

*(Назир медарояд)*
Ҳа, Назир, ин қадар парешонӣ?
Ошиқи беқарора мемонӣ!

**Назир**
«Гаштам, санамо, дар орзӯят,
Ошуфтаву тиpадил чу мӯят,
Ҳарчанд намерасам ба кӯят,
Шаб нест, ки аз фироқи рӯят
Зорӣ ба фалак намерасонам.

Гар сар бибурӣ ба теғи тезам,
Аз кӯи вафот барнахезам!
В-ар з-он ки кунанд рез-резам,
Ман муҳраи меҳри ту нарезам,
Илло, ки бирезад устухонам».[1]

---

[1] Аз мухаммаси Ҳофиз бар ғазали Саъдӣ.

**Гулъизор ва Назир**
Эй фахри ҳаёти навҷавонӣ!
Ишқи ту калиди шодмонӣ.
Бе ҳастии ту, агар бидонӣ,
Як умр дар ин ҷаҳони фонӣ
Ман лаҳзаи хуррамӣ надонам.

**Аноргул**
Ҳайф, дар айни навҷавонии ман
Шуд хазон боғи зиндагонии ман:
Сездаҳсола будам ин, ки маро
Падару модарам ба шӯ доданд;
Рӯи шодӣ надида аз дунё,
Бар чаҳи дарду ғам фурӯ доданд.
Ману Восеъ зи дасти камбағалӣ
Лаззати умри худ надонистем...
Ба шумо дорам аз Худо уммед,
Ки диҳад рӯзи неку бахти сафед!

*(Нозим бо ҳоли парешон ва дили пуризтироб медарояд).*

**Нозим**
Восеъ канӣ?.. Восеъ куҷо?

**Назир**
Нозим, чӣ шуд? Гап зан ба мо!

**Нозим**
Амлокдори хонасӯз
Омад ба монанди бало,
Тороҷу толон карду рафт.
Ҳар буду нобуди маро.
Фарзандҳои хурди ман
Монданд луч мисли гадо...

Модар чаро зоид маро
Дар ин ҳаёти пурҷафо?
Ёрӣ диҳед, э дӯстон,
Аз ин бало ёбам раҳо!
Ду даст бар сар мондаам,
Раҳме кун, охир, эй Худо!

**Назир**
Аз пушти Восеъ меравем,
Нозим, ту ҳамроҳам биё!
Вайро базудӣ ёфта,
Бо маслиҳат ҳар сеи мо –
Мардони нотарсу далер
Ғун мекунем аз ҳар куҷо:
То интиқоми худ кашем
Аз ҷони ин даррандаҳо!
Гар мо йигитҳои ҷавон
Аз як гиребон сар кашем,
Поҳои ин ғоратгарон
Аз осмон меоварем!

**Нозим**
Рафтем, ҷӯра, меравем!
*(Ҳар ду мераванд).*

**Гулъизор**
Ман намедонам, очаҷон, ба чӣ вачҳ
Дилакам мисли бед меларзад?

**Аноргул**
Аз чӣ метарсӣ ин қадар, ҷонам?
Ин ба тарсиданат намеарзад!
**Бобо**
*(Бо саросемагӣ медарояд).*

Зудтар Гулъизора пинҳон кун,
Ҳозир амлокдор меояд!

**Гулъизор**
Чӣ бало, очаҷон!

**Аноргул**
Илоҷаш чист?

**Бобо**
Бигурезон, ба чашм нанмояд!

*Амлокдор, домулло бо якчанд сарбоз ва халқ аз паси онҳо бо шӯру ғавғо медароянд.*

**Халқ**
Золимон созанд то кай хонаи моро хароб?
То ба кай аз дидаҳои мо равад хун ҷои об?
Рӯзгори мо ба зери абри зулмат тира шуд,
Аз сари мо дур нури офтобу моҳтоб.
Молу мулку ҷонамон ғорат шуду барбод рафт,
Аз закоту ушру андозу хироҷи беҳисоб.
Раҳму шафқат дар куҷо? Инсоф ку? Эй дӯстон!
Кай наҷот ояд ба мо аз ии бало, аз ин азоб?!
Ҳеҷ кас монанди мо бечорагон бадбахт нест,
Хонавайрон, баччагирён, танхаробу дилкабоб...

**Домулло**
Ҷамъатон муъмину мусулмонед,
Соҳиби мазҳабеду имонед!
Шукр бояд кунем мо беҳад
Бар панохи амир Абдулаҳад.
Бар замин сояи худост амир,
Амри вай фарз бар сағиру кабир.

Ҳар як андози накдаву молӣ
Биспуретон ба даргаҳи олӣ!

**Бобо**
Мон, ту ҳам беғам астӣ, домулло!

**Амлокдор**
Бо шумо, мардумони кӯрнамак,
Ҳар ҷазое диҳад равост фалак.
Чунки Қуръона пешипо кардед,
Ҳукми шаръӣ ба ҷо наовардед:
Фитру ушру закот наспурдед,
Ба худ инро гуноҳ нашмурдед,
Боз андозҳои дигарро
Саркашона накардаед адо,
Масалан, хаспулӣ, аминона,
Қӯшпулӣ, дудпулӣ, танобона,
Сарукона, сарона, боҷу хироҷ...

**Халқ**
Марги муш! Заҳри мор!

**Амлокдор**
Хап шавед!

**Халқ**
Ин ба халқ ноҳаққист!

**Бобо**
Халқ аз ҷабратон ба танг омад,
Нон! гӯяд, ҷавоб...

**Халқ**
Санг омад!

**Яке аз халқ**
Канӣ, аз мо дигар чӣ меҷӯед?

**Халқ**
Устухон?
Хун?
Ҷон?
Тан?..
Гӯед?

**Занон**
Нест як парри коҳ ҳам ҳозир,
Чӣ диҳем? Аз куҷо диҳем охир?

**Бобо**
Ҳар чӣ буд дар бисотамон, ҳамаро
Сарф кардем мо ба коми шумо:
Монд як ҷомакуҳнамон ин дам,
Лозим ояд, баред инро ҳам!
*(Ҷомаашро кашида ба назди амлокдор мепартояд).*

**Домулло**
Беадаб, ҷомакуҳнаатро гир!
Носипосӣ накун ба ин тақсир!
Ин на кори каси мусулмон аст,
Балки аз феълҳои шайтон аст!
Мақсади ин кас аст чизи дигар...

**Амлокдор**
Ту ба ман гуфта деҳ канӣ, хоҳар,
Кабки хушхони кӯҳсор куҷо?
Гули ин боғ – Гулъизор куҷо?

**Аноргул**
Саҳарӣ рафта буд бо падараш...

**Аноргул**
Эй зани ҳилагар!
*(Бо қамчин мезанад.)*

**Бобо**
Назан ба сараш!

*Гулъизор фарёди модарашро шунида, тоқат карда наметавонад ва аз ҷои пинҳоншудааш баромада меояд.*

**Домулло**
Ана, омад ба пои худ ин ҷо.
Мана, ин нозанини моҳлиқо,
Мана, ин Гулъизори пистадаҳан,
Мана, ин сарвқадди симинтан,
Холакаш – дона, зулфакаш – дом аст,
Сайдакаш – ошиқони ноком аст.

**Амлокдор**
Духтари нағз, шодиёна диҳед,
Нектолеъ буседу бахтсафед!
Ҳокими Балҷувони мо моро
Бифиристод хостгори шумо!

**Гулъизор**
Чӣ? Чӣ гуфтӣ ту?
Хостгор ба ман?
Кушадам ҳам, намедиҳам ман тан!
Ҳокимат хоб дидааст магар?!
*Бо амри амлокдор сарбозон Гулъизорро бардошта мебаранд. Амлокдор ва домулло ҳам баромада мераванд.*

**Anorgul**

**Аноргул**
Дил хун шуда аз дарду пуробай дида,
Чун чашмаи Моғиёнфаробай дида.
Дар зулмати шаб фитода гумроҳ шудам,
Муҳточ ба нури офтобай дида.

**Занон**
Раҳме бикун, охир, эй ҷафокор, фалак,
Бар мо чӣ диҳӣ ин қадар озор, фалак?
Дар доми балои миру ҳоким моро
Чун сайд кунӣ чанд гирифтор, фалак?

*(Восеъ ҳамроҳи Назир ва Нозим медарояд)*

**Восеъ**
Ин чӣ гап боз?
Ин чӣ гап боз?

**Аноргул**
Золимон Гулъизорро бурданд...

**Восеъ**

*(Ба ғазаб ва ҳаяҷон омада, дар ҳаққи амлокдор мегӯяд).*

Эй ту – деви сиёҳи одамхӯр,
Гургсират, аз одамият дур!
Ҳар куҷо ки равӣ ту – амлокдор,
Мениҳӣ доғ бар дили нодор!
Аз шумо гашт солҳои сол
Нафсу номуси духтарон помол!
Ба халоиқ намонд ғаллаву дон,
Камбағал шуд зи дастатон толон!
Монда озод аз хироҷи шумо
Фақат ин осмону боду ҳаво...

*(Ба халқи ғамзада ва гирён муроҷиат карда).*

Сода будед, эй бародарҳо,
Сер аз гушна кай кунад парво?
Дили ин турфа мардум аз санг аст,
Касбашон зулму макру найранг аст.
Ба дили сахту зишти ҳокимҳо
Кай кунад таъсир оби чашми шумо?

*(Ба тарафи рафтагии амлокдор ишора карда).*

Рав, ба ҳоким бигӯ, ки халқ дигар
Пеши пояш намегузорад сар!
Косаи сабри мардумон пур шуд!

**Халқ**

Баъд аз ин сабр ҳам надорад суд!

**Восеъ**

Ана, акнун, бародарони шуҷоъ,
Монд ду роҳ назди мову шумо:
Раҳи аввал – хамӯш биншастан,
Чашми уммед бар қазо бастан;
Дуюмаш – роҳи шӯришу исён
Зидди бедоди ҳокиму мирон!

**Халқ**

Мо тарафдори шӯру исёнем,
Ҳама барҷонрасида деҳқонем!

**Бобо**

Саллаҳоро кафанкунон, моён –
Ҳамагӣ меравем бар исён!

**Восеъ**

Пас набошад, миёнатон бандед,
Шермандона зӯратон санҷед!

Бо каланду таёқу досу табар,
Теғу шамшеру ханҷару шашпар,
Сабр нокарда, зуд бархезед,
Хуни аҳли ситамгарон резед.
То ки ҷангем аз барои наҷот,
Аз барои наҷот, ё ки мамот!
Мо – хаволингиён дар ин исён,
Пеш бояд равем дар майдон.
Халқи Кангурту Балҷувон тайёр,
Ҳозир аст инчунин Қизилмазор;
Хайр,
          рафтем, косибу деҳқон!

**Халқ**
Ҳамагӣ меравем аз дилу ҷон!

**Восеъ**
*(Ба яке аз шӯришчиён)*
Рав, зи кунҷора, кундаҳои ҷувоз
Дар сари теппа чанд машъал соз.
Шуълааш то фалак баланд шавад,
Халқ аз ин шуъла баҳраманд шавад!
Хасм фаҳмад, ки инчунин оташ
Дорад исёни халқи заҳматкаш!
Мисли як шуъла аст ин исён
Аз барои наҷоти мазлумон!
*(Ба Назир муроҷиат карда)*

Хайр, фурсат ғанимат аст, Назир,
Ту ҷавонмардҳои худро гир!
Рост то Балҷувон наистода,
Рав аз ин роҳ чапғалат дода!
Мебарам ман ҳам аз раҳи боло
Ҷамъи ин мардҳои майдонро.

*(Назир меравад)*
Хайр, рафтем, косибу деҳқон!

**Халқ**
*(Ба роҳ медарояд)*
Исён кун имрӯз, эй марди деҳқон,
Зидди асорат, зидди амирон!
Дар ҷӯш о чун баҳри кабире,
Шӯрида бархез монанди тӯфон!
То кай машаққат дар қисмати мост?
То чанд роҳат дар коми боён?
Бадтар зи марг аст ин зиндагонӣ,
Дунё ба моён – гӯр асту зиндон!
Ин гӯру зиндон вайрон намоем,
То рӯз бинем монанди инсон!

**Занон**
Дил хун шуда аз дарду пуробай дида,
Чун чашмаи Моғиёнфаробай дида,
Дар зулмати шаб фитода гумроҳ шудем.
Муҳтоҷ ба нури офтобай дида!

*Парда*

## ПАРДАИ II
### Намоиши дувум

*Балҷувон. Қалъаи ҳоким. Овозаи шӯриш ҳокимро ба ташвишу таҳлука андохтааст.*

**Ҳоким**
Халқи нодон ба зидди давлату дин
Дар газаб омадасту шӯришу кин...
Чӣ қадар ин сухан ба кас, фавран –
Мерасад, мисли тир, дар гуфтан!

Монам ин ки ба зидди ман хезанд?
Обрӯи амирро резанд?
Не, надорам ба ин бало тоқат!
Баъд аз ин бояд ин ки бешафқат –
Тухми ин ёғиён бисӯзонам,
Чашмашонро ба тир дӯзонам!
Ғазабам оташ асту сӯзон аст!
Магар ин халқ ғофил аз он аст?
Восеу Нозиму Назир куҷо?
Давлати аъзами амир куҷо?
Ин ҳама пойлучро зану мард
Беамон қатли ом бояд кард.

*(Касир медарояд).*
Ҳа, Касир,
Канӣ, гап зан, чӣ корҳо кардӣ?
Чӣ хабарҳои тоза овардӣ?

**Касир**
Ҳазратам, халқ... халқ бо исён...
Ҷониби Балҷувон шуданд равон.

**Ҳоким**
Ҷониби Балҷувон?
*(Ба пешхизматаш ишора карда)*

Гӯй сарлашкарам биёяд зуд
Пеши ман бо раису амлокдор!

*(Ба Касир).*
Чӣ қадар халқ ҳаст дар исён?

**Касир**
Бешумор аст халқ хурду калон.

**Ҳоким**
Зуд баргарду байни деҳқонон
Боз бар кори махфию пинҳон
То ки тобанд рӯй аз исён,
То ки Восеъ аз ин шавад сарсон!
То ба мо зудтар шаванд асир
Восеу Нозиму...

**Касир**
Назир!

**Ҳоким**
Назир!
Мана ин тангаву тилоро гир!

**Касир**
Хайр, тақсир, банда фармонбар!
*Меравад. Сарлашкар, раис ва амлокдор медароянд.*

**Ҳоким**
Биншинед!
Зидди шӯриш чӣ чора мебинед?
Шӯру ғавғои мардуми худсар
Мешавад ҳар дақиқа афзунтар.

**Амлокдор**
Ҳазратам, кори гушнапурзӯрон,

**Сарлашкар**
Пурзӯрон.

**Амлокдор**
Нест ҷуз шӯру фитнаву исён.

**Сарлашкар**
Фитнаву исён.

**Амлокдор**
Ин худобехабар гурӯҳи касиф
Душмани давлатанду шаръи шариф.
Зуд агар роҳашон нагардонем,
Лоҷарам зери хавф мемонем!

**Сарлашкар**
Зери хавф мемонем!

**Ҳоким**
Ҳаст як раҳ ба дафъи ин душман –
Тирборон намудану куштан!

**Сарлашкар**
Куштан!

**Амлокдор**
Фикри ман ҳам ҳамин ки мардумро
Ҷеғ бояд занем мо ба ғазо;
Осиёнро қирон кунем тамом,
То ки ибрат щавад ба халқи авом!

**Ҳоким**
Ту ба ин кор ҳозирӣ?

**Сарлашкар**
Тақсир!
Лашкари ман ба амратон ҳозир!

**Ҳоким**
Тухми авлоди ёғиёни лаин
Беамон маҳв кун зи рӯи замин!

Ончунон кун ба Балҷувон дигар
Нашнавад ҳеҷ номи шӯришгар!

*(Ба раис)*
Пас, шумо ҳам раведу бо диққат
Ҳамаро, пир то ҷавон, санҷед,
Ҳар кӣ аз амри мо битобад сар,
Бе тараҳҳум ба дор овезед!

*Аз зиндони қалъа суруди ғамангези маҳбусон шунида мешавад.*
Гузашту мегузарад умри мо ба сад бедод
Аниси мост фақат оҳу нолаву фарёд,
Ниҳоли сабзи қади мо ба хок яксон шуд,
Чу лола сурх рухи мо ба ранги коҳ афтод.
Дар ин рутубати зиндон чу мурда пӯсидем,
Куҷо ҳавои дилосо? Куҷо фазои кушод?
Агар дар ин чаҳи торик бенишон гардем,
Саломи мо ба рафиқон бар, эй бод!

**Ҳоким**
*(Ба ҷаллод).*
Рав, даҳанҳои бандиён пӯшон:
Аз дами теғ як ба як гузарон!

**Маҳтобхон**
*(Аз ҳарам медарояд).*
Ассалому алайк, тақсирам!

**Ҳоким**
Канӣ, Маҳтобхон, чӣ гап ба ҳарам?

**Маҳтобхон**
Ҳарам аз Гулъизори гулрухсор
Пурсафо шуд ба мисли рӯи баҳор.

Гар иҷозат шавад, гули навро
Ман биёрам, ки бӯ кунед шумо.

**Ҳоким**
Хайр, бӯ мекунем, рафта биёр!
*(Худ ба худ завқ карда)*
Гули нав, Гулъизори гулрухсор...
Аҷаб аст ин ки духтари душман
Мешавад боиси ҳаловати ман...
*(Аз ҳарам Гулъизорро меоранд).*
Ваҳ, чӣ қадду чӣ рӯ, чӣ ҳусну ҷамол?
Хуш омадед, меҳмон,
Ташрифатон муборак!
Арӯси нектолеъ
Дар Балҷувон муборак!
Овозаи шуморо
Бисёр мешунидам,
Дар орзуи дидан
Бас ранҷ мекашидам.

**Гулъизор**
Эй ҳокими ситамгар,
Безорам аз ту,
                    бас кун!
Мурғи дилам ба танг аст,
Берун аз ин қафас кун!
Беҳуда ҷон макоҳон,
Аҳмақ намешавам ман!
Номусу ор дорам,
Асло намедиҳам тан!

**Ҳоким**
Розӣ шавӣ ба гуфтам,
Ин молу давлат аз ту,

Ҳар ҷо маликамонанд
Эъзозу ҳурмат аз ту!
Гар саркашӣ намоӣ,
Аз ҷони худ гузар кун!
Бо хешу ақрабоят
Мегардӣ ғарқаи ҳун!

**Гулъизор**
Аз молу давлати ту
Ҳастам ҳазор безор,
Танҳо ба ман ҳаёти
Тинҷи фақирӣ даркор!
Тарсонданам натонӣ
Бо дӯғ як сари мӯй,
Ҳар кор ки бихоҳӣ,
Кардан гир,
эй ҷафоҷӯй!

**Ҳоким**
Азбаски ҳастӣ бадзот,
Некӣ ба ту чӣ даркор?

*Ба Гулъизор ҳамла мекунад. Дар ҳамин вақт амлокдор воҳимакунон медарояд.*

**Амлокдор**
Алъамон! Алъамон!
Мусулмонон,
Балҷувон зери по шуду толон!
Ҳазратам, кор... кор... расво шуд...

**Ҳоким**
Зуд гӯ, чӣ гап? Чӣ ғавғо шуд?

**Амлокдор**
Халқи шӯришгар аз ғазаб, аз қаҳр
Ҳамла оварду гашт дохили шаҳр.

**Ҳоким**
Рафта аспи маро биёр!

*Ҳоким, амлокдор ва тамоми аҳли дарбор мегурезанд. Гулъизор танҳо мемонад.*

**Гулъизор**
Омад хабаре ки ёрам омад,
Сабри дили беқарорам омад!
Ғамхор Назири беназирам
Дар пурсиши ҳоли зорам омад!
Уммеди наҷоти ман аз ӯ буд,
Шодам, ки наҷоткорам омад!
Дар шӯришу ҷанг мисли Рустам
Ғолиб шуда шаҳсаворам омад!
Даронда сафи шағолу гургон
Шери нари кӯҳсорам омад!
Зуд ой, ки хуни дил ба роҳат
Аз дидаи интизорам омад!
Эй гунчаи ишқ, хандае кун,
Ғофил ту магар?
– Баҳорам омад!
Айёми фироқи ман шуд охир,
Даврони висоли ёрам омад!

*(Назир пеш аз ҳама ба қалъа медарояд).*

**Назир**
Бар рӯи ҷароҳати ман, эй ёр,
Бо гиря намак напош бисёр!

Ман сӯхтаам, дигар насӯзон,
Кас сӯхтаро дигар насӯзад!

**Гулъизор ва Назир**
Шодӣ бинамо, ки бахтамон тофт,
Охир дили мо муроди худ ёфт!
*(Восеъ бо шӯришчиён медарояд).*

**Шӯришчиён**
Исён кун имрӯз, э марди деҳқон,
Зидди асорат, зидди амирон!
Дар ҷӯш о чун баҳри кабире,
Шӯрида бархез монанди тӯфон!
То кай машаққат дар қисмати мост?
То чанд роҳат дар коми боён?
Бадтар зи марг аст ин зиндагонӣ
Дунё ба моён гӯр асту зиндон!
Ин гӯру зиндон вайрон намоем,
То рӯз бинем монанди инсон!
Исён кун имрӯз, э марди деҳқон,
Зидди асорат, зидди амирон!
*(Ба Восеъ арз мекунад).*

**Назир**
Ман тамоми супоришоти туро
Кардам аз сидқ як ба як иҷро!

**Восеъ**
Офарин, паҳлавон Назири далер!
Гулъизору Назир, ҳар дуятон
Рафта зиндонро кушоетон!
Аз ҳарам духтарону занҳоро
Ҷамъ карда, биёваред ин ҷо!
Ака Сангин, Шарафака, Нозим,
Ҳар се тозед аз пайи ҳоким!

**Касир**
Ака Восеъ, ба фикри ман имрӯз
Сабр бояд кунем, чунки ҳанӯз –
Нест равшан, ки дар куҷо чӣ қадар
Дорад ин ҳоким одаму лашкар?
Мумкин аст ин ки душмани маккор.
Хуфта бошад ба гӯшае чун мор;
Мумкин аст ин ки ин йигитҳоро
Муфт бидҳем мо ба ҷанги бало.

**Восеъ**
Нодуруст аст!
Аз пайи ҳоким
Рафтан, албатта, воҷибу лозим!
Ту худат ҳам, Касир, бо инҳо
Ёри Нозим шуда, ба роҳ даро!
Мо ба шодии ин зафар фардо
Мекунем иду хуррамӣ барпо,
Дар ҳамин рӯзи ид ҳокимро
Баста оред!

**Нозим**
Канӣ, Касир, биё!

*Нозим, Касир ва чанд нафар шӯришчиён мераванд. Аз зиндон маҳбусон ва аз ҳарам занону духтарон баромада меоянд.*

**Ҳама**
Ака-Восеи мо саломат бод,
Ҳама аз ҳимматаш шудем озод!
Хизмате, ки барои мо кардӣ,
То қиёмат намеравад аз ёд.

Мо асирони дидагирёнро
Ту раҳондӣ зи доми ин сайёд.
Ин зафар, ин саодат, ин шодӣ
Ба зану марди мо муборак бод!

*Парда*

## ПАРДАИ III
## Намоиши севум

*Доманаи кӯҳ. Ба муносибати фатҳ карда шудани қалъаи Балҷувон шӯришчиён ид мекунанд.*

**Халқ**
*(Хор бо рақс).*
Андӯҳу ғам, эй дӯст, бас!
Озоду фориғ каш нафас!
Зеро ки аз банди қафас
Чун булбул озод омадем!
Ёрон хушилхонӣ кунед.
Ин дам ғазалхонӣ кунед.
Ширин суханронӣ кунед,
Монанди Фарҳод омадем!
Шодӣ кунед, эй дӯстон,
Аз ғам раҳоӣ ёфт ҷон,
Ҳоким гурехт аз Балҷувон.
Пиру ҷавон шод омадем!
Ҳай қир шудем аз теғи кин.
Рангин шуд аз хунҳо замин,
То ин ки охир дар чунин
Як рӯзи обод омадем!
Фатҳу зафар дар коми мо
Гашту баромад номи мо;
Субҳи сафо шуд шоми мо,

Берун зи бедод омадем!
Андӯҳу ғам, эй дӯст, бас!
Озоду фориғ каш нафас!
Зеро ки аз банди қафас
Чун булбул озод омадем!

**Занон**
*(Бо рақс)*
«Даст бар сӯроххо дорӣ, зи мор андеша кун!
Пой бар гул менихӣ, аз захми хор андеша кун!
Гар шиновар нестӣ, по бар лаби дарё манеҳ!
То миёнат ғарқ гардад, аз канор андеша кун!
То тавонӣ, сирри дил бо ёри худ ҳаргиз нагӯй,
Ёр ёре дораду аз ёри ёр андеша кун!
Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон!
Ин насиҳатҳои моро зинҳор андеша кун!».
*(Дуэт).*

**Назир**
«Ман рӯи туро ба моҳи тобон надиҳам,
Лаъли лаби ту ба дурру марҷон надиҳам.
Лаъли лаби ту агар ба дастам ояд,
Қимат хараму баҳои Шуғнон надиҳам!»

**Гулъизор**
«Эй ҷӯраи ҷон, бе ту ҷаҳонро чӣ кунам?»
Бе ту гули сурху арғувонро чӣ кунам?
Бе ту гули сурху арғувон бисёр аст,
Дил майли ту дорад, дигаронро чӣ кунам?

**Восеъ**
Канӣ, Бобо, расид навбати ту?

**Бобо**

Гӯшаки мо мунтазири амри шумо буд.
Эй бузакам, биё-биё, навбати мо шуд!
*(Бузи чӯбинашро бозӣ доронда месарояд).*
Қурбони шӯриш, ҳилоли замзама,
Шӯриши Восеъ, ҷонам, ҳилоли замзама,
Қурбони Восеъ, ҳилоли замзама,
Восеи одил, ҷонам, ҳилоли замзама.
Тарсид аз ӯ ҳоким-амак,
Пас кафша монда бо патак
Бигрехт чун мурғ аз катак,
Ғелида монанди чалак,
Ҳолаш хароб аст, ҳилоли замзама,
Думаш ба хӯрҷин, ҷонам, ҳилоли замзама.
Тарбузи ҳоким, ҳилоли замзама;
Аз бағал афтид, ҷонам, ҳилоли замзама;
Ҳокими золим, ҳилоли замзама,
Дар мағал афтид, ҷонам, ҳилоли замзама.
Тарсид аз ӯ ҳоким-амак,
Пас кафша монда, бо патак
Бигрехт чун мурғ аз катак,
Ғелида монанди чалак,
Ҳолаш хароб аст, ҳилоли замзама,
Дилаш кабоб аст, ҷонам,
ҳилоли замзама,
Думаш ба хӯрҷин, ҷонам, ҳилоли замзама.
*(Гулъизор ба рақс медарояд).*

**Ҳама**

«Эй сарви хушболои ман,
Эй дилбари раънои ман,
Лаъли лабат ҳалвои ман,
Аз ман чаро ранҷидаӣ?

Ман ошиқи зори туям
Бо ҷон харидори туям.
То зиндаам, ёри туям,
Аз ман чаро ранҷидаӣ?
Гар ман бимирам дар ғамат,
Хунам фитад бар гарданат!
Фардо бигирам доманат!
Аз ман чаро ранҷидаӣ?»

**Восеъ**
*(Баллада)*
Дар замони пеш
Буд як аждаҳо,
Вай ба ҷони халқ
Буд як бало:
Оташи дамаш
Шаҳрҳо бисӯхт,
Зидди вай касе
Ҷуръате накард,
Лек Рустами
Паҳлавону мард
Дастгири халқ
Шуд дар он замон.

**Халқ**
Ҳар касе шавад
Қаҳрамони халқ,
Нест ғайри вай
Меҳрубони халқ.
Гум намешавад
Аз миёни халқ.
Достони ӯст
Дар забони халқ!

**Восеъ**
Рустами далер
Бо ғазаб давид,
Сӯи аждаҳо
Мисли нарршер.
Гурзи оҳанин
Зад ба фарқи он,
Гард-гард шуд
Фарқи аждаҳо,
Гардҳои вай
Рафт бар ҳаво,
Чони мардумон
Монд дар амон.

**Халқ**
Ҳар касе шавад
Қаҳрамони халқ,
Нест ғайри вай
Меҳрубони халқ.
Гум намешавад
Аз миёни халқ,
Достони ӯст
Дар забони халқ!

**Восеъ**
Ҳокиму амир
Ҳамчу аждаҳо,
Мисли Рустамед
Ҳар яки шумо.
Қаҳрамон шавед,
Беамон шавед.
Гурз бар сари
Аждаҳо занед.

То ки номатон
Ҷовидон шавад,
Дар миёни халқ
Достон шавад.

**Халқ**
Ҳар касе шавад
Қаҳрамони халқ,
Нест ғайри вай
Меҳрубони халқ.
Гум намешавад
Аз миёни халқ,
Достони ӯст
Дар забони халқ!
*(Касир парешонҳол медарояд).*

**Восеъ**
Касир!
Ҳокима ту чаро наовардӣ?
Нозим чӣ шуд?

**Касир**
Ҳокими хонасӯз аз дигар
Ҷамъ кардаст беадад лашкар.
Бар сари мо ҳуҷуми сахт овард,
Ҷамъамонро зада парешон кард.
Нозими камбағал дар ин задухӯрд...
Мурд...

**Халқ**
Ҳайф, Нозим, ҷавонмарди далер,
Вай ба майдони ҷанг буд чун шер!

**Касир**
Ҳамаи ин касофати ҷанг аст,
Ҷанг дигар барои кӣ лозим?
Оштӣ мекунем бо ҳоким!

**Восеъ**
Ман ба ин фикр нестам розӣ!

**Дидбон**
Чанд шахси савора меоянд!

**Восеъ**
Раис, амлокдор, сарлашкар...

**Назир**
Канӣ, ҳоким дигар чӣ мехоҳад?

**Восеъ**
Маҳкам истед, ҳар чӣ ҳам бошад!
*(Элчиҳои ҳоким меоянд).*
Марҳамат, меҳмонон!

**Амлокдор**
Мо ҳама бо супориши ҳоким
Омадем ин кӣ оштӣ созем.
Гар шумо бенизоу беғавғо
Балҷувонро диҳед гашта ба мо,
Дар ҷавобаш ҷаноби ҳоким ҳам
Ба шумо мекунанд лутфу карам;
Давлат аз се ду ҳисси ғаллаву дон
Мегузорад барои ҳар деҳқон.

**Бобо**
*(Ба яке аз шӯришчиён нигоҳ карда, бо киноя)*
Хонаат мешавад пур аз гандум.

**Амлокдор**
Чанд боҷу хироҷ якбора
Мешавад кам ба халқи бечора.
Зиндагонии косибонро ҳам
Хубтар мекунем мо кам-кам.

**Бобо**
*(Ба як нафар косиб ишораи кинояомез карда).*

Шуда мондӣ ту ҳам, Табар Махсум!

**Сарлашкар**
Қуввати ҳоким аз ҳад афзун шуд,
Лашкараш аз ҳисоб берун шуд!
Лашкари тоза аз Ҳисор омад,
Милтиқу тир аз Бухор омад!

**Халқ**
Мо аз ин дӯғҳо наметарсем!

**Восеъ**
Бо шумо аз нав оштӣ кардан
Ин – баробар ба худ худа куштан!
Бо ҳама чормағзи пуч шумо
Пур намудед домани моро!
Аз чунин ваъдаҳои бесару дум
Солҳо сӯхтем мо мардум!

**Амлокдор**
Хайр, зӯрӣ намекунем, аммо
Дар хатар мешавад ҳаёти шумо!

**Восеъ**
Марҳамат, раҳ кушода, зуд равед,
То ки қурбони ин хатар нашавед!

*Элчиҳои ҳоким мераванд. Восеъ ҳам барои гусел кардан аз паси онҳо мебарояд.*

**Касир**
Дӯстон, мо ҳама хато кардем,
Бояд аз ин раҳи хато гардем!
Ҳаст фурсат ҳанӯз ҳам бар мо,
Ки бубандем сулҳ бо онҳо!

*(Чанд нафар аз халқ)*
Ҳа, дуруст аст!

**Халқ**
Нодуруст аст!

*(Чанд нафар аз халқ)*
Сулҳ бандем!

**Назир**
Касир,
Худи ту фикр карда бин, охир!
Бо чӣ хунрезию азоби зиёд
Балҷувон шуд аз он сагон озод.
Боз гардонда медиҳем магар?
Нест бадномие аз ин бадтар!

**Касир**
Бачаҳомон дар он тараф бе нон,
Ин тараф мо ба ҷанг саргардон...
Беҳтар ин ки ба хонамон биравем
Аз пайи зиндагии худ бишавем!
*(Чанд нафар аз халқ)*
Меравем!

**Назир**
Телбагӣ накунед!
Тешаро худ ба пои худ назанед!
Чоҳро худ ба роҳи худ наканед!
Баъд аз ин ҳам, амин ҳастам, ман,
Ки ба ҳоким диҳем аз нав тан,
Боз ҳам мешавем гушнаву зор,
Боз ҳам мешавем бандаву хор!

**Халқ**
Мо ба ҳоким намешавем асир!

**Касир**
Хайр, мо меравем.

*Чанд нафар деҳқонони фиребхӯрда бо Касир мераванд. Восеъ меояд.*

**Бобо**
Рафт охир Касири тарсончак.

**Восеъ**
Мон равад, гум шавад, хиёнаткор,
На вафо дораду на қавлу қарор!
Шиками мо барин касони фақир
Набуд асло ба даври ҳоким сер.

**Халқ**
Мо ба ҳоким намешавем асир!
Беамон мешавем то охир!

**Восеъ**
Духтарон, хоҳарон, шумо ҳам зуд
Бираветон ба хонаҳои худ!

**Гулъизор**
Алвидоъ, эй дӯст, аз хотир фаромӯшам макун!

**Назир**
Дар дилам меҳри туро чун ёдгоре мебарам!
*(Занон ва духтарон меравand).*

**Восеъ**
Шӯри мо шӯриши калон аст ин,
Ба ҳама рӯзи имтиҳон аст ин!
Ё зафар мекунем дар майдон,
Ё ки сар медиҳем чун мардон!

**Халқ**
Ту агар мурда бошӣ, мо мурда,
Ту агар зинда бошӣ, мо зинда!

**Дидбон**
Душман омад, ҳуҷум кард ба мо!
*(Ҷанг сар мешавад).*

*Парда*

## ПАРДАИ IV
### Намоиши чорум

*Болои як кӯҳсори баланд. Як тӯда шӯришчиёни шикастхӯрда ба ин ҷо паноҳ бурдаанд.*

**Шӯришчиён**
Кай меравад ин фасли хазон аз чамани мо?
Кай мерасад айёми баҳори ватани мо?
Оё шавад он дам, ки ба ҷои аламу оҳ
Оҳанги дили шод дамад аз даҳани мо?

Эй қумрии озод, кай озод сарояд
Монанди ту маҳбубаи ширинсухани мо?
Дорем басе орзуи зиндагии нав,
Эй дасти фалак, бахя мазан бар кафани мо!
Ҳарчанд ки дилпора шудастем, вале боз
Ҷӯшону давон хуни ғазаб дар бадани мо!
Аз матлаби худ ҳеҷ нагаштему нагардем,
То ин ки дар ин роҳ шавад хок тани мо!
Сӯзад тани золим ба мисоли хасу хошок,
Аз оҳи дили сӯхтаи марду зани мо!

**Восеъ**
Дӯстонам, раведу дар майдон
Мурдаҳоро ба хок гӯронед!
Ҳар чӣ ҳаст аз яроқу ғаллаву дон,
Бурда дар ҷои махфие монед!
Ба зану кӯдакони бесару бар
Меҳрубонӣ кунед мисли падар!

*Шӯришчиён меравand. Дар саҳна фақат Восеъ ва Назир мемонанд.*

Дареғо, ранҷҳоям рафта барбод,
Ба дӯшам боз ҳам бори ғам афтод.
Намоён чеҳраи субҳи зафар шуд,
Валекин боз пинҳон аз назар шуд.
Агар бечораро мебуд бахте,
Намеафтод дар ин рӯзи сахте!
Ҷудо гардидам аз ёрони дилсӯз,
Канӣ Нозим? Куҷо Давлат дар ин рӯз?
Ба ҷанги ҳокими ғаддор мурданд,
Ба уммеди халосӣ ҷон супурданд!
Касири аҳмақи беқавлу номард
Сафи моро шикаст, аз ҳам ҷудо кард.

Вале минбаъд ҳам то зинда ҳастам,
Ман ин шамшер нагзорам зи дастам!
Қасосамро зи душман меситонам,
Фақиронро зи ҷабраш мераҳонам!

*(Шамшерашро аз ғилофаш кашида бӯса мекунад).*

Дареғо, ранҷҳоям рафта барбод,
Ба дӯшам боз ҳам бори ғам афтод!..

*Пауза. Аз домани кӯҳ хониши Гулъизор ва модараш шунида мешавад.*

**Гулъизор**
Баҳор омад, шукуфта лолазорон.
Гулистон шуд канори кӯҳсорон;
Валекин боз ҳам нашкуфта мондаст
Гули рӯям дар ин фасли баҳорон.

**Аноргул**
Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,
Ба оби дида биншондам дарахте;
Шамол омад дарахтам решакан шуд,
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.

**Восеъ**
Гулъизорам, биё-биё, ҷонам,
Нури чашмам, чароғи тобонам!

*Гулъизор дар дасташ хурмаи ош, аз паси Аноргул медарояд.*
*(Дуэт)*

**Гулъизор**
Дар ишқи ту дард мекунад дандонам,
Монанди таноби чарх саргардонам;
Ман пилта шавам миёни ангуштонат,
Шояд ба ваноғи ту барояд ҷонам!

**Назир**
Аз орази ту чаман-чаман гул резад,
Аз қаддаки ту дастаи сунбул резад,
Як бори дигар ба ёди ту нола кунам,
Хун аз ҷигари ҳазор булбул резад!
*(Квартет)*

**Восеъ**
Садбарги сафеди саҳарӣ рӯи шумо,

**Аноргул ва Восеъ**
Бо нӯги қалам кашида абрӯи шумо!
Сайёди аҷал агар амонӣ бахшад,
Бандам миён ба хизмати тӯи шумо!

**Назир**
Рангат ба мисоли заъфарон аст чаро?
Гул зери ғубори ғам ниҳон аст чаро?

**Гулъизор**
Ҳар шоми сияҳ субҳи сафеде дорад,

**Гулъизор ва Назир**
Субҳи шаби ғусса бенишон аст чаро?

**Восеъ ва Назир**
Рӯзи сияҳи камбағалон мегузарад,
Ғамгин машав, ки оҳу фиғон мегузарад.

**Ҳар чорашон**
Бунёди ситам зи оташи нафрати мо
Месӯзаду чун фасли хазон мегузарад!

**Восеъ**
Духтари нағзи ман, чӣ овардӣ?

**Гулъизор**
Оши явғон, падар!

**Восеъ**
Аҷаб кардӣ!

*Ба ошхӯрӣ машғул мешаванд. Дар ҳамин вақт бо сардории Касир якчанд сарбози ҳоким омада, дар камарҳои кӯҳ пинҳон мегарданд. Худи Касир медарояд.*

**Касир**
Ака Восеъ, салом..

**Восеъ**
Ҳа, қаллоб!

**Касир**
Аз гуноҳам гузар барои савоб,
Ман хато кардам, аз хатои худ
Сад пушаймонаму надорад суд.
Аз хиҷолат ба пешатон сархам
Илтиҷо карда узр мехоҳам...
Чун шудам аз шумо ҷудо, ёрон,
Банда гаштам ба дасти сарбозон,
То ҳамин рӯз дар чаҳи зиндон
Хоб кардам миёни маҳбусон...

Ман шунидам, ки ҳоким аз ғазабаш
Ба Хаволинг мезадаст оташ.
Баъд аз он нисфи шаб, ба амри Худо,
Бо таваккал гурехтам ин ҷо,
То ки огаҳ кунам туро аз ин,
Ана, ҳар чорае ки хоҳӣ, бин!..

**Назир**
Баъд аз оне ки кор рафт зи даст,
Ақли ин кас ба ҷо-ш омадааст!

**Касир**
Шуданӣ шуд, гузашту рафт, акнун
Фикри дафъи балои навро кун!
Рафту ногоҳ душмани қаттол
Омада халқро кунад помол.
Мумкин аст ин ки ҳокими мардуд
Зану фарзандамон кунад нобуд..

**Восеъ**
*(Ба ғазаб омада)*
Мо хаволингиёни шӯришгар
Боз ҳозир ба ҳар қазою қадар!
Дар бадан то даме ки ҷон дорем,
Зидди ҳоким ба ҷанг тайёрем!
Ту, Назир, рав ба назди деҳқонон,
Хавфи навро ба ҷамъашон фаҳмон!
Ҳама бар ҷанги нав шуда тайёр
Ҷамъ гарданд зери ин кӯҳсор!

**Назир**
Сарамон ҳам равад ки душманро
Дар Хаволингамон намемонем!
*(Меравад)*

**Восеъ**
Зӯр ояд, дубора аз майдон
Нагурезӣ, Касир!

**Касир**
Не, акаҷон!
Медиҳам қавл ин ки то охир
Бо ту ҳастам, вагарна номи Касир
Бар ману шаъни ман ҳаром шавад,
Сарам аз нанг зери хок равад!

**Восеъ**
Пас, биё аз қафои ман поин!

*Ҳангоми аз кӯҳ фаромада истодан сарбозон аз камари кӯҳ ҷаста, Восеъро печонида, асир мекунанд. Аноргулро зада мекушанд ва Гулъизорро гирифта меравнд. Касир дар ин хиёнат ба сарбозон амалан ёрӣ медиҳад.*

*Парда*

## Намоиши панҷум

*Воқеа дар майдони назди қалъаи ҳокими Балҷувон мегузарад. Халқ бо маҳзунӣ мунтазири эълон карда шудани тақдири Восеъ.*

**Як гурӯҳи халқ**
Ҳайф, Восеъ аҷаб далере буд...
Марди майдону мисли шере буд...

**Гурӯҳи дигари халқ**
Лочин ба қафас афтод,
Бишкаст пару болаш.

Раҳме бикун, эй сайёд,
Вазнин бишуд аҳволаш!

**Ҳофизи халқ**
Восеъ хамбид Санги Мир
Муқобили зулми мир,
Бояд намудан тадбир!
Восеъ рафт сӯи Норак,
Кӯпрукаш кардай порак,
Манғито гаштан оворак.
Восеъ рафт сӯи Даштак
Ба фақирон дод калтак,
Ҷамъ шудан пеши Талхак.
Восеъ сари сангонай,
Пои аспаш лангонай,
Худаш марди майдонай!
Чамъ шавед,
                    э ёрон,
Асир нашавед ба мирон,
Зулм дидаед бепоён!

**Ҷарчӣ**
Эй мардуми мусулмон,
Э соҳибони имон:
Деҳқону паллабардор,
Даллолу мири бозор,
Оҳангару қадоқчӣ,
Бофандаю ямоқчӣ,
Чарчинфурӯшу баққол,
Ҷорӯббанду ҳаммол!
Нашунидам нагӯед,
Надидаам нагӯед,
Аз ман хабар расондан
Ва аз шумо шунидан!..

Бо хоҳиши илоҳӣ,
Бо амри подшоҳӣ!
Бо ҳукми ҳазрати мо
Шоҳаншаҳи Бухоро,
Яъне амири сафдар –
Абдулаҳад Музаффар
Имрӯз вақти пешин,
Дар назди ҷумла муъмин,
Осии дини ислом,
Ёғию дузду бадном,
Иғводеҳи аҳолӣ,
Зидди ҷаноби олӣ,
Яъне ки Восеи шум,
Хасми ба марг маҳкум,
Бо теғи тези ҷаллод
Аз халқ мешавад қатл,
Салавот бар Муҳаммад!

**Халқ**
Оҳ, бечора Восеи бадбахт!

*Амлокдор аз дари қалъа ҳамроҳи Касир ва якчанд нафар муллоён мебарояд.*

**Амлокдор**
Сазои касоне, ки исён кунанд,
Хиёнат ба шаъни амирон кунанд!

**Касир**
*Акнун дар либоси амалдорона ва дар дасташ қамчин.*

Ҳар он кас, ки бар зидди аҳкоми дин
Хурӯше кунад, сарнавишташ ҳамин!

*Сарбозон Восеъро, ки ба дасту гарданаш ишкел зада шудааст, иҳота карда, аз пеши халқ мегузаронанд.*

**Халқ**
Худоё, худат рахми ин банда хӯр!

**Восеъ**
Шумо, халқи мазлуми бехонумон,
Шумо, камбағалҳои беобу нон!
Барои халосӣ аз ин золимон,
Аз ин тӯдаи рӯбаҳону сагон,
Ба монанди мо ҷаҳду кӯшиш кунед,
Натарсида, исёну шӯриш кунед!
Зи хунхорҳо хунбаҳои маро
Ситонед, эй дӯстонам, шумо!

**Касир**
Ана, хунбаҳоят!

*Восеъро бо қамчин мезананд, Восеъро мебаранд. Халқ аз пайи онҳо меравонд.*

**Бобо**
Осмонро гирифт абри сиёҳ,
Тира шуд рӯи офтобу моҳ!

**Яке аз халқ**
*(Пас аз фурсате).*
Восеъ фаност имрӯз,
Ҷон мубталост имрӯз,
Ғавғои рӯзи маҳшар
Дар фақирост имрӯз!

**Халқ**
*(Гашта меоянд).*

Чӣ шӯрай ин дар майдон,
Ҳай қир шудан фақирон,
Дарёи хун шуд тӯфон!

**Нақарот:**
Дарё чӣ тавр нолонай?
Офтоб гирифт зулмона?!
Охири зулм вайронай!..
Восеъ фаност имрӯз,
Ҷон мубталост имрӯз!
Ғавғои рӯзи маҳшар
Дар фақирост имрӯз!
*(Гулъизор ва Назир бо ҳаяҷон медароянд).*

**Гулъизор**
Падарам дар куҷо?

**Назир**
Чӣ шуд Восеъ?

**Бобо**
Духтарам, бахти мо сиёҳ будаст.
Падарат... кушта шуд барои наҷот.

**Гулъизор**
Эҳ, сари сахти ман,
Падарҷонам!

**Назир**
Падарам, раҳбарам, рафиқам мурд!
Ҷон ба теғи ситамгарон биспурд...

Восеам рафт, такягоҳам рафт...
Ҳамдами кору ҷангу роҳам рафт...

**Бобо**
Духтарам, Гулъизорам, гиря накун,
Дили афгори ман накун пурхун!

**Гулъизор**
Иҷозат деҳ, ки бинам боз дидори падарҷонам.
Тани аз зарби чӯбу дарра хуншори падарҷонам.
Чӣ сон аз дида чун борон
нарезонам сиришкамро?
Чӣ сон аз сар барорам ёду хуммори падарҷонам?
Иҷозат деҳ, ақаллан бори дигар гӯш андозам
Навозишҳои рӯҳафзою гуфтори падарҷонам!
Илоҳӣ чок-чоку зери пои мардумон гардад
Тану сарҳои душманҳои ғаддори падарҷонам!
Чи сон аз дида чун борон нарезонам сиришкамро?
Чӣ сон аз сар барорам ёду хуммори падарҷонам?

**Касир**
*(Поида медарояд).*

Паҳлавон, боз ҳам натарсидӣ,
Аз ҳарам Гулъизора duздидӣ?

**Назир**
Рӯбаҳи ҳилагар, саги хапгир!..
*(Бо ханҷар ба синаи Касир мезанад. Касир мемурад).*

Восеъ, ту бидон ки мо туро ҳеҷ
Аз хотири худ намебарорем,

То охири умр душманонро
Осуда ба худ намегузорем!
*(Ба халк, хитобан.)*

Дар дили мо муҳаббати Восеъ
Солҳои дароз мемонад!
Халқ дар ҳаққи қаҳрамонии вай
Достону тарона мехонад!

**Халқ**
Ҳар касе шавад
Қаҳрамони халқ,
Нест ғайри вай
Меҳрубони халқ.
Номи вай мудом
Дар забони халқ,
Гум намешавад
Аз миёни халқ!..
*(Ҳама аз пайи Назир ва Гулъизор meраванд)*

*Парда.*

*Солҳои 1938–1939*

## ТОҲИР ВА ЗУҲРА

ИШТИРОККУНАНДАГОН:

Тоҳир – 18-сола, писари вазир.
Зуҳра – 18-сола, духтари шоҳ.
Шоҳ – падари Зуҳра, 58-сола.
Қароботур – 25-сола.
Зулайхо – дояи Зуҳра, 40-45-сола.
Шоҳи Хоразм – 60-сола.
Мувира – 20-сола.
Назира – 18-сола.
Маҳин – 17-сола.
Вазирон, дарбориён, сарбозон, ҷаллодон, канизакон ва ғайра.

### ПАРДАИ I
### Намоиши I

*Боғи Зуҳра, саҳари фасли баҳор. Дар боғ дарахтони гуногун гул кардаанд. Дар як тарафи боғ хонаи Тоҳир ва дар дигар тарафи боғ хонаи Зуҳра муқобили ҳамдигар воқеъ гардидаанд. Зуҳра бо дугонаҳояш ба сайри боғ мебарояд. Тоҳир дар айвони хонаи худ хобидааст.*

**Суруд**
*(Дугонаи Зуҳра )*
Баҳор омад, чаман дилхоҳи мо шуд?
Зи сар то по тамошогоҳи мо шуд.
Зи ишқи гул занад фарёд булбул,
Магар дар ошиқӣ ҳамроҳи мо шуд?
*(Нақарот)*

**Хор**
Баҳор омад, чаман дилхоҳи мо шуд,
Зи сар то по тамошогоҳи мо шуд.

**Дугона**
Табассум карда гӯяд зери лаб гул,
Ки: «Булбул ошиқи гумроҳи мо шуд».
Ба дунё ишқ агар мебуд одил,
Чаро пас ӯ ситамгар шоҳи мо шуд?
Дили ошиқ месӯзад чу машъал,
Шаби торики ҳиҷрон моҳи мо шуд.
Магар аз ишқ моро офариданд,
Ки маҳкам лойи он аз коҳи мо шуд.

**Хор**
Баҳор омад, чаман дилхоҳи мо шуд,
Зи сар то по тамошогоҳи мо шуд.

**Зуҳра**
Маро як дам ба танҳоӣ гузоред.

*Чашми Зуҳра ба Тоҳир меафтад. Дугонаҳояш мераванд. Ӯ месарояд.*

**Суруд**
Тоҳир, ту хоб кардӣ,
Ҳай хоби боб кардӣ,
Бархез, ки дили мо
Бисёр об кардӣ.
Аз хоби ноз во кун
Чашми сиёҳи худро.
Афкан ба сӯи ошиқ,
Дилбар, нигоҳи худро.
Дорӣ хабар, ки омад
Ҳангоми ишқбозӣ,
Бечора ошиқонро
Айёми дилнавозӣ.

Хоҳам, ки оташи ишқ
Пинҳон маро бисӯзад,
Тарсам, ки шуълаафшон
Гардад, ҷаҳон фурӯзад.

**Арияи Зуҳра**
Ишқ омаду ихтиёри ман рафт,
Ороми дилу қарори ман рафт.
Бе ёр на рӯз тоб дорам,
Не шаб ғами хуфту хоб дорам.
Не тоқати он ки бинамаш дер,
Не ҷуръати он ки бинамаш сер.
Он кас, ки ҳавас ба ёр дорад,
Бо роҳати худ чӣ кор дорад.
Ёр ояд агар, баҳор ояд,
Ҳам роҳату ҳам қарор ояд.
Ишқ омаду ихтиёри ман рафт,
Ороми дилу қарори ман рафт.
Бе ёр на рӯз тоб дорам,
Не шаб ғами ҳуфту хоб дорам,
Хоҳам, ки зи банди ишқ ҷонам
Озод кунам... наметавонам,
Ман дар раҳи ишқи печ дар печ
Ҷон меканаму натиҷааш ҳеҷ...
Бошад ки касе намояд огоҳ,
Ин роҳи чӣ, ман кадом гумроҳ?

*Зуҳра беихтиёр аз рухсори Тоҳири хобкарда мебӯсад. Тоҳир тарсида бедор мешавад ва Зуҳра худро пинҳон мекунад.*

**Тоҳир**
Магар ман дилбаре дар хоб дидам?
Шаб оё буд, ки ман маҳтоб дидам?

Ба баҳри фикрҳоям ғарқ гашта,
Дар он ё гавҳари ноёб дидам?
Ба рухсори ман оташпора афтод,
Ки дар сӯзиш рухам якбора афтод?
*(Зуҳраро дида).*
Туӣ, Зуҳра?

*Зуҳра дар хиҷолат монда, худашро ба бағали Зулайхо, ки аз дар даромада нигоҳ мекард, мепартояд.*

Чӣ кардам ман, Зулайхо?

**Зулайхо**
Чаро дар хиҷлатед аз комронӣ,
Зи ишқу орзуҳои ҷавонӣ?
Чаро бастед пеши роҳатонро,
Раҳи ишқи дили огоҳатонро?
Шумо бояд ки бо ҳам зинда бошед,
Зи ишқи ҳамдигар фархунда бошед.

**Зуҳра**
Зулайхо, фикри худро зуд баён кун,

**Тоҳир**
Дили ғамгини моро шодмон кун.

**Арияи Зулайхо**
Вазиру шоҳ бефарзанд буданд,
Ба ин ғам рӯзу шаб пайванд буданд.
Шаҳаншаҳ гуфт: «Гар ногоҳ мирам,
Надорам кас, ки гардад ҷойгирам.
Ба сар гирад кулоҳу тоҷи шоҳӣ,
Ба ҷои ман намояд подшоҳӣ».

Ба ҳар дарвешу ҳар марди дуохон,
Зар афшонид шаҳ фарзанд ҷӯён.
Вазиру шоҳ бо амри Худованд,
Дами пирии худ диданд фарзанд.
Вазир аз рӯи Тоҳир меҳр омӯхт.
Рухи шаҳ аз ҷамоли Зуҳра афрӯхт.
Шаҳаншаҳ халқи оламро хабар дод,
Ки: «Хушбахтам ман аз келину домод».
Тавонад ғайр агар бо роҳи иғво
Ҷудо аз ҳамдигар созад шуморо.
Яке бинед рӯзи сахти Маҷнун,
Дигар тақдири Лайлии ҷигархун.
Ба як ҷо ҳар ду озодона гардед,
Яке шамъу дигар парвона гардед.
Ба боғ оед хандонрӯву пирӯз,
Ба мисли лолаҳо дар иди Наврӯз.
Шумо бояд ки бо ҳам зинда бошед,
Зи ишқи ҳамдигар фархунда бошед.

*Қароботур, ки аз паси дарахт истода ҳамаи ин воқеаҳоро бо ҳасаду рашк нигоҳ мекард, баромада меравад. Тоҳир ва Зуҳра аз ҳикояи Зулайхо хурсанд мегарданд.*

**Тоҳир**
Магар шаб рафту омад субҳи уммед.

**Зуҳра**
Ки мебинам фурӯзон рӯи хуршед.

**Дуэти Тоҳир ва Зуҳра**
Аз ашк агар гӯям сухан,
Чун аввалин алфози ман,
Номи ту ояд бар забон
Аз сидқи дил, аз мағзи ҷон.

Ҷон гӯям, аз ҷон беҳтарӣ,
Хуршедро, маҳпайкарӣ,
Алқисса, шоён сарварӣ
Бар хубрӯёни ҷаҳон.
Чуз ту надорам ҳамнафас,
Не ёр, не ишқу ҳавас
Не чашми уммеде ба кас,
Не меҳрубон, не дилситон.
Эй ҷони ман, ҷонони ман,
Хам-аҳду ҳампаймони ман,
Меҳрат, шаҳи хубони ман,
Созад умедам ҷовидон.
Сӯзад ҷафо гар пайкарам,
Аммо намояд, дилбарам,
Ишқи туро хокистарам
Дар сина чун ахгар ниҳон.
*(Суруди секаса).*

**Зуҳра**
Сӯзад ҷафо гар пайкарам,
Аммо намояд, дилбарам.
Ишқи туро хокистарам
Дар сина чун ахгар ниҳон.

**Зулайхо**
Ба як ҷо ҳар ду озодона гардед,
Яке шамъу дигар парвона гардед.
Ба боғ оед хандонрӯву пирӯз,
Ба мисли лолаҳо дар иди наврӯз.

**Тоҳир**
Сӯзад ҷафо гар пайкарам,
Аммо намояд, дилбарам.
Ишқи туро хокистарам
Дар сина чун ахгар ниҳон.

*Падари Зуҳра – шоҳ бо вазирон ва уламоҳои худ ва Қароботур меоянд.*

**Зулайхо**
Шоҳ меоянд.

**Шоҳ**
*(Ба Зулайхо)*
Чаро бероҳа кардӣ духтарамро?
Ба зери нанг афгандӣ сарамро,
Ба ту фарзанди худ додам амонат,
Амонатро намудӣ ту хиёнат.

**Зулайхо**
Шаҳи олимақом, аз ман гуноҳе
Нагардидаст содир ҳеҷ гоҳе.

**Шоҳ**
Магар мастат намуданд обу нонам,
Ҳавои чорбоғи дилситонам.
Ба зудӣ нест шав аз пеши чашмам,
Ҳазар кун аз дами шамшери хашмам.

**Зулайхо**
Шаҳи олимақом аз ман гуноҳе
Нагардидаст содир ҳеҷ гоҳе.

**Шоҳ**
*(Ба Зулайхо.)*
Рав!
*(Зулайхо меравад. Шох, ба Тоҳир муроҷиат мекунад).*

Калон кардам туро монанди фарзанд,
Намудам тарбият бо ширу бо қанд.

Рухи модар, падар нодидаӣ ту,
Аз онҳо нуктае нашнидаӣ ту.
Замоне, ки расидӣ ту ба воя,
Накардӣ хизмати манро риоя.
Ту на шоҳӣ, на аз авлоди шоҳӣ,
Набояд ки зан аз шаҳзода хоҳӣ!

**Тоҳир**
Ҳазрат! Ҳазрат!

**Шоҳ**
Ба ҷо овар, ақаллан, ҳурмати нон.

**Тоҳир**
Ҳазрат!

**Шоҳ**
Намак хӯрдӣ, макун туф дар намакдон.

**Тоҳир**
Дар он мулке ки ҳазрат подшоҳ аст,
Магар ошиқ шудан кори гуноҳ аст?
Муҳаббат оташи таъсирнок аст,
Фурӯғи чеҳраи виҷдони пок аст.
Набинад чашми ман гар меҳрубонро,
Ба чашми хеш мебинад дил онро,
Касе, ки ҳаст мард, аз аҳду паймон,
Бимирад ҳам, намегардад пушаймон.
Шаҳо, модом ки худ ваъда кардед,
Дигар аз ваъдаи худ пас нагардед.

**Қароботур**
Напарвар саг, ки чун девона гардад,
Балои ҷони соҳибхона гардад,
*(Ба Тоҳир хитобан)*

Ба раъйи шаҳ муқобил мешавӣ ту?

**Шоҳ**
Ҷудо созед зуд аз тан сарашро,
*(Вазирон).*

**Хор**
Сабуктар кун, адолатпеша, шоҳо,
Ҷазои сахти ин гумраҳ ҷавонро,
Ки аз хурдон агар сар зад хатое,
Ба он бояд бузургонро атое.

**Шоҳ**
Пас онро дур созед аз диёрам,
Ки номашро ба хотир ман наёрам.
Барои Зуҳра дар наздики дарё
Бинои тозае созед барпо.
Дар он ҷо Зуҳра то танҳо нишинад,
Ягон номаҳраме онро набинад.
*Зулайхо ба шоҳ таъзимкунон муроҷиат мекунад.*

**Зулайхо**
Шаҳо, фармонат аз адлу карам нест.

**Шоҳ**
Зулайхоро ҳам аз даргоҳ ронед,
Ба назди духтарам дигар намонед.

*Вазирон бо шоҳ мераванд. Тоҳир либосҳояшро ҷамъ карда, барои бадарға тайёрӣ мебинад.*

**Тоҳир**
*(Бо Зуҳра видоъ карда)*

Видоат кардаму аз дасти зулми беамон рафтам
Ҷудо аз ошно гардида, бо бегонагон рафтам.
Умедам буд, ёбам лонае дар шохсори ишқ,
Вале беболу пар мурғи ҷудо аз ошён рафтам.
Мабар аз ман гумони бад, азизам, дар вафодорӣ,
Ки бо ту меҳрубон ҳам омадам, ҳам меҳрубон рафтам.
Шаванд огоҳ то халқи ҷаҳон аз меҳри ёри ман,
Суруди ишқро такрор карда дар забон, рафтам.
Фаромӯшам макун, ҷонон, чи ғамгинӣ, чи хурсандӣ,
Агар ман бенишон аз дида чун дуди хазон рафтам.
Гули худро ҳимоят кун ту аз ҳар офате, Зуҳра,
Ки ман чун ғунчаи нашкуфта аз ин бӯстон рафтам.

*Тоҳирро бароварда мебаранд, Зуҳра аз оқиби он бо гиря ин байтро такрор мекунад.*

**Зуҳра**
Сӯзад ҷафо гар пайкарам,
Аммо намояд, дилбарам,
Ишқи туро хокистарам
Дар сина чун ахгар ниҳон.

*Парда*

## Намоиши II

*Лаби дарё. Дар ҳараме, ки тоза бино ёфтааст, Зуҳра ба танҳоӣ нишаста дар оташи фироқ месӯзад. Дар ҳамин вақт аз дур зангӯлаи омадани корвон шунида мешавад.*

**Зуҳра**
*(Ба корвон мурољиат карда).*
Корвон, ёри маро ҳеҷ ту дидӣ,
Ё не?

Ё аз он хушхабареро ту шунидӣ,
Ё не?

*Дар ҳамин вақт сурудхонии Тоҳир баланд мешавад.*

**Тоҳир**
Ҷонона, маро ту ёр ҳастӣ, ё не?
Дар ваъдаат устувор ҳастӣ, ё не?
Кардам ба умед ман сафар аз раҳи дур,
Ту дар раҳам интизор ҳастӣ, ё не?

Ман омадаам, ки ёри худро бинам,
Сабри дили беқарори худро бинам,
Гар реза кунад теғи ҷафо пайкари ман,
Дар хоки раҳаш ғубори худро бинам.
*(Тоҳир ва Зуҳра ҳамдигарро мебинанд).*

**Зуҳра**
– Марҳабо, аз оразат афрӯз шамъи хонаро,
Дар фироқи худ масӯзон ин қадар парвонаро.

**Тоҳир**
Дар биёбони ғамат озод то ҷавлон занам,
Пора кун занҷиру банди пои ин девонаро.

**Зуҳра ва Тоҳир**
Соқиё, ҳушёр шав, ки маҷлисоро омадаст,
Машкан аз мастӣ дубора соғару паймонаро.

**Тоҳир**
Бар сарам хоҳанд гардонанд санги осиё,
Дар раҳат собит намоям ваъдаи мардонаро.

**Зуҳра**
Рӯзгоро, баъд аз ин сангиндилиро тарк кун,
Беш аз ин дигар маранҷон хотири ҷононаро.

*Тоҳир ба арғамчин печида ба болохона ба пеши Зуҳра мебарояд.*

**Тоҳир ва Зуҳра**
Гар ту бинӣ боз як ҷуфти кабӯтар дар ҳарам,
Раҳм кун, ҳозир макун, сайёд, дому донаро.
*Зуҳра бӯғчаҳояшро баста бо Тоҳир гурехтанӣ мешавад.*

**Тоҳир**
Равем тезтар.
*Ҳар ду аз болохона ба поён мефуроянд. Қароботур меояд.*

**Қароботур**
*(Ба Тоҳир).*

Ба духтардуздӣ анҷомид корат.

*Тоҳир шамшерашро луч карда ба Қароботур ҳуҷум мекунад. Сарбозҳои шоҳ меоянд. Дар байни Тоҳир ва лашкари шоҳ ҷанги калон барпо мегардад. Қароботур маккорона ба назди Зуҳра омада ба ӯ хабар медиҳад.*

**Қароботур**
Ба ман фармуд аълоҳазратам - шоҳ,
Ки аз лутфаш шуморо созам огоҳ:
Агар Тоҳир аз ин тезӣ бигардад,
Зи роҳи ҷангу хунрезӣ бигардад,

Ҳамон дам шоҳ мебахшад гуноҳаш,
Сипаҳсолор хонад бар сипоҳаш,
Ба шоҳаншоҳ вай домод гардад,
Арӯсаш Зуҳра ҳам дилшод гардад.
Ба ӯ ин муждаро бояд расонед,
Зи ҷанги марг ҷонашро раҳонед.
*(Ҷанги шамшерзанӣ ба саҳна меояд).*

**Зуҳра**
*(Ба Тоҳир).*
Тоҳир, падарам ба ту карам кард,
Аз ҷаҳл фарову аз раҳат гард!
*(Шоҳ бо вазиронаш меояд).*

Шамшер ба пеши шоҳ андоз,
Бингар, ки аз он чӣ оядат боз.

**Тоҳир**
– Ҳар чӣ ки ту гӯӣ, он намоям,
Амри ту адо ба ҷон намоям.
*(Шамшерашро ба пеши шоҳ мепартояд).*

**Шоҳ**
Намебахшам гуноҳаш ҳеҷ гаҳ ман,
Сари онро ҷудо созед аз тан,
Ки то осудатар гардад дили ман,
Дигар онро набинад манзили ман.
*(Зуҳра фарёд мезанад).*

А!
Падари ман ба мо мурувват сохт...
*(бо киноя)*
Раҳм ё дар дилаш Худо андохт?

**Тоҳир**
Касби шоҳон фиребу найранг аст.

**Зуҳра**
Тахти шоҳона аз ту пурнанг аст,
Чоҳ кандан ба фарқи сар дар кӯҳ,
Дили хоро ба гиря тар кардан,
Балки осонтаранд аз он ки
Ба дили сахти шаҳ асар кардан.

**Хор**
Шоҳ агар одил иабошад,
мулк вайрон мешавад,
Бод агар аз қибла хезад, ҷангу тӯфон мешавад.

**Вазирон**
Ба аълоҳазрати худ арз дорем,
Ҳама аз лутфашон уммедворем.
Чунин фармони сахти подшоҳӣ
Хатар дорад ба тахту бахти шоҳӣ.
Ба аълоҳазрати худ арз дорем,
Ҳам аз лутфашон умедворем.
*(Мунокиша).*

**Қароботур**
Касе, ки хост дуздад духтари шоҳ,
Ягона нури чашму гавҳари шоҳ.
Сазои он фақат куштан магар нест?

**Вазирон**
Ба ҷуз куштан магар роҳи дигар нест?

**Қароботур**
Касе, ки хост дуздад духтари шоҳ
Сазои он фақат куштан магар нест?

**Вазирон**
Ба ҷуз куштан магар роҳи дигар нест?

**Қароботур**
Сазои он фақат куштан магар нест?

**Вазирон**
Чунин фармони сахти подшоҳӣ,
Хатар дорад ба тахту бахти шоҳӣ.

**Шоҳ**
Ба сандуқ, пас, бияндозед онро,
Ба ин дарё равон созед онро,
Ки гардад туъмаи нав моҳиёнро,
Наҳангу лошахору каргасонро.

**Тоҳир**
*(Ба Зуҳра муроҷиат карда).*

Ҳарчанд ситам маро зиёд аст,
Аммо дилам аз ту боз шод аст.

*Тоҳирро сарбоз ва ҷаллодҳо ба сандуқ меандозанд ва дари сандуқро қулф карда ба лаби дарё мебаранд.*

**Хор**
Шуд зи ҷафоҳои шоҳ
Рӯзи халоиқ сиёҳ,
Тира шуд аз дуди оҳ
Чеҳраи хуршед моҳ.
Гиря надорад асар,
Бар дили бераҳми шоҳ.
Ҳеҷ надорад бақо
Пояи ҷабру ҷафо.

Ҳар ки намояд ҷафо.
Мекунад он иштибоҳ.
Эй, шаҳи соҳибқирон,
Аз чӣ кунӣ беамон
Ҷабр ба ин ошиқон
Бе сабабу бегуноҳ?
*Дар ҳамин ҳангом Зулайхо бо чеҳраи ғамгин медарояд.*

**Зулайхо**
Тоҳири бегуноҳ аз мо рафт,
Сандуқи он ба рӯи дарё рафт.

**Хор**
Тоҳири бегуноҳ аз мо рафт,
Сандуқи он ба рӯи дарё рафт,

*Ҳама мераванд, дар саҳна Зуҳра танҳо мемонад. (Суруд).*

**Зухра**
Дарё равон аст секин-секин
Монанди Тоҳир маҳзуну ғамгин.
Сандуқи Тоҳир тахта-тахта,
Банди ҷигарам лахта-лахта.
Сандуқ равон аст тозон-тозон,
Мондаст Зуҳра гирён-гирён
Ин мавҷи дарёст занҷир-занҷир,
Даруни сандуқ торику дилгир,
Эй боди шабгир,
бархез-бархез!
Дар оби дарё тӯфон барангез!
То ин ки дарё туғён намояд,
Харсангҳоро вайрон намояд.

*Дар ҳамин вақт марде савора ба назди Зуҳра омада, таъзим мекунад.*

**Савора**
Банда дар хизмати шумо ҳозир,

**Зуҳра**
Рав ба Хоразм пеш аз Тоҳир
Ба Маҳин ном духтари шаҳи он
Гир ин номарову зуд расон.

*Савора номаро гирифта пас мегардад ва садои тохтани асп шунида мешавад.*

Аспи тозону тундтар аз бод,
Гузар аз кӯҳу даштҳои зиёд,
Ба Маҳин, духтари шаҳи Хоразм
Номаамро чу бод зуд расон!

*Парда*

## ПАРДАИ II
## Намоиши III

*Лаби дарё. Қасри шоҳи Хоразм. Духтарони шоҳ Мунира, Назира ва Маҳин дар лаби дарё нишаста, мӯйшонакунон месароянд.*

Зулфи мушкинро ба рӯи худ парешон кардаӣ,
Боғи ҳуснатро саросар сунбулистон кардаӣ,
Аз рухи чун моҳи тобонат ниқоб афкандаӣ,
Як ҷаҳонеро ба худ шайдову ҳайрон кардаӣ.
Ғамзаи чашми сиёҳат дида, донистам, ки ту
Қасди бераҳмона баҳри ғорати ҷон кардаӣ.
Ҳар қадар ҷабру ҷафои ту ба ман гардад зиёд,
Боз мегӯям, ки дилбар, лутфу эҳсон кардаӣ.

Дидаамро карда гирён ҳамчу абри навбаҳор,
Орази худро ба мисли лола хандон кардаӣ.
Ваъда бо ман дода, аммо бар хилофи ваъдаат
Бо рақибон рафта пинҳон аҳду паймон кардаӣ.

**Маҳин**
Духтарон, чист он ба рӯи об?

**Назира**
Сӯи соҳил равон бувад баштоб?!

**Мунира**
Шакли он чоркунҷу ҳамвор аст,
Ин чӣ сир асту ин чӣ асрор аст?

**Маҳин**
Дар дарунаш ягон бало банд аст,
Вай ба сандуқ шабеҳу монанд аст.

**Назира**
Балки сандуқ пур аз зару тиллост.

**Мунира**
Ҳар чӣ ҳам бошад, сандуқи зебост.

**Маҳин**
Бояд онро ба банди кокули худ
Баста берун кашем аз оби рӯд.

**Мунира**
Аввалин навбат аз Мунира бувад.

**Назира**
Сониян навбати Назира шавад.
Охираш навбати Маҳин ояд.

*Сандуқ наздик мешавад. Мунира кокулашро ба об мепартояд.*

**Мунира**
Бахт агар як мадад кунад, шояд...

*Мӯяш кӯтоҳӣ карда ба сандуқ намерасад, сандуқ гузашта меравад.*

Толеи ман ба ман накард назар,

**Хор**
Толеи ту ба ту накард назар.

**Назира**

*(Мӯяшро ба об мепартояд).*

Бахт агар як мадад кунад, шояд...

*(Мӯи он ҳам ба сандуқ намерасад).*

Кӯтаҳӣ кард кокулам камтар,
Толеи ман ба ман накард назар.

**Маҳин**
*Мӯяшро ба об мепартояд. Кокули вай дар атрофи сандуқ, мепечаду ва сандуқро аз об мебарорад.*

Мӯи печоии ман, дарозӣ кун,
Гирди сандуқ чу мор бозӣ кун.

**Духтарон**
Толеат нек будааст, Маҳин!

**Маҳин**
Зудтар во кунед сандуқро,
То ки бинам чӣ кардаам пайдо.

**Назира**
Сандуқатро худат кушодан гир.

**Духтарон**
Толеат нек будааст, Маҳин,
Шудӣ соҳиб ба сандуқи нақшин.

*Сандуқро духтарон оҳиста-оҳиста во мекунанд ва Тоҳири дар сандуқ хобидаро дида, мафтуни ҷамоли он мегарданд.*

**Маҳин**
Оҳ...
Кӣ инчунин ҷавон дидаст?
Ин маҳ аз осмон кӣ дуздидааст?

**Арияи Маҳин**
Намедонам, ту қурбони кӣ бошӣ?
Шикори тири мижгони кӣ бошӣ?
Фидои аҳду паймони кӣ бошӣ?
Сари дар банди чавгони кӣ бошӣ?
Ҷудо аз тан шуда ҷони кӣ бошӣ?

Саросар пайкарат, ки доғу дард аст?
Гули рӯи ту ҳам ингуна зард аст.
Надонам, кӣ туро пажмурда кардаст?
Чаро оҳи ту беандоза сард аст?
Сиришки чашми гирёни кӣ бошӣ?

Ба ин ҳусну ҷамоли худ тавонӣ
Фурӯзонӣ заминеву замоне.
Бигӯ аз рӯи лутфу меҳрубонӣ,
Ки ту моҳи кадомин осмонӣ?
Фурӯғи шамси тобони кӣ бошӣ?

Туро дидам, гирифтори ту гаштам,
Асири чашму рухсори ту гаштам,
Ба дил гуфтам, ки: «Ман ёри ту гаштам,
Зи ҷону дил харидори ту гаштам,
Ту маҳбуби дилу ҷонӣ кӣ бошӣ?»

*Дар миёни хоҳарон рашк пайдо шуда, бо ҳамдигар муноқиша сар мекунанд.*

**Назира**
Маҳин, шарму ҳаёят ку?

**Мунира**
Ба пеши мо ибоят ку?

**Назира**
Ба ишқи шахси бегона
Машав ин қадр девона.

**Мунира**
Ту ҳоло хурду нодонӣ,
Муҳаббатро чӣ медонӣ?

**Маҳин**
Касе, ки ғарқаи рашк аст,
Суханҳояш пур аз ашк аст.
Шумо ҳар ду, намедонам,
Чӣ мехоҳед аз ҷонам?

**Мунира ва Назира**
Қоҳ... Қоҳ... Қоҳ... Қоҳ... Қоҳ... Қоҳ...

**Мунира**
Маҳини гӯл, машав мағрур
Ба ин фикру хаёли дур.

**Назира**
Чӣ медонӣ, ки аз моён
Киро хуш менамояд он?

**Тоҳир**
*Ба ҳуш меояд. Чашмонашро во карда, ба ҳар тараф нигоҳ мекунад.*
Шумо гӯед, ки ман дар кучоям,
Чаро озод аз қайди чафоям?
Ба болини кӣ мехобад сари ман,
Кӣ меояд ба назди бистари ман?

**Хор**
Ба рӯи бистари шоҳонаи ту,
Азизи соҳиби ин хонаи ту.
Ту меҳмони шаҳи Хоразм ҳастӣ,
Зи мурдан бо туфайли мо бирастӣ.
Ба моён саргузаштатро баён кун,
Ҳама асрорро як-як аён кун.

**Тоҳир**
Ҳикоятҳои ман дуру дарозанд,
Пур аз андӯҳу дарду чонгудозанд.
Агар гӯям, чаҳоне дар ғам афтад,
Ба иду тӯйи мардум мотам афтад.
Ҳамон беҳ сӯхта ин пайкари ман
Равад барбод бо хокистари ман.

**Маҳин**
*(Ба канизак фармон дода).*

Рафта хабар кун ҳамаи ҳофизон,
Тӯдаи созандаву бозандагон,
То ки ба хурсандии ҷонписар
Базм шавад з-аввали шаб то саҳар.

**Духтарон**
То ки ба хурсандии ҷонписар
Базм шавад з-аввали шаб то саҳар.

*Канизак таъзим карда меравад ва Маҳин ба канизакони дигар хитоб мекунад.*

**Маҳин**
Бурда ба вай яксара оро диҳед,
Пираҳану ҷомаи зебо диҳед.

**Духтарон**
То ки ба хурсандии ҷонписар
Базм шавад з-аввали шаб то саҳар.

*Канизакон Тоҳирро мебаранд ва Маҳин ҳам бо духтарони дигар баромада меравад. Дар саҳна фақат Назира ва Мунира мемонад.*

**Мунира**
*Аз кисааш шишачаи заҳр бароварда ба Назира нишон медиҳад.*

Соқии ин базми ҳарифон манам,
Бодакаши маҷлиси ёрон манам.
Оташи рашк ин тану ҷонро бисӯхт,
Гуфтани он неши забонро бисӯхт.
Гардад агар Тоҳир азони Маҳин,
Зиндагиам талх шавад баъд аз ин.

Соқии ин базми ҳарифон манам,
Бодакаши маҷлиси ёрон манам.
Бояд аз ин ҷо шавад ӯ нест зуд,
То ки бимонем ба шодии худ.
*(Баромада мераванд).*

*Парда*

## Намоиши IV

*Қасри шоҳи Хоразм, ҳама ҷамъ шуда ба омадани шоҳ мунтазир мешаванд. Асбобҳои базм ҳама муҳайё гардидаанд. Шоҳ меояд.*

**Шоҳ**
*(Ба Тоҳир нигоҳ карда)*
Марҳамат, меҳмони иззатманд,
Аз қудумат шудем мо хурсанд.
Ту ки по мондаӣ ба даргаҳи шоҳ,
Пешкаш бод бар ту ин даргоҳ.
Ту маро қимат аз гуҳар ҳастӣ,
Ба мани беписар писар ҳастӣ.
Равшанибахши чашми ман, биншин,
Шамъи тобони анҷуман, биншин.

**Тоҳир**
*(Таъзим карда).*
Сад ташаккур ба меҳрубониатон,
Ба ҳама пурсадоқат ин суханон.
*Тоҳир ба болои курсӣ менишинад. Рақс бо қадаҳҳо сар мешавад.*

**Хор**
Бода нӯшу шод бошу ханда кун, *(2 бор).*
Он дили ғамкуштаатро зинда кун. *(2 бор).*

Ғам чу абр асту рухат монанди моҳ,
Моҳро берун кун аз абри сиёҳ. *(2 бор).*
Рӯи хубат, ки бувад беҳ аз баҳор,
Ғам набояд гирад онро чун ғубор.

**Мунира**
Чу офтоби май аз машриқи пиёла барояд,
Ба боғи орази соқӣ ҳазор лола барояд.

**Назира**
Шаби маҳтобу абри пора-пора,
Шароб аз кишмишу май дар пиёла,

**Маҳин**
Ин май ки чу ашки ман зулол аст,
Дар мазҳаби ошиқон ҳалол аст.

**Маҳин ва хор**
Боданӯшӣ кун, ки май шодат кунад,
Дарду ғамро дур аз ёдат кунад.

**Хор**
Бода нӯшу шод бошу ханда кун,
Он дили ғамкуштаатро зинда кун.

*Рақси хоразмӣ, рақси уйғурӣ ва ғайра давом мекунад. Қадаҳҳои майро бардоштанӣ мешаванд, дар ҳамин вақт Назира фарёд мезанад.*

**Назира**
Шаробатро макун, меҳмон,
даме нӯш,
Ки мехобад дар он марги ту хомӯш.
Мунира дар пиёла заҳр андохт.

**Шоҳ**
Маро шармандаи ҳар ду ҷаҳон сохт?

**Маҳин**
Аз ин дам хоҳари ман нестӣ ту!..

**Шоҳ**
Бирав, ки духтари ман нестӣ ту!

**Тоҳир**
Шумо, шоҳо, маро гар дӯст доред.
Агар фикри дилозорӣ надоред,
Гуноҳи духтари худро бубахшед,
Масозедаш зи лутфи хеш навмед.
Намехоҳам, ки ин шодӣ ба мотам
Мубаддал гардаду ман дар ғам афтам.

**Шоҳ**
Наёбад то дили ту аз ман озор,
Нагардӣ то аз ин дарбор безор,
Гузаштам ман гуноҳи духтарамро,
Гуноҳи духтари бадгавҳарамро.

*Шодмонӣ давом мекунад, садои тохтани асп шунида мешавад.*

**Хор**
Кӣ ба ин сӯ савор меояд?
Аз қафои чӣ кор меояд?

**Савора**
*(Таъзимкунон медарояд).*
Нома овардаам ба номи Маҳин.

**Маҳин**
*(Номаро гирифта мебӯсад).*
Ба ҷавобаш ту мунтазир биншин.
*Маҳин номаро сар то по мехонад. Авзоаш дигаргун мешавад. Номаро дигарон ҳам аз даст ба даст дода мехонанд.*

Мешавад-мешавад умеди висол,
Ғоиб аз чашм мисли хобу хаёл,
Ошиқи ӯ шудам, хато кардам,
Ман ба ҷони худам ҷафо кардам.
Рафт уммеду мақсадам барбод,
Дур шуд - дур шуд зи ман, ҳайҳот.

**Арияи Маҳин**
Ту аз мо меравию ёди некӯи ту мемонад,
Ба ёдам то қиёмат акси дилҷӯи ту мемонад.
Ба мисли хоби ширин мешавӣ чун аз назар ғоиб,
Ҳаросон дидаи навмеди ман сӯи ту мемонад.
Баҳор ояд, равад гул дар чаман гардад хазон, аммо
Муаттар боғи уммеди ман аз бӯи ту мемонад.
Зи ғам мемираму балки туро дигар намебинам,
Вале рӯҳам ба ҷавлон дар сари кӯи ту мемонад.
Ба рӯи хоки қабрам лола мерӯяд пас аз мурдан,
Ки он ҳам доғдил бе дидани рӯи ту мемонад.
Агарчи номуродам, шодам, ин ки бо муроди хеш
Арӯсат Зуҳра чун бахтат ба паҳлӯи ту мемонад.

**Тоҳир**
*(Ба Маҳин ҷавобан)*
Некбахт аст он ки ёрат мешавад,
Хуррам аст он ки шикорат мешавад.

*Тоҳир бо ҳама видоъ карда, ба баромада рафтан тайёрӣ мебинад.*
Дӯстони меҳрубонам, бо шумо кардам видоъ,
Бо шумо монанди хешу ақрабо кардам видоъ.
Ман равон гардида сӯи кишвари ҷабру ҷафо,
Бо диёри мардумони бовафо кардам видоъ.

**Хор**
Ту равон гардида сӯи кишвари ҷабру ҷафо,
Бо диёри мардумони бовафо кардӣ видоъ.

**Тоҳир**
Ман ба роҳи ҷустуҷӯи ёри худ гашта равон,
Бо ту, эй ҷонон Маҳин, эй дилрабо, кардам видоъ.

**Хор**
Эй ҷавон, эй меҳмон, хуш омадӣ,
Меҳмони дилситон, хуш омадӣ,
Омадӣ, ҳамчун насими субҳгоҳ,
Меравӣ монанди ҷон,
хуш омадӣ.

**Маҳин, Назира ва Мунира**
Эй ҷавон, эй меҳмон, хуш омадӣ,
Меҳмони дилситон, хуш омадӣ.
Омадӣ ҳамчун насими субҳгоҳ,
Меравӣ монанди ҷон, хуш омадӣ.

**Хор**
Эй ҷавон, эй меҳмон, ҳуш омадӣ,
Меҳмони дилситон, хуш омадӣ.

*Парда*

## ПАРДАИ III

### Намоиши V

*Қасри шоҳ. Замзамаи тӯйи Зуҳра бо Қароботур. Ба Зуҳра либосҳои арӯсӣ пӯшондаанд. Аммо вай мегиряд ва рӯю мӯяшро меканад. Ҷӯраҳои Қароботур нақши калонро хонда домодро меоваранд.*
*Нақши калон.*

**Ҷавонон**
Як донаи мо ду дона шуд,
Ин ошиқи мо бегона шуд-е, ёр,

Дар рӯи ҷаҳон, дар рӯи ҷаҳон
Ин қиссаи мо афсона шуд-е, ёр,

Аз дасти фироқ ошиқ ҳама ҷо
Бо оҳу фиғон девона шуд-е, ёр,

Ҳар кас, ки гирифт аз домани ишқ,
Қурбони раҳи ҷонона шуд-е, ёр.

*Як тӯда занони дарбор домодро пешвоз мегиранд.*

**Занон**
Марҳабо, домоди иззатманди мо,
Бовафо монанди як фарзанди мо,
Аз қадам ин хонаро гулшан намо,
Ҳар тарафро аз руҳат равшан намо.

*Занон ба оҳанги дигар суруди болоиро мехонанд.*

**Занон**
Як донаи мо ду дона шуд,
Ин ошиқи мо бегона шуд-е, ёр,

Дар рӯи ҷаҳон, дар рӯи ҷаҳон
Ин қиссаи мо афсона шуд-е, ёр,

Аз дасти фироқ ошиқ ҳама ҷо
Бо оҳу фиғон девона шуд-е, ёр,

Ҳар кас, ки гирифт аз домани ишқ,
Қурбони раҳи ҷонона шуд-е, ёр,
*(Хор ва рақс )*

Аз оразе ту бӯи гули сад чаман ояд,
Аз қомати ту ҷилваи сарву суман ояд.
Гул чок занад пираҳани хеш ба гулшан,
Чун дилбари симинбари нозукбадан ояд.

**Қароботур**
Ҳар он чизе ки ман мехостам, шуд,
Даровардам ба каф ин дурри мақсуд,
Маро ҳам дилбару ҳам давлат омад,
Азобам рафту ҷояш роҳат омад.

*(Ба Зуҳра муроҷиат карда)*

Зи рӯи марҳамат ҷонон ба мо ҳам эътиборе кун,
Ба муштоқон нигаҳ ба гӯшаи чашми хуморе кун.
Дилам хун шуд ба уммеди висолат солҳои сол,
Биё, ҷонон, ба маҳзи лутф сӯям, ихтиёре кун.

**Зуҳра**
Туро бинад агар аз меҳр чашми хунфишони ман,
Ҳамон беҳтар, ки он чашмам набинад олами равшан.

**Шоҳ**
Чаро, Зуҳра, ту маъюсӣ ба тӯят,
Намехандад чаро рӯи накӯят?
Чаро ин қадр оҳи сард дорӣ,
Бигӯ, ҷонам, магар ту дард дорӣ?

**Зуҳра**
Барои чӣ намоям шодмонӣ,
Ки дурам кардаӣ аз зиндагонӣ.
Маро аз ханда худ бегона кардӣ
Ба дарду ғуссаам ҳамхона кардӣ.

Тоҳирам, кошкӣ зи рӯи ҳаво,
Мисли симурғ мешудӣ пайдо.
Дилбаратро гирифта бо худ, боз
Менамудӣ ба осмон парвоз,

Шояд аз одамони сангиндил
Мегирифтем дуртар манзил,
Шояд он дам саодат аз сари нав
Мефишонид сӯи мо партав...

**Шоҳ**
Ҳунар дорад касе, ки духтарамро
Намояд шод.

**Ҳофиз**
*Бар зиммаи худ мегирад.*
Он ман, подшоҳо!
*Ҳофиз месарояд ва аз шунидани овози он Зуҳра бесаранҷом мешавад.*

Буд-набуд маҳбубаву маҳбуб буд,
Ду ҷавони толибу матлуб буд

Ишқи онҳо ончунон ҳам зӯр шуд,
К-ин ҳама рӯи ҷаҳон пуршӯр шуд.
Шуъла зад ин ишқи беҳадду ҳисоб,
Дар ҷаҳон монанди нури офтоб.
Сахт буд ҳам аҳду ҳам паймонашон,
Аҳду паймони баҳои ҷонашон:
Лек пайдо шуд ғаними ҳилагар,
Ошиқонро дур кард аз ҳамдигар.
Хост андозад ба доми маргашон,
Ишқ онҳоро вале бахшид амон
Гарчи омад мушкилиҳо кӯҳ-кӯҳ,
Сабр карданд ошиқони пуршукӯҳ.
То ҳанӯз он ду ҷавони дилфигор
Бар тамоми аҳди хешанд устувор.

**Зуҳра**
Тоҳир!.. Тоҳир!..
Зиндаӣ, Тоҳир, магар?

**Тоҳир**
Ман зиндаам,
Бо умедат зиндаву поятндаам,

**Хор**
Зиндаӣ, Тоҳир магар?

**Зуҳра**
Зиндаӣ, Тоҳир, магар?

**Тоҳир**
Ман зиндаам,
Бо умедат зиндаву поятндаам!

**Хор**
Зиндаӣ, Тоҳир, магар?

**Шоҳ**
Худоё, ин чӣ сеҳр асту каромат,
Ки гардад аз ҷаҳаннам кас саломат?

**Қароботур**
*Шамшерро луч карда, ба Тоҳир ҳамла мекунад.*
*Тоҳир ҳам ба ӯ ҳамла меорад.*

Ту мехоҳӣ, ки акнун зинда монӣ?
Макун дигар умед аз зиндагонӣ!
Ҳар он одам, ки бар ман кинавар шуд,
Яқин, меҳмон ба дунёи дигар шуд.

**Тоҳир**
Нишон деҳ зӯри худ аввал ба майдон,
Пас аз он лоф зан, эй марди шайтон!

*Дар миёни Тоҳир ва Қароботур шамшерзанӣ давом мекунад. Тоҳир Қароботурро меафтонад. Зуҳра аз зери куртааш ханҷари Тоҳир бахшидагиро бароварда Қароботурро зада мекушад ва шоҳ фарёд мезанад.*

**Шоҳ**
Хабар созед зудтар мири шабро,
Ҳама ҷаллодҳои хунталабро!..
Ба пеши чашми ман то ки бибурранд
Сари ин ҳар дуро оварда дар банд!

*Баъд аз фурсате ҷаллодҳо меоянд. Тоҳир ва Зуҳра ба болохона баромада месароянд.*

**Зуҳра ва Тоҳир**

Ҳоҳӣ гар, аз ман ҷон ситон,
Мебахшамат мардона ҷон.
То ишқи ту баъд аз сарам
Афсона гардад дар ҷаҳон.
Не марг тарсонад маро,
Не зулми шоҳи пурҷафо.
Ман домани ишқи туро
Ҳаргиз намесозам раҳо.
Шодон намуда ёрро,
Сӯзонда ман ағёрро,
Гуфтам, адо кардам кунун
Ин қиссаи душворро.

*Ҳар ду худашонро аз баландӣ ба ҷарӣ ҳаво медиҳанд.*

*Парда.*

*Соли 1943*

## МУНДАРИЧА

### ШЕЪРҲО

Ситорае буд дар замин (*А. Абдуманнон. Сарсухан*) ........... 5
Эй табъи оташбор ........................................................... 10
Ҳусн.............................................................................. 10
Боғбон ва булбул ............................................................ 11
Баҳор ............................................................................. 12
Суруди ҷавонӣ................................................................ 13
Мамлакати тиллоӣ.......................................................... 14
Ба истиқболи баҳор......................................................... 17
Ба духтари Астурия ........................................................ 17
Ба дилбар ....................................................................... 18
Дил – дили Зайнаб ......................................................... 19
Хандида меояд ............................................................... 21
Оҳанрабо........................................................................ 22
Ба раққоса...................................................................... 23
Ба гули боғи тоҷик.......................................................... 24
Дар сари тасвир.............................................................. 25
Ба кӯҳсори тоҷик............................................................ 25
Ёдгори беназир............................................................... 27
Водии Ҳисор................................................................... 28
Чаманистон..................................................................... 31
Гул мекунад.................................................................... 33
Хаёли хом ....................................................................... 34
Ба Офтоб ........................................................................ 36
Ганҷинаи сурудҳо ........................................................... 37
Паёми халқ...................................................................... 40
Хайр, модари азиз........................................................... 40
Офарин........................................................................... 41
Фарзанди ту меояд.......................................................... 42
Нишона дорад ................................................................ 43
Салламно ........................................................................ 44
Қурбони ту бошам .......................................................... 45

Ба посбони ганҷинаҳо ........ 46
Саҳаргоҳон ........ 47
Суруди ман ........ 49
Бахти ҷовидон ........ 50
Бадахшон ........ 51
Ҳамсоя бошам ........ 51

**Қиссаи Ҳиндустон** *(Силсила)*

Бозгашт ........ 53
Қиссаи Ҳиндустон ........ 54
Меҳмони «Мағрибӣ» ........ 57
Рӯди Ганг ........ 62
Боғи муаллақ ........ 64
Тара Чандри ........ 65
Дар ёди кас ........ 67
Сайёҳи Ҳинд ........ 71
Тоҷмаҳал ........ 74
Дар орзуи ошён ........ 79
Қадаҳи ман ........ 81
Кулоҳи профессор Ахвледиани ........ 84
Ду роҳ ........ 89
Ба духтари тоҷик ........ 92
Хонаи мо он қадар ҳам дур нест ........ 93
Баҳория ........ 94
Ба А. С. Пушкин ........ 95
Ду дастрӯмол ........ 96
Ба бародарони қазоқ ........ 98
Суруди сулҳ ........ 100

**Ман аз Шарқи озод***(силсила)*

Ман аз Шарқи озод ........ 101
Чашмҳо ........ 104
Қиссаи машҳур ........ 106
Чароғҳои Ватан ........ 108

То ба кай ............................................................................ 110
Хаёли рӯйи ту.......................................................................... 110
Обхез ................................................................................... 110
Муҳоҷир................................................................................. 112
Лиму ..................................................................................... 114
Ду соҳил................................................................................. 115
Ситораи ман ........................................................................... 117
Ҳалқаи заррин ........................................................................ 118
Ситора наздик ......................................................................... 119
Ба муосири бузург ................................................................... 120
Аз кинофилми «Ман бо духтаре вохурдам» .................... 121
Марҳабо .................................................................................. 123
Ҳазар кун! ............................................................................... 126
Назмро ёд кардам.................................................................... 127
Дурахшон қуллаҳо.................................................................. 128
Рӯди кӯҳӣ ................................................................................ 130
Хоҳари мубориз Африқо! ...................................................... 131
Савганд .................................................................................... 134
Ҳар касе гӯяд – Лумумба ....................................................... 137
Нону намак .............................................................................. 138
Дарахти булут ......................................................................... 139
Шоиро ..................................................................................... 141
Таронаи ишқ............................................................................ 142
Дасти модар............................................................................ 145
Ҳамин кофист.......................................................................... 146
Оби Душанбе........................................................................... 147
Қатра-қатра об ҳам дарё шудаст ........................................... 148
Барно йигит ............................................................................. 149
Дил барнагашт ........................................................................ 150
Қасди паҳлӯи Офтоб кунем .................................................. 152
Ватан ....................................................................................... 155
Гарди роҳ................................................................................. 156
Бо чашми ту............................................................................. 156
Тирамоҳ .................................................................................. 157

Замин ........................................................................ 158
Ток ва замин ............................................................... 158
Тирукамон.................................................................. 159
Таронаи рӯд ............................................................... 159
Рӯди ман..................................................................... 160
Ба Расул Ғамзатов ...................................................... 161
Офарин, дил!.............................................................. 162
Як нигоҳ ..................................................................... 163
Бетараф....................................................................... 165
Дар бозори китоб ....................................................... 166
Модарам...................................................................... 167
Бигзор, зан бошад мудом ........................................... 169
Ду байт ....................................................................... 170
Афсӯс, ки накардӣ имтиҳонам.................................. 170
Садои пошна............................................................... 171
Дили модар ................................................................ 172
Нақши пой.................................................................. 173
Нонреза ...................................................................... 174
Чӯпон.......................................................................... 175
Силсилаи кӯҳи Ҳисор ................................................ 176
Инсон ва кӯҳ ............................................................... 177
Ошёни баланд............................................................. 178
Гуфтугӯ бо худ ........................................................... 180
Шеъри ман ................................................................. 180
Дар ёди ҷавонӣ .......................................................... 181
Дараи арӯсон.............................................................. 183
Асри ман .................................................................... 184
Зан агар оташ намешуд.............................................. 185
Зан зан аст.................................................................. 185
Зан посбони оташ аст................................................ 186
Се нозанини Шарқ ..................................................... 187
Чашми ман ................................................................. 192
Бӯйи гул ояд зи ту ...................................................... 192
Кокулат ...................................................................... 193

Дарди ман боло гирифт ........ 193
Сайри қитъаҳо ........ 194
Дар Боми Ҷаҳон ........ 195
Боғи мо ........ 195
Тӯйи пахтазор ........ 196
Кӯҳ ........ 196
Қалам ........ 197
Илоҷам чист! ........ 199
Дӯстонро гум макун ........ 200
Боз ҳам дар бораи рӯди кӯҳӣ ........ 200
Дасти ту медонад ........ 201
Суруди кӯҳистон ........ 201
Дилсиёҳ ........ 202
Дар васфи пахтакорон ........ 203
Каломи солинавӣ ........ 203

## ДОСТОНҲО

Барои Ватан ........ 205
Писари Ватан ........ 215
Ҳасани аробакаш ........ 243
Духтари муқаддас ........ 308
Ҷони ширин ........ 316
Роҳи нури офтоб ........ 328
Садои Осиё ........ 350
Аз Ганг то Кремл ........ 357

## ЛИБРЕТТОҲО

Шӯриши Восеъ ........ 397
Тоҳир ва Зуҳра ........ 441

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 43**

**Мирзо Турсунзода**

**БАРО, СИТОРАИ МАН**
(Осори мунтахаб)

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
*Мусаҳҳеҳ Раъно Атоева*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Чопи компютерии *Марҷона Худойбахшова*

Ба матбаа 10.12.2020 супорида шуд.
Чопаш 15.12.2020 ба имзо расид.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 30.
Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.